215514

САДРИДДИН АЙНӢ

# ТАЪРИХИ ИНҚИЛОБИ БУХОРО



331

САДРИДДИН АЙНӢ

# ТАЪРИХИ ИНҚИЛОБИ БУХОРО

ББК 63.3 (2Т)
9 Тоҷик

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«[illegible]ТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
215314

Баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ
ва мураттиб *Р. Ҳошим*

Муҳаррири масъул
аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон
*М. Ш. Шукуров*

(Асар аз рӯи дастнависи муаллиф тарҷума шудааст, ки дар Тошканд, дар китобхонаи оммавии РСС Ӯзбекистон таҳти шумораи 2125 маҳфуз аст).

**Айнӣ Садриддин**

А 40 Таърихи инқилоби Бухоро.— Душанбе: Адиб, 1987.— 240 с.

Дар ин китоб асосгузори адабиёти советии тоҷик оид ба саршавии ҳаракати маорифпарварӣ ва революционӣ дар Бухоро, сабабҳо, қувваҳо ва иштирокчиҳои асосии он — халқи гуногунмиллат маълумоти таърихан мустанад ва муфид додааст.

Китоб бори аввал ба забони тоҷикӣ аз чоп мебарояд.

В книге основоположника таджикской советской литературы повествуется о просветительском движении и начальном периоде Бухарской революции, о ее движущих силах и главном участнике — народе.

Книга впервые печатается на таджикском языке.

ББК 63.3 (2Т)
9 Тоҷик

А $\frac{4702050020 - 262}{М\ 501(13) - 87}$ 39—87

© Нашриёти «Адиб», 1987

# ЯК-ДУ СУХАН

Сабабҳои оташи инқилобро, ки дар моҳи апрели соли 1917 сар зада, дар 29 августи соли 1920 бо даҳшати сахте шӯълавар гардида, дар 2 моҳи сентябрь амирро бо тахту бахташ нест карда, сабаби тайғйироти бузурге гардид, аз замонҳои гузашта ҷустуҷӯ карда омаданамон лозим аст.

Оё ҳукумати мустабидди Бухоро дар замонҳои қадим низ чунин ваҳшӣ ва золим буд ё ин ки рафта фосид шуд? Уламои Бухоро дар собиқ ҳам динфурӯш, ҷоҳпараст ва ҷоҳил буданд, ё ки баъдҳо ба ин разолатҳо дучор гардиданд? Агар ҳукумати Бухоро ва уламои Бухоро аз аввал ваҳшӣ, золим, динфурӯш, ҷоҳпараст ва ҷоҳил бошанд, пас сабаб чист, ки Бухоро як замонҳо манбаи илму маориф, ва маркази маданият шуда тавонист? Ҳол он ки маданият, илм ва маориф бо ваҳшат, зулм ва ҷаҳл ба як ҷо намеғунҷанд.

Агар ҳукумати Бухоро ва уламои Бухоро баъдҳо аз адлу раъфат ва илму маърифат ва ахлоқи ҳасана [нек][1] ҷудо шуда бошанд, ба ин кӣ ва чӣ сабаб гардид? Ҳол он ки миллатҳо ва мамлакатҳои дуньё рӯз ба рӯз таназзул, не, балки тараққӣ карда омадаанд.

Ҳукумати мустабидди Бухоро ва уламои ҷоҳпараст дар сурате ки аз ҳеҷ разолат ва даноате [пастфитратӣ]рӯй намегардониданд, сабаб чист, ки то имрӯз шараф ва шӯҳрати худро дар назари халқи авоми Туркистон нигоҳ дошта тавонистаанд?

Ниҳоят, сабаб чист, ки аз гӯшаву канори тираву торики Бухоро як гурӯҳ қаҳрамонҳо баромада, аз дору манор, обхонаву зиндони амир натарсида, такфиру таҳқир, фатвои қатлу эъдоми уламоро ба назар нагирифта, ба майдон даромаданд, бо деви таассуб ва ҷаҳл панҷа бар панҷа заданд ва оқибат ғолиб баромада ба муддаои худ расиданд?[2]

Ин баҳсҳо қисми аввали таърихи моро фаро гирифтаанд.

Аммо қисми дуввум ва саввуми таърихи мо, ки аз солҳои 1907—1908 сар мешаванд, иборатанд аз баёни воқеаҳое, ки аз пеши назари худи мо гузашта ва бо иштироки худи мо рӯй додаанд. Инҳоро чунонки будаанд ва чунонки дидаем, баён хоҳем кард.

Дар ин бора, агар аз мо хатое содир шавад, муосирони мо, бародарон ва рафиқони мо ислоҳ хоҳанд кард. Ба ҳар ҳол пеш аз фаромӯш шудан муфассалан навишта мондани воқеаҳо муносиб дида шуд.

*21 декабрь 1920*

---

[1] Шарҳу иловаҳое, ки дар миёни қавси дукунҷа омадааст, аз тарҷумон мебошад.

[2] Дар ин ҷо як саҳифаи дастнавис нест. Ин ҷо ва минбаъд ҳамаи эзоҳоти зернавишити саҳифаҳо (ғайр аз мавридҳое, ки махсусан таъкид шудааст) ба қалами тарҷумон тааллуқ дорад.





## МУҚАДДИМА[1]

Дар он замонҳо дар мадрасаҳои Бухоро дар баробари илмҳои динӣ илмҳое аз қабили: ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб, ҳикмати табиия, мантиқ, шеър ва адабиёт низ омӯхта мешуданд. Дар қисми динӣ: Қуръон, ҳадис, тафсир ва усули фиқҳ барин қоидаҳои асосии шариат, дар қисми таърих: сияри набӣ [шарҳи ҳоли пайғамбарон], тарҷумаи аҳволи салаф (гузаштагон) ва табақот барин илмҳои ибратомӯз хононда мешуданд ва бинобар ин муллоҳои онвақтаи Бухоро аз асли дини ислом хабардор буда, аз номи шариат ҳар фанро ҳаром нашуморида, ҳар касро такфир намекарданд.

Азбаски доираҳои ҳукумати Бухоро дар таҳти нуфузи ин уламо буданд, хонҳои мустабид ҷабру зулми худро ба дараҷаи ҷабру зулми арбоби давлати давраи охир расонида наметавонистанд. Муллоҳои тақводор ва ҳаққонӣ аз назари шариат ҳаром будани риё, тамаллуқ ва хушомадгӯиро ба хон ва бекҳо медонистанд ва бинобар ин ба амир ва вазирҳо наздик нашуда, фурсат ба даст ояд, фақиру фуқароро ҳимоя ва мудофиа мекарданд.

Уламои машҳури он замонҳо чашм дӯхтан ба илтифоти хонҳо он сӯ истад, ҳатто маблағҳои вақфро ҳам, ки аз тарафи хайротдиҳандагон ба уламо тахсис шуда буд, шубҳанок шумурда намегирифтанд ва маишати худро бо қувваи дасти худ таъмин намуда, ба халқ бемузд хизмат мекарданд. Масалан, шайх Абӯмансури Мотиридӣ умри худро бо деҳқонӣ гузаронд, Бобои Порадӯз ва Мири Кулол, ки аз ҷумлаи шайх ва уламои машҳур буданд, маишати худро бо кӯҳнадӯзӣ ва кулолгарӣ таъмин менамуданд.

Уламое, ки аз хону бекҳо манфиат чашм надошт, табиӣ ба зулму ҷабри зиёди онҳо роҳ намедод, дар байни хон ва фуқаро ба риояти қонунҳои шариат кӯшида, дар андозу мо-

[1] Аз аввали ин боб дар дастнавис як саҳифа нест.

лиётгирӣ то ҳадди имкон мазлумонро мудофиа мекарданд. Ҳар хоне ҳам, ки ба қувваҳои сиёҳ такья карда, ҳукумат меронд, барои ҳифз ва давоми ҳукумати худ маҷбур буд, ки ба хоҳиши ин зумра уламо риоят намуда ва тавсияҳои онҳоро дар бораи рафтори мулоим бо фуқаро ба эътибор бигирад.

## Фосид шудани уламо ва истифодаи хонҳо аз ин

Хонҳо барои ба чашми уламо хуш вонамуд кардани худашон мадрасаҳои калон, хонақоҳҳо, китобхона ва ошхонаҳо сохтанд. Муносибатҳое ёфта, ба муллоҳои дараҷаи ду ва се ва ба талабаҳои мадраса инъомҳо доданд, ба номи закот пулҳо тақсим карданд.

Бек ва бойҳои калон ҳам ба ин кори хонҳо тақлид намуда, мадраса ва хонақоҳҳо бино карда, вақфҳо тахсис доданд. Дар натиҷа дар Бухоро мадрасаҳо ва авқоф зиёд шуда, аз атрофи он ва дигар шаҳрҳои Туркистон ҳар сол ҳазорон талаба ба Бухоро ҷамъ шудан гирифт.

Як қисми ин толиби улум ошиқони ҳақиқии илм бошанд ҳам, аксари онон касоне буданд, ки маҳз манфиатҳои моддиро, аз қабили нони муфт хӯрдан, аз вақф ҳисса гирифтан ва баъди тамом кардани мадраса дар навбати худ мударрис шуда то охири умр аз вақф таъмин кардани маишати худро дар назар доштанд. Ба ин восита аксари талабаҳо ба доираҳои ҳукуматӣ ва даргоҳи бекҳои мадраса бинокарда вобаста шуданд.

Ба замми ин хонҳо вақти ба мадрасаҳои калон мударрис таъйин кардани ину он байни муллоҳои калон як навъ рақобат андохта, барои ҷорӣ намудани нуфузи худ ба муллоёни роҳҳои гуногун меёфтанд.

Чунончи аз хонҳои ӯзбек Абдуллохон соли 996 ҳиҷрӣ [1588м.] дар Бухоро мадрасаи ба номаш номидашударо бино кард.

Дар расми кушоди ин мадраса дар дарсхонаи он маҷлиси мунозирае барпо намуд. Ба ин маҷлис муллоҳои машҳури шаҳрро ҷамъ карда худаш хам шахсан ҳозир шуд.

Худи хон маҷлисро кушода гуфт:

«Сардори муллоёни маҳаллии Бухоро муфассир мавлавӣ Садриддини Қосагаронӣ бо мавлавӣ Мирзоҷон, ки аз Шероз мусофир шуда омадааст, бо ҳам мунозира кунанд. Дар нати-

ҷа яке аз ин ду нафарро ба мударрисии мадраса таъйин мекунем».

Дар натиҷаи мунозира мавлавӣ Мирзоҷон, ки дар Бухоро мусофир буда аз хон ва аҳли дарбори он интизори ҳимоят дошта фақат ба марҳамати инҳо паноҳ оварда буд, мударрис таъйин гардид.

Мавлавӣ Мирзоҷон, ки ба илтифот ва марҳамати хон ноил гардида, ба мадрасаи вай мударрис таъйин шуда буд, ба муллоҳои дигар бартарӣ пайдо намуда, ихтиёри ҷадвали дарсҳоро ба дасти худ гирифта, шарҳу ҳошияҳои таълифкардаи худро ба ҷадвал даровард ва ба дарсҳои ҳадис ва тафсир, ки рафиқаш дар онҳо тахассус ёфта буд, чандон аҳамият намедод.

Баъди вафоти мавлавӣ Мирзоҷон ҳам шогирдон ва мухлисони ӯ ин равиши таълимро ривоҷ дода, ҳар сол ба ҷадвали дарс таълими ҳошияи наверо афзуданд ва рафта-рафта таълими дарсҳое чун ҳадис ва тафсир тамоман аз ҷадвали расмии дарсҳо баромаданд.

Оқибат шарҳ ва ҳошияҳо ба ҳадде зиёд шуданд, ки ба масъалаҳои асосии ҳеҷ як илму фан навбат нарасида, муддати 18—20-солаи ҳаёти мадрасагии талаба ба омӯзиши дебоча ва хутбаю «Шарҳи Мулло»— ҳошияи Қутбӣ, шарҳи Ақоиди Насафӣ, Таҳзиб, Ҳикмат-ул-айн ва Мулло Ҷалол барин 5—6 китоб, ба ҳошияи онҳо ва ба ҳошияи ҳошияҳои онҳо сарф мешуд.

Фанҳое чун ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб ва амсоли инҳо ба номи худ нест шуда рафтанд.

Дар натиҷа: 1. Вакф ва мадрасаҳо афзуда аксарияти талабагон ба вакф вобаста шуданд.

2. Муллоҳои толиби ҷоҳу мансаб ба марҳамати хонҳо паноҳ бурданд.

3. Муллоҳои шӯҳратпараст барои шӯҳрати худ ва устодонашон ба ҷадвали дарс шарҳ ва ҳошияҳои таълифкардаи худ ва устодони худро дароварданд. Дар натиҷа дар байни дарсҳои расмӣ ва илмҳои динӣ аз фанҳои ҳақиқӣ асаре намонд.

4. Ҳарчанд ашхоси ба илмҳои динӣ ва фанҳои ҳақиқӣ ба таври ғайрирасмӣ тахассус пайдокарда ёфт шаванд ҳам, эътибори онон дар байни халқ кам шуда, ҷои онҳоро муллоҳои мавқеъ ва мансабдори хонпараст гирифтанд.

5. Агар вазифаи муллоҳои ҳаққонии собиқ маҳдуд кардани зулми хонҳо ва аз назари шариат ҳимоя намудани фуқаро бошад, кори муллоҳои ҷоҳпарасти баъдина барои то-

лону тороҷи фуқаро аз номи шариат роҳ ёфта додан ба зулмкунандагон шуд.

6. Уламое, ки аз бобати динӣ — ба ғайри масъалаҳои таҳорату намоз, аз бобати фан — ба ғайри маълумоти дебочаи китобҳо чизе намедонистанд, ба ҳар чизи намедонистагии худ аз номи дин муқобил мебаромаданд. Табиист, ки халқи авом гуфтаҳои уламои расмиро қабул мекард.

7. Оқибат Бухоро дар назари халқи авоми Туркистон шӯҳрати илмӣ ва динии худро гум накарда бошад ҳам, ин фақат аз шӯҳрати хушке иборат шуда монд.

## Ширкати хонҳо бо муллоён ва ба мулки хусусӣ табдил ёфтани ҳуҷраҳои мадраса

Пас аз он ки хонҳои мустабид ба муллоён нуфуз пайдо карданд, гӯё дар байни худ ширкате ташкил доданд. Хонҳо ба ҳимояи муллоён такья намуда, аз номи шариат ба фуқаро ҳукмравоӣ карданд, шӯришҳоеро, ки баъзан ба муқобили зулм бармехост, «ёғӣ, осӣ» гӯён пахш мекарданд.

Масалан, аз амирони манғит амир Насрулло (Ботурхон) бо фатвои уламо ба Фарғона юриш кард. Муҳаммадалихонро кушт, Хӯқандро тороҷ кард.

Дар байни 20 сол ба Шаҳрисабз, ки ба муқобили зулм исьён карда буд, 32 сафар карда мардумро кушт, тороҷ кард. Дар натиҷа эли Кенагасро тамоман поймол ва Шаҳрисабзро тасхир кард. Духтари беки Шаҳрисабз Кенигас-хонумро[1] бо зӯр ба худ зан карда ба Бухоро овард. (Ин зан барои гирифтани интиқоми қабилаи худ ба гӯши Ботурхон симоб рехта ӯро кушт. Ботурхон пеш аз марг он занро кушта, ҷасадашро ба чоҳи «Чилдухтарон» андохт).

Хонҳо ин корҳоро ба такья ба нуфуз ва фатвои уламои расмӣ мекарданд. Уламо ҳам дар навбати худ дар паноҳу ҳимояи хонҳо, дар асоси ярлиғи [фармони] онҳо сардори дин гардида, ба фуқаро нуфузи худро ҷорӣ мекарданд. Ҳар касе, ки бар зидди уламо сухане гӯяд, ба шариат муқобил баромадагӣ ҳисоб ёфта, ба ҷазоҳои сахт гирифтор мегардид, қатл ё сангсор мешуд.

---

[1] *Айнӣ* дар бораи саргузашти Кенигас-хонум очерки алоҳидае навиштааст. Куллиёт, ч. V, саҳ. 222.

Чунончи, дар давраи амир Абдулаҳад, соли 1313 ҳ. [1986 м.] як аробакашро ба сабаби дар сари пули кироя бо якду мулло ҷанг карданаш, бо фатвои уламо ба уштуре савор карда, бо сангу кулӯхҳо зада куштанд. (Қасе, ки ба воқеаи аробакаше[1] сардорӣ мекард, Имод-махдуми. Ҷунбул — яке аз сардорони аксулҳаракатчиён буд, ки дар сентябри соли 1920 аз тарафи инқилобчиёни Бухоро эъдом шуд).

Дар тахти ҳимояи хонҳо ихтиёри мадрасаҳои Бухоро тамоман ба уламои расмӣ супурда шуд. Уламои расмӣ ҳуҷраҳои мадрасаҳоро ба наздикон ва ба шогирдони худ абадӣ мулки хусусӣ карда доданд. Талабае, ки ба хуҷрае соҳиб шуда буд, агар аз мадраса рафтанӣ шавад, онро ба талабаи дигар ба маблағе мефурӯхт. Ба ҳамин тариқ ҳуҷраҳои мадрасаҳо дар андак вақт ба мулки хусусӣ табдил ёфтанд. Ин одати разилона, ки дар замони амир Ҳайдар, баъд аз соли 1216 ҳ. [1799 м.] сар шуда буд, дар аҳди амир Насрулло ба қатори хариду фурӯши оддӣ даромад. Дар даври амир Музаффар ва Абдулаҳад ҳеҷ як талабаи фақир аз мадрасаҳои машҳур барои истиқомат ҷой намеёфтагӣ шуд.

Муллоҳои калон, писарон ва наздикони онҳо, ҳатто давлатмандони судхӯре, ки бо муллоҳо дӯстӣ пайдо карда буданд, 5—10, ҳатто 40—50 ҳуҷраи мадрасаҳои хубро ба дасти худ медароварданд. Вақфҳои ба талабагон тахсис шудаи ин ҳуҷраҳо ҳаққи ҳалоли моликони нави онҳо ҳисоб ёфта, ба кисаҳояшон медаромад.

Дар ҳолате, ки талабагони фақир ба истиқомати хушк дар ин ҳуҷраҳо розӣ буданд, соҳибҳуҷраҳои золим ҳуҷраро ба онҳо муфт намедоданд. Ҳуҷраҳои мадрасаҳои хурд дар бадали хизматгорӣ ва шогирдӣ ба талабагон ба орият [ба истиқомати муваққатӣ] дода шавад ҳам, ҳуҷраҳои мадрасаҳои калон ва машҳур ба талабагони истиқоматкунанда дар бадали як-ду ҳазор сӯм дода мешуд, ки ин маблағро «истиқоматгарав» меномиданд. Маънии «истиқоматгарав» ин буд ки ҳуҷра дар бадали маблағи муайян барои истиқомат ба талаба дода шуда, маблағи вақф боз ба кисаи соҳиби ҳуҷра медаромад.

Агар аз сад талаба яке ба ҳуҷраи истиқоматиаш молик бошад ҳам, ба сабаби мӯҳтоҷӣ маҷбур мешуд, ки вақфи

[1] Воқеаи Қудрати аробакашро дар «Ёддоштҳо» ч. III батафсил баён кардааст.

ҳуҷраашро дар бадали маблағи андаке ба он мулло ва бойҳои судхӯр бидиҳад.

Ана ба ҳамин тариқ, ҳуҷраҳои мадрасаҳои Бухоро бо маблағҳои вақфӣ онҳо ба дасти муллоҳои калон ва бойҳои судхӯр даромада монд, талабаи фақир на аз истиқомати ҳуҷра баҳра бурда метавонист, на аз маблағи вақф.

Дар натиҷа:

1. Чунон ки муллоҳои расмӣ ба қадри имконашон ба хонҳои мустабид ёрӣ медоданд, хонҳо низ уламои расмиро хеле хуб ҳимоя мекарданд.

2. Ба ҳамин восита уламои расмӣ ба замми нуфузи маънавӣ ва рӯҳонӣ ба нуфузи моддӣ низ соҳиб мешуданд.

3. Уламо ва наздикони онҳо ҳуҷраҳои мадрасаро ба моликияти худ даровара рафта-рафта ба миллионҳо воридоти вақф низ соҳиб шуданд.

4. Мулкҳои вақф, ки хариду фурӯшашон бо ҳукми Қуръон ва шариат қатъиян манъ буд, барои манфиати муллоҳои калон шаръӣ ва ҳалол шумурда шуд.

5. Азбаски ҳаёти моддӣ ва маънавии талабагон ба муллоҳои бадахлоқи мазкур супурда шуда буд, ҳаёти илмии Бухоро бо истиқболи он тамоман маҳв шуда рафт.

## Пароканда кардани китобҳо аз китобхонаҳо

Ба сабаби аз замонҳои қадим як маркази илмӣ будани Бухоро тамоми китобҳои машҳури олами инсон дар он ҷо ёфт мешуданд. Бинобар дар он вақтҳо набудани матбааҳо тамоми китобҳо ё аз тарафи ошиқони илм ё ки бо пардохти пул бо қалами котибон рӯнавис шуда буданд.

Ба сабаби гарон будани китоби дастнавис ҳар як ҳаваскори мутолеа, хусусан омӯзандагон ба китоби даркорӣ соҳиб шуда наметавонистанд. Бинобар ин ба маъноее, ки акнун дар Аврупо мавҷуд аст, дар назди ҳар як мадрасаи машҳур китобхонаҳои умумӣ таъсис ва дар он ҷо китобҳои даркорӣ ҷамъ оварда буданд. Истифода аз ин китобхонаҳо ба ҳар талаба ва ба касони дигар маҷҷонӣ буд. Барои аз нав ҷузъбандӣ кардани китобҳои варақҳояш даридаву аз ҳам пошида ва харидани китобҳои нав маблағи маълуме аз вақф тахсис дода шуда, барои нозири китобхонаҳо низ вақфи махсус ҷудо шуда буд. Ба ин китобхонаҳо то чӣ андоза аҳамият дода шуданаш аз ин маълум мешавад, ки китобхонаи мадрасаи Говкушон барои

ислоҳи китобҳои даридаву пошхӯрда солона аз маблағи вақф понздаҳ ҳазор сӯм (бо нархи пули пеш аз муҳорибаи ҷаҳонӣ) маблағ дошт.

Дар мадрасаҳои Бухоро қариб 20 китобхона буда, аз инҳо китобхонаи «Дор-уш-шифо» махсус бо китобҳои тиб пур буд.

Чунонки дар фаслҳои боло муфассал навиштем, баъд аз вайрон шудани ҷадвалҳои дарс, баъди аз хурофот иборат шуда мондани дарсҳои расмӣ, ба омӯзиши як қисм шарҳ ва ҳошияҳо мунҳасир [маҳдуд] шуда мондани таълим ҷои истифодаи баъзе шогирдони мустаид ҳамин китобхонаҳо буданд. Ба шарофати китобхонаҳо баъзан олимҳои фозил ва ҷомеъ ба воя расида, ба рафтори худхоҳонаи уламои расмӣ ва ба ҳаракатҳои худсаронаи арбоби ҳукумат муқобил мебаромаданд, ҳеҷ набошад, норозигии худро аз ин ҳаракатҳо баён намуда, кайфи гурӯҳҳои мустабидро паронда меистоданд.

Чунончи, дар даври амир Ҳайдар олими тотор Қурсовӣ барои уламои расмиро танқид карданаш такфир (ба кофириаш фатво дода шуда] ва ба эъдом ҳукм шуда буд. Ӯ аз Бухоро гурехта, ба зӯр ҷон ба саломат бурд.

Дар аҳди амир Насрулло ба домулло Ҳоҷибои хуҷандӣ барои суханони танқидиаш дарсгӯӣ манъ шуд. Молу мулки Қозӣ Абӯсаиди самарқандӣ мусодира ва худаш аз Самарқанд ба Бухоро кӯчонда шуд.

Домулло Фазли ғиҷдувонӣ, Мӯъминхоҷаи вобкандӣ, мулло Худойбердии бойсунӣ, домулло Марҷонии қазонӣ аз уламои расмии Бухоро ва аз ҷадвалҳои дарс норозӣ бошанд ҳам, зери фишори сахти истибдод коре карда натавонистанд. Лекин Шаҳобиддини Марҷонӣ баъди ба Қазон баргаштанаш усул ва тартиботи Бухороро кушоду ошкоро танқид карда, ба мардуми Тотористон аҳволи ҳақиқии Бухороро фаҳмонида тавонист.

Инак, ба ҳамин сабабҳо аҳли истибдод ба фикри барҳам додани ин китобхонаҳо афтоданд. Ба таври худ ваҷҳе ёфта, дар аҳди амир Насрулло ба воситаи раиси Бухоро Раҳмонбердӣ-махдум китобхонаҳоро барҳам доданд.

Раҳмонбердӣ як қисми китобҳоро ба хазинаи подшоҳӣ бурда, дарашро қулф карда монд, як қисмашро ба муллоҳои расмии калон тақсим карда дод. Бо ҳамин ошиқони илм ва шогирдони мустаид аз мутолиа маҳрум шуданд.

Дар натиҷаи ин «тадбир» роҳи ба таври хусусӣ «одам» шудан ҳам баста шуд.

Маблағи вақфи китобхонаҳо ва binoи онҳо ба махдумҳои фосиқ тахсис дода шуд.

То рӯзҳои инқилоб дар бинои китобхонаҳои мазкур фарзандони қозикалон, раис, аълам, охунд ва дигарон бо пули вақф маҷлисҳои бачабозӣ ва майхӯрӣ барпо мекарданд.

Баъди он ки роҳи Бухоро барои аврупоиён кушода шуд, як қисми китобҳои нодире, ки дар хонаҳои уламо буд, аз тарафи писарони исрофкор ва шаҳватпарасти онон ба китобдӯстони аврупоӣ фурӯхта шуд. Китобҳое, ки ба хазина андохта шуда буданд, аз рутубат пӯсида аз ҳам пошида ва нобуд шуданд.

Ба ҳамин тариқ, як қисми китобҳои мавҷуд дар Бухоро бо номи худ нест шуда рафт.

## Муомилаи қозӣ ва раисҳо бо амир ва бо халқ

Дар бобҳои гузашта гуфта шуд, ки хонҳои мустабид бо уламо ширкат карда, ҳар як ба ҳисоби худ ба толону тороҷи халқ пардохтанд.

Дар ин давр қозӣ ва раисҳо ба амирон хушомадгӯӣ карда, аз корҳои ношоистаи онон чашм пӯшида, ба ҳисоби худ халқро тороҷ мекарданд, лекин шахсан ба амир пул ёфта намедоданд. Ин ҳол то охири давраи амир Насрулло давом кард.

Аммо дар давраи амир Музаффар кор тамоман ранги дигар гирифт. Қозӣ ва раисҳое, ки дар Бухоро ва тавобеи он ба ин вазифа таъйин мешуданд, маҷбур буданд, ки ҳар сол ба худи амир ва ба аҳли дарбор як миқдор ашьё ҳадья ва тақдим намоянд.

Масалан, як мулло ба як шаҳр ё туман қозӣ ё раис таъйин мешавад. Ӯ ярлиқи амирро ба саллааш халонда, ба ҷои маъмурияти худ рафта, дар навбати аввал чанд бӯғча ҷома ва либосҳои дигар, аспе бо абзолаш ва ин қабил чизҳоро ба номи «шукрона» ба амир «тортуқ» мекард.

Ба ғайр аз ин дар ҳар ид ба тақдим кардани чунин тортуқҳо маҷбур буд. Дар баробари ҳадьяҳо ба амир ба аҳли дарбор ҳам — ба ҳар як ба эътибори дараҷаашон ҳадьяе мефиристод. Баъди маъзул шудан ҳам як бор ҳадья тақдим мекард.

Дар даври амир Абдулаҳад мансабҳои қозигӣ ва раисӣ тамоман ранги иҷораро гирифт. Ин мансабҳо одатан ба тариқи музояда [кӣ зиёд] фурӯхта мешуданд. Маблағҳои мазкур сол ба сол меафзуд ва ҳар раис ва қозӣ мувофиқи маблағи додааш дар хизмат давом кунонида мешуд.

Қозӣ ва раисҳо ин маблағҳоро аз куҷо меёфтанд?

Аз рӯи шариат аз байтулмол, яъне аз хазина таъмин шудани маишати адокунандагони ин хизматҳо лозим меомад, вале масорифи инҳо ба гардани раийят [фуқаро] бор шуд, ба замми ин онҳо маҷбур шуданд, ки аз раийят пул ҷамъ карда, ба амсор бидиҳанд. Қозиҳо аз ҳар ҷанҷол ва даъво ба қадре, ки метавонистанд, маблағ [пул] рӯёнда, як миқдори онро ба амир ва ба аҳли дарбор медоданд. Мулозим ва навкарҳои қозӣ ҳам ба ҳисоби худ фуқароро толон карда, як миқдори онро ба ходимони даруни хонаи қозӣ медоданд.

Аммо раисҳо, ки ба муҳокимаи даъвову ҷанҷол дахл надоштанд, ва вазифаашон фақат эҳтисоби шаръӣ [назорат ба иҷрои аҳкоми шариат] буд, пул ёфта аз худ кардан ва ба амир доданашон бо роҳҳои хеле масхараомезе ба амал меомад.

Масалан, раис барои адои намози бомдод ба ягон масҷид мерафт, мулозимонаш дар он атроф ба ҷустуҷӯ даромада, якду марди бадбахти коҳилнамоз [дар адои намоз бепарво]-ро дошта меоварданд. Раис баъзе масъалаҳои диниро аз ӯ мепурсид, табиист, ки ӯ ҷавоб дода наметавонист, пас раис ӯро таъзир намуда [шаллоқ зада] ба ҳабс меандохт. Баъд як миқдор пулашро гирифта, ӯро ба мактаб мефиристод, мактабдор ҳам насибаи худро мегирифту он мазлуми бечора озод мешуд.

Раис қиморбоз, бедонабоз, мурғбозҳоро дастгир карда, пул гирифта озод мекард. Агар қиморбоз ва бедонабозҳои ҳақиқӣ ёфт нашаванд, барои пул ситондан ҳар рӯз 5—10 бечораро бо тӯҳмат ҳабс мекард.

Раис бо нонвой, қассоб, баққол ва бо дуздони бозорӣ шарик буд. Хулоса, ба ҳар разолате, ки бошад, хароҷоти худро ёфта мегирифт ва ба амир ҳам медод.

Дар ин мавридҳо касоне, ки пул надода, андак гарданшахӣ мекарданд, ба ҳукми шариат ва амир муқобил баромадагӣ ҳисоб ёфта, ба ҷазоҳои сахт дучор мегардиданд.

Арбоб ва оқсақолҳои кент ва маҳаллаҳо низ бо қозӣ ва раисҳо шарик шуда, маишати худро аз кисаи фуқаро таъмин мекарданд.

Дар омади гап инро ҳам дар ин ҷо гуфта гузаштанамон лозим аст, ки ба ҳеҷ як маъмури Бухоро аз хазина маош дода намешуд, ҳар як маъмур ба қадре, ки мехост, ба қадре, ки гирифта метавонист, аз халқ пул меситонд.

Масалан, миршаби Бухоро аз хазина маош нагирифта, шаҳрро муҳофиза мекард, қариб дусад нафар маъмури хурди то-

А. Мухторов

беи миршаб ҳам моҳона намегирифтанд. Миршаб ба заммн сер кардани шиками ҳамин қадар одам, ҳар сол ба амир ҳам як миқдор пул ёфта медод.

Даромади расмии миршаб аз амрадон (ҷувонҳо) буд. Ин ҷувонҳо бо хати миршаб ба маҷлисҳои базм рафта, панҷьяки даромади худро ба миршаб медоданд. Даромади ғайрирасмии миршаб аз занони фоҳиша ва аз дуздон буд.

## Мадохил ва махориҷи ҳукумати Бухоро

Азбаски маҳалли мадохил ва махориҷи як мамлакат ба аҳволи сиёсӣ ва иқтисодии он таъсири зиёд дорад ва вазъияти сиёсӣ, иқтисодии ҳар як мамлакат аз эмилҳои муҳимми инқилоби сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар он аст, вақти навиштани таърихи инқилоби Бухоро, ба таври мухтасар ҳам бошад, нишон додани маҳалли мадохил ва масорифи ҳукумати амир лозим мебошад.

Мадохили ҳукумати амири Бухоро расман ва асосан аз хироҷ ва закот буд. Хироҷ аз заминҳои корам гирифта шуда, закот аз молҳои тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ, аз рама ва галаҳои дар даштҳо чаранда гирифта мешуд.

Дар замони амир Музаффар бо раҳнамоии қозӣ Садриддин ба бозорҳо ба номи «аминона» андозе вазъ карданд.

Хироҷ, ки дар замонҳои собиқ дар миқдори муайян ва сабуктаре гирифта мешуд, дар замонҳои охир ба дараҷаи гирифтани тамоми маҳсули деҳқон расида буд.

Закот, ки шаръан соле як бор аз рӯи нисоби муайяне (ҳадди маълуми мол, ки додани закот бар он воҷиб аст) гирифта мешуд, вақтҳои охир соле даҳ бор ҳам гирифта шуд. Аз мардикороне, ки пулашон ба сад танга ҳам намерасид, закот гирифта шуд.

Чунончи, моҳи июли соли 1914 дар Чорҷӯй будам. Шабе дар Девонабоғ дар закотхона меҳмон шудам. Нисфи шаб одамони закотчӣ қариб бист нафар мардикори туркмани чорҷӯиро, ки аз поезди Ашқобод фаромада буданд, ба закотхона оварданд ва то эзор ва эзорбанди ин бечорагонро кофта, аз баъзе 10, аз баъзе 20 рупия пул ёфтанд. Баъд номи ҳамаи ин фалокатзадагонро ба рӯйхат дароварда, «ҳамаи шуморо ба сабаби пинҳон кардани пулҳоятон аз закот ба зиндон мефиристем», гуфта тарсонданд.

Баъди яке аз одамони закотчӣ ба миён даромада, оқсақолӣ карда гуфт:

— Бекбобо, ин дафъа аз гуноҳи инҳо гузаред, минбаъд ин хел гуноҳро намекунанд.

Закотчии бек гуфт:

— Хуб, ин дафъа гузашт мекунам, аммо боз ба даст афтанд, ба ҷаноби олӣ арз карда, 75 ҷӯб занонда ба зиндон меандозам,— ва ба дасти ҳар кадом аз пули худашон дурупиягӣ дода,— равед, ҷаноби олиро дуо кунед,— гуфта, ба мардикорҳо рухсати рафтан дод ва пулҳоро ба ҳамьёнаш андохт.

Аз рӯи таҳқиқ маълум шуд, ки инҳо ду моҳ боз дар Марв мардикорӣ карда, барои дидани зану фарзандонашон ба Чорҷӯй омада будаанд.

Ин буд роҳи закот ҷамъ кардан!

Манбаи дигари воридоти мамлакат аз тортуқ [ҳадья]-ҳои қозиҳо, раисҳо, миршабҳо ва аз ин қабил маъмурон буд.

Ба ҳисобҳои тахминӣ с. 1913 даромади ҳукумати Бухоро 30 миллион сӯм буд. Ин маблағ фақат ҳисоби маблағе буд, ки ба хазинаи амир медаромад, пулҳое, ки маъмурон ва одамони онҳо аз халқ мегирифтанд, ба ин намедароянд.

Масорифи асосии ҳукумати Бухоро маблағҳое буд, ки ба сарбоз ва элнӯкарҳо пардохта мешуд.

Пеш аз инқилоби соли 1917 сарбози амир шаш ҳазор нафар буда, моҳона ва дигар хароҷоти онҳо як миллион сӯм тахмин мешуд. Элнӯкарҳо ҳазор нафар буда, хароҷоташон тахминан сад ҳазор сӯм буд. Хилъат ва маблағҳое ҳам, ки ба саркардагони ба тақоуд [нафақа] баромада ва муллоҳо дода мешуд, тахмин соле як миллион сӯм буд.

Ба ҳамин ҳисоб масорифи умумии амир солона ду миллиону дусад ҳазор сӯм буда, хароҷоти дигар, зебу ороиши дарбор ва разолатҳое аз қабили ишратҳои шабонаи махсус будаанд.

Ба маъмурони идораҳои мулкӣ, ба хидматгорони дарбор, ба қозӣ, раис ва бекҳо ва ба одамони онҳо ҳеҷ маоше дода нашуда, тамоми маишати онҳо ба таври ғайримаҳдуд ба гардани фуқаро бор мешуд.

Аммо барои соҳиби аслии мамлакат — барои халқ, ки хазинаи ҳукуматро пур ва шиками тамоми маъмуронро сер мекард, як пул ҳам сарф намешуд.

Ба корҳое аз қабили маорифи халқ, нигаҳдории тандурустӣ, таъмири роҳҳои умумӣ, тақсими об, дастгирӣ ба камба-

ғалон ва ёрӣ ба деҳқонон пул сарф кардан он сӯ истад, ҳатто номи ин қабил масъалаҳо ҳам дар миён набуд.

Хулоса, аз 30 миллион сӯме, ки ҳар сол ҷамъ мешуд, як қисмаш фақат ба айшу ишрати амир сарф шуда, дигараш барои муҳофизати тахти амирӣ аз шӯришу исьёнҳои эҳтимолии мардум захира мешуд.

Дар ҳукумати Бухоро чунонки ҳеҷ як идораи мунтазаме набуд, дафтари мадохил ва махориҷи мунтазаме низ вуҷуд надошт. Бинобар ин тамоми рақамҳои дар боло нишон додашуда тахминӣ ва қиёсӣ мебошанд. Инро низ бояд қайд кард, ки ин ҳисоби боло ба пеш аз инқилоби марти 1917 оид мебошад, пас аз ин бо зиёд шудани мадохил барои сарф кардан ба зидди инқилоб махориҷ низ зиёд шуд.

## Тайёрӣ ба инқилоби илмӣ ва иҷтимоӣ

Мо дар ин боб баъзе касонеро, ки ба тайёрии инқилоби илмӣ ва иҷтимоӣ сабаб гардидаанд, зикр карда мегузарем.

Чунонки дар боло ишора карда гузаштем, касоне, ки фасоди мадрасаҳо, вайронии ҷадвалҳои дарс, беадолатиҳои иҷтимоӣ, зулм ва хиёнатҳо дар идораҳо ва ба дари ҳукуматро медонистанд ва дар ин бора фикр мекарданд, гоҳ-гоҳ пайдо шуда бошанд ҳам, ба ғайр аз дар дил нигоҳ доштани ин норозигӣ ва аз халқу ҳукумат рӯй гардонда гӯшанишин шудан, коре накарда ё ин ки карда натавониста буданд.

То охири даври салтанати амир Музаффар ҳол ба ҳамин минвол буд.

Ана дар ҳамин вақтҳо аз уфуқи тираи Бухоро чун ситораи саҳаргоҳӣ, ки дар поёни шабҳои тор дурахшону тобон зоҳир мешавад, ситорае дурахшид. Ин ситора Аҳмад-махдуми муҳандиси Дониш буд, ки ба Аҳмади Калла шӯҳрат дошт.

Аҳмад-махдум дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил карда бошад ҳам, бо талаби ишқе, ки ба илм дошт, бо дарсҳои расмӣ қонеъ нашуда, илмҳоеро аз қабили нуҷум, ҳайат, ҳандаса ва ҳисоб бо ташаббуси шахсии худ аз мутахассисонаш омӯхта, ба туфайли заковат ва истеъдодаш дар ҳар як аз ин илмҳо тахассус пайдо карда буд. Ба ғайри инҳо ба илмҳои динӣ, қуръон, ҳадис, ба шеъру адабиёт, ба таърих ва тарҷумаи аҳвол [тарҷумаи ҳоли бузургони гузашта] ва ба дигар ҷузъиёти илмҳо маҳорат пайдо карда буд.

Одатан, ҳар касе, ки ба як ё ду фан тахассус пайдо кар-

дааст, фақат муқаддамот ва мавзӯоти фанҳои дигарро медонаду бас. Аммо Аҳмад-махдум алломае буд, ки дар муҳити торике чун Бухорои он давра, замоне, ки аз асбобу анҷом ва адабиёти нави илмӣ дараке набуд, ба чандин фан тахассус пайдо карда буд.

Аҳмад-махдум дар солҳои 1232 ҳиҷрӣ таваллуд ёфта, дар даври амир Музаффар касби дониш карда ба камол расида буд.

Ин зот бо вуҷуди донишаш дар чанд соҳаи илм дар назди амир, ки гирифтори хаёлот буд, ба сифати мунаҷҷимӣ шӯҳрат ёфт. Амир ӯро чун мунаҷҷим ҳурмат мекард, ҳар вақт чигунагии толеи худро аз ӯ пурсон мешуд.

Аммо Аҳмад-махдум ҳаргиз аз таҳти дил ба амир хизмат накард, роҳи хушомадгӯӣ ва тамаллукро пеш нагирифт, балки дар мавридҳои муносиб фасоди усули идораи Бухоро, хиёнат ва ғадри аҳли дарбор, сохтакориҳои муллоёнро гоҳо бо ишорат ва гоҳо бо сароҳат ба амир маълум карда истод. Аҳмад-махдум бо ин қонеъ нашуда, ҳамеша ба атрофи худ якчанд уламо ва талабагони мустаидро ҷамъ карда, аз фасоди замона гап мекушод, бо роҳи шӯхӣ ва ханда ба кушодани фикри онон мекӯшид.

Аҳмад-махдум фозил ва олими дараҷаи аввал бошад ҳам, дарсгӯӣ накард, аз дарсҳои расмӣ шогирд қабул нанамуд ва ба эътирозкунандагон дар ин бора фасод — вайронии мадрасаҳо ва дарсҳои расмиро фаҳмонда истод.

Аҳмад-махдум дар навиштани назм ва насри содда хеле моҳир буд. Баъзе фикрҳоеро ки дар дил дошт, бо такрир [гуфтан] иктифо накарда, ба таври парешон дар дафтарҳо бо назму наср навиштааст.

Муҳимтарин ва аз ҷиҳати танқид бераҳмонатарин асари Аҳмад-махдум «Наводир-ул-вақоеъ» ном китоби ба тариқи роман навиштаи ӯст.

Ин китоб (дастнавис) аз 750 саҳифа иборат буда, мундариҷоташ аз ҳикояҳои парешон, аз саргузаштҳои оддӣ ва аз баъзе мақолаҳои илмӣ иборат аст.

Мақсади асосӣ аз таълифи ин китоб кушода додани ҷиҳатҳои вайрони ҳаёти Бухоро ва нишон додани роҳи ислоҳи онҳо буда, ки муаллиф ба ин мақсад пурра муваффақ шудааст.

Ӯ аз аҳволи уламо, ҷадвали дарсҳо, тарзи идораи амир, аҳволи қозӣ ва раисҳо сар карда, то муносибатҳои оилавӣ — ҷанҷоли арӯсу модаршӯйро танқид кардааст.

Пеш аз Бухоро омадани матбуоти Русия ва Туркия ба ку-

шода шудани фикри баъзе касон ҳамин китоб сабаб шуда буд. Ин асар соли 1300 ҳ. [1883 м.] навишта шудааст. Лекин бинобар чоп нашудан ва бинобар мумониати истибдоди амир истифода аз ин китоб дар доираи маҳдуде монд.

## Хотираҳоям дар бораи Аҳмад-махдум

Солҳои 1310 ҳиҷрӣ [1885] буд. Ман, талабаи ҷавон дар Бухоро, дар мадрасаи Мир Араб истиқомат доштам. Аҳмад-маҳдум дар ин мадраса ҳуҷрае дошт. Баъзан ба ҳуҷрааш меомад. Гоҳе шабҳо дар ин ҷо монда, шабонгоҳ ба боми мадраса баромада, ситораҳоро тарассуд [дидбонӣ] мекард. Гирифтани моҳро пешакӣ хабар дода, худаш дар боми мадраса дар интизори сар шудани кусуф менишаст.

Аҳмад-махдум марди болобаланду каллакалон буд (бинобар ин ӯро Аҳмади Қалла мегуфтанд). Гарданаш андак борик ва дароз буд. Бинобар ин сараш ҳама вақт ба як сӯ моил шуда меистод, вақти гап задан забонаш андак мегирифт ва хеле бо асабият гап мезад.

Вақти роҳ гаштан ба дасташ асо мегирифт. Ҳайбату салобати зиёд дошт, ба ҳадде, ки вақти дучор омадан бо вай чи дӯст ва чи душманаш бо эҳтироми тамом таъзим мекарданд, худаш ба касе илтифоти дурусте накарда, аз таъзиму эҳтиромкунандагон тағофул карда мегузашт.

Бори аввал фасли тобистон, мавсими тутпазӣ буд, ки баъзе мударрисҳо ва муллоҳои пешқадам ба боғи Аҳмад-махдум ба тутхӯрӣ рафтанӣ шуданд. Ман ҳам ба онҳо ҳамроҳ шуда рафтам. Хидматгори Аҳмад-махдум меҳмонони нохондаро нағз қабул кард, тут афшонда овард ва баъд бо ширбиринҷ зиёфат кард. Худи соҳибхона бемориашро баҳона карда, ба назди меҳмонҳо набаромад.

Дар хонае, ки мо нишаста будем, дар як гӯша дутор, танбӯр барин асбобҳои мусиқӣ ва дар як сӯ ду кураи замин [глобус] меистод. Муллоҳо вақти хӯрок хӯрдан ба кураҳо ба таъаҷҷуб нигариста, пичир-пичир карда, дар бораи кофирии Аҳмад-махдум ба ҳамдигар чизҳое мегуфтанд. Ман ҳам аз бехабарӣ ва бинобар ихлос ва эътиқоде, ки ба муллоёни пешқадам доштам, ба ин гапҳо бовар карда, Аҳмад-махдумро кофир гумон мекардам.

Моҳу солҳо гузаштанд ва соли 1314 [1889] Аҳмад-махдум аз дунъё гузашт.

Агар фаромӯш накарда бошам, солҳои 1316 ё 17 ҳ. буд, яке аз мухлисони Аҳмад-махдум, яке аз уламои тараққипарвари ҳозираи Бухоро қози Мирзо Муҳаммадшарифи садр[1] китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад-махдумро китобат кунонида, тасҳеҳ ва муқобилаи онро аз рӯи дастхати худи муаллиф ба ман ва ба шарикдарсам Абдувоҳиди Мунзим супорид. Ба ин муносибат ман китобро аз аввал то охир хонда баромадам ва аз он лаззати зиёд гирифтам ва такрор хондам. Баъд аз ин фаҳмидам, ки чаро Аҳмад-махдумро кофир мегуфтанд. Ӯ дар ин китоб муллоҳои расмиро бераҳмона танқид карда, фасоди байни умаро ва уламоро кушода, нуқсонҳои усулҳои дарс, беарзиш ва нодаркор будани аксари чизҳои дар мадраса хондашавандаро нотарсона навишта будааст.

Ана барои ҳамин ӯро кофир мегуфтаанд! Баъд аз ин кӣ будани Аҳмад-махдумро шинохтам ва назарам ба муллоҳо ва ба дарсҳои мехондагиам дигар шуд.

Хулоса, дар сояи мутолеаи ин китоб дар фикрам тағйироте пайдо шуд.

* * *

Аз муосир ва мусоҳибони Аҳмад-махдум машҳуртарини касоне, ки ба авзои Бухоро бо назари танқид нигоҳ мекарданд, соҳибкамолоне аз қабили Шариф-махдуми Мӯътасим, Исо-махдум, Иноят-махдум, Яҳьёхоҷа, Қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун, мулло Шарифи Соат ва Мирзо Сомӣ буданд.

Шариф-махдум дар даври салтанати амир Музаффар аз Бухоро гурехта дар Истамбул истиқомат мекард.

Исо-махдум ва Иноят-махдум ҳам дар аҳди амир Музаффар аз Бухоро гурехта, замони Абдуаҳад боз ба Бухоро баргашта бошанд ҳам, умрашон то охир дар гирифторӣ ба ғазаби амир гузашт.

Яҳьёхоҷа ва қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун худро ба девонагӣ зада, дар либоси девонавор бисьёр чиз ва рӯйдодҳоро ба хости дил танқид карда, аз дуньё гузаштанд.

Домулло Шарифи Соат риволе наёфта бо соатсозӣ умр гузаронида аз олам рафт.

Мирзо Азими Сомӣ дар даври амир Музаффар дар ҷанг бо Русия дар сафҳои ҷанг ба сифати вақоеънигор ҳозир будааст. Баъд аз он ҳам дар аҳди Музаффар ва Абдулаҳад чанд соле ба дарбор муншигӣ карда, оқибат ба сабаби танқидга-

[1] Садри Зиё дар назар аст.

шода шудани фикри баъзе касон ҳамин китоб сабаб шуда буд. Ин асар соли 1300 ҳ. [1883 м.] навишта шудааст. Лекин бинобар чоп нашудан ва бинобар мумониати истибдоди амир истифода аз ин китоб дар доираи маҳдуде монд.

## Хотираҳоям дар бораи Аҳмад-махдум

Солҳои 1310 ҳиҷрӣ [1885] буд. Ман, талабаи ҷавон дар Бухоро, дар мадрасаи Мир Араб истиқомат доштам. Аҳмад-маҳдум дар ин мадраса ҳуҷрае дошт. Баъзан ба ҳуҷрааш меомад. Гоҳе шабҳо дар ин ҷо монда, шабонгоҳ ба боми мадраса баромада, ситораҳоро тарассуд [дидбонӣ] мекард. Гирифтани моҳро пешакӣ хабар дода, худаш дар боми мадраса дар интизори сар шудани кусуф менишаст.

Аҳмад-махдум марди болобаланду каллакалон буд (бинобар ин ӯро Аҳмади Калла мегуфтанд). Горданаш андак борик ва дароз буд. Бинобар ин сараш ҳама вақт ба як сӯ моил шуда меистод, вақти гап задан забонаш андак мегирифт ва хеле бо асабият гап мезад.

Вақти роҳ гаштан ба дасташ асо мегирифт. Ҳайбату салобати зиёд дошт, ба ҳадде, ки вақти дучор омадан бо вай чи дӯст ва чи душманаш бо эҳтироми тамом таъзим мекарданд, худаш ба касе илтифоти дурусте накарда, аз таъзиму эҳтиромкунандагон тағофул карда мегузашт.

Бори аввал фасли тобистон, мавсими тутпазӣ буд, ки баъзе мударрисҳо ва муллоҳои пешқадам ба боғи Аҳмад-махдум ба тутхӯрӣ рафтанӣ шуданд. Ман ҳам ба онҳо ҳамроҳ шуда рафтам. Хидматгори Аҳмад-махдум меҳмонони нохондаро нағз қабул кард, тут афшонда овард ва баъд бо ширбиринҷ зиёфат кард. Худи соҳибхона бемориашро баҳона карда, ба назди меҳмонҳо набаромад.

Дар хонае, ки мо нишаста будем, дар як гӯша дутор, танбӯр барин асбобҳои мусиқӣ ва дар як сӯ ду кураи замин [глобус] меистод. Муллоҳо вақти хӯрок хӯрдан ба кураҳо ба тааҷҷуб нигариста, пичир-пичир карда, дар бораи кофирии Аҳмад-махдум ба ҳамдигар чизҳое мегуфтанд. Ман ҳам аз бехабарӣ ва бинобар ихлос ва эътиқоде, ки ба муллоёни пешқадам доштам, ба ин гапҳо бовар карда, Аҳмад-махдумро кофир гумон мекардам.

Моҳу солҳо гузаштанд ва соли 1314 [1889] Аҳмад-махдум аз дунё гузашт.

Агар фаромӯш накарда бошам, солҳои 1316 ё 17 ҳ. буд, яке аз мухлисони Аҳмад-махдум, яке аз уламои тараққипарвари ҳозираи Бухоро қозӣ Мирзо Муҳаммадшарифи садр[1] китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад-махдумро китобат кунонида, тасҳеҳ ва муқобилаи онро аз рӯи дастхати худи муаллиф ба ман ва ба шарикдарсам Абдувоҳиди Мунзим супорид. Ба ин муносибат ман китобро аз аввал то охир хонда баромадам ва аз он лаззати зиёд гирифтам ва такрор хондам. Баъд аз ин фаҳмидам, ки чаро Аҳмад-махдумро кофир мегуфтанд. Ӯ дар ин китоб муллоҳои расмиро бераҳмона танқид карда, фасоди байни умаро ва уламоро кушода, нуқсонҳои усулҳои дарс, беарзиш ва нодаркор будани аксари чизҳои дар мадраса хондашавандаро нотарсона навишта будааст.

Ана барои ҳамин ӯро кофир мегуфтаанд! Баъд аз ин кӣ будани Аҳмад-махдумро шинохтам ва назарам ба муллоҳо ва ба дарсҳои мехондагиам дигар шуд.

Хулоса, дар сояи мутолеаи ин китоб дар фикрам тағйироте пайдо шуд.

* * *

Аз муосир ва мусоҳибони Аҳмад-махдум машҳуртарини касоне, ки ба авзои Бухоро бо назари танқид нигоҳ мекарданд, соҳибкамолоне аз қабили Шариф-махдуми Мӯътасим, Исо-махдум, Иноят-махдум, Яҳьёхоҷа, Қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун, мулло Шарифи Соат ва Мирзо Сомӣ буданд.

Шариф-махдум дар даври салтанати амир Музаффар аз Бухоро гурехта дар Истамбул истиқомат мекард.

Исо-махдум ва Иноят-махдум ҳам дар аҳди амир Музаффар аз Бухоро гурехта, замони Абдуаҳад боз ба Бухоро баргашта бошанд ҳам, умрашон то охир дар гирифторӣ ба ғазаби амир гузашт.

Яҳьёхоҷа ва қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун худро ба девонагӣ зада, дар либоси девонавор бисьёр чиз ва рӯйдодҳоро ба хости дил танқид карда, аз дунье гузаштанд.

Домулло Шарифи Соат ривоҷе наёфта бо соатсозӣ умр гузаронида аз олам рафт.

Мирзо Азими Сомӣ дар даври амир Музаффар дар ҷанг бо Русия дар сафҳои ҷанг ба сифати вақоеънигор ҳозир будааст. Баъд аз он ҳам дар аҳди Музаффар ва Абдулаҳад чанд соле ба дарбор муншигӣ карда, оқибат ба сабаби танқидга-

[1] Садри Зиё дар назар аст.

риаш дар айёми пиронсолагӣ аз дарбор ронда шуда гуруснаву бараҳна, ба як пора нон мӯҳтоҷ шуда мурда рафт.

Мирзо Азим дар иншо ва таҳрир хеле моҳир ва аз воқеаҳои таърихӣ огоҳ буд. То охири умраш аз мутолеаи осори таърихӣ ҷудо нашуд. Худаш низ осори таърихия, аз он ҷумла таърихи сулолаи манғитиёнро навишт. Бар хилофи таърихнависони кӯҳнаи дарборӣ ҳақиқатҳои талхро аз касе натарсида кушоду ошкор ба қалам овард.

Инак, бо таъсири ин қабил касон дар аввалҳои аҳди амир Абдулаҳад, дар як доираи маҳдуд ҳам бошад, аломатҳои тайёрӣ ба инқилоби илмию иҷтимоӣ зоҳир шудан гирифт.

Соли 1312 ҳ. [1894] аз уламои Бухоро домулло Икром ва Иваз ба Ҳиҷоз рафта омаданд. Ин ду нафар аз сафари ҳаҷ чашмбаста рафта наомада, балки аз ин сафар хеле ибрат гирифта баргаштанд.

Домулло Иваз тарзи таълимашро як дараҷа ислоҳ карда, шарҳ ва ҳошияҳои бемаъниро аз ҷадвали дарси худ баровард.

Домулло Икром амир, вазир, муфтӣ ва қозиҳо, уламо ва ҷадвалҳои дарсро рӯйрост танқид кардан гирифт. Қорҳои нодурусти мулло ва муфтиҳоро дар маҷлисҳо фош карда, ба рӯяшон мезад.

Ба ҳамин тариқ, дар байни талаба ва уламо кам ҳам бошад, ҳаяҷоне барангехт.

## Таъсири инқилоби соли 1905-и Русия ба Бухоро

Дар солҳое, ки аҳвол дар Бухоро ба тарзи дар боло зикршуда мегузашт, ҷанги русу япон сар шуд. Ба туфайли ин ҷанг газетаи «Тарҷумон», ки гоҳ-гоҳе омада меистод, зиёдтар паҳн шудан гирифт. Аз Ҳиндустон маҷаллаи «Ҳабл-ул-матин», аз Миср «Чеҳранамо» ва «Парвариш» барин маҷаллаҳои форсӣ омада, ба касоне, ки барои огоҳӣ аз хабарҳои ҷанг газет мехонданд, фикрҳои дигар низ илқо мекарданд.

Дар натиҷаи ҷанг инқилоби соли 1905 сар шуда мусулмонони Русияро, ки омода шуда буданд, якбора ба шӯр овард. Дар гӯшаҳои гуногуни Русия бо номҳои мухталиф ба туркию тоторӣ газетаҳо нашр шудан гирифт. Табиӣ ин газетаҳо ба Бухоро ҳам омада, ба як қисми аҳолӣ каму беш фикрҳои нав медоданд. Дар байни одамони оддӣ низ касони назаркунанда ба аҳволи олам пайдо шудан гирифтанд.

Лекин ин фикр ва ин назарҳо дар доираи маҳдуди байни

газетхонҳо мемонданд. Аксарият газетхонҳоро «бобӣ»[1] ва газетҳоро «китоби бобиён» меномиданд.

Лекин аҳвол ба ин минвол намонд. Аз соли 1905 то 1908 вазъият хеле тағйир ёфт. Дар байни ин солҳо матбуоти турку тотор, Истамбул, Миср ва Ҳиндустон дар Бухоро хеле хуб кор кард. Хусусан китоби ба форсӣ таълиф ёфтаи «Саёҳатномаи Иброҳимбек»[2] дар Бухоро паҳн шуд.

Ин китоб доир ба аҳволи Эрон навишта шуда бошад ҳам, ҷойҳои танқидиаш айнан дар Бухоро низ буданд. Бинобар ин мутолиаи ин китоб низ ба дигаргунии фикри баъзе касон сабаб гардид.

Панҷ-шаш нафар ба номи «тараққипарвар» ва «ислоҳотхоҳ» ба воя расиданд. Машҳуртарини ин гурӯҳ Бӯрибой, Мирхон Порсозода. Қорӣ Бурҳон, Мирзо Муҳиддин Мансурзода[3] буданд.

Кор ба ин ҳол расида буд, ки дар Бухоро масъалаи мактаб ва низоъи ҷадиду қадим баромада монд.

---

[1] *Бобӣ* — ҷараёни нави динӣ дар Эрон, ки асосгузораш Муҳаммадалии Боб (1819—1850) буда, пайравонаш сахт таъқиб мешуданд.

[2] *«Саёҳатномаи Иброҳимбек»* — романи ҳаҷвӣ, асари Зайнулобидини Мароғаӣ (вафот 1910), ки дар он бетартибиҳои сохти иҷтимоӣ ва тарзи идораи давлатии Эрон дар охири асри XX тасвир ёфтааст.

[3] *Бӯрибой, Мирхон Порсозода, Қорӣ Бурҳон, Мирзо Муҳиддин Мансурзода* — равшанфикрони мӯътабар ва кӯҳансоли Бухоро дар аввали асри XX.



# ҚИСМИ ДУЮМ

(1326—1335 ҳичрӣ,
1908—1917 мелодӣ)

# МАСЪАЛАИ МАКТАБ

Ба шӯр омадани инқилоби Бухоро аз масъалаи мактаб сар мешавад.

Чунонки иштирок кардагон дар масъалаи мактаб аз роҳбарони инқилобиёни Бухоро буданд, муқобилони мактаби усул ва тартиби нав низ аз сардорони аксулинқилобчиёни Бухоро буданд. Бинобар ин ба касоне, ки ба таърихи инқилоби Бухоро нигаристан мехоҳанд, ба масъалаи мактаб ва ба низоъи ҷадиду қадим диққат доданашон лозим аст.

Дар байни мусулмонони Русия, аз соли 1883, аз ибтидои нашри газетаи «Тарҷумон» масъалаи мактаб ба майдон баромада, то соли 1908 дар гӯшаҳои гуногуни Русия аз тарафи мусулмонони тараққипарвар мактабҳои усули нав (ҷадида) кушода шуда бошанд ҳам, то соли 1908 дар Бухоро сухане дар бораи мактаб ва ислоҳи мактабҳо дар миёна набуд.

Дар аввалҳои соли 1900 мулло Ҷӯрабои пирмастӣ (тумани Бухоро) ном шахс мактабҳои нави Русияро дида омада, дар гузари Пӯстиндӯзони Бухоро мактаби хусусие кушода, «дар 4—5 моҳ саводи ҳар касеро мебарорам» гуфта даъво мекарда бошад ҳам, ба гапаш касе аҳамият намедод ва «аз тиҷорат зарар дида, сарносӣ шудааст», гӯён бар ӯ механдиданд. Бӯрибой, Мирхон ва қорӣ Бурҳон барин хонандагони газетаи «Тарҷумон» ҳар қадар кӯшида мардумро ба ин мактаб ташвиқ карда бошанд ҳам, суде набахшид. Бинобар ин мактаби мулло Ҷӯрабой худ аз худ баста, нест шуда рафт.

Соли 1907 бо ташаббуси мулло Низом Собитов ном тотор дар хонааш барои тоторбачагон мактабе кушода шуд. Ба ин мактаб аз муаллимони фаъоли Қазон Абдураҳмони Саидӣ[1] (бародари калонии Карим Саидӣ) муаллим таъйин шуд. Соли аввал дар ин мактаб фақат 10—12 нафар тоторбачаҳо мехонданд.

---

[1] *Абдураҳмон Саидӣ* — профессор Абдураҳмон Саъдӣ, ки баъд аз солҳои 1930 дар мактабҳои олии Ӯзбекистон аз фанни адабиёт дарс медод.

Тобистони соли 1908 Исмоил Ғаспаринский[1] ба Бухоро омад. Табиист, ки вай, чунонки дар ҳама ҷо мекард, дар Бухоро низ масъалаи мактабро бардошт. Ӯ аз тараққипарварони Бухоро Мирзо Муҳиддин Мансуров[2] ва Мирхон Порсоев ва чанд каси дигарро дар сарои Ойим ба назди худ даъват кард. Аз тоторҳо низ Низоми Собитӣ ва як чанд нафари дигар буданд. Дар ин ҷо қарор дода шуд, ки мактаби тоторон барои тотор ва бухориҳо умумӣ карда, ба расмият дароварда шуда, аз давлат барои мактаб бинои муносибе пурсида шавад. Ҳозирон мактабро «Исмоилийя» номиданӣ шуданд, лекин Исмоилбек инро қабул накард, ба номи амири марҳум «Музаффария» номида шудани мактабро муносиб донист.

Исмоилбек вақти рафтанаш ба амир Абдулаҳад ва ба маъмурони дигари Бухоро дар бораи мактаб тавсияҳо кард. Лекин аз ин ташаббуси вай натиҷае ҳосил нашуд. Фақат мактаб аз ҳавлии Мулло Низом ба ҳавлии Холид Бурношев ном тотор кӯчонда шуд ва чанд бачаи бухорӣ ба мактаб қабул шуданд.

Лекин масъалаи мактаб дар байни як чанд нафар маҳдуд буд. Вақте ки аз тарафи худи бухориҳо барои бухориён мактаби махсус кушода шуд, масъала ранги умумӣ гирифт.

Тафсилоти ин воқеа чунин аст: Соли 1326 ҳ. (1908) дар фасли тобистон нависандаи ин сатрҳо бо шарикдарсам Ҳомидхоҷаи Меҳрии бухороӣ ба Самарқанд саёҳат кардем. Дар ин рӯзҳо шарикдарси дигари мо — Мирзо Абдувоҳиди Мунзим дар Самарқанд, дар матбааи Демуров ба табъи китобе машғул буд. Азбаски бори аввал ба Самарқанд омада ва дар он ҷо шиноси маълуме надоштем, бо ҳам дар матбаа ҷой гирифтем. Бо роҳбарии Мирзо Абдулвоҳид шаҳри нав ва кӯҳнаи Самарқандро тамошо кардем. Рӯзе, вақте ки марқади амир Темурро зиёрат мекардем, бо мулло Иброҳими Саидкамолзода [шоир ва яке аз маорифпарварони машҳури Самарқанд] вохӯрдем ва бо таклифи ӯ дар хонааш меҳмон шудем.

Мулло Иброҳим баъд аз таом Шамсиддин ном писари худ (ки соли 1918 дар Самарқанд бо дасти аксулҳаракатчиён ша-

---

[1] *Ғаспаринский Исмоилбек* (1851—1914) — нависанда ва рӯзноманигор, яке аз асосгузорони тарзи нави таълим (усули ҷадида) дар мактабҳо, ки ба ташаккули ҳаракати ҷадидизм дар Тотористон ва Туркистон оғоз гардидааст. Муҳаррири рӯзномаи «Тарҷумон» буд, ки солҳои 1883—1914 дар Боғчасарои Қрим нашр ва дар Осиёи Миёна бисёр паҳн мешуд.

[2] *Мирзо Муҳиддин Мансуров* — Муҳиддин Мансурзода, давлатманду равшанфикри машҳури замон, падари Абдуқодир Муҳиддинов (1882—1934).

ҳид шуд) ва Тоҷиддин ном бародарзодаашро ба назди мо баровварда, имтиҳон кард. Ин бачаҳо аз ҳисоб, ҷуғрофия, аз хат ва имло, аз таҷвид [қоидаҳои дуруст хондани Қуръон] ва аз масъалаҳои динӣ ба мо маълумот доданд. Мо чизҳоеро, ки бисту панҷ сол дар мадраса хобида, ягон бор ҳам нашунида будем, аз ин бачаҳои 10—12-сола шунида дар ғояти тааҷҷуб мондем ва табиист, ки мактаберо, ки онҳо мехонданд, рафта диданӣ шудем. Пагоҳӣ бо онҳо рафтем. Ин «Мактаби Шакурӣ» буд, ки соли 1312 [1903] бо ташаббуси мулло Абдулқодири Шакурӣ кушода шуда буд.

Мактаби Шакурӣ дар он рӯзҳо дар гузари Қӯшҳавз, дар ҳавлии Муҳаммадраҳимбой буд. Шакурӣ моро хуш қабул карда, шогирдони мактабро як-як ба мо нишон дод ва аз муҳассаноти мактаб гап зад. Мо то он рӯз мактаби навро надида будем. «Мактаби усули ҷадид будааст, дар он ҷо бачаҳо зуд хату савод мебаровардаанд» гуфта шунида бошем ҳам, чандон аҳамият надода будем. Дар натиҷаи мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Саёҳатномаи Иброҳимбек» барин китобҳо лузуми инқилоби илмӣ ва иҷтимоиро фаҳмида бошем ҳам, роҳҳои онро ҳеҷ фикр накарда будем.

Хулоса, ба мактаби Шакурӣ мағрур даромада, мутаҳайир баромадем ва аз ҳамон рӯз сар карда фикри мактаб тамоми мағзи моро ишғол кард.

Дар он рӯзҳо бо Ҳомидхоҷа ба Бухоро баргаштем, дере нагузашта Мунзим ҳам омад.

Рӯзҳои моҳи рамазон буд. Мисли аҳолии дигари Бухоро ҷои ҳар рӯз ҷамъ ва бо ҳам мулоқот кардани мо Лаби Ҳавзи Девонбегӣ ва болои боми сартарошхонаҳои он ҷо буд. Ин одати дерини мо буд, вале ҷамъомадҳои имсола як фарқ доштанд, он ҳам дигар шудани мавзӯи сӯҳбатамон буд. Ҳоло мисли собиқ шиквау шикоят, фаҳшу лағв ва гапи мансабу вақф дар миён набуда, сухан дар бораи «ислоҳи мактабҳо» мерафт. Мо ба худ аз шарикдарсонамон Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдиро ҳам ҳамфикр кардем ва мактаби навро баъди иди рамазон дар хонаи Мирзо Абдулвоҳид кушоданӣ шудем, ҳол он ки ҳеҷ кадоми мо на аз усули таълими мактаби нав хабаре доштем ва на ягон китоби раҳнамое дар даст. Дар дили ҳар чаҳори мо фақат як чиз буд: шавқ, муҳаббат ва ишқи ислоҳот. Хулоса дар натиҷаи музокираи яксола кушодани мактаб муқаррар шуд.

Пеш аз ба итмом расонидани ин фасл инро ҳам ёдовар карда гузаштан лозим аст, ки он сол дар Туркия табаддулоти сиё-

сӣ ба амал омада, султон Абдулҳамид ба халқ ҳуқуқ ва ихтиёр дода, бо усули машрутият [конститутсионӣ] идора шудани мамлакатро эълон карда буд. Ба ин муносибат газетаҳои мусулмонони Русия дар бораи инқилоби Туркия дуру дароз мақолаҳо менавиштанд ва дар маркази хилофат (Истанбул) газета ва журналҳои озодфикронаи динӣ, сиёсӣ, ичтимоӣ ва адабӣ нашр гардида, ба тамоми олами ислом паҳн мешуд.

Табиист, ки ин газетаҳо ба Бухоро ҳам омаданд ва дар афкори умумии Бухоро низ чаҳише ба вучуд оварданд. Лекин ин такон ва чаҳиш аз ҳолати одаме, ки бо садои тӯпу милтиқ якбора аз хоби гарон ҳаросон чаҳида мехезад, фарқе надошт. Ҳар кас дар дунъё рӯй додан ва рӯй дода истодани ҳодисаҳоеро шунида, ягон рӯз дар ватани мо ҳам лузуми рӯй додани чунин воқеаҳоеро, хоҳ ноxоҳ ягон ҳодиса шуданашро мефаҳмида бошад ҳам, аз чи иборат шудан, кай ва ба воситаи чӣ хел одамон рӯй дода тавонистани онро касе ба таври муайян гуфта наметавонист ё ки намедонист. Ба ҳар ҳол замину замон ба вуқӯи тағйироте омода мешуд.

## Аввалин мактаби усули нав (чадида) дар Бухоро

Агар натичае аз кори худ нишон дода натавониста баста шудани мактаби мулло Чӯрабой, бо ташаббуси худи тоторҳо кушода шудани мактаби тоторон ва ба забони тоторӣ бурда шудани таълимро дар он ба назар бигирем, якумин мактаби усули нав дар Бухоро мактаби дар хонаи Мирзо Абдулвоҳид кушодашударо номидан мумкин аст, ки ҳоло сухан дар бораи он меравад.

Чунонки баён кардем, мо чор бародар баъди рамазон кушодани мактабро муқаррар карда будем. Мо ин мактабро дар хонаи Мирзо Абдулвоҳид кушода, худи ӯро ба муаллимӣ таъйин кардем. Мирзо Абдулвоҳидро ба муаллимӣ таъйин карданамон сабаб дошт.

Бинобар шунидамон асоси усули нав баробар бурда шудани хондан ва навиштан будааст. Чанд сол аз ин пеш (вактхои аз усули нав тамоман бехабариамон) Мирзо Абдулвоҳид худ аз худ ба ин фикр омада, хату саводи Ҳидир ном туркманбачаеро якчоя мебарорам гуфта, ба ӯ хат нависонда хононда мегашт. Ин ташаббуси ӯ бинобар ба усулу қоидае асос

наёфтанаш натиҷае надода буд. Аммо ҳоло ба сабаби ба воситаи газета ва китобҳо як андоза аз қоидаҳои нав хабардор шуданаш умеде ба муваффақият пайдо карда буд. Бинобар ин мо ӯро ба муаллимӣ баргузидем ва ҳар қадом ба қадри тавоноиамон ба вай ёрӣ доданӣ шудем.

Ба ҳамин тариқ, дар 10 моҳи шавволи соли 1326 ҳ. (октябри соли 1908) дар дохили шаҳри Бухоро, дар гузари Саллоххона, дар ҳавлии Мирзо Абдулвоҳид, махсус барои бухориён ба забони форсӣ аввалин мактаби усули навро кушодем.

Шогирдоне, ки дар ин мактаб дар навбати аввал қайд шуданд, инҳо буданд: Абдураҳмонбек писари Абдуллобек, Абдуғанӣ — хизматгори вай, Афзал ва Акрам — писарони Аҳмадҷон махдум, Абдураҳим писари Ҳоҷиабдусаттор, Зарифҷон писари қозӣ Шарифҷон, Муҳаммадамин пасари Саидҷон махдум, Абдуқайюм писари Абдушукур. То иди қурбон, дар муддати ду моҳ шумораи шогирдон ба 12 расид.

Лекин тартиби таълим хеле вайрон ва ҳамаи мо аз усул ва қавоиди он бехабар будем. Диламон бо оташи ислоҳи тарзи таълим шароре дода месӯхта бошад ҳам, аз надонистан ва нотавонии худ ҷонамон дар азоб буд.

Ба мо ҳамин қадараш маълум буд, ки манбаи усули нав Тотористон аст. Бинобар он рӯзе ба назди мулло Низом Собитӣ, ки дар байни торорҳо бо хайру салоҳ шӯҳрат дошт, рафтам, мақсаду маромамро фаҳмонда, ягон китоби роҳбаришаванда ёфта доданашро илтимос кардам. Мулло Низом ин ниятy мақсадамро табрик карда, гуфт: «Дар рӯ ба рӯи мадрасаи Аттор дар хонаи Холид Бурношов мактаби усули нави тоторӣ ҳаст. Ба он ҷо равед, ҳам китоби раҳбаршаванда мегиред ва ҳам аз муаллим истифода мебаред».

Мо мактабдорҳо то имрӯз аз будани мактаби тоторон дар Бухоро хабар надоштем. Вақте ки ин хабарро аз мулло Низом шунидам, чун муфлисе, ки хазинаи бекароне ёфтааст, хурсанд шудам ва рост ба он мактаб рафтам. Бо муаллим Абдураҳмон Саидӣ вохӯрда мақсадамро фаҳмондам. Муаллим маро хеле бо мамнуният қабул карда, дар ҳар хусус мадад ваъда дод. Ба синфҳо даровaрда равиши дарсро нишон дод, андак аз тарзи таълим гап зад.

Аз китобҳои дарсӣ якдонагӣ ва оид ба тарзи тарбия ва таълим китобе дод.

Ин воқеаро ба бародаронам Абдулвоҳид, Ҳомидхоҷа ва ба Аҳмадҷон-махдум нақл кардам ва рӯзи дигар онҳоро ҳам ба мактаб бурда, бо муаллим Абдураҳмон шинос кардам.

Дар натиҷаи ин зиёрат ва мусоҳибаҳо ба мактаби мо интизом даромад. Мо дар байни худ бо қоида (принцип)-и тақсими аъмол ба кор сар кардем.

Мирзо Абдулвоҳид мудир ва муаллими аввал, Аҳмадҷон ва Ҳомидхоҷа муовинони ӯ шуданд. Ман ҳар рӯз ба мактаби торҳо рафта таълими ҳаррӯзаи дарсро дида, маълумоти гирифтаамро бо машварати бародаронам татбиқ мекунондам.

Баъди андак фурсат бо муаллим Абдураҳмон дӯсти наздик шудем. Ӯ бегоҳиҳо ба ҳуҷраи ман омада, бо мусоҳибаҳои илмӣ-адабӣ ва бо мутолеаи газета ва журналҳо ба васеъ шудани доираи маълумот ва кушод шудани фикри мо мекӯшид. Мо ба воситаи ин шахс ба журнали «Шӯро»[1] ва ба газетаи «Вақт»[2] обуна шудем ва боз бо ёрии вай аз истилоҳоти маъмули туркию тотории газетаҳо воқиф гаштем.

Дар фасли боло дар мактаби торҳо хондани чанд бачаи бухорӣ гуфта шуда буд. Лекин ба сабаби тотор будани муаллим ва ба забони тоторӣ будани китобҳои дарсӣ тоҷикбачаҳои бухорӣ аз таълим дуруст истифода намебурданд. Муаллим Абдураҳмон ин ҳолро ба эътибор гирифта, ба ман ба худ муовин шуданро таклиф намуд. Ман дар байни ӯ ва бачаҳои бухорой вазифаи тарҷумониро адо карда, ҳар дарсро аз тоторӣ тарҷума карда, мефаҳмондам ва ин чизҳои тарҷумашударо бурда дар мактаби худамон татбиқ мекунондам (як қисми асарҳои баъдтар нашршудаи ман: «Тартил ул-Қуръон», «Таҳзиб-ус-сибьён» ва «Заруриёти динийя» дар ҳамон рӯзҳо тарҷума ва татбиқ шуда буданд).

Ба воситаи Абдураҳмон Саидӣ ба мутолеаи маҷмӯа (журнал)-и туркии «Сироти мустақим» муваффақ шудем, ки баъди инқилоб дар Туркия нашр мешуд. Ин як маҷмӯаи динӣ, илмӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабӣ буда, бо иштироки бузургтарин фозилони маркази хилофати Истанбул нашр мегардид. Дар ин маҷмӯа масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии инқилобӣ ба оят ва ҳадисҳо татбиқ шуда, баён мееёфтанд, ки ин дар тафаккуроти мо тағйироти асосӣ ба амал меовард.

Тааҷҷуб дар ин ҷост, ки Абдураҳмон ин маҷмӯаро аз писари дуюми Мирзо Муҳиддин — аз Мирзо Абдукодир амонат гирифта оварда буд, ки ӯ ҷавони 15—16-солаи мадрасанодидае буд. (Ҳоло раиси кӯмитаи инқилобии маркази Бухорост). Аз Истанбул барин як ҷои дур чунин як маҷмӯаи бо нақли

[1] *«Шӯро»* — журнали илмию адабӣ, ки дар Уфа нашр мешуд.
[2] *«Вақт»* — газетаи ҳаррӯза, ки дар Оренбург нашр мешуд.

оят ва ҳадисҳо таълиф ёфтаро оваронда мутолиа кардани як ҷавоҷи мадраса нахонда барои мо барин талабаҳои мадраса боиси басо ҳайрат ва тааҷҷуб буд. Акнун мо ба ҳамватанони худ бо чашми дигар ва бо дили пурумед нигаҳ мекардагӣ шудем ва умеди худро бештар ба муллоёни мадрасаҳо не, балки ба ҷавонон, ки мағзашон бо сафсатта ва хурофот пур ва вайрон нашудааст ва аз хонадонҳои авом баромадаанд, бастем.

Бародари Абдураҳмон Саидӣ — Карим вақти баргаштанаш аз Хева як-ду моҳ дар Бухоро таваққуф карда, ба воситаи бародараш бо мо шинос шуда, як қадар ёрии маънавӣ дод.

Ҳамин сол Муҳаммад Нақиб — писари Эшмуҳаммад-муллои мутаассиби машҳури Тунторӣ барои таҳсили илм ба Бухоро омада, дар мадрасаи Кӯкалтош дар ҳамсоягии ҳуҷраи ман ҷой гирифт. Нақиб мустаид, маълумотдор ва бар хилофи падараш ҷавони кушодафикре буд. Мо аз ӯ маълумоти зиёде гирифтем ва аз низоъҳои ҷадид ва қадим ва аз сабабҳои он вуқуф пайдо кардем.

Муҳаммад Нақиб ин низоъҳоро ба мо нақл карда, лузуми дар Бухоро хеле бо эҳтиёт кор карданро тавсия мекард.

## Низоъи ҷадиду қадим дар байни мусулмонони Русия

Пеш аз навиштани низоъҳои ҷадиду қадим дар Бухоро дар бораи низоъҳо дар байни мусулмонони Русия дар ин масъала ва сабабҳои он навиштан лозим аст. Лекин, чун мақсади аслии мо баёни воқеаҳои Бухорост, воқеаҳои Русияро мухтасар, ба тарзи муқаддимае ба мақсади аслӣ менависем.

Аз бозе, ки дар байни мусулмонони Русия гапиислоҳоти илмӣ ва мактаб баромад, ҷанҷолҳои ҷадиду қадим низ пайдо шуд. Вақте ки шумораи мактабҳои нав афзуда, онҳо дар тамоми Русия паҳн шуданд, ин ҷанҷол ҳам тамоми Русияро фаро гирифт.

Соли 1908 дар ҳама гӯшаҳои мусулмоннишини Русия мактабҳои усули нав кушода шуда буданд. Усули таълим низ як қадар ислоҳ шуда, дар байни онҳо мадрасаҳои Ҳусайния, Муҳаммадия, Бубӣ ва Олияи диния шӯҳрат пайдо карда буданд. Уламои мутаассиб ва манфиатпараст ва як қисм халқи авоми пайрави онҳо ҳар рӯз ғавғое мебардоштанд.

Сабаб ва боиси ин ҷанҷол ва ғавғоҳо мухтасаран ин буд:

Бо ривоч ёфтани мактабу мадрасаҳои нав ихлоси мардум аз мактабу мадрасаҳои кӯҳна торафт кам шудан гирифт ва онҳо закоту садақаҳои худро ба мактабҳои нав ва ба ҷамъиятҳои хайрияи нав доданд.

Ташвиқоти ислоҳотпарастон ва тараққипарварон дар газетаҳо ва ба таври забонӣ дар маҷлисҳо таъсири хубе мебахшид, чунки нафъи мактабҳои нав — дар фурсати кам нафъи зиёд додан — маълум ва ба чашми ҳама намоён буд.

Аммо як қисм уламои мутаассиб ва манфиатпараст аз дилсӯзӣ ба мадохили моддие аз қабили закот ва садақот, ки аз дасташон мерафт ва аз кам шуда истодани шарафу эътибори худ дар байни халқ бо ҳама роҳҳо ба ин навигариҳо муқобилат мекарданд.

Ин уламо дар муддати асрҳо авомро бо номи шариат ба зери юғ гирифта, молу давлати худро ба афроди оилаашон бахшида, худро дар зоҳири шариат мискину фақир нишон дода, закот ва садақаҳоро ҳаққи худ мешумурданд. Бинобар ин бо ташвиқоти якчанд риштарошидагон дар вақти зиндагии худ ба аз дасташон рафтани ин давлат ҳаргиз розӣ шуда наметавонистанд, лекин аз ошкор кардани мақсади ҳақиқии худ ҳам оҷиз буданд, дар сурати фош шудани мақсади ҳақиқиашон, албатта, касе ба гапашон гӯш намекард.

Бинобар ин ба даъвоҳои моддӣ ва иқтисодии худ ранги динӣ дода, аз номи шариату дин ба майдон баромаданд ва чӣ тӯҳмат ва ифтироҳое, ки ба ҷавонон ва ба мактабҳои нав накарданд. Ба ҳаром будани мактабҳои нав иборахои арабӣ ёфта фатвоҳо навиштанд. Мисдоқи Даҷҷол ва амсоли он чизҳо, ки дар китобҳои ахбор навишта шудаанд, ҳамин ҷавонон мебошанд, гуфта ба авом талқин мекарданд.

Авоми маҳрум аз муҳокима бо иғвои муллоҳо ба мактабҳо ҳуҷум карда, лавҳа ва курсиҳоро шикаста, муаллимҳоро зада, аз мактаб мерониданд.

Уламои манфиатпараст бо муқобилати худ фақат аз номи дин қонеъ нашуданд. Аз ниятҳои бади ҳукумати мустабид истифода бурда, ба ҷавонхо аз ҷиҳати сиёсат ҳам фишор овардан гирифтанд.

Шӯришҳои инқилобие, ки дар натиҷаи ҷанг бо Япония сар зада буданд, дар солҳои 1908 бо фишори ҳукумат фурӯ нишонда шуда, арбоби истибдод барои саркӯбии инқилобчиён, хусусан миллатҳои ғайри рус ҳар гуна чораву роҳҳо омода карда буданд.

Уламои манфиатпараст аз ин ҳол истифода бурда, ба си-

оят [хабаркашӣ] сар карданд, ҷамъиятҳои хайрияро ҷамъиятҳои сиёсӣ, тараққипарваронро муттаҳамони сиёсӣ номида, ба ҳукумат навиштанд. «Инҳо газетаҳои Туркияро мехонанд, бо арбобони сиёсии Туркия муносибати махфӣ доранд» гуфта хабаркашиҳо карданд.

Ҳукумати истибдодӣ, ки барои нест кардани ҳаракатҳои бедории мусулмонон баҳона мекофт, бо иғвои муллоҳо тараққипарваронро зери назорат мегирифт, ҳабс мекард, мактабҳо ва ҷамъиятҳои хайрияро мебаст, муаллим ва муҳарриронро ҳабс ё бадарға мекард (Балвое, ки ба сари махдумони Бубӣ ва мадрасаи Бубӣ омад, яке аз ин фитнаҳо буд).

Дар замоне ки мусулмонони Русия дар чунин аҳвол буданд, дар Бухоро низ масъалаи мактаб бархост.

Мо ислоҳотчиёни Бухоро аз рӯи хулуси нияти худ хаёл мекардем, ки дар масъалаи ислоҳи мактабҳо ва ҷорӣ кардани ислоҳи тарзи таълим аз тарафи мусулмонон муқобилате на хоҳад шуд. Мо мегуфтем: «ниятамон хайр аст, ислоҳи мактабҳо ба ғайр аз нафъ ба чизи дигаре сабаб намешавад. Бинобар ин ҳар як мусулмон, хусусан синфи уламо ин мактаби намунаро, ки бо нияти хайр кушодаем, албатта такдир ва таҳсин мекунанд ва ба зиёд шудани онҳо ёрӣ мерасонанд. Ҳукуматамон ҳукумати худи мо — мусулмонҳост. Бинобар ин ба коре, ки мувофиқи шариат барои нафъи фуқарои мусулмони худаш карда мешавад, муқобилат нахоҳад кард». Лекин, ҳайфо, ки таърих аз такрори вуқӯот иборат аст. Он ғаразҳои шахсӣ ва манфиатпарастиҳо, ки дар Русия боиси низоъи ҷадиду қадим шуда буданд, дар Бухоро низ бо зиёдат вуҷуд доштанд. Ба замми ин мардуми Бухоро нисбат ба мусулмонони Русия авомтар ва ғофилтар буданд. Ҳукумати Бухоро бошад, хобгоҳи дар усули қуруни вустоӣ сохташудаи як ҷамоаи нодон ва ваҳшӣ буд. Қатъи назар аз ҳамаи инҳо муқобилат ба ҳар як навигарӣ як ҳолати барои инсон табиие мебошад.

Бо ҳамин мулоҳизаҳо ақл ва мантиқ ба монеаҳои зиёд дучор шудан ва ба муҷодила ва ба муборизаҳои зиёд маҷбур гардидани мо ҳукм мекард. Ба ҳамин тариқ ба зиммаи мо вазифаҳои вазнин бор шуда буд.

Ба мо лозим буд, ки оҳиста-оҳиста чигунагии мактаби навро ба мардум фаҳмонда, ба тадриҷ талаба ғундорем, бо арбоби ҳукумат рафтуой карда, ба қадри имкон муҳаббати онҳоро ба мактаб ҷалб намоем, ба маҷлисҳои уламо рафта, аз дарсҳои динӣ ва дуньявӣ, ки дар мактаб таълим дода мешаванд, онҳоро огоҳонида, пеши ҳар навъ иғво ва каҷфаҳмиҳоро

гирем, касонеро, ки бо инод ва дағалӣ муқобилат мекунанд, бо нармӣ ва хушрафторӣ ором кунем.

Дар ҳақиқат ин вазифа аз қуввати мо хориҷ буд. Ин коре буд, ки на чор нафар, балки садҳо корманди фаъол низ аз ӯҳдаи он баромада наметавонистанд. Вале мо ҳар чи бодо бод, таваккалан, ба кор сар кардем, зеро барои умри дар ғафлат гузаштаамон худро маъзур донем ҳам, ҳоло ки андаке бедор шудаем, «ба ман чӣ?» гуфта хобиданро виҷдонамон раво намедид.

Хулосаи калом, ба қадри иқтидор ба кор давом кардем. Мактаб ҳам оҳиста-оҳиста дар байни мардум шӯҳрат пайдо кардан гирифт. Падароне, ки фарзандонашон чанд сол дар мактаби кӯҳна хонда, соҳиби хату савод нашуда ё аз мактаби кӯҳна дилмонда шуда буданд, маълумоти дар ду моҳ ба даст овардаи шогирдони мактаби моро дида, бо камоли ихлос ва иштиёқ фарзандонашонро ба мактаби мо меоварданд.

## Оғози фитна

Дар фасли баҳор дар мактаби тоторҳо имтиҳони умумӣ шуд. Мо ҳам чанд шогирди мактабамонро ҳамроҳи худ ба он ҷо бурдем.

Маҷлиси имтиҳон осуда гузашт. Ба ин муносибат мо бо тарафдорони мактаби нави шаҳрамон шинос шудем. Онҳо дар Бухоро аз тарафи бухороиён кушода шудани мактаби навро фаҳмида хеле хурсанд шуданд. Аз ҳамин рӯз сар карда, мактаби мо шӯҳрат пайдо кард. Ҳар рӯз талабаҳои нав омадан гирифтанд. Бо шӯҳрати мактаб ва рағбати мардум ба он аксулҳаракат ҳам намоён шудан гирифт.

Аз муллоҳо касе, ки пеш аз ҳама ба мактаби мо муқобил баромад, мударрис мулло Қамари[1] қазонӣ буд. Мулло Қамар одами табиатан фасодпеша, фитнагар, ҷоҳпараст ва мансабдӯсте буд. Ба замми ин бо шӯъбаи махфии намояндаи сиёсии давлати мустабиддаи рус дар Бухоро низ вобастагӣ ва алоқа дошт.

Мулло Қамар, ки марди риёкор, тамаллукгӯй буда, ба ҳар

[1] *Мударрис мулло Қамар* — аслан аз тоторони Қазон буда, дар Бухоро иқомат дошт ва як давра ба тамоми фитнаҳо ба муқобили маорифпарварон сардорӣ ва раҳнамоӣ мекард.

маҷлиси авом ва уламо ба осонӣ роҳ меёфт, чи дар маҷлиси авом ва чи уламо аз мактаб гап сар карда, ба ифтирову тӯҳмат сар мекард.

Бинобар хабардориаш аз газета ва матбуот аз низоъҳои ҷадиду қадим хабардор буд. Ба замми ин бо мутаассиби машҳур Эшмуҳаммад-муллои Тунтарӣ ошно буда, дар муқобили мактаби нав гӯё дар Бухоро вакили ӯ шуда, кор мебурд.

Эшмуҳаммад-мулло даста-даста аз китобҳои худашро ба ӯ мефиристод ва мулло Қамар онҳоро ба бағалаш андохта, дар ба дар давида, хонда, тарҷума карда мефаҳмонд.

Мо аз ин воқеаҳо хеле дар тарс будем. Бо ҳар муллое, ки мулло Қамар гап зада бошад, мо ҳам роҳе ёфта, бо вай сӯҳбат карда ба каҷфаҳмӣ роҳ намедодем. Баъзе муллоҳои ҷавон ва мустаидтарро ба мактаб оварда, китобҳо, ҷадвалҳои дарсро нишон ва аз бартариҳои мактаб маълумот дода барои муқобилат ба овозаҳои бади мулло Қамар қуввае тайёр мекардем.

Азбаски ихтилофу низоъ ҳанӯз чандон калон набуд, ин ташаббусҳои ҷузъии мо фитнаро каму беш фурӯ менишонд.

Рӯзе ба хонаи устодамон домулло ҳоҷӣ Икром рафта будам. Домулло гуфтанд:

— Шунидам, ки Мирзо Абдулвоҳид мактабдорӣ мекунад, сабаби ин чист? Ӯ марди фозиле буд, мактабдорӣ ба вай намезебад. (Дар Бухоро мактабро ба андозае кори беаҳамият медонистанд, ки ба одамони фозил ин корро муносиб намедиданд. Одами бесавод ва аҳмақ мактабдор мешавад, аммо касе, ки фазл дорад, ақаллан зуввор ё ки салавотхон шуданаш лозим аст).

Ман:— Мирзо Абдулвоҳид мактабдор шуд, мактаби вай мисли мактабҳои муқаррарӣ набуда, балки...—гӯён аз бартариҳои мактаби нав каме гап задам.

Чун домулло муллои мунсиф ва ҳаққонӣ буд, гуфт:

— Писарам Абдураҳмон мактаби кӯҳнаро тамом карда, ба дарсхонӣ гузашт, лекин аз хат, ҳисоб ва қуръонхонӣ маҳрум аст. Ин тавр бошад, Абдураҳмонро ба он мактаб бар. Шояд дар рӯзҳои тобистон, дар вақтҳои бекорӣ хонда чизе ёд мегирад.

Абдураҳмон ин таклифҳои домуллоро қабул накард. Ман ӯро бо тадбир ва фиреб ба мактаб бурдам. Бо дидани мактаб ва талабаҳо ин ҷавони мустаид ба мактаб муҳаббат пайдо кард. Дар андак муддат маълумоти яксолаи ҷадвали дарсро аз худ намуд (Абдураҳмон рафта-рафта тараққипарвари муфрит [гузаро] ва муҳаррири қаламаш буррандае гардид. На-

гирем, касонеро, ки бо инод ва дағалӣ муқобилат мекунанд, бо нармӣ ва хушрафторӣ ором кунем.

Дар ҳақиқат ин вазифа аз қуввати мо хориҷ буд. Ин коре буд, ки на чор нафар, балки садҳо корманди фаъол низ аз ӯҳдаи он баромада наметавонистанд. Вале мо ҳар чи бодо бод, таваккалан, ба кор сар кардем, зеро барои умри дар ғафлат гузаштаамон худро маъзур донем ҳам, ҳоло ки андаке бедор шудаем, «ба ман чӣ?» гуфта хобиданро виҷдонамон раво намедид.

Хулосаи калом, ба қадри иқтидор ба кор давом кардем. Мактаб ҳам оҳиста-оҳиста дар байни мардум шӯҳрат пайдо кардан гирифт. Падароне, ки фарзандонашон чанд сол дар мактаби кӯҳна хонда, соҳиби хату савод нашуда ё аз мактаби кӯҳна дилмонда шуда буданд, маълумоти дар ду моҳ ба даст овардаи шогирдони мактаби моро дида, бо камоли ихлос ва иштиёқ фарзандонашонро ба мактаби мо меоварданд.

## Оғози фитна

Дар фасли баҳор дар мактаби тоторҳо имтиҳони умумӣ шуд. Мо ҳам чанд шогирди мактабамонро ҳамроҳи худ ба он ҷо бурдем.

Маҷлиси имтиҳон осуда гузашт. Ба ин муносибат мо бо тарафдорони мактаби нави шаҳрамон шинос шудем. Онҳо дар Бухоро аз тарафи бухороиён кушода шудани мактаби навро фаҳмида хеле хурсанд шуданд. Аз ҳамин рӯз сар карда, мактаби мо шӯҳрат пайдо кард. Ҳар рӯз талабаҳои нав омадан гирифтанд. Бо шӯҳрати мактаб ва рағбати мардум ба он аксулҳаракат ҳам намоён шудан гирифт.

Аз муллоҳо касе, ки пеш аз ҳама ба мактаби мо муқобил баромад, мударрис мулло Қамари[1] қазонӣ буд. Мулло Қамар одами табиатан фасодпеша, фитнагар, ҷоҳпараст ва мансабдӯсте буд. Ба замми ин бо шӯъбаи махфии намояндаи сиёсии давлати мустабиддаи рус дар Бухоро низ вобастагӣ ва алоқа дошт.

Мулло Қамар, ки марди риёкор, тамаллуқгӯй буда, ба ҳар

---

[1] *Мударрис мулло Қамар* — аслан аз тоторони Қазон буда, дар Бухоро иқомат дошт ва як давра ба тамоми фитнаҳо ба муқобили маорифпарварон сардорӣ ва раҳнамоӣ мекард.

маҷлиси авом ва уламо ба осонӣ роҳ меёфт, чи дар маҷлиси авом ва чи уламо аз мактаб гап сар карда, ба ифтирову тӯҳмат сар мекард.

Бинобар хабардориаш аз газета ва матбуот аз низоъҳои ҷадиду қадим хабардор буд. Ба замми ин бо мутаассиби машҳур Эшмуҳаммад-муллои Тунтарӣ ошно буда, дар муқобили мактаби нав гӯё дар Бухоро вакили ӯ шуда, кор мебурд.

Эшмуҳаммад-мулло даста-даста аз китобҳои худашро ба ӯ мефиристод ва мулло Қамар онҳоро ба бағалаш андохта, дар ба дар давида, хонда, тарҷума карда мефаҳмонд.

Мо аз ин воқеаҳо хеле дар тарс будем. Бо ҳар муллое, ки мулло Қамар гап зада бошад, мо ҳам роҳе ёфта, бо вай сӯҳбат карда ба каҷфаҳмӣ роҳ намедодем. Баъзе муллоҳои ҷавон ва мустаидтарро ба мактаб оварда, китобҳо, ҷадвалҳои дарсро нишон ва аз бартариҳои мактаб маълумот дода барои муқобилат ба овозаҳои бади мулло Қамар қуввае тайёр мекардем.

Азбаски ихтилофу низоъ ҳанӯз чандон калон набуд, ин ташаббусҳои ҷузъии мо фитнаро каму беш фурӯ менишонд.

Рӯзе ба хонаи устодамон домулло ҳоҷӣ Икром рафта будам. Домулло гуфтанд:

— Шунидам, ки Мирзо Абдулвоҳид мактабдорӣ мекунад, сабаби ин чист? Ӯ марди фозиле буд, мактабдорӣ ба вай намезебад. (Дар Бухоро мактабро ба андозае кори беаҳамият медонистанд, ки ба одамони фозил ин корро муносиб намедиданд. Одами бесавод ва аҳмақ мактабдор мешавад, аммо касе, ки фазл дорад, ақаллан зуввор ё ки салавотхон шуданаш лозим аст).

Ман: — Мирзо Абдулвоҳид мактабдор шуд, мактаби вай мисли мактабҳои муқаррарӣ набуда, балки...— гӯён аз бартариҳои мактаби нав каме гап задам.

Чун домулло муллои мунсиф ва ҳаққонӣ буд, гуфт:

— Писарам Абдураҳмон мактаби кӯҳнаро тамом карда, ба дарсхонӣ гузашт, лекин аз хат, ҳисоб ва қуръонхонӣ маҳрум аст. Ин тавр бошад, Абдураҳмонро ба он мактаб бар. Шояд дар рӯзҳои тобистон, дар вақтҳои бекорӣ хонда чизе ёд мегирад.

Абдураҳмон ин таклифҳои домуллоро қабул накард. Ман ӯро бо тадбир ва фиреб ба мактаб бурдам. Бо дидани мактаб ва талабаҳо ин ҷавони мустаид ба мактаб муҳаббат пайдо кард. Дар андак муддат маълумоти яксолаи ҷадвали дарсро аз худ намуд (Абдураҳмон рафта-рафта тараққипарвари муфрит [гузаро] ва муҳаррири қаламаш буррандае гардид. На-

виштаҳояш бо имзои Муфтизода дар журналҳои «Оина» ва «Ислоҳ» чоп шудааст. Ҳайфо, ки ин бечора соли 1918 дар Ғузор кушта шуд).

Домулло, ки ин истифодаи писаронро дид, Ҳабибулло ном писари калони 32-солаашро ҳам, ки 18 сол хонда, хату савод бароварда натавониста, саҳҳофӣ мекард, ба мактаб фиристод. Ӯ ҳам дар чиҳил рӯз хондану навиштанро омӯхт. Инро дида, домулло Икром яке аз мухлисони самимӣ ва мадҳкунандагони мактаби нав гардид.

(Азбаски дар таърихамон номи домулло Икром бисьёр зикр хоҳад шуд, мо муносибати ӯро ба мактаби нав махсусан қайд кардем).

## Андешаҳо барои таъмини истиқболи мактаб

Ҳамин ки дар мактаб сӣ нафар хонанда ҷамъ шуд, мо дигар талаба қабул накардем. Азбаски аксари хонандагон дар аввали баҳор ба мактаб омада буданд, тобистон таътил накарда, қарор додем, ки баъд аз омӯзиши 5—6-моҳа дониши онҳоро ба халқ манзур намоем.

Лекин чи аз ҷиҳати муаллим ва чи китобҳои дарсӣ мактабамон хеле нуқсон дошт. Барои омода кардани китобҳои дарсӣ дар байни худ ба номи «Ширкати Бухорои шариф» ширкате ташкил кардем.

Аъзоёни ширкат: 1. Ахмадҷон-махдум; 2. Аминҷон-махдум; 3. Усмонхоҷа; 4. Ҳомидхоҷа; 5. Мулло Низоми Собитӣ; 6. Абдураҳмон Саидӣ; 7. Мирзо Абдулқодир; 8. Мирзо Абдулвоҳид; 9. Садриддин Айнӣ. Сармояи ширкат сари касӣ 7-сӯмӣ, Мирзо Абдувоҳид ва Айнӣ 14-сӯмӣ, маҷмӯъ 77 сӯм буд.

Ширкати мо соли 1327 [1908] аввали моҳи рабе-ул-аввал таъсис ёфт ва қарор дода шуд, ки аввал китоби «Тартил-улқуръон»— маҷмӯаи қоидаҳои таҷвид [аз рӯи қоида дуруст хондани қуръон] нашр кунонда шавад.

Абдураҳмони Саидӣ нашри ин китобчаро ба зимма гирифт ва вақти таътил, ки ба Русия мерафт, онро дар Оренбург, дар матбааи газетаи «Вақт» ба нашр супурд. Ин китобча ду ҳазор нусха чоп шуда, ба нашр ва махоричи киро 79 сӯму 67 тин сарф шуд.

Дар ин рӯзҳо чанд нафар аз шогирдони мустаидди мадраса ба атрофи мактаб ҷамъ шуда ба ҳар хизмат омода буданд.

Яке аз инҳо Усмонхоҷа писари Пӯлодхоҷа[1] буд. Бо мақсади ба интизоми ҳақиқӣ даровардани мактаб ва расонидани касони аз кори таълиму тарбия хабардор аз рафиқони кӯҳнаамон Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва ҳамфикри наваамон Усмонхоҷаро ба Боғчасарой ва ба Истанбул фиристоданӣ шудем. Онҳо ягон моҳ дар Боғчасарой истода, бо Исмоилбек Ғаспаринский дар хусуси мактаб сӯҳбат карда, мактабҳои усули савтияи он ҷоро дида, якчанд ҳафта таҷриба омӯхта, баъд ба Истанбул рафта, мактабҳои мунтазами онҳоро дида, доир ба усули таълиму тарбия ва фанҳои дигар китобҳо харида, дар он ҷо ягон се моҳ истода, маълумоташонро такмил дода, ба Бухоро баргашта, ба мактаб хизмат карданашон дар назар гирифта шуда буд.

Бо ҳамин ният онҳо дар моҳҳои май ба роҳ баромаданд. Дар моҳи май дар Самарқанд, дар мактаби Шакурӣ гузаронида шудани имтиҳони умумиро шунида, ману Аҳмадҷон-махдум [Ҳамдӣ] ба он ҷо рафта, даҳ рӯз истода, ба қадри иқтидорамон маълумот ҷамъ карда, ба Бухоро баргаштем ва дастовардҳоямонро дар мактаби худ татбиқ намудем.

Дар рӯзҳои гармтарини тобистон тамоми вазниниҳои кори мактаб ба гардани Мирзо Абдулвоҳид бор шуд. Ман ба касалии ришта ва Аҳмадҷон-махдум ба дарди миён гирифтор гардида, бистарӣ шудем.

Мирзо Абдулвоҳид аз гармии ҳаво ва вазнинии кор ҳафтае 2—3 рӯз хаста шавад ҳам, бо вуҷуди ин кӯшиш мекард, ки кор дар нимароҳ намонад. Ба замми ин бо одамони наздик ба қушбегӣ Остонақул, Насрулло-бӣ ва қозӣ Бақохон вохӯрда, мекӯшид, ки аз суиқасд ба мактаб то ҳадди имкон пешгирӣ кунад.

Мирзо Абдулвоҳид ба ғайри инҳо боз як кори душворро ба зимма гирифт. Барои калонсолон курси шабона кушода, касони бист-сисоларо ҷамъ карда, рӯзе ду-се соат таълим медод. Инҳо бошандагони шаҳр, касоне буданд, ки дар вақташ 8—10 сол дар мактаб хонда оқибат (аз вайронии тартиби таълим) «алиф»-ро аз «бе» фарқ карда натавониста, «аз хату савод насиба надоштаем»— гӯён аз мактаб баромада рафта буданд.

---

[1] *Усмонхоҷа Пӯлодхоҷаев* — дар аввали ҳаракати маорифпарварӣ ва тайёрӣ ба инқилоб яке аз аъзои фаъоли он, баъд аз инқилоб яке аз сардорони ҳукумати инқилобии Бухоро будааст. Баъдҳо ба сифати вакили мухтор барои мубориза бо босмачиён ба Ҳисор ва Душанбе омада, дар ин ҷо хиёнат карда, ба босмачиён пайваст ва ниҳоят ба хориҷа гурехт.

Онҳо дар мактаби нав дар андак муддат савод баровардани писари калонии домулло Икром Ҳабибуллоро дида, аз нав ба хондан дил баста, ба атрофи Мирзо Абдулвоҳид ҷамъ шуданд. Мирзо Абдулвоҳид ҳам бо вуҷуди хастагӣ ва камии вақти худ инҳоро ноумед накард. Дар байни 40—50 рӯз ба онҳо хондан ва навиштанро омӯхт.

Баъд аз ин мардуми Бухоро ба мактаби нав хеле ихлосманд шуданд, ҳатто ба он сеҳр ва эъҷоз барин сифатҳо медоданд (Савод баровардани калонсолон имрӯзҳо кори хеле оддӣ менамояд, лекин дар он замон барои мардуми Бухоро хеле аҷиб буд).

## Назаре ба уламо ва ба арбоби ҳукумати Бухоро

Дар қисми аввали таърихи мо дар бораи уламои Бухоро, ҷадвали дарс ва муносибати уламо бо амирон қадре сухан рафта буд. Ҳоло дар бораи аҳволи уламо дар соли 1908, кӣ будани арбобони бузурги ҳукумат андак гап задан лозим меояд, вагарна мо боис ва сабабҳои ҳақиқии фитнаву фасодҳои он рӯзҳоро дуруст фаҳмида наметавонем.

Дар даврaи салтанати амир Музаффар дарсҳои расмӣ бо шарҳу хошияҳо маҳдуд гардида, аз тафсир ва ҳадис нишоне намонда буд. Одамони ба таври хусусӣ ба фанҳо ва ба илмҳои ҳақиқӣ тахассусьёфта пайдо шаванд ҳам, бо тақозои маслаки худ ва бо олиҳимматии худ ба дари арбоби ҳукумат рафтуомад ва ба амиру вазирҳо риё ва тамаллуқ намекарданд. Табиист, ки шӯҳрат ҳам пайдо накарда, зиндагии гӯшанишинонае гузаронида аз дуньё мерафтанд.

Дар даврaи амир Абдулаҳад кор рафта-рафта ба ҷое расид, ки шарҳҳои расмӣ ҳам аз байн рафт. Аз дебоча ва ҳошияи китобҳои расмӣ порчаҳое ҷамъ карда ба номи «Маҷмӯа» нашр кунонда буданд, ки инро мехонондаанд. Умри 18-20-солаи талаба дар мадраса хондани китобҳои расмӣ дар як тараф истад, ҳатто рӯи онҳоро ҳам надида мегузашт. Кор ҳатто ба дараҷае расида буд, ки аз хондан ва хонондани китобҳои оид ба ибодот ва амалиёти фиқҳи исломӣ[1] низ ор карда [ба худ айб шумурда], касони бо фиқҳ машғулшавандаро «масъалачӣ» номида, бар ӯ механдиданд ва истеҳзо мекарданд. Вале таач-

[1] Қонуншиносии аҳкоми шариати ислом, оид ба тарзи иҷрои ибодат ва амалиёти дигар.

ҷуб дар ин ҷост, ки аз номи масъалаҳое, ки омӯхтанашро ор медонистанд, ба ҳар кор мудохила карда, фатвоҳо медоданд.

Аз уламо онҳое, ки андаке тақводортар буданд, баъди он ки дар Бухоро муфтӣ ё дар ягон вилоят ё туман раис шуданд, «ҷунг» ва «маҳзарот» [маҷмӯаи қонуну ҳукмҳо]-и ба забони форсӣ ҷамъоваришударо аз назар намегузарониданд. Қозиҳо ҳам инро лозим намедонистанд. Аксари муфтӣ ва раисҳо ҳар чиро ки муҳаррирҳо (котибони фатвонавис) навишта биёранд, мӯҳр пахш карда медоданду вассалом.

Дар вақтҳои охир ба ин ҳам эҳтиёҷ намонда буд. Муфтиҳо ба сад-дусад варақ коғази сафед мӯҳр пахш карда медоданд. Муҳаррирҳо ин коғазҳоро гирифта, дар қозихонаҳо мегаштанд ва ба мурофиачиёни фатвоталаб муддаояшонро навишта медоданд.

Инсоф кунед, дар шаҳре, ки ҷадвали дарс ба ин аҳвол, ахлоқи уламо ба ин дараҷа вайрон буда, талабаҳо дар дасти ин уламо тарбия меёфта бошанд ва машғул шудан бо дарсҳои ҳақиқии диниро ор донанд, дар шароите ки аз номи ин қонуни дин, ки онро намедонанд ва аз он ор мекунанд, ба ҳар кор мудохила намоянд, дар шароите, ки мардуми авом ба ин гуна касон ҳамчун соҳиби шариат ва ҳомии дин эътиқод дошта бошад, арбоби ҳукумат ба инҳо ҳомӣ, балки тобеъ бошанд, аҳволи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсии чунин шаҳр дар чӣ аҳвол буда метавонад?

Чи бозиҳое ки аз номи шариат намекарданд!..

Ба гуфтани бехабарии ин гуна касон аз таърихи олам, аз сиёсати дунъё, тадбири манзил[1], тарбияи авлод, аз маданияти ислом ва Аврупо ҳоҷате нест.

Натиҷаи ҳамин бехабариҳо буд, ки дар аҳди амир Музаффар, вақти ҳуҷуми аскари Русия ба Туркистон ҳамин касон боиси бисьёр фоҷеаҳо гардиданд, ба воқеаҳои Хӯқанд, ба сукути Самарқанд инҳо сабаб шуданд.

Амир Музаффар баъд аз оштӣ бо давлати рус барои раҳоӣ аз шарру фитнаи ин гуна касон ба номҳои «салавотхонӣ», «саҳеҳхонӣ»[2] намедонам боз «чиҳохонӣ» қариб дусад маъхаз [ҷои даромад] эҷод карда, инҳоро ба вақф вобаста намуд [яъне аз вақф ба инҳо маблағ таъйин намуд.] Аз касе, ки асари

[1] Қоидаҳои тарзи муошират ва зиндагӣ дар ҷамъият ва тартиботи хонадорӣ.

[2] *«Салавотхонӣ ва саҳеҳхонӣ»* — маблағҳои муайяне, ки амир аз хазинаи давлат барои аз худаш розӣ кунондан ҳар сол ба як гурӯҳ талабагони мадрасаҳо мепардохт.

фитна зоҳир шавад, мансаби ӯро гирифта, аз вақф маҳрум намуда, танбеҳ мекардагӣ шуд.

Амир Музаффар ба ин тадбирҳо шахсан худаш назорат мекард. Ба туфайли ҳамин ҳам мамлакат осуда гардид ва амир аз номи муллоҳо кайф рондан гирифт.

Вале бо зиёд шудани маъхаз [манбаи даромад] ва вақф ҳар ноаҳл ба муфтхӯрӣ роҳ ёфта, интизоми мадраса аз пештара ҳам бадтар шуд.

Дар даври амир Абдулаҳад тамоми корҳо ба қозӣ Бадриддин супурда шуд. Қозӣ Бадриддин марди мизоҷдони амир, дар истибдод беҳамто, дар тадбир бемонанд буд. Ӯ уламоро тамоман сарпаст кард. Кор ба ҷое расид, ки уламо хоҳ ҳақ, хоҳ ноҳақ, дар ҳеҷ кори аз раъй ва савобдиди [маслиҳати] қозӣ Бадриддин берун баромада наметавонист.

Қозӣ Бадриддин як қадар аз матбуот ва адабиёти нав хабардор, бо Исмоилбек [Ғаспаринский] ва Рашид-қозӣ[1] барин касҳо шинос ва марди аз сиёсати дуньё як дараҷа огоҳе буд.

Истибдоди худ ва зулми амирро чунон ки бояд муҳофиза карда истода, ба риоя кардани тарафи матбуот ва газетаҳо низ як дараҷа маҷбурият ҳис мекард.

Барои ҳамин ҳам ба мактаби мулло Ҷӯрабой ва тоторҳо иҷозат дод, бародарзодааш Аминҷон-махдумро ба мактаби Ҷӯрабой ба хондан гузошт. Аз тарси вай уламо ҳам ҳаракате карда наметавонистанд.

Оид ба норозигии амир Абдулаҳад аз адабиёти навро мутолиа кардан, бо мутафаккирони ислом мусоҳиба доштани қозӣ Бадриддин ба дасти мо ҳуҷҷате афтод. Дар ин санад Абдулаҳад қозӣ Бадриддинро барои газетаи «Улфат»-ро хондан ва бо Рашид-қозӣ ошноӣ карданаш бо дастхати худ итоб кардааст.

Қозӣ Бадриддин моҳи рабе-ул-аввали соли 1326 ҳ. [1908 м.] вафот кард. Уламо аз тарси истибдоди вай раҳоӣ ёфта, ба ҳаракатҳои худсарона сар карданд.

Дар Бухоро ба ҷои қозӣ Бадриддин қозӣ Бақохоҷа қозикалон шуд. Азбаски ба ин мансаб нав расида ва аз тадбиру сиёсат бехабар буд, уламоро ба худ итоат кунонида натавонист. Дар ин рӯзҳо писари калони қозӣ Бадриддин — Бурҳониддин дар Бухоро раис буд. Ин одам илм он тараф истад,

---

[1] *Рашид-қозӣ* — яке аз олимони машҳури тотор, Абдурашид Иброҳимов, муҳаррири газетаи «Улфат», ки дар даҳаи аввали асри XX нашр мешуд.

аз ақлу идрок ҳам бенасиб буд. Бо вуҷуди ин дар сояи ҳимояи падараш ба ин мансаб расида буд.

Бурҳониддин дар дараҷаи аввали фитнаангезӣ ва мунофиқӣ меистод. Падараш як қадар аз адабиёти нав хабардор бошад ҳам, ин одам адабиёти нав чисту кӯҳна чист, намедонист. Дар таассуби кӯр-кӯрона ба дараҷае буд, ки агар ӯро мисдоқи муҷассами таассуби ҷоҳилийя биномем, дурӯғ намешавад. Аз корҳои дунё ба ғайри пул ғундоштан, манту хӯрдан ва бо занҳо нишастан чизи дигареро намедонист. Ба ҷоҳу мансаб ба дараҷае ҳарис буд, ки дар ин роҳ ҳама чиз, ҳатто номусу шарафи инсониашро ҳам (агар бошад) ба фидо кардан ҳозир буд.

Баъди мурдани падараш барои ба даст даровардани мансаби қозикалонӣ васила меҷуст. Дар ин бобат ду восита дошт:

1. миллионҳо сарвату сомони аз падараш монда;

2. нону намакхӯрдаи падараш будани тамоми уламо ва аҳли дарбор.

Бурҳониддин бо сарфи пулу мол ва ба воситаи қадрдонҳояш аҳли дарборро ба сӯи худаш ҷалб мекард.

Муллоҳо аз қозӣ Бақохоҷа розӣ набуданд. (Муллоҳои Бухоро аз сидқи дил ва рағбат аз ҳеҷ касе розӣ намешуданд. Агар ба касе итоат кунанд, ин аз тарси аз даст рафтани мансабашон буд. Бинобар ин ба қозӣ Бадриддин маҷбуран итоат карда, ба сабаби тарс надоштанашон ба Бақохоҷа итоат намекарданд).

Бинобар ин Бурҳониддин ба тамаллуқ ва хушомадгӯӣ муллоҳоро ба атрофи худ ҷамъ карда, ба муқобили қозӣ Бақохоҷа ба осонӣ шӯр барангехта тавонист.

Дар расидани Бурҳониддин ба мақсадаш ягона монеъ вазир Остонақул-қушбегӣ буд. Остонақул-қушбегӣ вақти зиндагии қозӣ Бадриддин аз ҷиҳати нуфуз ва эътибор дар корҳои давлатӣ дар дараҷаи дуюм меистод. Аммо баъди марги Бадриддин тамоми корҳои калону хурди ҳукуматӣ ба дасти вай гузашт.

Остонақул ба қозӣ Бақохоҷа ҳомӣ ва ба Бурҳониддин мухолиф буд. Ин ду сабаб дошт: якум, рақобат дар байни ин ду хонадон аз замони қозӣ Бадриддин; дуюм Остонақул ба дасти чун Бурҳониддин муфсид ва нодоне ҳавола кардани корҳои бузургро ба ҳикмати ҳукуматдорӣ мувофиқ намедонист. Чун Остонақул аз монеъҳои пурзӯри сари роҳи пешрафти Бурҳониддин буд, ӯ барои аз миён бардоштани ин монеа мекӯшид.

Дар аҳди қозӣ Бадриддин амир вақти саёҳатҳояш ба Ру-

сия барои дар дарвозаи арк дар паҳлӯи қушбегӣ нишаста арз пурсидан қозии мазкурро таъйин мекард. Аммо баъди вафоти Бадриддин ба ин ҷой ҳокими онвақтаи Шаҳрисабз Мирзо Насруллоро таъйин мекардагӣ шуд.

Мирзо Насрулло ҳарчанд аз рӯи тадбир ба қушбегӣ мухолифат изҳор намекард, вале бо умеди ягон рӯз гирифтани ин мансаб қалбан бо душманони Остонақул ҳамфикр буд.

Хулоса, дар чунин як давра, ки уламо аз истибдоди қозӣ Бадриддин халос шуда дар ҳаракатҳои худсарона озод, қозикалон бо тамаллуқ ва мудоҳина ба уламо саргаранг, Остонақул барои ҳифзи мансаб ва мартабаи худ дар талвоса ва дар роҳи расидан ба мансаби қушбегӣ дар талош, Мирзо Насрулло ва Бурҳониддин ба муқобили қушбегӣ ва қозикалон саргарми барангехтани иғво ва фитнаҳо, амир Абдулаҳад бошад, мамлакат ва давлатро ба дасти ин ду гурӯҳи ба якдигар мухолиф супорида, дар Русия, дар шаҳри Ялта машғули кайфу сафо буд, ки дар Бухоро низоъи ҷадиду қадим бархост.

## Тайёрӣ ба бастани мактаб ва имтиҳон

Чунонки дар боло гуфта шуд, баъд аз сар шудани таътил дар мактаби тоторҳо ҳам дар мактаби Мирзо Абдулвоҳид таҳсил давом мекард ва мулло Қамар ба зарари мактаб воситаҳо омода менамуд.

Ба ин фикри муфсидонаи мулло Қамар пеш аз ҳама раиси Бухоро Бурҳониддин ҳамроҳ шуд, зеро вай шахси аз муҳокима маҳруме буда, бо тассуби ҷоҳилона ба ҳар навӣ муқобилаткунандае буд. Ба замми ин ба муносибати масъалаи мактаб манфиати дигаре низ дар назар дошта мешуд. Ин манфиат иборат буд аз барангехтани афкори умумӣ, хусусан синфи уламо бар зидди қушбегӣ Остонақул.

Остонақули қушбегӣ ба Русия сафарҳо карда, аз мутафаккирони ислом дар хусуси мактаб ва маданият тавсияҳо шунида буд. Бо вуҷуди ин, бинобар номусоид будани муҳит худаш биззот ба ягон кори хуб иқдом карда натавонист. Лекин ба муқобилат кардан ба мактабе, ки аз тарафи халқ ва бо харҷи худи халқ таъсис ёфтааст, виҷдонаш розӣ намешуд. Баръакс вақте ки аз мактаб сухан ба миён меомад, ҳисси ризоии худро маълум карда меистод.

Аз ин сабаб ин фурсат ба хилофкорони Остонақул аз қабили Бурҳониддин фурсати хубе шуд.

Аз ошно ва шариконн Бурҳониддин мулло Абдурасули Закун ва боз мулло Абдурасул ном як мударриси бесавод ба мулло Қамар муовин шуда, ба майдон баромаданд. Ин се нафар аз аҳолӣ онҳоеро, ки ба гуфтаҳояшон гӯш медоданд ва аксари уламоро ба муқобили мактаб шӯрониданд.

Фитнагоҳи инҳо аз уламо хонаи мулло Абдураззоқи муфтӣ ва Ғиёс-махдуми аълам ва аз аҳолӣ хонаи Абдурауфи корвонбошӣ буд.

Ҳар бегоҳ ба назди Бурҳониддин рафта, аз хизмате, ки дар як шабонарӯз кардаанд, маълумот медоданд, маърӯза месупориданд.

Мирзо Насрулло, ки он шабу рӯз дар Бухоро буд, дар масъалаи мактаб на манфӣ, на мусбат чизе намегуфт. Ӯ ба мактаб зид набуд. Остонақули қушбегӣ аз бартариҳои мактаб ҳар қадар огоҳ бошад, ӯ ҳам ба ҳамон андоза хабардор буд. Бо ҳамаи ин ба таври ошкор ба масъала ҳамроҳ нашуда, гӯё «бубинем, чӣ мешавад?» мегуфт.

Аз уламо домулло Икром, ки писаронаш дар мактаби нав мехонданд, ба бартариҳои мактаб як дараҷа вуқуф пайдо карда буд, дар ҳар маҷлис мактаби навро мудофиа мекард.

Мудофиаҳои домулло Икром ба авом як дараҷа таъсири мусбат дошта бошад ҳам, ба уламо таъсире карда наметавонист. Баръакс тарафдории домулло Икром ба барошуфтани муқобилати уламо сабаб мегардид. Муносибат байни муллоҳои калон ва домулло Икром доимо бад буд. Сабабҳои инро дар чанд модда хулоса кардан мумкин аст:

1. Дар байни уламои Бухоро дар маҷлисҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мунозираҳои бемаъно воқеъ мешуд. Домулло Икром бинобар наттоқ ва ҳозирҷавоб буданаш муқобилони худро ба сукут водор мекард. Душманонаш ба орияти мағлубият тоб наоварда, бо таҳқиру бадгӯӣ муқобилат мекарданд. Табиист, ки такрор ва давоми ин ҳолат ба нафрати тарафайн ба ҳамдигар сабаб мегардид.

2. Домулло Икром ба «ишорати саббоба»[1] омил ва ба суннат будани он қоил буд. Вале муллоҳои дигар инро бидъат дониста, ба домулло Икром мухолиф буданд. Хусусан мулло Холмуроди тошкандӣ дар сари ин масъала баҳсро то дастбагиребон расонда буд.

3. Домулло Икром дар масҷидҳо сӯзондани равғани лампа

---

[1] *«Ишораи саббоба»* — яке аз масъалаҳои фурӯии баҳсноки муллоёни мазҳаби тасаннун, ки тафсираш ба мо муяссар нашуд.

сия барои дар дарвозаи арк дар паҳлӯи қушбегӣ нишаста арз пурсидан қозии мазкурро таъйин мекард. Аммо баъди вафоти Бадриддин ба ин ҷой ҳокими онвақтаи Шаҳрисабз Мирзо Насруллоро таъйин мекардагӣ шуд.

Мирзо Насрулло ҳарчанд аз рӯи тадбир ба қушбегӣ мухолифат изҳор намекард, вале бо умеди ягон рӯз гирифтани ин мансаб қалбан бо душманони Остонақул ҳамфикр буд.

Хулоса, дар чунин як давра, ки уламо аз истибдоди қозӣ Бадриддин халос шуда дар ҳаракатҳои худсарона озод, қозикалон бо тамаллуқ ва мудоҳина ба уламо саргаранг, Остонақул барои ҳифзи мансаб ва мартабаи худ дар талвоса ва дар роҳи расидан ба мансаби қушбегӣ дар талош, Мирзо Насрулло ва Бурҳониддин ба муқобили қушбегӣ ва қозикалон саргарми барангехтани иғво ва фитнаҳо, амир Абдулаҳад бошад, мамлакат ва давлатро ба дасти ин ду гурӯҳи ба якдигар мухолиф супорида, дар Русия, дар шаҳри Ялта машғули кайфу сафо буд, ки дар Бухоро низоъи ҷадиду қадим бархост.

## Тайёрӣ ба бастани мактаб ва имтиҳон

Чунонки дар боло гуфта шуд, баъд аз сар шудани таътил дар мактаби тоторҳо ҳам дар мактаби Мирзо Абдулвоҳид таҳсил давом мекард ва мулло Қамар ба зарари мактаб воситаҳо омода менамуд.

Ба ин фикри муфсидонаи мулло Қамар пеш аз ҳама раиси Бухоро Бурҳониддин ҳамроҳ шуд, зеро вай шахси аз муҳокима маҳруме буда, бо тассуби ҷоҳилона ба ҳар навӣ муқобилаткунандае буд. Ба замми ин ба муносибати масъалаи мактаб манфиати дигаре низ дар назар дошта мешуд. Ин манфиат иборат буд аз барангехтани афкори умумӣ, хусусан синфи уламо бар зидди қушбегӣ Остонақул.

Остонақули қушбегӣ ба Русия сафарҳо карда, аз мутафаккирони ислом дар хусуси мактаб ва маданият тавсияҳо шунида буд. Бо вуҷуди ин, бинобар номусоид будани муҳит худаш биззот ба ягон кори хуб иқдом карда натавонист. Лекин ба муқобилат кардан ба мактабе, ки аз тарафи халқ ва бо харҷи худи халқ таъсис ёфтааст, виҷдонаш розӣ намешуд. Баръакс вақте ки аз мактаб сухан ба миён меомад, ҳисси ризоии худро маълум карда меистод.

Аз ин сабаб ин фурсат ба хилофкорони Остонақул аз қабили Бурҳониддин фурсати хубе шуд.

Аз ошно ва шарикони Бурҳониддин мулло Абдурасули Закун ва боз мулло Абдурасул ном як мударриси бесавод ба мулло Қамар муовин шуда, ба майдон баромаданд. Ин се нафар аз аҳолӣ онҳоеро, ки ба гуфтаҳояшон гӯш медоданд ва аксари уламоро ба муқобили мактаб шӯрониданд.

Фитнагоҳи инҳо аз уламо хонаи мулло Абдураззоқи муфтӣ ва Ғиёс-махдуми аълам ва аз аҳолӣ хонаи Абдурауфи корвонбошӣ буд.

Ҳар бегоҳ ба назди Бурҳониддин рафта, аз хизмате, ки дар як шабонарӯз кардаанд, маълумот медоданд, маърӯза месупориданд.

Мирзо Насрулло, ки он шабу рӯз дар Бухоро буд, дар масъалаи мактаб на манфӣ, на мусбат чизе намегуфт. Ӯ ба мактаб зид набуд. Остонақули қушбегӣ аз бартариҳои мактаб ҳар қадар огоҳ бошад, ӯ ҳам ба ҳамон андоза хабардор буд. Бо ҳамаи ин ба таври ошкор ба масъала ҳамроҳ нашуда, гӯё «бубинем, чӣ мешавад?» мегуфт.

Аз уламо домулло Икром, ки писаронаш дар мактаби нав мехонданд, ба бартариҳои мактаб як дарача вуқуф пайдо карда буд, дар ҳар маҷлис мактаби навро мудофиа мекард.

Мудофиаҳои домулло Икром ба авом як дараҷа таъсири мусбат дошта бошад ҳам, ба уламо таъсире карда наметавонист. Баръакс тарафдории домулло Икром ба барошуфтани муқобилати уламо сабаб мегардид. Муносибат байни муллоҳои калон ва домулло Икром доимо бад буд. Сабабҳои инро дар чанд модда хулоса кардан мумкин аст:

1. Дар байни уламои Бухоро дар маҷлисҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мунозираҳои бемаъно воқеъ мешуд. Домулло Икром бинобар наттоқ ва ҳозирҷавоб буданаш муқобилони худро ба сукут водор мекард. Душманонаш ба орияти мағлубият тоб наоварда, бо таҳқиру бадгӯӣ муқобилат мекарданд. Табиист, ки такрор ва давоми ин ҳолат ба нафрати тарафайн ба ҳамдигар сабаб мегардид.

2. Домулло Икром ба «ишорати саббоба»[1] омил ва ба суннат будани он қоил буд. Вале муллоҳои дигар инро бидъат дониста, ба домулло Икром мухолиф буданд. Хусусан мулло Холмуроди тошкандӣ дар сари ин масъала баҳсро то дастбагиребон расонда буд.

3. Домулло Икром дар масҷидхо сӯзондани равғани лампа

---

[1] *«Ишораи саббоба»* — яке аз масъалаҳои фурӯии баҳсноки муллоёни мазҳаби тасаннун, ки тафсираш ба мо муяссар нашуд.

сия барои дар дарвозаи арк дар паҳлӯи қушбегӣ нишаста арз пурсидан қозии мазкурро таъйин мекард. Аммо баъди вафоти Бадриддин ба ин ҷой ҳокими онвақтаи Шаҳрисабз Мирзо Насруллоро таъйин мекардагӣ шуд.

Мирзо Насрулло ҳарчанд аз рӯи тадбир ба қушбегӣ мухолифат изҳор намекард, вале бо умеди ягон рӯз гирифтани ин мансаб қалбан бо душманони Остонақул ҳамфикр буд.

Хулоса, дар чунин як давра, ки уламо аз истибдоди қозӣ Бадриддин халос шуда дар ҳаракатҳои худсарона озод, қозикалон бо тамаллуқ ва мудоҳина ба уламо саргаранг, Остонақул барои ҳифзи мансаб ва мартабаи худ дар талвоса ва дар роҳи расидан ба мансаби қушбегӣ дар талош, Мирзо Насрулло ва Бурҳониддин ба муқобили қушбегӣ ва қозикалон саргарми барангехтани иғво ва фитнаҳо, амир Абдулаҳад бошад, мамлакат ва давлатро ба дасти ин ду гурӯҳи ба якдигар мухолиф супорида, дар Русия, дар шаҳри Ялта машғули кайфу сафо буд, ки дар Бухоро низоъи ҷадиду қадим бархост.

## Тайёрӣ ба бастани мактаб ва имтиҳон

Чунонки дар боло гуфта шуд, баъд аз сар шудани таътил дар мактаби тоторҳо ҳам дар мактаби Мирзо Абдулвоҳид таҳсил давом мекард ва мулло Қамар ба зарари мактаб воситаҳо омода менамуд.

Ба ин фикри муфсидонаи мулло Қамар пеш аз ҳама раиси Бухоро Бурҳониддин ҳамроҳ шуд, зеро вай шахси аз муҳокима маҳруме буда, бо тассуби ҷоҳилона ба ҳар навӣ муқобилаткунандае буд. Ба замми ин ба муносибати масъалаи мактаб манфиати дигаре низ дар назар дошта мешуд. Ин манфиат иборат буд аз барангехтани афкори умумӣ, хусусан синфи уламо бар зидди қушбегӣ Остонақул.

Остонақули қушбегӣ ба Русия сафарҳо карда, аз мутафаккирони ислом дар хусуси мактаб ва маданият тавсияҳо шунида буд. Бо вуҷуди ин, бинобар номусоид будани муҳит худаш биззот ба ягон кори хуб иқдом карда натавонист. Лекин ба муқобилат кардан ба мактабе, ки аз тарафи халқ ва бо харҷи худи халқ таъсис ёфтааст, виҷдонаш розӣ намешуд. Баръакс вақте ки аз мактаб сухан ба миён меомад, ҳисси ризоии худро маълум карда меистод.

Аз ин сабаб ин фурсат ба хилофкорони Остонақул аз қабили Бурҳониддин фурсати хубе шуд.

Аз ошно ва шарикони Бурҳониддин мулло Абдурасули Закун ва боз мулло Абдурасул ном як мударриси бесавод ба мулло Қамар муовин шуда, ба майдон баромаданд. Ин се нафар аз аҳолӣ онҳоеро, ки ба гуфтаҳояшон гӯш медоданд ва аксари уламоро ба муқобили мактаб шӯрониданд.

Фитнагоҳи инҳо аз уламо хонаи мулло Абдураззоқи муфтӣ ва Ғиёс-махдуми аълам ва аз аҳолӣ хонаи Абдурауфи корвонбошӣ буд.

Ҳар бегоҳ ба назди Бурҳониддин рафта, аз хизмате, ки дар як шабонарӯз кардаанд, маълумот медоданд, маърӯза месупориданд.

Мирзо Насрулло, ки он шабу рӯз дар Бухоро буд, дар масъалаи мактаб на манфӣ, на мусбат чизе намегуфт. Ӯ ба мактаб зид набуд. Остонақули қушбегӣ аз бартариҳои мактаб ҳар қадар огоҳ бошад, ӯ ҳам ба ҳамон андоза хабардор буд. Бо ҳамаи ин ба таври ошкор ба масъала ҳамроҳ нашуда, гӯё «бубинем, чӣ мешавад?» мегуфт.

Аз уламо домулло Икром, ки писаронаш дар мактаби нав мехонданд, ба бартариҳои мактаб як дараҷа вуқуф пайдо карда буд, дар ҳар маҷлис мактаби навро мудофиа мекард.

Мудофиаҳои домулло Икром ба авом як дараҷа таъсири мусбат дошта бошад ҳам, ба уламо таъсире карда наметавонист. Баръакс тарафдории домулло Икром ба барошуфтани муқобилати уламо сабаб мегардид. Муносибат байни муллоҳои калон ва домулло Икром доимо бад буд. Сабабҳои инро дар чанд модда хулоса кардан мумкин аст:

1. Дар байни уламои Бухоро дар маҷлисҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мунозираҳои бемаъно воқеъ мешуд. Домулло Икром бинобар натток ва ҳозирҷавоб буданаш муқобилони худро ба сукут водор мекард. Душманонаш ба орияти мағлубият тоб наоварда, бо таҳқиру бадгӯӣ муқобилат мекарданд. Табиист, ки такрор ва давоми ин ҳолат ба нафрати тарафайн ба ҳамдигар сабаб мегардид.

2. Домулло Икром ба «ишорати саббоба»[1] омил ва ба суннат будани он қоил буд. Вале муллоҳои дигар инро бидъат диниста, ба домулло Икром мухолиф буданд. Хусусан мулло Холмуроди тошкандӣ дар сари ин масъала баҳсро то дастбагиребон расонда буд.

3. Домулло Икром дар масҷидҳо сӯзондани равғани лампа

---

[1] *«Ишораи саббоба»* — яке аз масъалаҳои фурӯии баҳсноки муллоёни мазҳаби тасаннун, ки тафсираш ба мо муяссар нашуд.

[каросин]-ро ҷоиз медонист, муллоҳои дигар инро ҳаром мешумурданд.

4. Аксари муфтиҳо «мӯҳри сафед» мекарданд, яъне фатворо нанавишта ба коғази сафед мӯҳр пахш карда, ба котибони фатво мефурӯхтанд. Домулло Икром ин корро мутлақ ҳаром дониста, ин қабил муфтиҳоро сахт танқид мекард.

5. Домулло Икром хариду фурӯши ҳуҷраҳои мадрасаро бинобар вақф буданашон ҳаром медонист, вале муллоҳо худашон ҳамин корро мекарданд.

Бинобар ин муллоҳо ба эътибори аксарият ба домулло Икром мухолиф буданд.

Аз мухолифони дараҷаи аввали домулло Икром — домулло Абдураззоқ ва мулло Холмурод аз қаҳрамонони дараҷаи аввали муқобилони мактаби нав буданд.

Аҳвол, ки ба ин дараҷа расид, барпо кардани имтиҳони шогирдон зарур дониста шуд. Зеро аз рафти воқеаҳо маълум мешуд, ки уламо имрӯз ё фардо ба бастани мактаб муваффақ мешаванд ва дар он сурат чӣ будани мактаб ба мардум маълум нашуда мемонад. Агар имтиҳони умумӣ барпо шавад, дар сурати баста шудани мактаб ҳам дар одамон аз он таассур ва ёди неке монданаш яқин буд.

Бо ҳамин мулоҳизаҳо 20 шаъбони соли 1327 ҳ. [1909] рӯзи душанбе дар мактаби Мирзо Абдулвоҳид маҷлиси имтиҳони кушодаи умумӣ баргузор гардид.

Дар мачлиси имтиҳон падарони хонандагон, баъзе касони кушодафикр (ба воситаи хондани газетаҳо), як қисм одамон, ки маҳз барои тамошо ҷамъ омада буданд, як қисм мударрисҳо, чанд нафар аз одамони қушбегӣ Остонақул, шогирдпешаҳои Мирзо Насрулло ва чанд нафар аз одамони қозикалон ва раис ҳозир буданд. Аз муфтиҳо фақат домулло Икром ҳамчун падари талабаҳо омада буд. Аз Самарқанд муаллим Абдуқодири Шакурӣ ҳам барои иштирок дар маҷлиси имтиҳон омада буд.

Маҷлиси имтиҳон аз пагоҳӣ то бегоҳ давом кард. Аксари одамони ҳангоматалаби Бухоро омада дида рафтанд.

Аксари ҳозирони маҷлис зоҳиран мамнун менамуданд. Як қисм аз ҳозирон аз Қуръон хондан ва аз ҳозирҷавобии бачагон мутаассир шуда мегиристанд.

Баъзе соҳибони ҳамийят дар байни худ маслиҳат карда, масъалаи ёфтани биноu муносиберо барои мактаб ба миён мениҳоданд ва ин корро то иди рамазон амалӣ карданӣ мешуданд.

Муфтӣ домулло Икром ба мударрис ва муллоҳои ҳозир дар маҷлис хитоб карда гуфт:

— Бародарон, дар андак фурсат ин қадар чизҳои даркориро омӯхтани бачагонро бо чашми худ дидем. Ман ин мактабро ба шариат мувофиқ ва ба мусулмонон нофеъ мешуморам. Агар дар назари шумо ягон ҷиҳати нодуруст ва хилофи шаръ бошад, ибо накарда бигӯед, то ки ба маслиҳат ба ислоҳи он бикӯшем.

Муллоёни ҳозир дар маҷлис муттафиқан ба фикри домулло шарик шуданд.

Хулоса, маҷлиси имтиҳон хеле хуб гузашт, саъю кӯшиши муассисони мактаб, хусусан ғайрати чандинмоҳаи Мирзо Абдулвоҳид ва истеъдоди бачагони бухороӣ чунон таъсире бахшид, ки аз ҳамон вақт дар байни мардуми Бухоро фикри инқилоби илмӣ пайдо шуд. Яке аз газетхонони аввалини Бухоро Бӯрибои ҳаштодсола аз таассур гирья кард ва гуфт:

— Ман умед дорам, ки то даҳ сол дар Бухоро инқилоб мешавад. Авлоди ватан аз разолат ва сафолатҳои имрӯза раҳоӣ меёбанд. Афсӯс ки ман он рӯзҳоро нахоҳам дид, лекин шумо ҷавонҳо мебинед. Ҳазор шукр, ки ман оғози корро дидам.

Қиёс ва гумони ин пири равшанзамир дуруст баромад. Расо пас аз даҳ сол дар Бухоро инқилоби бузург ба вуқӯъ пайваст. Вале яке аз қурбониён дар роҳи ин инқилоб писари ҳамин Бӯрибой ҳоҷӣ Мирзо Мустафоқул шуд.

## Аввалин бор баста шудани мактаб

Чунонки дар боло гуфта шуд, касоне, ки мактаб ва маҷлиси имтиҳонро дида буданд, дар ҳама ҷо аз лузуми ривоҷ додани он гап мезаданд ва дар тарафи дигар барои бастани мактаб маҷлисҳо барпо мегардид. Аксари ин маҷлисҳо дар хонаи раис — Бурҳониддин, муфтӣ — Мулло Абдураззоқ ва Ғиёс-махдуми аълам барпо мегардид. Роҳбари ин маҷлисҳо мулло Қамар буда, тақвиятдиҳандагони фикрҳои вай мулло Абдурасули Закун ва мулло Абдурасули мударрис буданд. Мулло Холмуроди тошкандӣ бошад, мисли уштури маст, аз даҳонаш кафк пошида, ба ҳар сӯ давида, ба тарафдорони мактаб «инҳо кофир, инҳо кофир» гуфта дод мезад.

Аз тарафи Ғиёс-махдуми аълам муҳаррири [котиби] вай Нӯъмон-махдум ва аз тарафи раис — Бурҳониддин, мулозимаш мулло Мирзо ҳар бегоҳ ба хонаи Мирзо Насрулло рафта

аз лузуми бастани мактаб гап зада, дар ин бора фикри уламоро баён ва ба қавли уламо ба исботи ҳаром будани он мекӯшиданд.

Дар ҳамин рӯзҳо як рӯзи ҷумъа Бурҳониддин аз рӯи одати муқаррарӣ ба назди қушбегӣ Остонақул рафт. Яке аз умарои фозили Бухоро, дӯстдори адабиёти кӯҳна ва нав миршаби Бухоро Мирзо Саҳбо[1] низ дар он ҷо ҳозир буд. Раис масъалаи мактабро ба миён оварда гуфт:— Ин мактаб бидъат ва ҳаром аст. Бинобар мӯҳтасиби шаръӣ буданам бастани ин мактаб ба зиммаи ман аст. Аммо бинобар ноиби подшоҳ буданатон амр ва иҷозати шумо лозим аст. Аз ин сабаб хоҳишмандам, Шумо ба ман коғази расмие фиристонед, ман ба асоси он мактабро мебандам.

Пеш аз ҷавоб гардонидани қушбегӣ Мирзо Саҳбо ба гап ҳамроҳ шуда ба раис нигариста гуфт:

— Ин мактаб барои фарзандони мусулмон лозим ва нофеъ аст. Бастани ин мактаб хиёнат ба илм ва ҷиноят дар ҳаққи мусулмонбачаҳост. Ман умедворам, ки шумо ба ин кор ҷасорат намекунед.

Раис ба Мирзо Саҳбо гуфт:

— Шумо намедонед, мудохила накунед.

Мирзо Саҳбо гуфт:

— Он чиро, ки ман медонам падари шумо ҳам намедонист. Агарчи шумо аз синфи уламо ва ман сипоҳиям, дар ин бора ман аз шумо донотарам.

Бо таъсири ин муҷодила Бурҳониддини раис ҳар як мӯи сарашро як шамшери инод ва таассуб карда, маҷлисро партофта баромада рафт.

Ба хонааш омада ба назди муллоҳо намояндагони худро фиристода, барои бастани мактаб мадад талабида гуфт:

— Қушбегӣ доимо ба ин мактаб ёрӣ медиҳад. Мактаб бидъат ва қушбегӣ шиа аст. Бинобар ин ба мактаб ривоҷ медиҳад. Агар қушбегӣ дар ин кори худ инод ва исрор намояд, ба мо ҳомиёни суннат бар зидди қушбегӣ ҳаракат кардан лозим аст.

Уламо зотан ба бастани мактаб тайёр шуда буданд. Бо ин иғвои раис хуни таассубашон боз ҳам зиёдтар ба ҷӯш омада, ҷиддитар ба кор даромаданд.

---

[1] *Миршаб Мирзо Саҳбо* — яке аз мансабдорони аморати Бухоро, ки марди кушодафикри навпарасте буда, соли 1918 бо фармони амир кушта шуд.

Мулло Қамар, мулло Холмурод, мулло Абдурасули Закун ва мулло Абдурауфи мударрис аз тарафи уламо вакил шуда, ба назди қушбегӣ рафта бастани мактабро аз вай қатъӣ талаб карданд.

Баъд аз ба ин дараҷа расидани кор ҳам қушбегӣ ба бастани мактаб амр надода, ин корро ба фатвои уламо ҳавола кард ва аз тарафи худ ба назди муфтиҳо одами махсус фиристод. Мулло Қамар бо рафиқони худ ба уламо муроҷиат кард ва дар бораи ҳаром будани мактаби нав ба фатвое, ки хозир карда буданд, мӯҳр пахш кунонда гирифт.

Аз муфтиҳо домулло Икром ба ҳалол будани мактаб фатво навишта мӯҳр зад. Аз муфтиҳо Доньёлхоҷаи судур низ ба ривояти домулло Икром имзо монд. Ду муфтӣ бетараф монданд.

Қушбегӣ ин ду ривоятро гирифта, аз ин ду якеро тарҷеҳ диҳед, гуфта ба қозикалон Бақохоҷа фиристод.

Қозӣ Бақохоҷа барои тарҷеҳ додан ба яке аз ривоятҳо воқиф шудан ба асли масъаларо лозим дониста, китобҳои дарсии мактабро талаб карда гирифт. Муаллим Мирзо Абдулвоҳидро бо чанд нафар аз шогирдонаш ба ҳузур талабида, имтиҳон кард ва дар натиҷаи имтиҳон гуфт:

— Шогирдони мактаби нав чун булбулони боғи ҷаннат буданд. Ман дар ин кор ягон ҷиҳати хилофи шаръ надидам, баръакс ба ҳамин тартиб танзим ёфтани тамоми мактабҳои мусулмонро лозим медонам.

Вақте ки ин ҳукми қозикалон ба раис ва ба уламои дигар маълум шуд, онҳо бо ваҳшонияти тамом ба фитна барангехтан сар карданд, ба муқобили қушбегӣ ва қозикалон маҷлисҳо барпо карданд. Ошкоро мегуфтанд: «Агар ин мактаб баста нашавад, шӯриш мекунем, ба қушбегӣ ва қозикалон хуҷум мекунем, муфтӣ Икромро нобуд мекунем, муаллими мактабро мекушем, хонаи падарони мактабиёнро тороҷ мекунем, онҳоро аз мусулмонӣ хориҷ мекунем»...

Кор, ки ба ин дараҷа расид, қушбегӣ ва қозикалон фармони бастани мактабро мӯҳр ва имзо карданд. 10 моҳи рамазони соли 1327 ҳ. аз тарафи қушбегӣ, қозикалон ва раис маъмурҳо омада, баста шудани мактабро расман ба Мирзо Абдулвоҳид эълон намуданд.

Ҷои уммеди мо муносибати мардум ба ин ҳодиса буд. Баъд аз имтиҳон ва таътили мактаб, вақте ки уламо бозори такфир ва лаънатро тарк карда буд, аҳолӣ омада фарзандонашонро барои хондан қайд мекунонданд. Муаллим: «Баъд аз ин давом кардани мактаб маълум нест» гуфта, талабаҳои навро

аз лузуми бастани мактаб гап зада, дар ин бора фикри уламоро баён ва ба қавли уламо ба исботи ҳаром будани он мекӯшиданд.

Дар ҳамин рӯзҳо як рӯзи ҷумъа Бурҳониддин аз рӯи одати муқаррарӣ ба назди қушбегӣ Остонақул рафт. Яке аз умарои фозили Бухоро, дӯстдори адабиёти кӯҳна ва нав миршаби Бухоро Мирзо Саҳбо[1] низ дар он ҷо ҳозир буд. Раис масъалаи мактабро ба миён оварда гуфт:— Ин мактаб бидъат ва ҳаром аст. Бинобар мӯҳтасиби шаръӣ буданам бастани ин мактаб ба зиммаи ман аст. Аммо бинобар ноиби подшоҳ буданатон амр ва иҷозати шумо лозим аст. Аз ин сабаб хоҳишмандам, Шумо ба ман коғази расмие фиристонед, ман ба асоси он мактабро мебандам.

Пеш аз ҷавоб гардониданн қушбегӣ Мирзо Саҳбо ба гап ҳамроҳ шуда ба раис нигариста гуфт:

— Ин мактаб барои фарзандони мусулмон лозим ва нофеъ аст. Бастани ин мактаб хиёнат ба илм ва ҷиноят дар ҳаққи мусулмонбачаҳост. Ман умедворам, ки шумо ба ин кор ҷасорат намекунед.

Раис ба Мирзо Саҳбо гуфт:

— Шумо намедонед, мудохила накунед.

Мирзо Саҳбо гуфт:

— Он чиро, ки ман медонам падари шумо ҳам намедонист. Агарчи шумо аз синфи уламо ва ман сипоҳиям, дар ин бора ман аз шумо донотарам.

Бо таъсири ин муҷодила Бурҳониддини раис ҳар як мӯи сарашро як шамшери инод ва таассуб карда, маҷлисро партофта баромада рафт.

Ба хонааш омада ба назди муллоҳо намояндагони худро фиристода, барои бастани мактаб мадад талабида гуфт:

— Қушбегӣ доимо ба ин мактаб ёрӣ медиҳад. Мактаб бидъат ва қушбегӣ шиа аст. Бинобар ин ба мактаб ривоҷ медиҳад. Агар қушбегӣ дар ин кори худ инод ва исрор намояд, ба мо ҳомиёни суннат бар зидди қушбегӣ ҳаракат кардан лозим аст.

Уламо зотан ба бастани мактаб тайёр шуда буданд. Бо ин иғвои раис хуни таассубашон боз ҳам зиёдтар ба ҷӯш омада, ҷиддитар ба кор даромаданд.

---

[1] *Миршаб Мирзо Саҳбо* — яке аз мансабдорони аморати Бухоро, ки марди кушодафикри навпарасте буда, соли 1918 бо фармони амир кушта шуд.

Мулло Қамар, мулло Холмурод, мулло Абдурасули Закун ва мулло Абдурауфи мударрис аз тарафи уламо вакил шуда, ба назди қушбегӣ рафта бастани мактабро аз вай қатъӣ талаб карданд.

Баъд аз ба ин дараҷа расидани кор ҳам қушбегӣ ба бастани мактаб амр надода, ин корро ба фатвои уламо ҳавола кард ва аз тарафи худ ба назди муфтиҳо одами махсус фиристод. Мулло Қамар бо рафиқони худ ба уламо мурочиат кард ва дар бораи ҳаром будани мактаби нав ба фатвое, ки ҳозир карда буданд, мӯҳр пахш кунонда гирифт.

Аз муфтиҳо домулло Икром ба ҳалол будани мактаб фатво навишта мӯҳр зад. Аз муфтиҳо Доньёлхоҷаи судур низ ба ривояти домулло Икром имзо монд. Ду муфтӣ бетараф монданд.

Қушбегӣ ин ду ривоятро гирифта, аз ин ду якеро тарҷеҳ диҳед. гуфта ба қозикалон Бақохоҷа фиристод.

Қозӣ Бақохоҷа барои тарҷеҳ додан ба яке аз ривоятҳо воқиф шудан ба асли масъаларо лозим дониста, китобҳои дарсии мактабро талаб карда гирифт. Муаллим Мирзо Абдулвоҳидро бо чанд нафар аз шогирдонаш ба ҳузур талабида, имтиҳон кард ва дар натиҷаи имтиҳон гуфт:

— Шогирдони мактаби нав чун булбулони боғи ҷаннат буданд. Ман дар ин кор ягон ҷиҳати хилофи шаръ надидам, баръакс ба ҳамин тартиб танзим ёфтани тамоми мактабҳои мусулмонро лозим медонам.

Вақте ки ин ҳукми қозикалон ба раис ва ба уламои дигар маълум шуд, онҳо бо ваҳшонияти тамом ба фитна барангехтан сар карданд, ба муқобили қушбегӣ ва қозикалон маҷлисҳо барпо карданд. Ошкоро мегуфтанд: «Агар ин мактаб баста нашавад, шӯриш мекунем, ба қушбегӣ ва қозикалон ҳуҷум мекунем, муфтӣ Икромро нобуд мекунем, муаллими мактабро мекушем, хонаи падарони мактабиёнро тороҷ мекунем, онҳоро аз мусулмонӣ хориҷ мекунем»...

Қор, ки ба ин дараҷа расид, қушбегӣ ва қозикалон фармони бастани мактабро мӯҳр ва имзо карданд. 10 моҳи рамазони соли 1327 ҳ. аз тарафи қушбегӣ, қозикалон ва раис маъмурҳо омада, баста шудани мактабро расман ба Мирзо Абдулвоҳид эълон намуданд.

Ҷои уммеди мо муносибати мардум ба ин ҳодиса буд. Баъд аз имтиҳон ва таътили мактаб, вақте ки уламо бозори такфир ва лаънатро тарк карда буд, аҳолӣ омада фарзандонашонро барои хондан қайд мекунонданд. Муаллим: «Баъд аз ин давом кардани мактаб маълум нест» гуфта, талабаҳои навро

аз лузуми бастани мактаб гап зада, дар ин бора фикри уламоро баён ва ба қавли уламо ба исботи ҳаром будани он мекӯшиданд.

Дар ҳамин рӯзҳо як рӯзи ҷумъа Бурҳониддин аз рӯи одати муқаррарӣ ба назди қушбегӣ Остонақул рафт. Яке аз умарои фозили Бухоро, дӯстдори адабиёти кӯҳна ва нав миршаби Бухоро Мирзо Саҳбо[1] низ дар он ҷо ҳозир буд. Раис масъалаи мактабро ба миён оварда гуфт:— Ин мактаб бидъат ва ҳаром аст. Бинобар мӯҳтасиби шаръӣ буданам бастани ин мактаб ба зиммаи ман аст. Аммо бинобар ноиби подшоҳ буданатон амр ва иҷозати шумо лозим аст. Аз ин сабаб хоҳишмандам, Шумо ба ман коғази расмие фиристонед, ман ба асоси он мактабро мебандам.

Пеш аз ҷавоб гардониданн қушбегӣ Мирзо Саҳбо ба гап ҳамроҳ шуда ба раис нигариста гуфт:

— Ин мактаб барои фарзандони мусулмон лозим ва нофеъ аст. Бастани ин мактаб хиёнат ба илм ва ҷиноят дар ҳаққи мусулмонбачаҳост. Ман умедворам, ки шумо ба ин кор ҷасорат намекунед.

Раис ба Мирзо Саҳбо гуфт:

— Шумо намедонед, мудохила накунед.

Мирзо Саҳбо гуфт:

— Он чиро, ки ман медонам падари шумо ҳам намедонист. Агарчи шумо аз синфи уламо ва ман сипоҳиям, дар ин бора ман аз шумо донотарам.

Бо таъсири ин муҷодила Бурҳониддини раис ҳар як мӯи сарашро як шамшери инод ва таассуб карда, маҷлисро партофта баромада рафт.

Ба хонааш омада ба назди муллоҳо намояндагони худро фиристода, барои бастани мактаб мадад талабида гуфт:

— Қушбегӣ доимо ба ин мактаб ёрӣ медиҳад. Мактаб бидъат ва қушбегӣ шиа аст. Бинобар ин ба мактаб ривоҷ медиҳад. Агар қушбегӣ дар ин кори худ инод ва исрор намояд, ба мо ҳомиёни суннат бар зидди қушбегӣ ҳаракат кардан лозим аст.

Уламо зотан ба бастани мактаб тайёр шуда буданд. Бо ин иғвои раис хуни таассубашон боз ҳам зиёдтар ба ҷӯш омада, ҷиддитар ба кор даромаданд.

---

[1] *Миршаб Мирзо Саҳбо* — яке аз мансабдорони аморати Бухоро, ки марди кушодафикри навпарасте буда, соли 1918 бо фармони амир кушта шуд.

Мулло Қамар, мулло Холмурод, мулло Абдурасули Закун ва мулло Абдурауфи мударрис аз тарафи уламо вакил шуда, ба назди қушбегӣ рафта бастани мактабро аз вай қатъӣ талаб карданд.

Баъд аз ба ин дараҷа расидани кор ҳам қушбегӣ ба бастани мактаб амр надода, ин корро ба фатвои уламо ҳавола кард ва аз тарафи худ ба назди муфтиҳо одами махсус фиристод. Мулло Қамар бо рафиқони худ ба уламо муроҷиат кард ва дар бораи ҳаром будани мактаби нав ба фатвое, ки хозир карда буданд, мӯҳр пахш кунонда гирифт.

Аз муфтиҳо домулло Икром ба ҳалол будани мактаб фатво навишта мӯҳр зад. Аз муфтиҳо Доньёлхоҷаи судур низ ба ривояти домулло Икром имзо монд. Ду муфтӣ бетараф монданд.

Қушбегӣ ин ду ривоятро гирифта, аз ин ду якеро тарҷеҳ диҳед, гуфта ба қозикалон Бақохоҷа фиристод.

Қозӣ Бақохоҷа барои тарҷеҳ додан ба яке аз ривоятҳо воқиф шудан ба асли масъаларо лозим дониста, китобҳои дарсии мактабро талаб карда гирифт. Муаллим Мирзо Абдулвоҳидро бо чанд нафар аз шогирдонаш ба ҳузур талабида, имтиҳон кард ва дар натиҷаи имтиҳон гуфт:

— Шогирдони мактаби нав чун булбулони боғи ҷаннат буданд. Ман дар ин кор ягон ҷиҳати хилофи шаръ надидам, баръакс ба ҳамин тартиб танзим ёфтани тамоми мактабҳои мусулмонро лозим медонам.

Вақте ки ин ҳукми қозикалон ба раис ва ба уламои дигар маълум шуд, онҳо бо ваҳшонияти тамом ба фитна барангехтан сар карданд, ба муқобили қушбегӣ ва қозикалон маҷлисҳо барпо карданд. Ошкоро мегуфтанд: «Агар ин мактаб баста нашавад, шӯриш мекунем, ба қушбегӣ ва қозикалон ҳуҷум мекунем, муфтӣ Икромро нобуд мекунем, муаллими мактабро мекушем, хонаи падарони мактабиёнро тороҷ мекунем, онҳоро аз мусулмонӣ хориҷ мекунем»...

Кор, ки ба ин дараҷа расид, қушбегӣ ва қозикалон фармони бастани мактабро мӯҳр ва имзо карданд. 10 моҳи рамазони соли 1327 ҳ. аз тарафи қушбегӣ, қозикалон ва раис маъмурҳо омада, баста шудани мактабро расман ба Мирзо Абдулвоҳид эълон намуданд.

Ҷои уммеди мо муносибати мардум ба ин ҳодиса буд. Баъд аз имтиҳон ва таътили мактаб, вақте ки уламо бозори такфир ва лаънатро тарк карда буд, аҳолӣ омада фарзандонашонро барои хондан қайд мекунонданд. Муаллим: «Баъд аз ин давом кардани мактаб маълум нест» гуфта, талабаҳои навро

аз лузуми бастани мактаб гап зада, дар ин бора фикри уламоро баён ва ба қавли уламо ба исботи ҳаром будани он мекӯшиданд.

Дар ҳамин рӯзҳо як рӯзи ҷумъа Бурҳониддин аз рӯи одати муқаррарӣ ба назди қушбегӣ Остонақул рафт. Яке аз умарои фозили Бухоро, дӯстдори адабиёти кӯҳна ва нав миршаби Бухоро Мирзо Саҳбо[1] низ дар он ҷо ҳозир буд. Раис масъалаи мактабро ба миён оварда гуфт:— Ин мактаб бидъат ва ҳаром аст. Бинобар мӯҳтасиби шаръӣ буданам бастани ин мактаб ба зиммаи ман аст. Аммо бинобар ноиби подшоҳ буданатон амр ва иҷозати шумо лозим аст. Аз ин сабаб хоҳишмандам, Шумо ба ман коғази расмие фиристонед, ман ба асоси он мактабро мебандам.

Пеш аз ҷавоб гардониданн қушбегӣ Мирзо Саҳбо ба гап ҳамроҳ шуда ба раис нигариста гуфт:

— Ин мактаб барои фарзандони мусулмон лозим ва нофеъ аст. Бастани ин мактаб хиёнат ба илм ва ҷиноят дар ҳаққи мусулмонбачаҳост. Ман умедворам, ки шумо ба ин кор ҷасорат намекунед.

Раис ба Мирзо Саҳбо гуфт:

— Шумо намедонед, мудохила накунед.

Мирзо Саҳбо гуфт:

— Он чиро, ки ман медонам падари шумо ҳам намедонист. Агарчи шумо аз синфи уламо ва ман сипоҳиям, дар ин бора ман аз шумо донотарам.

Бо таъсири ин муҷодила Бурҳониддини раис ҳар як мӯи сарашро як шамшери инод ва таассуб карда, маҷлисро партофта баромада рафт.

Ба хонааш омада ба назди муллоҳо намояндагони худро фиристода, барои бастани мактаб мадад талабида гуфт:

— Қушбегӣ доимо ба ин мактаб ёрӣ медиҳад. Мактаб бидъат ва қушбегӣ шиа аст. Бинобар ин ба мактаб ривоҷ медиҳад. Агар қушбегӣ дар ин кори худ инод ва исрор намояд, ба мо ҳомиёни суннат бар зидди қушбегӣ ҳаракат кардан лозим аст.

Уламо зотан ба бастани мактаб тайёр шуда буданд. Бо ин иғвои раис хуни таассубашон боз ҳам зиёдтар ба ҷӯш омада, ҷиддитар ба кор даромаданд.

---

[1] *Миршаб Мирзо Саҳбо* — яке аз мансабдорони аморати Бухоро, ки марди кушодафикри навпарасте буда, соли 1918 бо фармони амир кушта шуд.

Мулло Қамар, мулло Холмурод, мулло Абдурасули Закун мулло Абдурауфи мударрис аз тарафи уламо вакил шуда, назди қушбегӣ рафта бастани мактабро аз вай қатъӣ та- карданд.

Баъд аз ба ин дараҷа расидани кор ҳам қушбегӣ ба бас- и мактаб амр надода, ин корро ба фатвои уламо ҳавола д ва аз тарафи худ ба назди муфтиҳо одами махсус фирис- . Мулло Қамар бо рафиқони худ ба уламо муроҷиат кард дар бораи ҳаром будани мактаби нав ба фатвое, ки ҳозир да буданд, мӯҳр пахш кунонда гирифт.

Аз муфтиҳо домулло Икром ба ҳалол будани мактаб фат- навишта мӯҳр зад. Аз муфтиҳо Доньёлхоҷаи судур низ ба ояти домулло Икром имзо монд. Ду муфтӣ бетараф монданд. Қушбегӣ ин ду ривоятро гирифта, аз ин ду якеро тарҷеҳ ед, гуфта ба қозикалон Бақохоҷа фиристод.

Қозӣ Бақохоҷа барои тарҷеҳ додан ба яке аз ривоятҳо во- р шудан ба асли масъаларо лозим дониста, китобҳои дар- мактабро талаб карда гирифт. Муаллим Мирзо Абдулво- ҳро бо чанд нафар аз шогирдонаш ба ҳузур талабида, им- он кард ва дар натиҷаи **имтиҳон гуфт:**

— Шогирдони мактаби нав чун булбулони боғи ҷаннат анд. Ман дар ин кор ягон ҷиҳати хилофи шаръ надидам, ъакс ба ҳамин тартиб танзим ёфтани тамоми мактабҳои сулмонро лозим медонам.

Вақте ки ин ҳукми қозикалон ба раис ва ба уламои дигар ълум шуд, онҳо бо ваҳшонияти тамом ба фитна барангеҳ- сар карданд, ба муқобили қушбегӣ ва қозикалон маҷлис- барпо карданд. Ошкоро мегуфтанд: «Агар ин мактаб бас- нашавад, шӯриш мекунем, ба қушбегӣ ва қозикалон ҳуҷум кунем, муфтӣ Икромро нобуд мекунем, муаллими мактабро кушем, хонаи падарони мактабиёнро тороҷ мекунем, онҳоро мусулмонӣ хориҷ мекунем»...

Кор, ки ба ин дараҷа расид, қушбегӣ ва қозикалон фар- ни бастани мактабро мӯҳр ва имзо карданд. 10 моҳи рама- ни соли 1327 ҳ. аз тарафи қушбегӣ, қозикалон ва раис маъ- рҳо омада, баста шудани мактабро расман ба Мирзо Абдул- ҳид эълон намуданд.

Ҷои уммеди мо муносибати мардум ба ин ҳодиса буд. Баъд имтиҳон ва таътили мактаб, вақте ки уламо бозори такфир лаъанатро тарк карда буд, аҳолӣ омада фарзандонашонро рои хондан қайд мекунонданд. Муаллим: «Баъд аз ин да- и кардани мактаб маълум нест» гуфта, талабаҳои навро

расман қабул намекарда бошад ҳам, бар акси такфири уламо, ба мактаб панҷоҳ нафар шогирди нав нависонда шуд. Як чиз боиси таассур ва маъюсии мо мегардид:

Дар мадрасаҳои Бухоро солҳо истиқомат кардем, ба аҳволи талабагони мадраса ва уламо воқиф гардидем. 25 сол умрамон дар байни инҳо гузашта бошад ҳам, ба таъсири муҳит қабоҳати худро нафаҳмидем. Акнун, ки бо сабаби тасодуфе чашмонамон андак кушода шуд, ба умеди талофии нуқсонҳои гузаштаамон мактабе кушодем. Барои ба одоби исломӣ мувофиқ шудани он хеле кӯшидем ва андаке муваффақ ҳам шудем. Падароне, ки барои тарбияти фарзандонашон ҷон меканданд, бо ризои худ ҷигарпораҳояшонро оварда, ба мактаб супориданд.

Чанд нафари фарзанднодида, ё ки ба тарбияи фарзанд бепарво баромада муаллимон ва падарони бачагонро такфиру лаънат карданд. Мактабиёнро «кофирбача» гуфта, дашном доданд. Чун суханашон таъсире накард, бо қатлу ғорат тарсониданд. Ҳамаи ин корҳоро аз номи шариат мекарданд. Ҳол он ки ин қаҳрамонони шариат (?) ягон бор ҳам ба кору рафтори худашон, ба ҳаёти мадраса аз ном ва назари шариат нигоҳ намекунанд.

Ин шариатмадорҳо (?) ҳатто пирони мафлуки ҳафтодсолаашон ҳам, бо вайрон кардани ахлоқи фарзандони халқ машғул буданд. Аз ин рафтору кирдори худ шарм накарда, кӯдаконеро, ки ба умеди тарбият гирифтан ба мактаб омадаанд, гӯё халос кардан мехоҳанд. Ҳол он ки фарзандони халқ он сӯ истад, аз бадахлоқӣ ва ба разолат гирифтор шудани фарзандони худашон низ инҳо заррае бок надоранд.

Тааҷҷуб дар ин ҷост, ки аксари ин зотҳо касоне мебошанд, ки аз шаҳрҳои дигар, дар ҳолати софдилонае омада, бо нону оши халқи маҳаллӣ тарбият ёфтаанд.

Аҷаб мукофоте ба ҷои шукронаи неъмат!!!

Касе ёфт нашуд, ки ба муқобили ин гурӯҳи бадкор баромада, ба овози баланд ҳуқуқи худро мудофиа карда тавонад!

Оё барои як миллат аз ин зиёдтар ҳорию забунӣ мешавад?!.

## Фатво ва мунозираҳо дар бораи мактаб

Уламои Бухоро ба муқобили мактаби усули нав (ҷадида), дар бораи ҳаром будани он фатво навишта, ба қувваи он фатво такья карда, ба бастани мактаб муваффақ шуданд. Лекин ба чӣ сабаб бошад, мазмуни фатворо хеле махфӣ ни-

гоҳ медоштанд. Тарафдорони мактаб ҳар қадар кӯшида бошанд ҳам, нусхаи фатворо ба даст даровaрда натавонистанд.

Бино ба шуниди мо аз манбаъҳои боварибахш дар коғази фатво баъд аз ҷумлаи «бар тақдири он ки...» дар ҳаққи мактаб бӯҳтон ва ифтироҳои бисьёреро навишта, дар ҷавоб «ҳаром ва бидъат бошад» навишта ва мӯҳр зер карданд. Дар ҳошияи коғаз гӯё ба тарзи далел дар таҳти унвони «қола соҳибу машвеҳ аш-шайх Абдунақиб ал-Тунторӣ» аз таърифоти Эшмуҳаммад — муллои Тунторӣ якчанд сатр сафсата ба ибораи арабӣ навишта шуда будааст... (Муҳаммаднақиб писари Эшмуҳаммад ва аз дӯстони мо буд. Абунақиб худи Эшмуҳаммад мебошад).

Уламои Бухоро чӣ қадар ваҳшоният карда, тарафдорони мактабро такфир, талъин ва бо қатл таҳдид мекарда бошанд ҳам, на дар ягон маҷлиси хусусӣ ё умумӣ рӯйрост баромада мунозира накардаанд. Фақат бо домулло Икром ду мунозира, бо худи ман як мусоҳиба ва бо мулло Низоми Собитӣ як муҷодала шуд, ки ба таври хулоса баён кардани онҳо аз фоида холӣ нест.

Рӯзе муфтӣ домулло Икром ба хонаи Ғиёс-махдуми аълам рафта, аз бобати мактаб гап кушода мегӯяд:

— Ман дар бораи мактаби нав як дараҷа вуқуф пайдо кардам ва ин мактабро ба одоби исломӣ мувофиқ дидам. Ҷаноби шумо ин мактабро надидаед, фитнагарҳо ба шумо гапҳои дурӯғро гуфтаанд ва шумо ба гуфтаҳои онҳо бовар кардаед. Шумо дар мавқеи олии дараҷаи илмӣ нишастаед. Худатон шахсан таҳқиқ накарда, ба гуфтаи касон бовар карда, ба ҳаром будани чизе фатво додан ба шаън ва мавқеи шумо муносиб нест.

Аълам дар ҷавоб: — Ҳоло мувофиқи шаръ бошад ҳам, рафта-рафта бар хилофи шаръ мунҷар мешавад.

Домулло: — Ба гуноҳе, ки ба амал наомадааст, албатта ҷазо дода намешавад. Бинобар ин вақти хилофи шаръ шуданаш ҳаром гуфта фатво додан муносиб менамояд.

Аълам: — Ҳоло ҳам дар ин мактаб чанд қабоҳат ва бадӣ ҳаст, ки ба шумо маълум намебошад.

Домулло: — Шумо марҳамат карда, бадиҳои ҳозираашро гӯед, то ки ман ҳам мутанаббеҳ шуда, худро аз ин кор дур гирам.

Аълам: — Яке аз фасодҳои ин мактаб дар ин аст, ки агар дар ягон маҷлис яке аз шогирдони мактаби нав Қуръон хонад, баъд дар ин маҷлис, масалан, мулло Файзии муфтӣ ҳам Қуръ-

он хонад, муфтӣ дар назари халқ ва шогирдони мактаб масхара намешавад-мӣ? (Мулло Файзӣ аз бесаводтарин муфтиҳои он замон буд). Дар ин хел маҷлисҳо ба муллоёне, ки ба Қуръону таҷвид ё ки ба ҳисобу хатту имло аҳамият надодаанд, ҳама бо назари эътибори кам менигаранд ва ба онҳо чӣ обрӯю шараф мемонад?

Инак далели ҳақиқӣ!

**Маҷлиси дуюм...**

Рӯзе дар пеши дарвозаи хонақоҳи Девонбегӣ барои маросими ҷанозае қозикалон, аълам, раис, охунд ва тамоми муфтиҳо менишастанд. Гап аз мактаб баромада, дар байни уламо ва домулло Икром мунозара воқеъ шуд. Вақте ки уламо бо далелҳои ақлӣ ва нақлӣ аз исботи ҳаром будани мактаб оҷиз шуданд, яке аз онҳо гуфт:

— Ин мактаб ба фитна сабаб аст ва ҳар чизе, ки сабаби фитна бошад, ҳаром аст.

Домулло: — Мактаб ба чӣ гуна фитна сабаб мешудааст?

Аълам: — Ана, ин мунозираи мову шумо фитнаи мактаб аст.

Домулло: — Ин фитнаро мову шумо ангехтаем, на мактаб, мактаб.

Ба ҷавобҳои домулло Икром гап ёфта натавониста, маҷлисро бо таҳқиру бадгӯӣ қатъ карданд.

**Муҷодилаи мулло Низоми Собитӣ.**

Мулло Низоми бечора марди содалавҳе буд. Ӯ гумон мекард, ки уламои Бухоро чӣ будани мактабро намедонанд, агар ягон кас рафта ба онҳо фаҳмонад, ҳатман ба мактаб иҷозат медиҳанд.

Мулло Низом рӯзе бо ҳамин эътиқод ба хонаи яке аз муфтиёни калони Бухоро — мулло Абдуразоқ меравад, аз мактаб гап кушода, дар бораи дарсҳои динӣе, ки дар мактаб хононда мешаванд, ботафсил гап сар мекунад.

Ҳанӯз мулло Низом суханашро тамом накарда, мулло Абдуразоқ ба шогирдони дар он ҷо будаи худ: «Зада баред ин малъунро!» гуфта фармон медиҳад ва шогирдони ваҳшӣ мулло Низоми бечораро зада-зада меронанд.

**Мусоҳибаи худам.**

Муллои бонуфузи дараҷаи аввали Бухоро Ғиёс-махдуми аълам буд. Ин одам бинобар аълам буданаш расман ҳам аз ҷамеи муфтиҳо калонтар ба ҳисоб мерафт.

Ман аз рӯзҳои аввали кушода шудани мактаб ҳафтае як ё ду бор ба хонаи вай рафта, дар ҳар мавриди муносиб аз

муҳассаноти мактаби нав гап мезадам. Ӯ ҳам мисли ин ки гапамро қабул кардааст, аз мактаб мамнун барин менамуд.

Дар рӯзҳои ба шӯр омадани масъалаи мактаб боз як рӯз ба хонаи он кас рафтам. Аз даркории мактаб гап кушода, дар ин воқеа ёрӣ додан, ҳеҷ набошад, бетараф истоданашро ба забони муносибе гуфтам.

Аълам гуфт:— Шумо чӣ хел розӣ мешавед, ки авлоди ватан дар дасти тоторҳо тарбия ёфта, рус барин шаванд?

— Тақсир, мактабе, ки ҳоло дар сараш ҷанҷол шуда истодааст, мактаби тоторҳо набуда, балки мактаби бухориҳост. Муаллимони ин мактаб ман ва Мирзо Абдулвоҳид барин одамони ба худатон маълум.

— Ба ту дарди сар чӣ даркор? Савод дорӣ, фазл дорӣ, қозӣ шав, раис шав, хок бар сари мактаб.

— Ин марҳамати шумо дар ҳаққи ман бисьёр хайрхоҳона аст, лекин дилам мехоҳад, ки чанд рӯзе дар ин маслак бошам, ба авлоди ватан ва фарзандони мусулмон чизҳои динӣ ва дуньявиро омӯзам. Ба шумо маълум аст, онҳое, ки дар мактабҳои кӯҳна мехонанд, на аз дин хабар доранд, на аз дуньё, ҳатто «калимаи шаҳодат»-ро ҳам дуруст ёд гирифта наметавонанд. Ҳол он ки аксарияти мардум ба мадраса даромада натавониста, бо он чи ки дар мактаб омӯхтаанд, ба корҳои дуньё овора шуда мераванд.

Аълам гуфт:— Эй, мусулмони содда, якчанд бача «калимаи шаҳодат»-ро донад чиву надонад чи. Баъди ин ӯ ҷумлае ба забон овард, ки қалам аз навиштани он шарм мекунад.

Аз охири мусоҳиба ба хубӣ маълум шуд, ки хайрхоҳиҳое, ки дар аввали сӯҳбат дар ҳаққи авлоди ватан мекард, ҳама риё ва фиреб будааст.

Ҳамин буд фатво ва нуқтаи назари уламои Бухоро дар бораи мактаб!

## Мактаби тоторҳо ва элчихонаи рус

Ин сол, яъне соли 1327 ҳ. тоторҳои Бухоро бо баъзе бухориёни ҳамиятнок ҳамроҳ шуда, давохонаи собиқи самти ғарбии мадрасаи Говкушонро аз Остонақули қушбегӣ барои мактаби тоторон гирифта, шикасту рехт карда, мактабро аз хонаи Холид Бурнашев[1] ба ин ҷо кӯчонданд.

---

[1] *Холид Бурнашев* — яке аз маорифпарварони тотори муқими Бухоро.

Баъди аз тарафи ҳукумат баста шудани мактаби бухориён, ба такфиру таҳдиди уламо нигоҳ накарда, зиёда аз панҷоҳ шогирди бухорой ба ин мактаб ба хондан даромаданд.

Уламо ба ин ҳол ҳам тоқат накарда, барои бандондани мактаби тоторҳо ҳам ба чораҷӯӣ даромаданд ва дар ин хусус ба ҳукумат мурочиат карданд. Ҳукумати Бухоро «тоторҳо раийяи русанд ва дар ҳимояи элчихонаи Русия мебошанд. Мо ба ин кор ҷасорат карда наметавонем», гуфта ҷавоб дод.

Уламо ба воситаи мулло Қамар бевосита ба элчихонаи рус мурочиат карданд. Элчихона розӣ будани худро ба бастани ин мактаб шифоҳан ба ҳукумати Бухоро фаҳмонд. Ҳукумати Бухоро ҳам «мактабро бандед» гуфта ба тоторҳо фармон дод.

Тоторҳо мо раийяи рус ҳастем, гуфта ин амри ҳукуматро рад карда, ба элчихона мурочиат намуданд. Элчӣ ба шарти аз мактаб рондани бачаҳои бухорӣ мактабро ҳимоя карданӣ шуд ва дар ин бора ба ҳукумати Бухоро мурочиат кард.

Ҳукумати Бухоро ба тамоми гузар ва маҳаллаҳо маъмур фиристода «Бачаҳоятонро ба мактаби тоторхо нафиристонед», гуфта амри қатъӣ дод. Ба ҳамин тариқ, бачаҳои бухорой аз мактаби тоторҳо низ маҳрум монданд.

Ба ҳамин муносибат дар бораи сиёсати онвақтаи маъмурони рус нисбат ба аҳолии Бухоро ва оид ба масъалаи мактаб андак маълумот додан аз фоида холӣ нест.

Вакилони император худро маданӣ ва роҳбарони маданият меномиданд. Воқеан нисбат ба ҳукумати Бухоро ба баъзе мазлумон андаке маданигӣ ҳам нишон медоданд. Чунончи, агар аз фуқарои Бухоро касе аз зулми амир ва маъмурони он ба элчихона шикоят кунад, аз номи маданият ва инсоният мактубҳои ба услуби шиддатнок навишташуда ҳам мефиристоданд. Лекин дар ҳақиқат ин корхо ба хотири ҳимояи як мазлум набуда, балки барои ҷалб кардани раийяи Бухоро ба худ ва тайёрӣ ба илҳоқи Бухоро буд.

Лекин ҳеҷ вақт дар корҳои оид ба маданият манфиати бухороиёнро риоя намекарданд. Чунончи, дар масъалаи мактаб барин масъалаҳои асосии маданият ҳимоя он тараф истад, ҳатто садҳо бозии сиёсӣ бароварда, дар зери доман монеаҳо ба вуҷуд меоварданд. Хусусан дар масъалаи бо тоторҳо дар як ҷо дарс хондани туркистониён асло ризогӣ намедоданд. Ин кор фақат дар Бухоро набуда, дар шаҳрҳои дигари Туркистон низ вазъият чунин буд. Мувофиқи қонуни расмии ҳукумати

маркази ба туркистониён муаллимӣ кардани тоторҳо қонунан мамнӯъ буд.

Дар масъалаи мактаби бухороиён элчихона ҳимоя не, балки агар ҳақиқатан рӯи ризо нишон медод, мактаб баста намешуд ва бухороиён аз хондану хонондан маҳрум намегардиданд.

Ин муддаиёни маданият агар аз фуқарои Бухоро касе ҷинояте карда, ба онҳо паноҳ барад, аз номи маданият ва инсоният ӯро ҳимоя мекарданд, аммо дар масъалаи мактаб бари корҳо ба истиқлоли Бухоро гӯё камокон риоя карда, бетараф меистоданд ва барои чашмбандӣ ва фиреб додани матбуот дар ин қабил корҳо тамоми масъулиятро ба ҳукумати Бухоро мепартофтанд.

## Масъалаи мактаб ва матбуот

Пас аз он ки мактаби бухороиён баста ва бухороибачагон аз мактаби тоторҳо ҳам ронда шуданд, газета ва маҷаллаҳои мусулмонони Русия мақолаҳои дароз навишта, ба танқиди муҳиққонаи ҳукумат ва уламои Бухоро пардохтанд. Билхосса журнали мазҳакавии «Мулло Насриддин»[1] ба муносибати ин воқеа расмҳои маънидор кашида, дар бораи уламои Бухоро мақолаҳо, ё ки дар саҳифа як китоб маънӣ ифода мекунанд навишта, манзури назари саводнок ва бесаводон гардонид.

Уламои мағрури Бухоро ба ин танқидҳо тоб наоварда, боз ба фитнаву фасод даромаданд. Мулло Қамар аз ин вазъият истифода карданӣ шуда, ба оташи фитна доман мезад. Мулло Қамар аз истилоҳоти газета ва маҷаллаҳо нағз воқиф бошад ҳам, мақола ва танқидҳои дар газетаҳо нашр ва суратҳои кашидашударо ба Мирзо Абдулвоҳид нисбат медод ва ҳол он ки ҳар мақола имзои маълум дошт. Аз байни уламое, ки ба ин муносибат ба ҳаяҷон омада буданд, мулло Холмуроди тошкандӣ ба майдон баромад. Ду хоҳарзодаи худ ва чанд шогирди фидоиро ҷамъ карда, Мирзо Абдулвоҳидро куштанӣ шуд. Мирзо ин хабарро шунида, пинҳон шуд. Лекин мулло Холмурод ҳар рӯз дар кӯчаҳо намоишкорона роҳ паймуда, Мирзо Абдулво-

---

[1] *«Мулло Насриддин»* — журнали мусаввари ҳаҷвии инқилобӣ, ки солҳои 1906—1930 дар Тифлис дар тахти таҳрири Ҷ. Мамадқулизода ба забони озарӣ нашр мешуд. Дар ин журнал оид ба аҳволи Бухоро хабар ва суратҳои танқидӣ нашр шудааст.

ҳидро мекофт ва мақсадашро фаҳмонда ба ҳокимон муроҷиат мекард.

Бурҳониддини раис, ки аз оқибати ногувори ин кор метарсид ва ба ин мусибат ба як тарзи нозуконае Мирзо Абдулвоҳидро аз Бухоро рондан мехост, рӯзе маро ба назди худ чеғ зада, гуфт: «Мулло Холмурод ҳамин хел ҳаракатҳо карда гаштаст. Ман ҳарчанд манъ карда бошам ҳам, мамнӯъ нашуд (.) Бинобар ин ба Мирзо Абдулвоҳид фаҳмон, чанд вақт дар даруни шаҳр наистад. (Дар ин сӯҳбат Аҳмадҷон-махдум ҳам ҳозир буд).

Ман омада, Мирзо Абдулвоҳидро аз ин гап огоҳонидам, ӯ аз Бухоро баромада, ба Қаршӣ рафт ва ягон моҳ дар он ҷо истода, баргашт.

## Низоъи суннию шиа

Азбаски фитнаи суннию шиа аз паси ҷанҷоли мактаб сар зад ва касоне, ки дар масъалаи мактаб фитна барангехта буданд, ба ин фитна низ сабаб ва боис буданд, дар ин ҷо дар бораи ин фоҷиа низ мухтасаре навиштан муносиб дида шуд.

Дар аҳди амир Музаффар дар байни ин ду фирқа сӯи тафоҳумҳо сар зада бошад ҳам, бо тадбири амири мазкур бартараф шуда, аз байни аҳолӣ ва раийя кудуратҳо бардошта шуда, ҳар ду гурӯҳ чун бародар мезистанд.

Аммо дар байни маъмурони ҳукумат доимо нифоқ ва кудурат ҷой дошт. Дар ҳақиқат сабаби ин ихтилофи мазҳаб набуда, балки рақобати сиёсӣ ва талош барои ҷоҳ ва мақом буд.

Амирони Бухоро аз тарси фитнаи бекҳои маҳаллӣ ва сардорони қабила вазорат ва мансабҳои калонро — аз қабили вазифаи қушбегӣ ва манбаъҳои оид ба воридотро — аз қабили закотчӣ ва хазиначӣ аксар ба тоифаи эронӣ, ки дар аморат ақаллиятро ташкил медоданд, месупориданд. Бинобар ин бекҳои сардори қабила ва сипоҳиёни маҳаллӣ биттабъ дар дилашон нисбат ба ин фирқа кина мепарвариданд.

Илова бар ин, чунонки дар оғози масъалаи мактаб гуфтем, Бурҳониддини раис барои аз миён бардоштани Остонақули қушбегӣ як сол боз дар паи фурсат гашта, барои фитна ангехтан чораҳо мекард.

Дар фитнаи шиаю суннӣ низ дасти рост ва муттафиқи Бурҳониддин мулло Қамар буд. Дар ин кор пешгард шудани мулло Қамар чандон барои нафъи Бурҳониддин набуда, мақсади

мулло Қамар ҷанҷоли калонтаре барангехтан ва ба ин восита барои ба Бухоро даромадани аскари рус роҳ кушодан буд. (Аз хотир набароред, ки чунонки дар боло гуфтем, мулло Қамар ходими шӯъбаи махфии элчихонаи рус буд).

Мулло Қамар фитнаи шиаю сунниро як сол пеш аз ин дар моҳи муҳаррами соли 1327 ҳ. барангехтанӣ буд.

Дар аввали муҳаррами он сол дар хонаи Ғиёс-махдуми аълам муфтӣ мулло Абдураззоқ, муфтӣ мулло Файзии тошкандӣ, Мухторхоҷа, мулло Холмурод ва мулло Қамар тасодуфан дар як ҷо ҷамъ омада буданд. Нависандаи ин сатрҳо низ дар он маҷлис будам.

Мулло Қамар аз бобати масъалаи шиаю суннӣ гап кушода гуфт:

«Ин тоифа дар замони қозӣ Бадриддин расму оинҳои худро ба ин дараҷа ошкор намегузарониданд. Аммо пас аз вафоти қозикалони мазкур ба тамоми шаҳр соҳиб шуда, имсол дар моҳи муҳаррам дар ҳама ҷо ошкоро азодорӣ мекунанд. Ҳамаи ин корҳо бидъат аст. Ба ҳазароти уламо лозим аст, ки дар ин бора фатво навишта, ин бидъатро бартараф намоянд».

Ҳозирон ба суханони мулло Қамар қувват дода, гуфтанд, ки «шумо ривоятро нависед, мо мӯҳр ва имзо мекунем».

Мулло Қамар гуфт: «Муфтӣ домулло Икром марди ҷомеъ ва боҳавсалаест, ба вай муроҷиат намуда, ривоятро менависонам».

Хулоса, мулло Қамар ба хонаи домулло Икром рафта, ин гапҳоро нақл ва навиштани ривоятро талаб кард. Домулло Икром дар ҷавоби вай гуфт:

— Ин ҳаракатҳои шумо маҳз ба иқтизои таассуб аст. Агар мақсади шумо холисан лиллоҳ рафъи бидъат бошад, бисьёр корҳои ҳаром ва хилофи шаръ байни ҷамоаи худамон шоеъ аст, ки аввал онҳоро барҳам додан лозим аст. Чунончи аз рӯзи ёздаҳум то понздаҳуми ҳар моҳ дар хонақоҳҳо, мазорҳо ва дар хонаҳои хусусӣ маҷлиси хатми ёздаҳум барпо мешавад. Агар бо назари диққат нигаред, дар ин маҷлисҳо ба номи ибодат чӣ қадар корҳои ҳаром воқеъ мегардад. Аз ҷумла «зиёрати гули сурх», халқ ба баҳонаи зиёрати Баҳоваддин ба он ҷо ҷамъ шуда кори ҳароме нест, ки намекарда бошанд. Ё базмҳое, ки дар тӯю маъракаҳо барпо мегардад, ҳатто ба дарбори амир, дар пеши назари қозӣ ва муфтиҳо бачаҳоро ба рақс медароранд... Хулоса, агар чунин бидъатҳо ва корҳои ҳароми байни худамонро барҳам надода, ба барҳам додани расми таъзия

ҳидро мекофт ва мақсадашро фаҳмонда ба ҳокимон муроҷиат мекард.

Бурҳониддини раис, ки аз оқибати ногувори ин кор метарсид ва ба ин мусибат ба як тарзи нозуконае Мирзо Абдулвоҳидро аз Бухоро рондан мехост, рӯзе маро ба назди худ чеғ зада, гуфт: «Мулло Холмурод ҳамин хел ҳаракатҳо карда гаштаст. Ман ҳарчанд манъ карда бошам ҳам, мамнӯъ нашуд (.) Бинобар ин ба Мирзо Абдулвоҳид фаҳмон, чанд вақт дар даруни шаҳр наистад. (Дар ин сӯҳбат Аҳмадҷон-махдум ҳам ҳозир буд).

Ман омада, Мирзо Абдулвоҳидро аз ин гап огоҳонидам, ӯ аз Бухоро баромада, ба Қаршӣ рафт ва ягон моҳ дар он ҷо истода, баргашт.

## Низоъи суннию шиа

Азбаски фитнаи суннию шиа аз паси ҷанҷоли мактаб сар зад ва касоне, ки дар масъалаи мактаб фитна барангехта буданд, ба ин фитна низ сабаб ва боис буданд, дар ин ҷо дар бораи ин фоҷиа низ мухтасаре навиштан муносиб дида шуд.

Дар аҳди амир Музаффар дар байни ин ду фирқа сӯи тафоҳумҳо сар зада бошад ҳам, бо тадбири амири мазкур бартараф шуда, аз байни аҳолӣ ва раийя кудуратҳо бардошта шуда, ҳар ду гурӯҳ чун бародар мезистанд.

Аммо дар байни маъмурони ҳукумат доимо нифоқ ва кудурат ҷой дошт. Дар ҳақиқат сабаби ин ихтилофи мазҳаб набуда, балки рақобати сиёсӣ ва талош барои ҷоҳ ва мақом буд.

Амирони Бухоро аз тарси фитнаи бекҳои маҳаллӣ ва сардорони қабила вазорат ва мансабҳои калонро — аз қабили вазифаи қушбегӣ ва манбаъҳои онд ба воридотро — аз қабили закотчӣ ва хазиначӣ аксар ба тоифаи эронӣ, ки дар аморат ақаллиятро ташкил медоданд, месупориданд. Бинобар ин бекҳои сардори қабила ва сипоҳиёни маҳаллӣ биттабъ дар дилашон нисбат ба ин фирқа кина мепарвариданд.

Илова бар ин, чунонки дар оғози масъалаи мактаб гуфтем, Бурҳониддини раис барои аз миён бардоштани Остонақули қушбегӣ як сол боз дар паи фурсат гашта, барои фитна ангехтан ҷораҳо медид.

Дар фитнаи шиаю суннӣ низ дасти рост ва муттафиқи Бурҳониддин мулло Қамар буд. Дар ин кор пешгард шудани мулло Қамар чандон барои нафъи Бурҳониддин набуда, мақсади

мулло Қамар ҷанҷоли калонтаре барангехтан ва ба ин восита барои ба Бухоро даромадани аскари рус роҳ кушодан буд. (Аз хотир набароред, ки чунонки дар боло гуфтем, мулло Қамар ходими шӯъбаи махфии элчихонаи рус буд).

Мулло Қамар фитнаи шиаю сунниро як сол пеш аз ин дар моҳи муҳаррами соли 1327 ҳ. барангехтанӣ буд.

Дар аввали муҳаррами он сол дар хонаи Ғиёс-махдуми аълам муфтӣ мулло Абдураззоқ, муфтӣ мулло Файзии тошкандӣ, Мухторхоҷа, мулло Холмурод ва мулло Қамар тасодуфан дар як ҷо ҷамъ омада буданд. Нависандаи ин сатрҳо низ дар он маҷлис будам.

Мулло Қамар аз бобати масъалаи шиаю суннӣ гап кушода гуфт:

«Ин тоифа дар замони қозӣ Бадриддин расму оинҳои худро ба ин дараҷа ошкор намегузарониданд. Аммо пас аз вафоти қозикалони мазкур ба тамоми шаҳр соҳиб шуда, имсол дар моҳи муҳаррам дар ҳама ҷо ошкоро азодорӣ мекунанд. Ҳамаи ин корҳо бидъат аст. Ба ҳазароти уламо лозим аст, ки дар ин бора фатво навишта, ин бидъатро бартараф намоянд».

Ҳозирон ба суханони мулло Қамар қувват дода, гуфтанд, ки «шумо ривоятро нависед, мо мӯҳр ва имзо мекунем».

Мулло Қамар гуфт: «Муфтӣ домулло Икром марди ҷомеъ ва боҳавсалаест, ба вай муроҷиат намуда, ривоятро менависонам».

Хулоса, мулло Қамар ба хонаи домулло Икром рафта, ин гапҳоро нақл ва навиштани ривоятро талаб кард. Домулло Икром дар ҷавоби вай гуфт:

— Ин ҳаракатҳои шумо маҳз ба иқтизои таассуб аст. Агар мақсади шумо холисан лиллоҳ рафъи бидъат бошад, бисёр корҳои ҳаром ва хилофи шаръ байни ҷамоаи худамон шоеъ аст, ки аввал онҳоро барҳам додан лозим аст. Чунончи аз рӯзи ёздаҳум то понздаҳуми ҳар моҳ дар хонақоҳҳо, мазорҳо ва дар хонаҳои хусусӣ маҷлиси хатми ёздаҳум барпо мешавад. Агар бо назари диққат нигаред, дар ин маҷлисҳо ба номи ибодат чӣ қадар корҳои ҳаром воқеъ мегардад. Аз ҷумла «зиёрати гули сурх», халқ ба баҳонаи зиёрати Баҳоваддин ба он ҷо ҷамъ шуда кори ҳароме нест, ки намекарда бошанд. Ё базмҳое, ки дар тӯю маъракаҳо барпо мегардад, ҳатто ба дарбори амир, дар пеши назари қозӣ ва муфтиҳо бачаҳоро ба рақс медоранд... Хулоса, агар чунин бидъатҳо ва корҳои ҳароми байни худамонро барҳам надода, ба барҳам додани расми таъзия

ҳидро мекофт ва мақсадашро фаҳмонда ба ҳокимон муроҷиат мекард.

Бурҳониддини раис, ки аз оқибати ногувори ин кор метарсид ва ба ин мусибат ба як тарзи нозуконае Мирзо Абдулвоҳидро аз Бухоро рондан мехост, рӯзе маро ба назди худ ҷеғ зада, гуфт: «Мулло Холмурод ҳамин хел харакатҳо карда гаштаст. Ман ҳарчанд манъ карда бошам ҳам, мамнӯъ нашуд (.) Бинобар ин ба Мирзо Абдулвоҳид фаҳмон, ҷанд вакт дар даруни шаҳр наистад. (Дар ин сӯҳбат Аҳмадҷон-махдум ҳам ҳозир буд).

Ман омада, Мирзо Абдулвоҳидро аз ин гап огоҳонидам, ӯ аз Бухоро баромада, ба Қаршӣ рафт ва ягон моҳ дар он ҷо истода, баргашт.

## Низоъи суннию шиа

Азбаски фитнаи суннию шиа аз паси ҷанҷоли мактаб сар зад ва касоне, ки дар масъалаи мактаб фитна барангехта буданд, ба ин фитна низ сабаб ва боис буданд, дар ин ҷо дар бораи ин фоҷиа низ мухтасаре навиштан муносиб дида шуд.

Дар аҳди амир Музаффар дар байни ин ду фирқа сӯи тафоҳумҳо сар зада бошад ҳам, бо тадбири амири мазкур бартараф шуда, аз байни аҳолӣ ва раийя кудуратҳо бардошта шуда, ҳар ду гурӯҳ чун бародар мезистанд.

Аммо дар байни маъмурони ҳукумат доимо нифоқ ва кудурат ҷой дошт. Дар ҳақиқат сабаби ин ихтилофи мазҳаб набуда, балки рақобати сиёсӣ ва талош барои ҷоҳ ва мақом буд.

Амирони Бухоро аз тарси фитнаи бекҳои маҳаллӣ ва сардорони қабила вазорат ва мансабҳои калонро — аз қабили вазифаи қушбегӣ ва манбаъҳои оид ба воридотро — аз қабили закотчӣ ва хазиначӣ аксар ба тоифаи эронӣ, ки дар аморат ақаллиятро ташкил медоданд, месупориданд. Бинобар ин бекҳои сардори қабила ва сипоҳиёни маҳаллӣ биттабъ дар дилашон нисбат ба ин фирқа кина мепарвариданд.

Илова бар ин, чунонки дар оғози масъалаи мактаб гуфтем, Бурҳониддини раис барои аз миён бардоштани Остонақули қушбегӣ як сол боз дар паи фурсат гашта, барои фитна ангехтан чораҳо медид.

Дар фитнаи шиаю суннӣ низ дасти рост ва муттафиқи Бурҳониддин мулло Қамар буд. Дар ин кор пешгард шудани мулло Қамар ҷандон барои нафъи Бурҳониддин набуда, мақсади

мулло Қамар ҷанҷоли калонтаре барангехтан ва ба ин восита барои ба Бухоро даромадани аскари рус роҳ кушодан буд. (Аз хотир набароред, ки чунонки дар боло гуфтем, мулло Қамар ходими шӯъбаи махфии элчихонаи рус буд).

Мулло Қамар фитнаи шиаю сунниро як сол пеш аз ин дар моҳи муҳаррами соли 1327 ҳ. барангехтанӣ буд.

Дар аввали муҳаррами он сол дар хонаи Ғиёс-махдуми аълам муфтӣ мулло Абдураззоқ, муфтӣ мулло Файзии тошкандӣ, Мухторхоҷа, мулло Холмурод ва мулло Қамар тасодуфан дар як ҷо ҷамъ омада буданд. Нависандаи ин сатрҳо низ дар он маҷлис будам.

Мулло Қамар аз бобати масъалаи шиаю суннӣ гап кушода гуфт:

«Ин тоифа дар замони қозӣ Бадриддин расму оинҳои худро ба ин дараҷа ошкор намегузарониданд. Аммо пас аз вафоти қозикалони мазкур ба тамоми шаҳр соҳиб шуда, имсол дар моҳи муҳаррам дар ҳама ҷо ошкоро азодорӣ мекунанд. Ҳамаи ин корҳо бидъат аст. Ба ҳазароти уламо лозим аст, ки дар ин бора фатво навишта, ин бидъатро бартараф намоянд».

Ҳозирон ба суханони мулло Қамар қувват дода, гуфтанд, ки «шумо ривоятро нависед, мо мӯҳр ва имзо мекунем».

Мулло Қамар гуфт: «Муфтӣ домулло Икром марди ҷомеъ ва боҳавсалаест, ба вай муроҷиат намуда, ривоятро менависонам».

Хулоса, мулло Қамар ба хонаи домулло Икром рафта, ин гапҳоро нақл ва навиштани ривоятро талаб кард. Домулло Икром дар ҷавоби вай гуфт:

— Ин ҳаракатҳои шумо маҳз ба иқтизои таассуб аст. Агар мақсади шумо холисан лиллоҳ рафъи бидъат бошад, бисьёр корҳои ҳаром ва хилофи шаръ байни ҷамоаи худамон шоеъ аст, ки аввал онҳоро барҳам додан лозим аст. Чунончи аз рӯзи ёздаҳум то понздаҳуми ҳар моҳ дар хонақоҳҳо, мазорҳо ва дар хонаҳои хусусӣ маҷлиси хатми ёздаҳум барпо мешавад. Агар бо назари диққат нигаред, дар ин маҷлисҳо ба номи ибодат чӣ қадар корҳои ҳаром воқеъ мегардад. Аз ҷумла «зиёрати гули сурх», халқ ба баҳонаи зиёрати Баҳоваддин ба он ҷо ҷамъ шуда кори ҳароме нест, ки намекарда бошанд. Ё базмҳое, ки дар тӯю маъракаҳо барпо мегардад, ҳатто ба дарбори амир, дар пеши назари қозӣ ва муфтиҳо бачаҳоро ба рақс медароранд... Хулоса, агар чунин бидъатҳо ва корҳои ҳароми байни худамонро барҳам надода, ба барҳам додани расми таъзия

ҳидро мекофт ва мақсадашро фаҳмонда ба ҳокимон мурочиат мекард.

Бурҳониддини раис, ки аз оқибати ногувори ин кор метарсид ва ба ин мусибат ба як тарзи нозуконае Мирзо Абдулвоҳидро аз Бухоро рондан мехост, рӯзе маро ба назди худ чеғ зада, гуфт: «Мулло Холмурод ҳамин хел харакатҳо карда гаштаст. Ман ҳарчанд манъ карда бошам ҳам, мамнӯъ нашуд (.) Бинобар ин ба Мирзо Абдулвоҳид фаҳмон, чанд вакт дар даруни шаҳр наистад. (Дар ин сӯҳбат Аҳмадчон-махдум ҳам ҳозир буд).

Ман омада, Мирзо Абдулвоҳидро аз ин гап огоҳонидам, ӯ аз Бухоро баромада, ба Қаршӣ рафт ва ягон моҳ дар он чо истода, баргашт.

## Низоъи суннию шиа

Азбаски фитнаи суннию шиа аз паси чанчоли мактаб сар зад ва касоне, ки дар масъалаи мактаб фитна барангехта буданд, ба ин фитна низ сабаб ва боис буданд, дар ин чо дар бораи ин фочиа низ мухтасаре навиштан муносиб дида шуд.

Дар аҳди амир Музаффар дар байни ин ду фирқа сӯи тафоҳумҳо сар зада бошад ҳам, бо тадбири амири мазкур бартараф шуда, аз байни аҳолӣ ва раийя кудуратҳо бардошта шуда, хар ду гурӯҳ чун бародар мезистанд.

Аммо дар байни маъмурони ҳукумат доимо нифоқ ва кудурат чой дошт. Дар ҳақиқат сабаби ин ихтилофи мазҳаб набуда, балки рақобати сиёсӣ ва талош барои чоҳ ва мақом буд.

Амирони Бухоро аз тарси фитнаи бекҳои маҳаллӣ ва сардорони қабила вазорат ва мансабҳои калонро — аз қабили вазифаи қушбегӣ ва манбаъҳои оид ба воридотро — аз қабили закотчӣ ва хазиначӣ аксар ба тоифаи эронӣ, ки дар аморат ақаллиятро ташкил медоданд, месупориданд. Бинобар ин бекҳои сардори қабила ва сипоҳиёни маҳаллӣ биттабъ дар дилашон нисбат ба ин фирқа кина мепарвариданд.

Илова бар ин, чунонки дар оғози масъалаи мактаб гуфтем, Бурҳониддини раис барои аз миён бардоштани Остонақули қушбегӣ як сол боз дар паи фурсат гашта, барои фитна ангехтан чораҳо медид.

Дар фитнаи шиаю суннӣ низ дасти рост ва муттафиқи Бурҳониддин мулло Қамар буд. Дар ин кор пешгард шудани мулло Қамар чандон барои нафъи Бурҳониддин набуда, мақсади

мулло Қамар ҷанҷоли калонтаре барангехтан ва ба ин восита барои ба Бухоро даромадани аскари рус роҳ кушодан буд. (Аз хотир набароред, ки чунонки дар боло гуфтем, мулло Қамар ходими шӯъбаи махфии элчихонаи рус буд).

Мулло Қамар фитнаи шиаю суннӣро як сол пеш аз ин дар моҳи муҳаррами соли 1327 ҳ. барангехтанӣ буд.

Дар аввали муҳаррами он сол дар хонаи Ғиёс-махдуми аълам муфтӣ мулло Абдураззоқ, муфтӣ мулло Файзии тошкандӣ, Мухторхоҷа, мулло Холмурод ва мулло Қамар тасодуфан дар як ҷо ҷамъ омада буданд. Нависандаи ин сатрҳо низ дар он маҷлис будам.

Мулло Қамар аз бобати масъалаи шиаю суннӣ гап кушода гуфт:

«Ин тоифа дар замони қозӣ Бадриддин расму оинҳои худро ба ин дараҷа ошкор намегузарониданд. Аммо пас аз вафоти қозикалони мазкур ба тамоми шаҳр соҳиб шуда, имсол дар моҳи муҳаррам дар ҳама ҷо ошкоро азодорӣ мекунанд. Ҳамаи ин корҳо бидъат аст. Ба ҳазароти уламо лозим аст, ки дар ин бора фатво навишта, ин бидъатро бартараф намоянд».

Ҳозирон ба суханони мулло Қамар қувват дода, гуфтанд, ки «шумо ривоятро нависед, мо мӯҳр ва имзо мекунем».

Мулло Қамар гуфт: «Муфтӣ домулло Икром марди ҷомеъ ва боҳавсалаест, ба вай муроҷиат намуда, ривоятро менависонам».

Хулоса, мулло Қамар ба хонаи домулло Икром рафта, ин гапҳоро нақл ва навиштани ривоятро талаб кард. Домулло Икром дар ҷавоби вай гуфт:

— Ин ҳаракатҳои шумо маҳз ба иқтизои таассуб аст. Агар мақсади шумо холисан лиллоҳ рафъи бидъат бошад, бисьёр корҳои ҳаром ва хилофи шаръ байни ҷамоаи худамон шоеъ аст, ки аввал онҳоро барҳам додан лозим аст. Чунончи аз рӯзи ёздаҳум то понздаҳуми ҳар моҳ дар хонақоҳҳо, мазорҳо ва дар хонаҳои хусусӣ маҷлиси хатми ёздаҳум барпо мешавад. Агар бо назари диққат нигаред, дар ин маҷлисҳо ба номи ибодат чӣ қадар корҳои ҳаром воқеъ мегардад. Аз ҷумла «зиёрати гули сурх», халқ ба баҳонаи зиёрати Баҳоваддин ба он ҷо ҷамъ шуда кори ҳароме нест, ки намекарда бошанд. Ё базмҳое, ки дар тӯю маъракаҳо барпо мегардад, ҳатто ба дарбори амир, дар пеши назари қозӣ ва муфтиҳо бачаҳоро ба рақс медароранд... Хулоса, агар чунин бидъатҳо ва корҳои ҳароми байни худамонро барҳам надода, ба барҳам додани расми таъзия

кӯшиш намоем, ин холисан лиллоҳ нашуда, асари таассуб мешавад. Ҳар коре, ки аз рӯи диндории холис нашуда, балки аз рӯи таассуб шавад, оқибаташ бахайр намешавад. Эҳтимол ин ҳаракат таассуби тарафи муқобилро барангехта, ба фитнаҳои зиёде сабаб мешавад. Бинобар ин ё дар ин кор тамоман сокит бошед, ё ки аввал фитнаҳои байни худамонро дафъ намоед.

Мулло Қамар баъд аз ин мусоҳиба ба домулло Икром душман шуд ва бинобар ин дар масъалаи мактаб муносибати байни домулло ва муллоҳои дигарро хеле вайрон кард.

Хулоса, мулло Қамар дар он сол фитнаи шиаю сунниро барангехта натавониста бошад ҳам, талаба ва уламоро бар зидди маросими таъзиядории эрониён хеле хуб тайёр кард. Дар тамоми сол уламо, талабаи улум ва авомро бар зидди ин таъзиядорӣ ташвиқ ва таҳрис мекард. Талабагони мадрасаҳои Бухоро бинобар бехабариашон аз таърихи ислом ва аҳволи олам афкори таассубпарваронаро зуд қабул мекарданд ва бо андак ғайрати мулло Қамар барои изҳори таассуб зуд омода шуданд.

**1328 ҳ. [1910 м.] 10 муҳаррам оғози фитна.** 10 муҳаррами соли 1328 ҳ. рӯзи шанбе дар шаҳри Бухоро беруни дарвозаи Самарқанд, дар як ҳавлии воқеъ дар паҳлӯи майдон як ҷамоа эрониёни маҳаллӣ ва мусофир ҷамъ шуда азодорӣ мекарданд. Баъзе талабаҳои тошкандӣ ва фарғонагӣ ва як қисм аз мардуми тоҷики Бухоро ҳам барои тамошо дар ин маҷлис ҳозир буданд. Як талабаи фарғонагӣ аз азодорон баъзе ҳаракатҳои хилофи одатҳои Бухоро ва Туркистонро дида, хандид. Баъзе эрониёни хунгарм дар маҷлиси азодорӣ ва гирья хандидани ин талабаро ба расму оини худ истеҳзо гумон карда, ба вай ҳуҷум карда, зада захмдор намуданд. Баъзе эрониёни бамулоҳиза ва пиронсол бад шудани оқибати ин ҳодисаро андешида, талабаро аз дасти авбошон раҳонида, дар хонае пинҳон карданд.

Тамошочиён ҳақиқати ин корро тафтиш накарда, гурехта, ба дохили шаҳр даромада, мадраса ба мадраса ҷор зада, «эрониҳо муллобачаро зада куштанд», гӯён ба шаҳр ғулғула андохтанд. Онҳо «барои ҳифзи ҷон ва номуси худ ҷамъ шавед!» гуфта фарьёд мезаданд.

Роқими ин сатрҳо, Мирзо Абдулвоҳид, Икром-махдум, (писари қозӣ Бадриддин), Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Аминҷон-махдуми Мирзиёуддинзода он рӯз дар гузари Шояхсӣ, дар хонаи Нақшбандхон дар маҷлиси тӯй ҳозир будем. Яке аз мулозимони Бурхониддини раис ба тӯйхона омада, «ман

бо чашми худ дидам, эрониҳо чанд муллобачаро бо ханҷару корд зада куштанд. Ин воқеаро ба мадрасаҳо хабар додан лозим» гуфт ва баромада рафт. Мо ҳам ин хабарро шунида ҳар кадом ба манзилҳоямон рафтем.

Хулосаи калом, дар байни як соат тамоми кӯчаву бозори шаҳрро фитнаву балво фаро гирифт. Дӯконҳо, саройҳо ва тиҷоратхонаҳо тамом баста шуданд. Онҳое, ки аз фитнаву ҷанҷол тарс доштанд, дар хонаҳои худ пинҳон шуданд. Ҳангоматалабҳо ба муллобачаҳои балвогар ҳамроҳ шуда, ғавғо мекарданд. Талабагони балвогар дар растаи Атторӣ, ки аҳолии ин раста ба эътибори аксарият эрониҳоянд, ҳуҷум оварданд, чун дӯконҳо баста ва касе пайдо набуд, дари як-ду дӯконро шикаста, тороҷ карданд. Дами дарвозаи Қаршӣ мардеро ба қиёфаи пирсиён дида, зада куштанд. Фитна торафт шиддат карда, шумораи балвогарон меафзуд. Балвогарон намоишкорона ба сӯи Регистон равона гардиданд. То расидан ба Регистон шумораи балвогарон то ба даҳ ҳазор расид.

Ин ҷамоат аз эрониҳо додхоҳӣ карда, ба арки подшоҳӣ даромаданӣ шуданд.

Қушбегӣ аз ин вазъият хабардор шуда, шумораи посбонони аркро афзуд. Қушбегӣ ҳуҷуми халқро дида, ба воситаи телефон боз як даста сарбоз омода намуда, муҳофизати дарвозаро қувват дода, ба назди балвогарон кас фиристода, матлабашонро пурсид. Балвогарон «Мо арзи худро ба худи қушбегӣ мегӯем» гуфта, зӯран ба арк даромаданӣ шуданд.

Қушбегӣ аз қатлу ғорат тарсида, сарбозонро ба мамониат фармон дод. Балвогарон вазъияти ҳуҷум гирифта, ҳамла карда, ба арк даромаданӣ шуданд. Чун сарбозон бо даст ва даҳон балвогаронро гардонда натавонистанд, саркарда ба осмон тир холӣ карданро фармуд. Бо садои милтиқ ҳуҷумкунандагон аз Регистон баромада, як қисмашон гурехта, ба шаҳр паҳн шуда, «қушбегӣ ба арз рафтагонро бо милтиқ парронд» гуфта ғулғула бардоштанд.

Қушбегӣ барои фурӯ нишондани оташи фитна сардорони уламоро ба арк даъват кард. Қозикалон Бақохоҷа, раис Бурҳониддин, Ғиёс-махдуми аълам, муфтиҳои дигар ва мударрисҳои ҷоҳпараст ҳозир гардида, бо нӯги забон балвогаронро мазаммат кардагӣ барин шуда, «барои чи тир паррондед» гуфта, қушбегиро камтар сарзаниш карданд. Ба ҳар ҳол вақти ғуруб балвогарон аз Регистон пароканда шуданд. Лекин касоне, ки чунин фитнаеро аз худо мехостанд, магар чунин фурсатеро аз даст медоданд?

Фитнагарон ин шаб то дамидани субҳ хоб накарда, фитнаи хобидаро боз бедор кардан мехостанд. Имшаб дар хонаҳои душманони қушбегӣ ва қозикалон маҷлисҳо барпо буд.

Ман дар он рӯзҳо дар мадрасаи Кӯкалтош истиқомат доштам. Як қисми талабагони мадраса ба фитна ҳамроҳ нашуда, баракс ба қадри иқтидорашон балвогаронро насиҳат мекарданд. Аммо ба эътибори аксарият талабаҳо тарафдори фитна буда, ҳатто ба «насиҳатгарон» низ ҳуҷум мекарданд.

Нисфи шаб дар мадраса овозе шунида шуд. Бо ҳамсоям Қорӣ Довуд «ин чи овоз аст?» гуфта аз ҳуҷраҳомон баромадем, ки ду одами ношинос ба ҷамъшудагон мегуфтанд: «Мо бо амри эшони раис ба шумо маълум менамоем, ки силоҳ ва ярок тайёр карда, ба ғазо ҳозир шавед. Эрониҳо ба куштани муллобачаҳо тайёр шудаанд. Албатта мусоҳила накунед. Пагоҳ саҳарӣ ба саҳни мадрасаи Мири Араб ҷамъ шавед».

**11 муҳаррам, рӯзи якшанбе.** Пагоҳони рӯзи якшанбе балвогарон дар мадрасаи Мири Араб ҷамъ шуданд. Бо талаби қушбегӣ бузургони уламо ба арк рафтанд. Қушбегӣ қарори зеринро ба уламо маълум кард: «Ба касоне, ки дар маҷлиси азодорӣ ба талаба ҳуҷум кардаанд, ҷазо дода мешавад. Агар мурдани талаба исбот шавад, аз қотилон қасос гирифта мешавад».

Уламо гӯё ба ин мусолиҳат розӣ шуда, балвогаронро як дараҷа пароканда карда, дарсхонаҳоро кушода, ба дарсгӯӣ машғул шуданд. Лекин талабаҳо ва дигар фитнагарон ба шӯриш омода буда, аломатҳои фитна аз рӯҳошон маълум шуда меистод. Аз тарафи дигар эрониёни Тотормаҳалла, Афшормаҳалла ва Вазиробод ба шаҳр даромада, дар такьяҳо, таъзияхонаҳо ва дар хонаҳои сардорони тоифаҳо ҷо гирифта, мусаллаҳан ба мудофиаи маҳаллаҳои эронинишин тайёрӣ медиданд.

Имрӯз рӯзона, дар соатҳои ду хабари фитнаангезе паҳн гардид. Гӯё эрониҳо мусаллаҳона баромада, муллобачаҳои мадрасаҳои Хиёбон, Ҷӯйбор, Эшони Имло ва Нақибро кушта истодаанд. Бо паҳн шудани ин хабар шаҳр гӯё анбори пур аз боруте буд, ки якбора ба он оташ афтод.

Тамоми мардум шӯрид ва фитна бо тамоми қувват авҷ гирифт. Талабаҳо ва балвогарони дигар баъзе корд, баъзе шоф, баъзе тешаву табар ва баъзе чӯбу калтак бардошта, ба сӯи Хиёбон равона гардиданд. Дар дасти камтар касе милтиқу таппонча дида мешуд. Як қисми балвогарон дари дӯконҳои силоҳфурӯширо шикаста, толон карда бошанд ҳам, ба дасташон яроқи корояндe наафтод.

Хулоса, вакте ки балвогарон ба растаи Хиёбон расиданд, як

даста сарбоз омада, пеши роҳашонро баст. Бо вуҷуди ин як қисми балвогарон бо ҳуҷум ва зӯр сафи сарбозонро бурида гузашта, ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, яке ба сӯи Ҷӯйзар ва дигар ба сӯи Эшонимулло равона шуд.

Онҳое, ки ба сӯи Ҷӯйзар мерафтанд, бо як кӯчаи танг равона буданд, ки баногоҳ аз ақиб, аз пасу пешашон тирҳои таппонча ва милтиқ паридан гирифт. Эрониёне, ки дар хона ва бомҳошон дар паноҳ буданд, ба ҳуҷумгарон бо тир ҷавоб медоданд.

Онҳое, ки ба Эшонимулло мерафтанд, дар сари мазор якчанд эрониро дида, ба сӯи онҳо давиданд. Эрониёне, ки сағонаҳоро ба худ сипар карда буданд, бо наздик шудани ҳуҷумкунандагон онҳоро ба зери тир гирифта, ба мурдагони мазор ҳамроҳ карданд.

Қозикалон Бақохоҷа ва раис Бурҳониддин бо нияти барпо кардани осоиш омада, дар мадрасаи Хиёбон ҷой гирифта буданд. Растаи Хиёбонро саросар фитна фаро гирифта буд. Аз боми хона ва дӯконҳо тир борида, аҷалрасидагонро аз по меандохт.

Як қисми талаба ва дигар балвогарон, ки ба тарафи Ҷӯйзар ва Эшонимулло рафта буданд, маҷрӯҳ ва мақтул гардида, афтоданд, боқимонда роҳе ёфта, гурехта ҷони худро зинда бадар бурданд.

Азбаски балвогарони ба Хиёбон равонгардида ҳуҷумкунанда ва аксар беярок, аммо эрониён дар мудофиа ва ҳама мусаллаҳ буданд, ҳамаи хасорат ва талафот ба талабагон расид, аз эрониён ягон кас ҳам ба қатл нарасид, ҳатто маҷрӯҳ шудани касе ҳам шунида нашуд.

Балвогарон баъди мағлуб шуда баргаштан аз Хиёбон ҳар касеро, ки дар қиёфаи эронӣ диданд, куштанд, ба ин баҳона ҳар кас, ки бо касе душманӣ дошт, ӯро кушт. Якчанд гадо ва сарсариёнро ҳам куштанд.

Хулосаи калом, бисьёр фоҷиаҳо рӯй дод, ки тафсилаш ғайр аз дилсиёҳӣ самаре надорад. Аз тарафи эрониён ҳам, дар тарафи Хиёбон фоҷиаҳои бад воқеъ гардид. Лекин ҳамаи ин корҳоро, хоҳ аз тарафи эрониён ва хоҳ тоҷик як қисм худсар ва авбошон карданд. Вале ашхоси мӯътадил ва мутафаккири ҳар ду тараф, хусусан тоҷик ва эрониёни маҳаллӣ, ба қадри имкон ба хунрезӣ монеъ шуданд. Чунончи: тоҷикҳо эрониҳои ҳамсояро дар хонаҳои худ пинҳон карда, ҳимоя намуданд. Пирсиёнҳои паноҳталабидаи мусофирро табдили либос карда аз шаҳр баровarданд. Инчунин эрониҳо низ ҳамсоягони тоҷики

худро ҳимоя карданд, ба талабагони мадрасаҳои Ҷӯйбор ва Нақиб озуқа расонда истода, то тамом шудани балво онҳоро аз авбошон ҳимоя намуданд. (Баъдтар маълум шуд, ки хабари фитнаангезе, ки рӯзи якшанбе паҳн шуда буд, бохтаву пардохтаи фитнагарон будааст).

Имшаб, яъне шаби рӯзи якшанбе, дар ҳар тарафи шаҳр сарбозҳо дар посбонӣ истода, саворaҳо гашт мекарданд. Имшаб дарвозаи ҳамаи мадрасаҳоро баста, аз муллобачаҳо посбон гузошта шуд. Мулобачаҳои туркмани мадрасаи Кӯкалтош ба фитна ҳамроҳ нашуданд, лекин мадрасаро посбонӣ намуданд.

Имшаб ба оромӣ гузашт. Ба ғайр аз садои гоҳ-гоҳ шунидашавандаи тири милтиқ ҳодисаи дигаре рух надод.

**Рӯзи душанбе. 12 муҳаррам.** Дар вақти рӯй додани ин ҳодисаҳо амир Абдулаҳад дар Кармина буд. Хабари балво ва ихтилолро ба воситаҳои мухталиф мешунид. Албатта, ин хабарҳоро қушбегӣ ба нафъи худ, қозӣ ба нафъи худ, раис ва дигар бузургони уламо ба нафъи худ ба амир менавиштанд. Амир аз рӯи таҷрибаи худ медонист, ки сабаби ҳақиқии фитна Бурҳониддини раис ва баъзе муфтиҳо мебошанд. Бо вуҷуди ин танбеҳи гунаҳкорони дигарро ба вақти дигар мавқуф гузошта, ба ҷустуҷӯи чораҳои зудтар дафъ кардани фитна даромад. Барои ин ба ҳокими Шаҳрисабз Мирзо Насрулло ва ба ҳокими Чорҷӯй Мирзо Низомиддини урганҷӣ ихтиёроти калон дода, ба Бухоро фиристод. Инҳо рӯзи душанбе ба Бухоро ворид шуданд. Ин ду бек ба Бухоро омадан ҳамон ба рақобати сиёсӣ саргарм гардида, аз чораи фурӯ нишондани оташи фитна оҷиз шуданд. Имрӯз балвогарон хеле қувват гирифта, милтиқ ва тапончаҳое низ ба даст дароварда буданд. Бо вуҷуди ин имрӯзҳо ба тарафи Хиёбон ҳуҷум накарданд. Фақат хонаи як-ду нафарро толон карда, соҳибонашонро куштанд.

Имрӯз тамоми аҳолии туман ва қишлоқҳои Бухоро калтакдор шуда ба шаҳр рӯ оварда буданд, локин одамони ҳукумат аз тарси қатлу ғорати умумӣ дар дарвозаҳои шаҳр посбон гузошта, ба даромадани деҳотиён ба шаҳр монеъ шуданд. Фақат қишлоқиёни Қалобиён ва Арабон ба шаҳр даромада тавонистанд. Азбаски инҳо рост ба назди Бурҳониддини раис омада, аз вай фотиҳа гирифта, ба балвогарон ҳамроҳ гардида буданд, гумон меравад, ки ба шаҳр даромадани онҳо бе воситагарии раиси мазкур нашудааст.

Имрӯз аз вилоятҳои дигар низ туздон ва одамони шубҳаноки зиёде ба шаҳр омаданд. Онҳо аз паси балвогарон гашта,



оташи фитнаро шӯълавартар намуда, «Ана, ин хона ё дӯкони эронӣ» гуфта, ҳуҷум ташкил карда, баъд худашон мисли лошахӯроне, ки аз паси ҳайвонҳои даранда мегарданд, ба тороҷ медаромаданд. Хулоса, рӯзи душанбе шаҳр манзараи тороҷгоҳи умумиеро гирифта буд.

Яҳудиёни Бухоро аз тарси қатлу ғорат ба элчихонаи рус муроҷиат карда, барои муҳофизати худ аскар талаб карданд. Мирзо Насрулло-бӣ ва қушбегӣ Останақул аз фурӯ нишондани балво оҷиз монда, ба даромадани аскари рус ба Бухоро розӣ шуданд.

Абдулаҳадхон оҷизии саркарда ва бекҳоро дида, валиаҳди худ, ҳокими Кармина Миролимро ба Бухоро фиристод. Вай ба Когон омада, аз тарс ба шаҳр надаромада истод. Дар ин вақт як даста аскари пиёда ва як даста аскари совораи мусаллаҳ бо пулеметҳо дар саркардагии генерале аз Самарқанд ба Когон омаданд.

**Рӯзи сешанбе. 13 муҳаррам.** Имрӯз валиаҳди амир Миролим бо аскари рус ба Бухоро даромаданд. Аскарони рус пулемётҳоро дар болои дарвозаи арки Бухоро ҷой доданд. Солдатҳои пиёда дар ҳар ҷо посбон истода, аскарони савора дар шаҳр гашта, мардумро пароканда мекарданд. Як қисми аскари рус бо генерали рус ва маъмурони элчихона ба хориҷи шаҳр баромада, деҳотиёнро пароканда мекарданд.

**Рӯзи чоршанбе. 14 муҳаррам.** Имрӯз генерали рус барои таҳқиқ ва тафтиш дар шаҳр гашт кард. Одамони Бурҳониддин пешопеши вай давида, ба халқ талқин мекарданд, ки «Дод аз дасти қушбегӣ! Мақсади мо фақат азли қушбегист» бигӯянд.

Табиӣ, мардум мисли грамофон ин суханонро ба генерал мегуфтанд. Баъди ин тафтиш генерал бо валиаҳд ба азли қушбегӣ Остонақул қарор дода, ба амир арз карданд.

Амир қушбегиро азл карда ба Кармина фиристод. Одамони наздик ва муқарраби ӯро низ аз шаҳр бароварда, ба ҳар сӯ пароканда кард. Мирзо Насрулло-биро қушбегӣ таъин карда, Мирзо Низоми Урганҷиро бо маъмурияти дараҷаи дуюм ба идораи як қисм корҳои закот ва молия гумошт.

Баъд аз азли қушбегӣ душманонаш дар ҳаққи вай гуноҳ ва хиёнатҳои ҳеҷ як ақли салим қабул накунандаеро нисбат медоданд. Гӯё ки қушбегӣ барои соҳиб шудан ба тахти Бухоро ин балворо барангехта бошад. Гӯё бо ҳамин мақсад эрониҳоро мусаллаҳ карда, бар зидди ҳомиёни ҳукумати машруаи Бухоро — муллобачаҳо ҳуҷум кунонидааст. Агар қушбегӣ муллоҳоро нест карда тавонад, амир аз тахт маҳрум шу-

да, қушбегӣ подшоҳ мешудааст. Қушбегӣ барои подшоҳӣ тамоман омода шуда, ҳатто барои худ тоҷ ҳам созонда будааст...

Бурҳониддини раис ҳам, ки Бухороро оғушта ба хун карда, ба даромадани аскари рус сабаб шуда буд, дар баъзе маҷлисҳо ин суханҳоро гуфта, барои ба ҳукумати амир ҷонсипорона хизмат карданаш фахркунон гап мезад.

Ин қабил гапҳоро, албата, душманони қушбегӣ ва сабабгорони фитна барои ниҳон кардани гуноҳи худ сохта мебароварданд ва мардуми содадил ҳам ба ин сафсатаҳо бовар мекард.

Аммо дар назари касони огоҳ аз аҳволи онвақтаи Бухоро ва аз сиёсати онвақтаи ҳукумати рус ин гапҳо заррае эътибор надоштанд. Зеро ба инҳо аён буд, ки подшоҳии Бухоро дар як сӯ истад, ҳатто мансаби қозикалонӣ ва бегиҳои дигар ҳам бе рухсати ҳукумати рус ба касе дода намешуд. Дар чунин вазъият Остонақул девона набуд, ки ба хаёлҳои хом афтода бошад.

Дар ҳар ҳол дар ин ҷанҷол содир шудани гуноҳе аз шахси Остонақул маълум нест. Лекин як қисм одамон ва муқаррабони вай ба калон шудани ҷанҷол сабаб гардиданд, ҳатто овоза буд, ки яроқҳои подшоҳиро ба эрониён додаанд.

## Истифода карданӣ шудани генерали рус аз ин фитна

Дар натиҷаи тадбирҳои дар боло зикршуда фитна хобонда шуд. Лекин генерали рус бо ин омаданаш Бухороро ба ишғоли аскари рус даровarда, илҳоқи онро ба Русия омода кардан мехост. Бинобар ин баъд аз фурӯ нишастани фитнаву ихтилол ба баромадан аз Бухоро розӣ нашуд. Барои ин эҳтимоли дубора сар задани ихтилолро далел меовард. Ҳукумати Бухоро ҳар қадар кӯшида бошад ҳам, суханашро ба генерал шунавонида натавонист. Генерал ба тамоми корҳои Бухоро назорат карда, дар дохили арк менишаст.

Ниҳоят дар сояи кӯшиши баъзе ҳамиятмандони огоҳ аз аҳволи рӯҳияи аркони ҳукумати рус аз назорати хориҷии Русия ба баромадани генерал аз Бухоро амри қатъӣ омад. Генерал аз шаҳр баромада бошад ҳам, то ду моҳ аскаронашро аз таги дарвозаи Бухоро нагирифт. Боз ҳам сар задани фитнаро баҳона мекард.

Як маъмури рус бо фармони генерал-губернатори онвақтаи Тошканд дар беруни дарвозаи Бухоро идорае ташкил кар-

да, шабу рӯз бо корҳои махфие машғул буд. Ҳар рӯз бо эрониёни Бухоро мусоҳиба карда, эҳтиёт шуданро аз тоҷикҳо тавсия менамуд, инчунин бо тоҷикҳо ҳам сӯҳбат карда, «эрониҳо ба муқобили шумо тайёрӣ доранд» гуфта хабар медод.

Вале чи эронӣ ва чи тоҷик, ҳар як бухорӣ чи будани ин бозиҳоро фаҳмида, ба суханҳои Бурҳониддини аҳмақ, арбоби ҳукумати бемағз ва мулло Қамар барин одамони фосиду ғаразкор даромада, дар роҳи ғарази шахсӣ ва мансабталошии онҳо, дар қурбон шудани ин қадар бечораҳо олат гардидани худро фаҳмида буданд; дарк карда буданд, ки барангехтани низоъи суннию шиа не, балки иттиҳоди ин ду фирқа якҷоя шуда аз байн бардоштани муллоҳои мутаассиб, сипоҳиёни нодон лозим ва ислоҳи доираҳои бетартибу вайрони давлатӣ, ислоҳи мадрасаҳо, ки лонаи таассуб гардидаанд, зарур мебошад.

Хулоса маъмурони махфии рус ҳар қадар кӯшида бошанд ҳам, дубора фитна барангехта натавонистанд ва генерали рус ҳам ноумед шуда, аскарашро аз атрофи Бухоро бардошт.

Дар бораи ин фоҷиа таассуроти худамро ба форсӣ ба назм дароварда будам. Нақли чанд байти он манзума барои намуна муносиб дида шуд:

Инқилоби даҳру даври чарху кори рӯзгор
Дарси ибрат медиҳад, ҳар кас, ки бошад ҳушьёр.
Гар ба неъмат, гар ба меҳнат, гар ба иззат, гар ба зил(л),
Имтиҳонгоҳ аст моро саҳнаи лайлу наҳор.
Гар ба каф шуд давлати гетӣ, намебояд ғурур,
Гар ба сар шуд меҳнати олам, бибояд истибор.
Носипосӣ сар занад, «астағфируллоҳулазим»,
Интиқоми эзадиро буд бояд интизор.
В-он гаҳ аз он шӯъла дар як дам на тар монад, на хушк,
В-он гаҳ аз он бод дар олам на гул монад, на хор.
Чун вазид имрӯз боди бениёзии худо,
Дар Бухоро бурд аз пиру ҷавон сабру қарор.
Фитнае афтод, зоил гашт аз танҳо шикеб,
Вақъае сар зад ,ки берун кард аз ҷонҳо димор.
Фитнае афтод, зоил гашт аз танҳо шикеб,
Олами ислом чандин бор гашта торумор.
Хонумонҳо з-ин сабаб ин бор ҳам тороҷ ёфт,
Гулъизорон з-ин ҷиҳат ин бор ҳам ғалтида хор.
Рафт ҷони як ҷаҳон бечора бар чанги аҷал,
Монд ҷисми як гурӯҳ афтода бар ханҷар дучор.
То ба кай бошем дар кунҷи ҷаҳолат мустақим?
То ба кай бошем дар фикри залолат устувор?
То ба чандин рехтан хуни бародар ҷои об?
То куҷоҳо кӯфтан бар фарқи модар ҷои мор?
Худкушӣ аз баҳри чӣ? Аз бегонагон орем шарм,
Дӯстозорӣ чаро? Аз душманон дорем ор.

Хуни мӯъмин рехтан бар мӯъминин кай шуд раво?
Моли муслим тохтан бар муслимин кай шуд шиор?
«Муслим аз муслим саломат бошад»— ин қавли расул,
Гуфтааст «ал-мӯъминуна ихватун» парвардигор.

## Ташкили фирқаи ҷадид ё ҷавонбухориён ва программаи нонавишта

Чунонки дар боби аввали таърихамон гуфта будем, дар вақтҳои охир бо таъсири газетаҳо ва дар натиҷаи инқилобҳои Русия ва Туркия касоне зиёд шуда буданд, ки ба аҳволи илмӣ ва иҷтимоии Бухоро ва ба зулму разолатҳои доираҳои давлатӣ бо назари танқид менигаристанд.

Баъди дар Бухоро кушода шудани мактаби нав ва шӯҳрат пайдо кардани он касоне ки дар онҳо андак бедории фикрӣ пайдо шуда буд, ба атрофи мактаб ҷамъ шуданд ва боз як гурӯҳ ҷавонфикрони нав ба воя расиданд. Дар натиҷаи ба муқобили мактаб ва ҳавохоҳони он сар бардошта, қиёматҳо барпо карда, бар сари онон рехтани тӯҳмат, ифтиро, такфир ва талъинҳои хориҷ аз бардошти инсон аз тарафи уламо мунавварфикрони пештара бо ҷавонфикрони тоза ба воя расида, ба таври табиӣ ба ҳам наздик шуданд, бо ҳам ҳамфикр ва ҳамдард шуда, гӯё ранги ҷамъиятеро гирифтанд. Инҳо ба як ҷо ҷамъ шуда, доир ба маслаки худ программа нанавишта бошанд ҳам, мақсад ва маромашон ба ҳар кадом ва ба ҳамдигар маълум буд. Хулосаи программа ва маромномаи нонавишта тақрибан аз ин иборат буд:

1. Дар байни аҳолӣ беилмӣ ва бефикриро нест кардан, барои ин ба ривоҷи мактаби ибтидоӣ кӯшидан, адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯзаро дар байни мардум паҳн кардан;

2. Бо уламои паскаш мубориза бурдан, бо ин мақсад разолати уламо ва мадрасаҳоро пеши назари мардум кушода нишон додан, ба кушода шудани фикри талабагони мадраса, хусусан фарзандони уламо кӯшида, масъалаиислоҳи мадорисро пеш бурдан;

3. Зулм ва фасоди арбоби ҳукуматро ба халқ кушода нишон додан, бо ин мақсад муомилаи ҳоким ва қозиҳоро бо халқ, хусусан бо деҳқон ва фақирони қишлоқ ба халқ фаҳмондан, ба қадри имкон ҳуқуқи деҳқонони фақир ва зулмдидагонро мудофиа кардан;

4. Исрофҳо ва разолатҳои амир ва аҳли дарборро ба халқ кушода нишон додан, мувофиқи майл ва кайфи худ ба сарф

да, шабу рӯз бо корҳои махфие машғул буд. Ҳар рӯз бо эрониёни Бухоро мусоҳиба карда, эҳтиёт шуданро аз тоҷикҳо тавсия менамуд, инчунин бо тоҷикҳо ҳам сӯҳбат карда, «эрониҳо ба муқобили шумо тайёрӣ доранд» гуфта хабар медод.

Вале чи эронӣ ва чи тоҷик, ҳар як бухорӣ чи будани ин бозиҳоро фаҳмида, ба суханҳои Бурҳониддини аҳмақ, арбоби ҳукумати бемағз ва мулло Қамар барин одамони фосиду ғаразкор даромада, дар роҳи ғарази шахсӣ ва мансабталошии онҳо, дар қурбон шудани ин қадар бечораҳо олат гардидани худро фаҳмида буданд; дарк карда буданд, ки барангехтани низоъи суннию шиа не, балки иттиҳоди ин ду фирқа якҷоя шуда аз байн бардоштани муллоҳои мутаассиб, сипоҳиёни нодон лозим ва ислоҳи доираҳои бетартибу вайрони давлатӣ, ислоҳи мадрасаҳо, ки лонаи таассуб гардидаанд, зарур мебошад.

Хулоса маъмурони махфии рус ҳар қадар кӯшида бошанд ҳам, дубора фитна барангехта натавонистанд ва генерали рус ҳам ноумед шуда, аскарашро аз атрофи Бухоро бардошт.

Дар бораи ин фоҷиа таассуроти худамро ба форсӣ ба назм дароварда будам. Нақли чанд байти он манзума барои намуна муносиб дида шуд:

Инқилоби даҳру даври чарху кори рӯзгор
Дарси ибрат медиҳад, ҳар кас, ки бошад ҳушьёр.
Гар ба неъмат, гар ба меҳнат, гар ба иззат, гар ба зил(л),
Имтиҳонгоҳ аст моро саҳнаи лайлу наҳор.
Гар ба каф шуд давлати гетӣ, намебояд ғурур,
Гар ба сар шуд меҳнати олам, бибояд истибор.
Носипосӣ сар занад, «астағфируллоҳулазим»,
Интиқоми эзадиро буд бояд интизор.
В-он гаҳ аз он шӯъла дар як дам на тар монад, на хушк,
В-он гаҳ аз он бод дар олам на гул монад, на хор.
Чун вазид имрӯз боди бениёзии худо,
Дар Бухоро бурд аз пиру ҷавон сабру қарор.
Фитнае афтод, зоил гашт аз танҳо шикеб,
Вақъае сар зад ,ки берун кард аз ҷонҳо димор.
Фитнае афтод, зоил гашт аз танҳо шикеб,
Олами ислом чандин бор гашта торумор.
Хонумонҳо з-ин сабаб ин бор ҳам тороҷ ёфт,
Гулъизорон з-ин ҷиҳат ин бор ҳам ғалтида хор.
Рафт ҷони як ҷаҳон бечора бар ҷанги аҷал,
Монд ҷисми як гурӯҳ афтода бар ханҷар дуҷор.
То ба кай бошем дар кунҷи ҷаҳолат мустақим?
То ба кай бошем дар фикри залолат устувор?
То ба чандин рехтан хуни бародар ҷои об?
То куҷоҳо кӯфтан бар фарқи модар ҷои мор?
Худкушӣ аз баҳри чӣ? Аз бегонагон орем шарм,
Дӯстозорӣ чаро? Аз душманон дорем ор.

Хуни мӯъмин рехтан бар мӯъминин кай шуд раво?
Моли муслим тохтан бар муслимин кай шуд шиор?
«Муслим аз муслим саломат бошад»— ин қавли расул,
Гуфтааст «ал-мӯъминуна ихватун» парвардигор.

## Ташкили фирқаи ҷадид ё ҷавонбухориён ва программаи нонавишта

Чунонки дар боби аввали таърихамон гуфта будем, дар вақтҳои охир бо таъсири газетаҳо ва дар натиҷаи инқилобҳои Русия ва Туркия касоне зиёд шуда буданд, ки ба аҳволи илмӣ ва иҷтимоии Бухоро ва ба зулму разолатҳои доираҳои давлатӣ бо назари танқид менигаристанд.

Баъди дар Бухоро кушода шудани мактаби нав ва шӯҳрат пайдо кардани он касоне ки дар онҳо андак бедории фикрӣ пайдо шуда буд, ба атрофи мактаб ҷамъ шуданд ва боз як гурӯҳ ҷавонфикрони нав ба воя расиданд. Дар натиҷаи ба муқобили мактаб ва ҳавохоҳони он сар бардошта, қиёматҳо барпо карда, бар сари онон рехтани тӯҳмат, ифтиро, такфир ва талъинҳои хориҷ аз бардошти инсон аз тарафи уламо мунавварфикрони пештара бо ҷавонфикрони тоза ба воя расида, ба таври табиӣ ба ҳам наздик шуданд, бо ҳам ҳамфикр ва ҳамдард шуда, гӯё ранги ҷамъиятеро гирифтанд. Инҳо ба як ҷо ҷамъ шуда, доир ба маслаки худ программа нанавишта бошанд ҳам, мақсад ва маромашон ба ҳар кадом ва ба ҳамдигар маълум буд. Хулосаи программа ва маромномаи нонавишта тақрибан аз ин иборат буд:

1. Дар байни аҳолӣ беилмӣ ва бефикриро нест кардан, барои ин ба ривоҷи мактаби ибтидоӣ кӯшидан, адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯзаро дар байни мардум паҳн кардан;

2. Бо уламои паскаш мубориза бурдан, бо ин мақсад разолати уламо ва мадрасаҳоро пеши назари мардум кушода нишон додан, ба кушода шудани фикри талабагони мадраса, хусусан фарзандони уламо кӯшида, масъалаи ислоҳи мадорисро пеш бурдан;

3. Зулм ва фасоди арбоби ҳукуматро ба халқ кушода нишон додан, бо ин мақсад муомилаи ҳоким ва қозиҳоро бо халқ, хусусан бо деҳқон ва фақирони қишлоқ ба халқ фаҳмондан, ба қадри имкон ҳуқуқи деҳқонони фақир ва зулмдидагонро мудофиа кардан;

4. Исрофҳо ва разолатҳои амир ва аҳли дарборро ба халқ кушода нишон додан, мувофиқи майл ва кайфи худ ба сарф

кардани байтулмол ҳақ надоштани амир ва одамони вайро ба халқ фаҳмондан;

5. Исроф ва бидъатҳои байни аҳолиро барҳам додан, дар одатҳои расмшуда, дар тӯй ва азо ба қадри имкон роҳи машрӯъ пеш гирифтан;

6. Аз байни аҳолӣ таассубҳои ҷоҳилона, низоъҳои мазҳабӣ, рақобатҳо ва нисбат ба ҳамдигар ифтихор ва калонгириҳоро барҳам додан, барои амалӣ гардондани фикрҳои болоӣ омода ва тайёр кардани афкори умумӣ...

Ҷавонон ва ҷавонфикрон гӯё дар байни худ аҳду паймон карда бошанд, мувофиқи програм ва маромномаи болоӣ кор карда, дар байни халқ ин фикрҳоро паҳн менамуданд.

Дар натиҷаи фитнаи шиаю суннӣ арбоби афкори болоӣ зиёд шуд. Дар сояи интишори ин фикрҳо ба воситаи ҷавонон ва раҳнамоии газетаю маҷаллаҳо ба бисьёр касон маълум шуд, ки сабаби ин қадар фасоду фоҷеаҳо, толону тороҷҳо, қатлу ғоратҳо рақобати умаро, таассуб ва ҷаҳолати уламо, зулму фасод ва тарзи идораи нодурусти ҳукумат будааст. Агар аҳвол ба ин минвол давом мекарда бошад, агар доираи давлатӣ ислоҳ ва танзим нагардад, агар мактабҳои ибтидоӣ зиёд шуда, илму дониш дар байни мардум паҳн нагардад, агар мадрасаҳо ислоҳ нашаванд, ҳаёти илмӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Бухоро дар таҳлука аст.

Дар натиҷаи ҳамин кушодафикрӣ дар андак фурсат шиа бо суннӣ чун бародар ҳамзист шуданд. Чи шиа ва чи суннӣ, чи эронӣ, чи тоҷик, ҳар як соҳиби фикр бо ҳам наздик гардида, гӯё ки ба муқобили зулм, фасод, фитна, ҷаҳолат ва таассуб ҷиҳод эълон карданд. (Барои ҳамин фитнаву иғвои шӯъбаи махфии элчихона низоъи шиаву сунниро дубора барангехта натавонист).

Азбаски барои ба ҳамдигар наздик шудани ин соҳибфикрон дар марҳилаи аввал мактаби усули ҷадида сабаб шуда буд, уламо ва арбоби ҳукумат ин фирқаро «ҷадид» ё «ҷадидӣ» номиданд. Азбаски маслаки ин фирқа тараққӣ ва пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро «ҷавонбухороиён[1] (мисли ҷавонтуркон) меномиданд.

---

[1] *«Ҷавонбухороиён»* — гурӯҳе, ки мақсади онҳо дар ибтидо тараққӣ, нашри маорифи замонӣ ва пешрафти мамлакат ва роҳбару аъзоёнаш ба эътибори аксарият ҷавонон ва навфикрон будаанд. Аъзоёни ин гурӯҳ, мисли «ҷавонтуркон» дар Туркияи он давра худро «ҷавонбухороӣ» меномиданд. «Фирқаи ҷавонбухороиён» дар арафаи Инқилоби Бухоро ташаккул ёфт, ки ба он Файзулло Хоҷаев роҳбарӣ мекард ва газетаи «Учқун» нашири афкори он буд.

Машҳуртарин намояндагони кушодафикрони аввала, ҷавонон ва ҷавонфикроне, ки нав ба атрофи мактаб ҷамъ омада буданд, инҳоянд: Абдулвоҳиди Мунзим, Мирзо Муҳиддин ва писарони вай — Мирзо Исом ва Мирзо Абдуқодир, Аҳмадҷонмахдуми Ҳамдӣ, Мирзо Иззатулло, мударрис Абдулқодир-махдум, Бӯрибой ва писараш Мирзо Мустафоқулӣ, Ҷаҳонгирбеки қаровулбегӣ, Мулло Мирхон Порсозода, Мазҳар-махдум ва бародараш Мукаммил-махдум, мулло Низом Собитии тотор, Мирзошоҳи Фоиз (писари Мирзобои оқсақол), Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо Исмоили Аттор, Ғуломризои қаровулбегӣ, Усмонхоҷа писари Пӯлодхоҷа, мулло Очилдӣ писари мулло Боқӣ. Яке аз онҳое, ки ба ҳамаи ин корҳо мубошир шуда мегашт, нависандаи ин сатрҳо Садриддин Айнӣ буд.

Ба замми ин аз уламо, аз аҳолӣ, аз сипоҳ ва талабагони мадраса бисьёр касон бо инҳо ҳамфикр буданд. Аз ҷумла: муфтӣ домулло Икром, қозӣ Абдусамадхоҷа, қозӣ Шарифҷонмахдум, қозӣ Саидҷон, Мирзо Саҳбо-бӣ, ҳоҷӣ Додхоҳ, Порсохоҷа, ҳоҷӣ Ҳамроҳ Йӯлдошзода, Мирзо Пӯлод, Салимҷон, ҳоҷӣ Сироҷиддин, Аҳмад Қамолӣ ва дигарон.

## Газетаи «Вақт» ва мақолаҳои «Бухорой»

Ба масъалаҳои мактаб, фоҷиаҳои суннию шиа матбуоти мусулмонони Русия, хусусан газетаҳои «Тарҷимон» ва «Вақт» бо назари дақиқе нигариста, танқидҳои ҳаққонӣ ва ба хонандагон раҳнамошавандае навиштанд.

Ба муносибати фоҷиаи шиаю суннӣ аз аъзои ҳайати таҳририяи газетаи «Вақт» Бурҳон Шараф ба Бухоро омада, аҳволро таҳқиқ карда, таҳти унвони «Мактубҳо аз Бухоро» якчанд мақола навишт.

Бурҳон Шараф дар яке аз мақолаҳояш менависад: «Дар идораи давлати хонияи Бухоро ба маъмурон ва тӯраҳо вазифа — моҳона дода намешавад, балки маъмурон худашон ба болоиҳо пул дода меистанд. Чунончи иҷорадорони бозор маблағи ба иҷора пардохтаи худро аз бозориён ҷамъ карда мегиранд, маъмурони Бухоро низ маблағи ба болоиҳо додаи худро ба изофааш аз мардум ҷамъ мекунанд. Албатта, ҳар кадом ба зиёдтар ҷамъ кардан мекӯшад, зеро ки дар ин андозу гирифт ҳеҷ як қонуни навишта ва қоидаи маъмуле нест, аз ҳар кас ҳар қадар рӯёнда тавонанд, ҳамон қадар меситонанд. Ба ин бовар кардани ба мисли мо касоне, ки ба низом одат карда-

анд, душвор аст, лекин ҳақиқат чунин аст. Дар андозу гирифтанҳо баробарӣ ва адолат ҳам нест. Муносибати шахсӣ ва адоват, заифӣ ва пурзӯрӣ, ҳилагарӣ ва содадилӣ — ҳамаи инҳо дар таъини миқдори андоз таъсир доранд.

Ду савдогаре, ки дар як сол ба маблағи даҳ ҳазор сӯм хариду фурӯш кардаанд, яке ба ҳар сад сӯм ду ним сӯм закот диҳад, дигарӣ ба ҳар сад сӯм бо 25 сӯм ҳам халос намешавад.

Ҳамаи ҳисобу китоби давлат аз рӯи тахмин буда, чизҳое аз қабили дафтару бухгалтерия маъмул нестанд. Бинобар ин ба баҳонаи закот аз ҳасту несташон ҷудо кардани савдогарон ва ба баҳонаи ушр ҷамъ карда бурдани тамоми маҳсули деҳқонон дар давлати хонии Бухоро аз корҳои оддӣ мебошанд. Аксари заминҳои амлоқ азбаски ба андози ушрӣ таъин кардаи маъмурон ҳосил намедиҳанд, нокишта монда, соҳибонашон кӯчида рафтаанд.

Маъмурон агар хоҳанд, ба мусодира кардани молу мулки ҳар касе ихтиёр доранд. Ва аз ин қуввати худ доимо истифода менамоянд. Воридот ва масорифи хукумат ҳисоби муайяне надорад ва бинобар ин пул ба дасти ҳар кӣ афтад, дар дасти вай мемонад.

Ин беадолатӣ ва зулмҳое, ки дар пеши назари ҳама анҷом мeёбанд, хуни мардумро ба ҷӯш оварда ва роҳат зиндагонӣ ба сар бурдани золимон таҳаммулфарсо бошад ҳам, мардум азбаски чора ва дар даст қувват надоранд, сокит менишинанд». («Вақт», соли 1910, февраль, шумораи 574).

Ин бист-сӣ сатри боло аҳволи онвақтаи ҳукумати Бухоро ва бо чӣ назар ба он нигоҳ кардани халқро ба хубӣ тасвир мекунанд. Дар газетаи «Вақт» ба мазмуни боло бисьёр чизҳо навишта мешуданд.

* * *

Аз моҳи феврали соли 1910 (баъд аз фоҷиаи суннию шиа) дар газетаи «Вақт» дар зери унвони «Аз аҳволи Бухоро» бо имзои «Бухороӣ» як силсила мақолаҳо нашр шуд. Нависандаи ин мақолаҳо яке аз ҷавонтарин ҷавонбухороиён буд, ки чизҳои хеле таъсирнок ва муҳаққиқона навишта, диққати ҳамаи аҳолиро ба худ ҷалб карда буд. Ин мақолаҳо аз аввали нашри худ афкори умумиро ба шӯр ва ҷавононро ба ғалаён оварда, сабаби бо ғайрат ва ҳиммати бештаре ба кор даромадани онон гардид.

Бинобар бо имзои мустаор навишта шудани мақолаҳо кӣ

будани нависандаи онҳо ба касе маълум набуд. Вале ӯ ба муносибате маҷбур шуд, ки худро ба ман шиносонад. Ин сир то имрӯз ниҳон нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, ҳоло ки дар Бухоро инқилоб шуда, тамоми золимҳо нест шудаанд, дигар ба пинҳон кардан лузуме нест, кӣ будани соҳиби мақолаҳоро фаҳмонда, нақл кардани баъзе порчаҳо аз он мақолаҳо аз нуктаи назари таърихи инқилоб лозим менамояд.

Мақолаи якум феврали соли 1910 дар шумораи 585-и газетаи «Вақт» нашр шудааст. Соҳиби мақола пас аз муқаддимае чунин менависад:

«Баъд аз табаддулоти хунин (ишора ба фоҷиаи шиаю суннӣ) шаҳр ором, ҳар кас бо кору бори худ машғул, ду бародар (шиа ва суннӣ) вақти дидани ҳамдигар ба хунҳои рехта афсӯс ва ба саломат мондани худ хурсандӣ изҳор мекунанд. Дар зоҳир гӯё душманию адоват тамом шудааст.

Умуми аҳолӣ баъд аз ин ҳодиса дар худ қуввате ҳис мекунанд. Аз дасти золимон халос шудан, ба ҷои ҳукумати золим омадани ҳукумати одилеро бо хурсандӣ талаққӣ карда, барои аҳолӣ сабукиҳо, ислоҳоти умумӣ мешавад, гуфта умедворанд.

Вале мо аз ин риҷоли нави ҳукумат, аз одил ё золим будани онҳо гап намезанем ва аз инҳо ислоҳот ва сабукиҳо низ интизор надорем, чунки аз рӯи урфу одати Бухоро ва қонуни ҳукуматӣ, тамоми ҳаракат ва муомилоти ҳукумат фақат вобаста ба ҳазрати амир аст. Дар дасти тамоми маъмурони ҳукумат, ҳатто ба дасти вазир низ, ки ҷонишини амир мебошад, қуввате нест, зеро қонуне вуҷуд надорад, ки ба мавҷиби он амал карда шавад. Фақат барои пул ҷамъ кардан ба ҳама маъмурони ҳукумат ҳуқуқи номаҳдуде дода шудааст. Ҳар маъмуре, ки ин қувватро кор фармуда натавонад, беқобилият шуморида мешавад. Аз ин ҷост, ки дар сари ҳукумат чунин касони «ӯҳдабаро» истодаанд. Пас, дар байни аҳолӣ ва амир як гурӯҳ яғмогарҳо воситаанд. Инҳо манфиати шахсии худро ба назар гирифта, аҳолиро ба қадри имкон аз амир дур нигоҳ доштаанд. Аҳволи умумиро ба амир ба андозае роҳат ва дар осоиш нишон додаанд, ки барои дар бораи фуқаро фикр кардани вай заррае ҷой намондааст.

Агар баъзеҳо барои арзи шикоят ба амир ба Кармина равона шаванд, аз тарафи ин маъмури золим ба хидматгорони муқими дарбори амир: «Як гурӯҳ сарсариҳо рафтанд, нисбат ба онон тадбирҳои даркорӣ дида шавад» гуфта хабар меравад.

Хадамаи дар Кармина муқими ришватхӯр аризаҳои ин ҷа-

моати мазлуму бечораро гирифта, гӯё ба амир мерасонанд, ҳол он ки амир на аз ариза хабар дорад, на аз омадани аризачиҳо, Ҷавоби охирин ба ин мазмун мешавад: «Аризаатонро додам, ҷавобе надода, пора карда партофтанд. Шумо сарсариҳо худатон ба маъмурон итоат накарда, осудагӣ ва роҳатро вайрон мекунед» гуфта мазлумонро маҳзуну ноумед бармегардонанд.

Ҷамоати бечора боз меояд ба зери дасти ҳамон золим ва маъмури бетараҳҳум ва ӯ чи қадар ки хоҳад, ба сари ин мазлумон бало мерезад, мезанад, яғмо мекунад... Чӣ чора?

Ба ҳамин тариқ, дар байни амир ва аҳолӣ риштаи муҳаббат канда мешавад, дилсардӣ афзуда, ноамнӣ зиёд мешавад ва нафрат ба ин идораи золимона дили аҳолиро рӯз ба рӯз зиёдтар фаро мегирад. Чору ночор дар хаёли худ чораҳо, паноҳгоҳҳо меандешад, ин фикру хаёлҳо рӯз ба рӯз ба ҳадде меафзоянд, ки ҳар соҳибақл натиҷаи мудҳиши онро тасаввур карда, ба баҳри ғаму андӯҳ ғӯтавар мегардад... Худоё, худат нигаҳ дор!..»

Соҳиби мақола бо ҷумлаи охирин аз норозигии аҳолӣ аз ҳукумат истифода намуда, ба эҳтимоли ишғоли Бухоро аз тарафи давлати мустабиддаи рус ишора мекунад. Баъд дар чанд сатр ба амир ва маъмурони он хитоб карда, ҳодисаҳои мудҳишро дар пеши назари онон муҷассам месозад. Баъди андак баҳс оид ба мактаб ва усули ҷадида дар мавқеи риҷо ба халқ хитобан менависад: «Хоҳ ҷадид ва хоҳ қадим аз тамоми хайрхоҳони миллат риҷо мекунам: дар байни аҳолӣ ба интишори ҷароиди исломия, ки ба мо бухориёни ғафлатзада диққат мекунанд, ғайрат намоянд, зеро ба худи шумо маълум аст, модом ки худи мо ҷароид ва осори мунташира надорем, аз он чи мавҷуд аст, истифода карданамон лозим меояд».

Соҳиби мақола якчанд газета ва журналҳои дар Русия ва Истанбул чопшавандаро бо адрес ва ҳаққи обунаашон зикр карда, ба ҷавонони Бухоро муроҷиат карда, менависад: «Дар Бухоро як гурӯҳ миллатпарастон ҳастанд. Оташи ғайрати инҳо, бо таассуф баён мекунем, ки бо баста шудани мактаб хомӯш шуд, инҳо худро аз майдон ба канор кашиданд. Ба инҳо ғайрат ва ташаббусоти миллӣ таманно дорем. Бародарон, мактаби усули ҷадида баста шудааст. Магар бо ҳамин ба пеши ҳаракати тараққипарварони шумо сад [банд] кашидаанд? Ба қадри ҳол кӯшидан, ғайрат кардан лозим...»

Баъд ба тариқи ташвиқи ҷавонон якчанд ҷумлаи оташин навишта, дар лузуми гузариш аз ҳарф ба кор аз мулоҳизоти шайх Муҳаммад Абдуҳу чанд ҷумла нақл намуда, мақоларо

бо ин суханон ба итмом мерасонад: «Бародарон, ба ин суханон диққат кардан, кӯшидан, кор кардан лозим. Кӯшиш, кӯшиш!»

Маҳсули қалами як бухорой будани ин мақола ба ҳама маълум бошад ҳам, кӣ будани нависандаро касе намедонист.

Дар шуморае, ки ин мақола нашр шуда буд, дар сутуни «Ҷавобҳо аз идора» ин ҷумла дарҷ шуда буд: «Ба «Қочқин»— афандӣ! Навиштаҳо ва мақолаҳои шуморо бо имзои мустаор нашр кардан мумкин аст. Фақат барои дар идора маҳфуз мондан маълум кардани исми ҳақиқӣ ва адресатонро хоҳишмандем. Баъд дар бораи навиштаҳоятон мухобира хоҳем кард».

Ин ҷавоб ба бухороии мо дахл доштааст...

Вале «Бухорой» ба сабаби эътимод надоштанаш ба маълум кардани ном ва адреси худ, ин сирро эътимод карда, ба ман маълум ва ба воситаи ман бо идораи «Вақт» мухобира намуд.

Ана ин «Бухорой» имрӯз садри кумитаи иҷроияи марказии Бухоро, дар он рӯзҳо як ҷавони 15—16-сола Абдулқодир Муҳиддинов[1] буд.

Ин силсилаи мақолаҳо 5—6 моҳ давом кард. Ҳақиқатҳои зиёде ба саҳифаи матбуот баромада, ба ҷавонон раҳнамо шуд, арбоби ҳукумат, уламо хеле баҷо танқид шуданд. Хулоса, якчанд мақола барои замони худ натиҷаи зиёде ба амал оварданд.

Дар он рӯзҳо аз тарафи ҳукумати Русия ҳайати тафтише ба Бухоро омада мадохилу махориҷи давлатро ба ҳисоб мегирифт, роҳҳои ислоҳ ё илҳоқи онро омода менамуд. «Бухорой» дар охири як мақолае, ки ба тарзи мусоҳиба навишта шуда буд, ба бекҳо ва ба аҳолӣ хитобан бо чанд ҷумла ба ин масъала ишора карда мегузарад:

«Бек-афандиҳо! Ба як мухторияти идоравие молик ҳастем, ки миллатҳо бо ҷону молашон ба даст даровarda наметавонанд. Бас аст яғмоҳо, зулмҳо ва сафоҳатҳое, ки то имрӯз кардаед! Акнун баъд аз ин дар ҳаққи бандагони худо ҳам андаке фикр кунед! Худо бандагонашро то қиёмат дар зери зулм ва асорат

---

[1] *Муҳиддинов Абдулқодир* (1882—1934) — яке аз аъзоёни фаъоли ҳаракати ҷавонбухороиён ва Партияи коммунистии Бухоро. Дар арафаи инқилоби Бухоро муҳаррири рӯзномаи «Қутулуш»— нашири афкори Партияи коммунистии Бухоро будааст, ки пинҳонӣ дар шаҳр ва музофоти аморат интишор меёфт. Пас аз инқилоб дар ҳукумати шӯроии Бухоро дар соҳаҳои муҳим вазифаи роҳбариро ӯҳдадор будааст. Баъд аз ташкили Республикаи автономии Советии Социалистии Тоҷикистон ба сифати раиси Шӯрои комиссарони халқ ва дар вазифаҳои дигар кор кардааст.

намегузорад, тамоми ҳастии ин миллати бечораро нест карда, боз худро мусулмон мешуморед, ба қиёмат иқрор мебошед... Эй аҳли ватан! Бухоро як давраи инқилоби бузург ва замони таҳлукадоре аз сар мегузаронад. Ҳар кас дар доираи ақлу инсоф, ба қадре, ки аз дасташ меояд, бояд кор бикунад».

Баъд аз нақли сайре, ки ба муносибати соли нав дар Регистони Бухоро барпо шуда ва дар он фоҳиша ва амрадбачагон ба рақсу бозӣ даровардa шуда буданд, ба арбоби давлат хитобан менависад: «Аз шаҳватпараст шудани миллат ба шумо чӣ фоида? Аз чиркин кардани дилҳои маъсум ба шумо чӣ суд? Дар ҳолате, ки барои тарбияи ахлоқи умумӣ ташаббусе надоред, ба вайрон шудани он ин қадар майдон кушода, дар таҳти назорати худ барои раийя амрад парварида, аз ин чӣ интизоре доред? Агар худатон ба ҷувонбозӣ моил ҳастед, ҳар кадом барои худ як не, сад ҷувон тарбия кунед. Магар мо як даҳан гап мезанем? Лекин аз ҳадаф қарор додани рӯҳи мазлуми миллат дар назди ин истилои шайтонӣ даст бардоред. Аз ин қадар хиёнати беҳад ба исломият ва инсоният шарм кунед!..»

«Бухороӣ» дар шумораи 602-и газетаи «Вақт» (8 апрель, 1910) дар як мақолаи худ аз воридот ва масорифи ҳукумати Бухоро сухан ронда, навишта буд: «Пулҳоеро, ки ба хазина медароянд, чӣ гуна таъбир карданро намедонам». «Воридот» гӯям, дар муқобилаш «масориф», «мадохил», гӯям дар муқобилаш «махориҷ», «приход» гӯям, дар муқобилаш расход»-ро донистанӣ мешавед. Ҳол он ки як қисми ин тиллоҳо ба сиёҳчашмони Ялта, як қисмаш ба тиҷорати вақф сарф карда шуда, боқимонда дар кассаи банкҳо мехобиданд. Ба назари ман инро «ҷазои нақле, ки ғафлат эҷод мекунад» гуфтан лозим. Ин таъбир дароз бошад ҳам хеле мувофиқ аст».

Баъд аз тафсилоти баёни аз кадом ҷойҳо ва бо чӣ роҳҳои золимона ҷамъ омадани воридот менависад: «Дар муқобили воридоте, ки дар чор сутун баён ёфт ва 17,5 миллион яғмо (тороҷ) масорифро дар ду сатр нонавишта намегузорам: ба хастахонаи шаҳр, ки таҳти назорати русҳост, соле 25 ҳазор сӯм ва харҷи аз шаҳр баровардани барфе, ки соли 1909 борид, 35 ҳазор сӯм. Ба ғайр аз ин 60 ҳазор сӯм махориҷ барои эҳтиёҷи халқ, агар касе маблағи дигареро нишон диҳад, ман бо мамнунияти тамом ба тасҳеҳи гуфтаҳоям ҳозирам.

Ба хаёли хонандагон чунин як мулоҳиза омаданаш эҳтимол аст: бошандагони давлати хонии Бухоро магар фарзанди инсон нестанд, ки ба ин қадар зулм таҳаммул мекунанд? Онҳо магар

ба арбоби ҳукумат рӯ оварда намегӯянд, ки «амволамон, авлодамонро аз дастамон мегиред, аз маблағҳое, ки дар зери 40 дараҷа ҳарорати офтоб меҳнат карда меёбем, миллионҳо ҷамъ мекунед, моро дар гуруснагӣ ва бандагӣ нигоҳ медоред. Охир, ин пулҳоро барои чӣ аз мо мегиред? Мо чаро онҳоро ба шумо медиҳем? Шумо ба ғайр аз яғмо кардан ба чӣ ҳоҷати мо даркоред? Шумо киву мо кӣ?»

Аз ҷавоб додан ба ин мулоҳизаҳои хонандагон (ҳарчанд бо тарсончакӣ айбдорам мекарда бошанд ҳам) метарсам ва бо ду ҷавоби мухтасар иктифо мекунам:

1. Ҳарифҳо бандагони худоро ба андозае фишурда, пахш кардаанд, ки овоз баровардан он сӯ истад, ҳатто чашм ҳам кушода наметавонанд.

2. Як мудофеи қавӣ доштани балоеро, ки дар болои сарашон ҳаст, медонанд». (Ин ҷумла ишора ба ҳукумати мустабиддаи Русия аст).

Соҳиби мақола бо ҷумлаҳои пуршиддати болой ҷавонони Бухороро ба ғалаён оварда, баъд барои қадре ба эътидол оварда, ба корҳои имконпазир ҷалб намудани онон мақоларо бо ин сатрҳо ба итмом мерасонад:

«Бародарон! Ба ислоҳ ва дигаргунсозии авзои дар боло навиштаам машғул шудан, фикру мулоҳиза рондан хориҷ аз қувват ва иқтидори шумост. Ман инҳоро барои бо вазъият шинос шудани хонандагони «Вақт» навиштам. Машғул шудан ба кори хориҷ аз қувват боиси маъюсӣ ва аз кор канора гирифтани шумо мегардад. Дар ҳолате, ки зулмати маъюсӣ, маҳрумият ва ноумедӣ тамоми аъзои бадан ва рӯҳамро фаро гирифтааст, мавҷудияти шумо мисли партаве аз офтоб ба ман риштаи уммеде медиҳад. Ҷамъияти хурди шумо ки аз намояндагони синфҳои гуногун ташкил ёфтааст, ба умедвории ман як дараҷа қувват мебахшад.

Бародарон! Аз хаёлҳои баланду боло гузашта, ба сари кор биёем. Иттиҳодияҳо, мубодилаи афкор ва мусоҳибаҳо тартиб бидиҳем. Бо ҳамин роҳ бо ҳамдигар шинос шавем. Барои танвири афкор ва ислоҳи аҳволи миллат рисолаҳои хурд-хурд навишта паҳн кунем, ба нашриёти хурде оғоз намоем, ки раҳнамои роҳи рост бошанд. Даҳ нафар сарсарӣ як шуда, ҳар ҳафта базме тартиб медиҳанд. Магар мо бо иттифоқ ба нардбони тараққӣ қадами хурде бардошта наметавонем?»

«Бухороӣ» дар аввали моҳи июль дар шумораи 624-и «Вақт» дар оғози мақолае, ки дар бораи аҳволи умумии Бухоро навиштааст, аз маъмурони Бухоро сухан ба миён оварда, аз қушбегии

намегузорад, тамоми ҳастии ин миллати бечораро нест карда, боз худро мусулмон мешуморед, ба қиёмат иқрор мебошед... Эй аҳли ватан! Бухоро як давраи инқилоби бузург ва замони таҳлукадоре аз сар мегузаронад. Ҳар кас дар доираи ақлу инсоф, ба қадре, ки аз дасташ меояд, бояд кор бикунад».

Баъд аз нақли сайре, ки ба муносибати соли нав дар Регистони Бухоро барпо шуда ва дар он фоҳиша ва амрадбачагон ба рақсу бозӣ даровардa шуда буданд, ба арбоби давлат хитобан менависад: «Аз шаҳватпараст шудани миллат ба шумо чӣ фоида? Аз чиркин кардани дилҳои маъсум ба шумо чӣ суд? Дар ҳолате, ки барои тарбияи ахлоқи умумӣ ташаббусе надоред, ба вайрон шудани он ин қадар майдон кушода, дар таҳти назорати худ барои раийя амрад парварида, аз ин чӣ интизоре доред? Агар худатон ба ҷувонбозӣ моил ҳастед, ҳар кадом барои худ як не, сад ҷувон тарбия кунед. Магар мо як даҳан гап мезанем? Лекин аз ҳадаф қарор додани рӯҳи маздлуми миллат дар назди ин истилои шайтонӣ даст бардоред. Аз ин қадар хиёнати беҳад ба исломият ва инсоният шарм кунед!..»

«Бухороӣ» дар шумораи 602-и газетаи «Вақт» (8 апрель, 1910) дар як мақолаи худ аз воридот ва масорифи ҳукумати Бухоро сухан ронда, навишта буд: «Пулҳоеро, ки ба хазина медароянд, чӣ гуна таъбир карданро намедонам». «Воридот» гӯям, дар муқобилаш «масориф», «мадохил», гӯям дар муқобилаш «махориҷ», «приход» гӯям, дар муқобилаш расход»-ро донистанӣ мешавед. Ҳол он ки як қисми ин тиллоҳо ба сиёҳчашмони Ялта, як қисмаш ба тиҷорати вақф сарф карда шуда, боқимонда дар кассаи банкҳо мехобиданд. Ба назари ман инро «ҷазои нақле, ки ғафлат эҷод мекунад» гуфтан лозим. Ин таъбир дароз бошад ҳам хеле мувофиқ аст».

Баъд аз тафсилоти баёни аз кадом ҷойҳо ва бо чӣ роҳҳои золимона ҷамъ омадани воридот менависад: «Дар муқобили воридоте, ки дар чор сутун баён ёфт ва 17,5 миллион яғмо (тороҷ) масорифро дар ду сатр нонавишта намегузорам: ба хастахонаи шаҳр, ки таҳти назорати русҳост, соле 25 ҳазор сӯм ва харҷи аз шаҳр баровардани барфе, ки соли 1909 борид, 35 ҳазор сӯм. Ба ғайр аз ин 60 ҳазор сӯм махориҷ барои эҳтиёҷи халқ, агар касе маблағи дигареро нишон диҳад, ман бо мамнунияти тамом ба тасҳеҳи гуфтаҳоям ҳозирам.

Ба хаёли хонандагон чунин як мулоҳиза омаданаш эҳтимол аст: бошандагони давлати хонии Бухоро магар фарзанди инсон нестанд, ки ба ин қадар зулм таҳаммул мекунанд? Онҳо магар

ба арбоби ҳукумат рӯ оварда намегӯянд, ки «амволамон, авлодамонро аз дастамон мегиред, аз маблағҳое, ки дар зери 40 дараҷа ҳарорати офтоб меҳнат карда меёбем, миллионҳо ҷамъ мекунед, моро дар гуруснагӣ ва бандагӣ нигоҳ медоред. Охир, ин пулҳоро барои чӣ аз мо мегиред? Мо чаро онҳоро ба шумо медиҳем? Шумо ба ғайр аз яғмо кардан ба чӣ ҳоҷати мо даркоред? Шумо киву мо кӣ?»

Аз ҷавоб додан ба ин мулоҳизаҳои хонандагон (ҳарчанд бо тарсончакӣ айбдорам мекарда бошанд ҳам) метарсам ва бо ду ҷавоби мухтасар иктифо мекунам:

1. Ҳарифҳо бандагони худоро ба андозае фишурда, пахш кардаанд, ки овоз баровардан он сӯ истад, ҳатто чашм ҳам кушода наметавонанд.

2. Як мудофеи қавӣ доштани балоеро, ки дар болои сарашон ҳаст, медонанд». (Ин ҷумла ишора ба ҳукумати мустабиддаи Русия аст).

Соҳиби мақола бо ҷумлаҳои пуршиддати болоӣ ҷавонони Бухороро ба ғалаён оварда, баъд барои қадре ба эътидол оварда, ба корҳои имконпазир ҷалб намудани онон мақоларо бо ин сатрҳо ба итмом мерасонад:

«Бародарон! Ба ислоҳ ва дигаргунсозии авзои дар боло навиштаам машғул шудан, фикру мулоҳиза рондан хориҷ аз қувват ва иқтидори шумост. Ман инҳоро барои бо вазъият шинос шудани хонандагони «Вақт» навиштам. Машғул шудан ба кори хориҷ аз қувват боиси маъюсӣ ва аз кор канора гирифтани шумо мегардад. Дар ҳолате, ки зулмати маъюсӣ, маҳрумият ва ноумедӣ тамоми аъзои бадан ва рӯҳамро фаро гирифтааст, мавҷудияти шумо мисли партаве аз офтоб ба ман риштаи уммеде медиҳад. Ҷамъияти хурди шумо ки аз намояндагони синфҳои гуногун ташкил ёфтааст, ба умедвории ман як дараҷа қувват мебахшад.

Бародарон! Аз хаёлҳои баланду боло гузашта, ба сари кор биёем. Иттиҳодияҳо, мубодилаи афкор ва мусоҳибаҳо тартиб бидиҳем. Бо ҳамин роҳ бо ҳамдигар шинос шавем. Барои танвири афкор ва ислоҳи аҳволи миллат рисолаҳои хурд-хурд навишта паҳн кунем, ба нашриёти хурде оғоз намоем, ки раҳнамои роҳи рост бошанд. Даҳ нафар сарсарӣ як шуда, ҳар ҳафта базме тартиб медиҳанд. Магар мо бо иттифоқ ба нардбони тараққӣ қадами хурде бардошта наметавонем?»

«Бухороӣ» дар аввали моҳи июль дар шумораи 624-и «Вақт» дар оғози мақолае, ки дар бораи аҳволи умумии Бухоро навиштааст, аз маъмурони Бухоро сухан ба миён оварда, аз қушбегии

нав гап сар карда, менависад: «Ин вазир аз аҳволи замон бохабартарин ва кордонтарини тамоми маъмурони Бухоро мебошад... Ин зот чаҳор моҳ аст, ки садоратро ба даст гирифтааст, локин барои саломати мамлакат ва таъмини истиқболи он чи кор кардааст?» гуфта суол дода, баъд худаш «ҳеҷ коре накардааст ва нахоҳад ҳам кард» гуфта ҷавоб дода, суханашро ба ин минвол давом медиҳад: «Чунки мисли маъмурони дигар ин ҳам ба сари худ коре карда наметавонад ва ҳар чи ба вай фармоянд, ба иҷрои он маҷбур аст. Вазир Насрулло ҳар қадар маъмури калон бошад ҳам, дар дасташ қонуне нест, ки мувофиқи он амал намояд ва худаш масъул бошад. Дар муқобилаш пурсандае нест, ки вай ба ҷавоб додан мукаллаф бошад. Чашм, гӯш ва умеди тамоми аҳолӣ фақат ба як марказ дӯхта шудааст, ки он ҳам амир аст....»

«Шахсияти дуюми маъмурони калони Бухоро маъмури иҷрои аҳкоми шариат қозӣ Бақохоҷа ва раиси нав Қиёмиддин мебошанд. Ҳар дуи инҳо пирмардоне мебошанд, ки синнашон ба ҳафтод расида, одамоне мебошанд, ки чашму гӯшашон заиф шуда, аз аҳволи замон ва иқтизои макон бехабаранд ва ба дуньёи имрӯза бо назари панҷоҳ сол пеш менигаранд.

Ин мансабҳо гӯё як гӯшаи роҳат ва фароғат мебошанд, ки ба ишғоли он одамони ғайримуқтадир таъйин шудаанд. Шаҳреро, ки маркази идораи миллионҳо бандагони худо мебошад, чун мероси падар ба тасарруфи ин ҷанобон супоридаанд».

Нависандаи мақола баъд аз ин аз ғафлатзадагии аҳолӣ, аз асорати иқтисодие, ки ба болои асорати сиёсӣ зам шудааст, аз корҳои мактаб ва маориф батафсил сухан ронда, баъд чунин суолу ҷавобе ба миён меоварад:

«Масъули ин аҳвол ва ин ҷаҳолати мо кист, сабабгори инҳо киёнанд? Бе ҳеҷ як шубҳа, аввал уламо ва баъд арбоби ҳукумат. Фоидаи арбоби ҳукуматамон аз ин аҳволи мо, аз нодониамон истифода карда, моро чун гӯсфанд нигоҳ доштан ва ба даст овардани манфиати шахсии худашон мебошад. Вале ин аҳвол дер намепояд, зеро биное, ки дар асоси ҷаҳолату ғафлат сохта шудааст, эҳтимоли бақои дуру дароз надорад. Вале ҳеҷ ба ақл намеғунҷад, ки ба уламои кироми мо, ки худро вориси анбиё мешуморанд, аз нигоҳ доштани мо дар чунин ҷаҳолат чӣ фоидае ҳаст, ки онҳо ин кори худро ҳанӯз ҳам давом медиҳанд? Сабаби инро намедонем».

Баъд дар бораи муносибат бо Русия сухан ронда, менависад: «Тараққипарвар ва суханфаҳмони мо ҳарчанд кори намо-

ёне накарда бошанд ҳам, ба кори судманди интишори газетаҳо ба қадри ҳол ғайрат доранд, ки ин боиси басо хурсандист».

Воқеан, дар ин рӯзҳо кори тараққипарварон матбуоти мусулмониеро, ки аз Русия ва аз Истанбул меомад, ба бағал андохта, маҷлисҳо бурдан, шаҳр ба шаҳр гашта, ба халқ хондан ва ба кушода шудани фикри онҳо кӯшидан буд. Гӯё онҳо вазифаи қироатхонаи овоздореро ба ҷо меоваранд.

Нависандаи мақола баъд ба масъалаи мактаби усули ҷадида гузашта, мегӯяд: «Низоъи усули ҷадида фавқулода вусъат ёфт, ҳатто дар байни уламо ба дараҷаи таҳқир ва таҳдид нисбат ба ҳамдигар расид. Чунин шиддат ва низоъ, аз як тараф, кори шоёни таассуфе бошад ҳам, аз тарафи дигар, ҷиҳати шоёни мамнуняте низ дорад. Зеро ки «масъалаи мактаб» ба миён омад, мавҷудият пайдо кард. Масъалаи муҳим будани он ба ҳама маълум гардид. Пас аз ин масъала намемирад, вусъат ёфта, торафт қувват пайдо карда, душманони худро маҳв мекунад».

Аз мазлумии деҳқонон ва зулми амлокдорон сухан ронда, баъд ба амир нақли калом намуда менависад: «Ҷаноби олӣ баъди баргашта омадан аз сафари Петербург ва Ялта бо кори азлу насб машғул аст. Фақат, мутаассуф, дар ин кори азлу насб зулм ва беиқтидорӣ барин чизҳо ба эътибор гирифта нашуда, шахсият муқаддам дониста мешавад».

Мақола бо ин суханон ба итмом мерасад: «Дар майдони матбуот арзи андом кардани шиа ва суннӣ гарчанд муносиб набошад ҳам, бо мамнуният зикр карда мегузарам, ки дар байни ин ду бародар эътилоф ва наздикӣ рӯз ба рӯз афзуда истодааст».

Мо аз мақолаҳои «Бухороӣ», ки ҷавонони онрӯзаро фикран бо ҳам пайваста, афкори умумиро то ҳадде ба ғалаён меоварданд, барои аҳамияти таърихиашон порчаҳои болоиро нақл кардем. Таърихчаи мо ғунҷоиши зиёда аз инро надорад. Касоне, ки дар ин бора тафсилоти бештаре мехоҳанд, ба шумораҳои аз моҳи феврал то июли соли 1910 нашршудаи газетаи «Вақт» муроҷиат карда метавонанд.

## Назар ва муносибати ҳукумати мустабиддаи рус ба ислоҳот дар Бухоро ва ба масъалаи мактаб

Чанд сол қабл аз ин Логофет[1] ном нависандаи рус доир ба усули идораи Бухоро ва аҳволи умумии он китобе навишта, назари диққати матбуот ва доираҳои расмии русро ба масъалаи Бухоро ҷалб карда буд. Пас аз ин аксари матбуоти рус ба муносибате аз масъалаи Бухоро сухан ба миён оварда, аз илҳоқи ин кишвар ба Русия тарафдорӣ карда, инро барои ислоҳот ягона чора нишон медоданд. Вале матбуоти мусулмонӣ ва газетаҳои озодфикр бо вуҷуди он ки ислоҳоти Бухороро аз ҳукумати рус интизор доштанд, на бо роҳи илҳоқ, балки бо роҳи тавсияҳои ҷиддии хайрхоҳона, бо роҳи роҳбарӣ ва ёрӣ ба амал оварда шудани ин ислоҳотро маслиҳат медонистанд.

Дар вақти тафтиши Осиёи Миёна аҳволи Бухоро диққати граф Малинро ба худ ҷалб кард. Ӯ барои ин ки дар бораи Бухоро маълумоти асоснок ҷамъ карда, бо аҳволи он аз наздик шинос шаванд ва баъд бо тақозои аҳвол рафтор намоянд, лозим донист, ки ба Бухоро ҳайати махсусе фиристода, вазъиятро тафтиш кунанд. Ӯ дар ин бора аз амир рухсат гирифт.

Дар натиҷаи ин ташаббус дар охирҳои соли 1909 дар таҳти раёсати капитан Ҷидҷаз ҳайате иборат аз панҷоҳ нафар ба Бухоро омада, ба 28 вилояти бекнишини он паҳн шуданд. Худи Ҷидҷаз дар Бухоро истода, ба тафтиши пойтахт ва амлоки атрофи он машғул шуд. Кори тафтиш то моҳи апрели соли 1910 давом карда, маълумоти зиёде ба даст дароварда шуд. Дар ин байн аз Тошканд боз ҳайате омада масъалаи мактабро тафтиш кард.

Сардорони ҳар дуи ин ҳайат баъди тамом кардани кори худ аз Насрулло-қушбегӣ рухсат гирифта, аз уламо бо домулло Икром ва Ғиёс-махдуми аълам мулоқот карданд ва дар бораи масъалаи мактаб, масъалаҳои хироҷ, аминона аз ушр нуқтаи назари шариатро пурсиданд.

Домулло Икром дар бораи мактаб аз рӯи шариат ҷоиз, балки лозим будани он, дар масъалаи замин лузуми додани сабукиҳоеро ба деҳқонон ва аз назари шариат тамоман ҳаром будани аминонаро дар ҷавоб гуфт. Аммо Ғиёс-махдум ҷавоби ку-

---

[1] *Д. М. Логофет* — Муаллифи чанд асар дар бораи аморати Бухоро дар аввали асри XX.

шода ва сареҳ надода, ба ҷустуҷӯи роҳи фитнаву фасод даромад.

Онҳое, ки масъалаи мактабро пурсида буданд, худашон ба фитна роҳ кушоданд. Азбаски аҳволи рӯҳияи уламои Бухороро нағз медонистанд, масъалаи мактабро бо масъалаи ҳиҷоб ҳамроҳ карда пурсиданд ва гӯё ин ду масъаларо бо ҳамдигар вобаста карда нишон доданд. Ба ин муносибат уламо боз ба домулло Икром ҳуҷум оварданд. «Домулло Икром ба рафъи ҳиҷоб ва ба ӯлпон шудани заминҳо фатво додааст, ҳатто ин муфаттишҳоро ҳам вай даъват кардааст» гӯён қиёматҳо барпо карданд. Қиём-махдум ва Идрокхӯҷаро бо як тӯда талабагони ваҳшии авбош шабона ба хонаи домулло ҳуҷум кунонида, ӯро куштанӣ шуданд.

Насрулло-қушбегӣ, ки худаш хат ва рухсат дода, муфаттишҳоро ба назди домулло Икром фиристода буд, дар натиҷаи фитна, ба ҷои танбеҳ додан ба фитнагарон домуллоро ба арк чеғ зада, сарзаниш карда, ба нафӣ (бадарға) тарсонид ва «Ман хат карда бошам ҳам, воҳӯрдани шумо бо муфаттишон лозим набуд», гуфт. Мақсади қушбегӣ маълум буд. Ӯ барои аз худ розӣ гардонидани амир дар масъалаи замин ва амлок ва инчунин аминона усули кӯҳнаро вайрон кардан намехост. Ҷавоби домулло Икром бар хилофи ин мақсад буд ва бинобар ин ӯ сазовори танбеҳ ва таҳдид гардид.

Аммо ҳукумати Русия чаро ба фитнае, ки ба сабаби муфаттишони вай сар зада буд, бетараф монд? Зеро онҳо ҳам дар зери дасти амир монда ислоҳ шудани Бухороро намехостанд. Мақсади онҳо дар байни аҳолӣ ихтилоф андохтан, ба ҳама корҳо мудохила кунонидани аҳолӣ ва баъд эътиқоди «дар зери дасти амир ислоҳи Бухоро мумкин нест»-ро дар афкори умумӣ қувват додан ва замина тайёр кардан ба илҳоқ буд. Барои ҳамин ҳам ӯ дар масъалаи замин уламоро ба майдон кашид ва масъалаи мактабро ба масъалаи ҳиҷоб омехта, таассуби уламоро, ки аз мактаб шубҳа дошт, боз ҳам афзунтар кард.

Агар ҳукумати Русия ҳақиқатан ислоҳоти Бухороро мехост, ба ҳукумати Бухоро лойиҳае тақдим намуда, барои татбиқи он амри қатъӣ талаб карда метавонист, ҳатто барои ҳал шудани масъалаи ислоҳот як тавсияи ҷиддии он ҳам кифоя буд.

Чунончи як вақт як нафар яҳудӣ ба воситаи элчихонаи рус ба ҳукумати Бухоро муроҷиат карда, дар шаҳр як синематограф (кино) кушоданӣ шуда буд, уламо ба ин муқобил бароманд. Вале бо як ишорати қатъии элчихона овози уламо қатъ гардид.

Як вақт элчихона бо хоҳиши савдогарон ба сангфарш карда-

ни кӯчаҳо фармон дод. Уламо ба ин ҳам муқобил баромаданд. Бо як амри қатъии элчихона кори сангфарш давом намуд. Ҳатто ҳамчун ҷазо аъломи Бухоро Ғиёс-махдумро аз шаҳр бадарға ҳам карданд.

Ҳукумати Бухоро мароми элчихонаро омӯхта буд. Дар ҳар масъала аввал уламоро барангехта, ҷавоби рад медод, агар бори дуюм бо ҷиддият мурофиат шавад, чору ночор иҷро мекард.

Чунончи боре чунин як воқеаи масхараомез шуд:

Як сол дар музофоти Бухоро малах пайдо шуд. Ҳукумати Русия аз музофоти Бухоро ба тарафҳои Каттақӯрғон ва Самарқанд эҳтимоли гузаштани малахро сабаб нишон дода, комиссияе фиристода, барои нест кардани малах чораҳо диданӣ шуд. Локин масорифи комиссияро аз ҳукумати Бухоро талаб кард. Ҳукумати Бухоро ҳалли масъаларо ба уламо ҳавола карда, фатвои шаръӣ пурсид. Уламо «Азбаски малах ҷондор аст, сӯзонданi он аз рӯи шариат ҷоиз намебошад» гуфта фатво доданд. Ҳукумати Бухоро ба ин фатво такья карда аз хароҷоти маҳви малах халос шуданӣ буд. Лекин бо як талаби ҷиддии элчихона ин фатво ба амал наёмад ва ҳукумати Бухоро ба пардохти махориҷи зиёде маҷбур гардид.

## Аҳволи ҷавонон дар соли 1910

Баъд аз фоҷиаи шиаю суннӣ амир Абдулаҳад писараш Миролимро дар арки Бухоро гузошта, худаш ба Русия сафар кард. Тамоми корҳои мамлакат ба Насрулло қушбегӣ супорида шуда буд. Валиахд — Миролим бошад, паррандагонеро, аз қабили булбул, майна, тӯтӣ ва ғайра ҷамъ карда, дар дохили арк овораи мурғбозӣ буд. Бурҳониддини раис ба мизоҷи валиахд нағз нуфуз ёфта, бозичаҳои ӯро омода мекард ва ба ин восита ҳар матлаби худро ба вай мекабулонид. Бинобар ин бо бадгӯӣ ва хабаркашии Бурҳониддин 20—30 нафар калонсолонеро ҳам, ки дар назди муаллими тотор ба таври хусусӣ дарс мехонданд, аз омӯзиш манъ карданд.

Пас аз ҷанҷоли шиаю суннӣ тарафдорони ҷавонон афзуда ва дар байни халқ бедории фикрӣ қувват гирифта бошад ҳам, ҷавонон дар байни халқ ба ғайр аз газета паҳн кардан ва ташвиқоти лафзӣ кори дигаре карда наметавонистанд. Зеро Насруло-бӣ азбаски дар натиҷаи фитнаи муллоҳо қушбегӣ шуда буд, аз онҳо тарс дошт, хотири онҳоро риоя мекард ва харҷи

фармоянд, бачо меовард. Валиахд бошад, ба ғайр аз нусхаи (копияи) Бурҳониддин чизи дигаре набуд. Дар чунин шароите ягон кори ба назар намоёне кардан имкон надошт.

Он сол аз Бухоро Усмонхоҷа писари Пӯлодхоҷа, бародари вай Атохоҷа ва Мазҳар-махдум писари Бурҳон-махдум барои хондан ба Истанбул рафтанд. Яке аз кушодафикрони ин давра Абдурауфи Фитрат буд. Ин шахс мустаидтарин ва фозилтарин талабагони Бухоро ба шумор мерафт. Ба мактаби Мирзо Абдулвоҳид чандон рафтуой надошта бошад ҳам, ба воситаи мударрис Абдулқодир-махдум маҷаллаи «Сирот-ул-мустақим»-ро мутолиа карда фикраш хеле кушода шуда, ба сафари Истанбул тайёрӣ медид. Ба баҳонае ба баъзе вилоятҳои Бухоро саёҳат карда, маъқулоти хубе ҷамъ оварда, ба сафари Истанбул омода шуд.

Муқимбек — бародарзодаи Низомиддини урганҷӣ бо Абдурауф шарикдарс ва дӯсти наздик буд. Муқимбек ба сабаби нағз набудани муносибаташ бо амаки худ дар Чорҷӯй чун маҳбус нигоҳ дошта мешуд. Ин ҳам бо Фитрат ба Истанбул гурехтанӣ шуда, дар интизори фурсати муносибе буд.

Пас аз он ки ба муносибати фоҷиаи шиаю суннӣ Мирзои-урганҷӣ ба Бухоро омад, барои Муқимбек фурсати муносиб пайдо шуд ва ӯ дар баҳори соли 1911 бо Абдурауф аз роҳи Эрон ба Истанбул гурехтанд.

Дар охирҳои моҳи апрель Абдулаҳад аз сафари Русия баргашт. Сабабгори фоҷиаи шиаю суннӣ раис Бурҳониддинро аз кор гирифта, ба Қармина фиристод. Баъд аз ин барои ҷавонон майдони мусоидате пайдо шуд. Онҳо кушоду ошкор ба ташвиқот сар карда, ба зиёд кардани ҳамфикрони худ кӯшиданд.

Моҳи сентябри соли 1910 духтур Мирзо Сироҷ[1] аз саёҳати чандинсола ба Бухоро баргашта, дар хонаи худ ҷо гирифт. Ӯ бо усули тибби аврупоӣ давохона кушода, мардумро бо тартиби нав табобат мекард. Ӯ марди фозил ва суханваре буд ва ба беморони ҷисмонӣ давоҳои рӯҳонӣ низ медод. Бинобар ин ба Бухоро омадани Мирзо Сироҷ ба ҳаракати ҷавонон хело қувват дод.

---

[1] *Мирзо Сироҷ* (Мирхон, духтур Собир, 1876—1914) баъд аз таҳсили илм дар Бухоро ба Русия, Эрон, Афғонистон ва ба Аврупо саёҳат карда, дар аснои сайру сафар илми тибби навро омӯхта, соли 1910 ба Бухоро баргашта, ба тарзи нав ба табобат машғул шудааст. Дар бораи таассуроти худ аз сафарҳояш ба номи «Сафарномаи Сироҷӣ» «Тӯҳфаи аҳли Бухоро» асаре навишта, дар он ҷо-ҷо аҳволи Бухороро низ баён кардааст.

Ин сол тоторҳо барои муаллимӣ дар мактаби худашон ба ҷои Абдураҳмони Саидӣ Исмоил-қорӣ номеро оварда, тадрисро дар мактаби худ давом доданд. Халқи маҳаллӣ кам-кам фарзандони худро боз ба ин мактаб меоварданд. Ба сабаби аз шаҳр ронда шудани Бурҳониддин муллоҳои дигар аз он тағофул мекарданд.

Локин ин сол ҳукумати Бухоро муллоҳоро олат накарда, худаш кушоду ошкор ба хондани бачагони бухорой мумониат кард. Худи амир аз зиёд шудани ҷавонфикрон ва кушода шудани фикри мардум ба васваса афтода, аз ҷиҳати сиёсӣ ба мактаб муқобил шуд. Душманони ҳақиқии халқ аз қабили мулло Қамар ба аҳли дарбор талқин мекарданд, ки «Агар мактаби нав давом намояд, мардум дар андак вақт машрутахоҳ мешаванд, мисли султон Абдулҳамид ва Муҳаммадалишоҳ ҷаноби олиро низ маъзул мекунанд, намебинед магар газетаҳо ҳама вақт ҷаноби олиро «золим» гуфта менависанд. Газетчиҳо ва мақолачиҳо ҳама як одаманд».

Арбоби истибдод махлуқи девонае мебошанд, ки ҳамеша ҳаббаро қубба мебинанд. Амир Абдулаҳад низ чун як мустабид, мисли шайтон ки аз «бисмилло» метарсад, ба чорабиниҳои ҷиддӣ даромад. Валиаҳди худ Миролимро ба Тошканд фиристода, ин масъаларо ҳал кард, мактаби тоторҳоро ҳам манъ намуда, ба фикри худ аз ҷиҳати мактаб осуда шуд.

Абдулаҳад мустабидди мунофиқ ва риёкоре буд. Дар сурате, ки барои бастани мактаб то Тошканд муроҷиат мекард, дар назари ҷавонон худро ба мактаб бетараф ва ҳатто моил ба қалам доданӣ мешуд. Барои ҳамин пас аз бастани мактаб ба қозӣ Муҳаммадшариф [Садри Зиё], ки бо ҷавонон робита дошт, дастахате фиристода, масъалаи мактабро пурсид ва ба тарафдории худ аз мактаб ишорате кард.

Лекин ҷавонон мактабро тамоман нест накарданд, дар хонаи Мукаммил-махдум пинҳонӣ мактабе кушода, таълимро давом доданд.

Дар моҳи июли соли 1910 китоби хониши «Таҳзиб-ус-сибьён» аз тарафи «Ширкати Бухорои шариф» бори аввал чоп шуд. Ин китоб аз тарафи нависандаи ин сатрҳо тартиб дода шуда, китобати онро шаҳид Мирзо Аҳмад карда буд. Китоб дар Самарқанд бо чопи сангӣ ду хазор нусха нашр гардида, бо масорифи 111 сӯму 75 тин омада, ба Бухоро расид, 30 сӯми ин аз ширкат, боқӣ карз буд. Аз рӯи счёти матбаа ба хукумати Бухоро 75 тин закот ҳам пардохта шуд.

## Вафоти амир Абдулаҳад ва ҷулуси мир Олим

Дар замоне ки халқ аз ҳукумат дар нафрат, зулм то рафт дар афзоиш, аз азли қушбегӣ натиҷае ҳосил нашуда, ҷавонон аз ҳукумат қатъи умед карда ва ҳукумати Русия барои илҳоқи Бухоро баҳонаҳо омода менамуд, дар 5 муҳаррами 1329 ҳ. (22 декабри 1910 м.) амир Абдулаҳад дар Кармина дар боғи Ҳайдаробод вафот кард.

Вақти вафоти амир ягона писари ӯ Миролим дар Кармина ҳоким буд. Баъд аз он ки ҷасади амирро аз Ҳайдаробод бурда, дар мазори Қосим-шайх гӯр карданд, Миролим ба Бухоро равона гардида, 7 муҳаррам (24 декабрь) рӯзи ҷумъа, соати ду ба шаҳр дохил шуда, дар арк қарор гирифт.

Касоне, ки бо амир Олим аз наздик шинос буда, ба аҳволи рӯҳияаш нағз вуқуф доштанд, «кӣ будани» ӯро медониста бошанд ҳам, аҳволи ӯ ба умуми аҳолӣ маълум набуд. Бинобар ин ҳама «ин зот чӣ кор мекарда бошад?» гуфта дар хаёл буданд. Хуеусан ҷавонон бесаброна дар интизори ҳаракот ва рафтори ин амири ҷавони нав буда, ҳатто дар Петербург таҳсил кардан, як дараҷа бо маданияти Аврупо шинос будани ӯро далел овардa, ба дараҷаи ифрот ба некбинӣ дода мешуданд.

То рӯзи ҷулус (ба тахт нишастан) дар кӯчаву бозор шоеъаҳо паҳн шуд: «амир идораи мамлакатро тамоман ба усули тоза мегузоштааст, ба мактабу маориф аҳамият медодааст, ба сипоҳиён ва ба маъмурон маош таъйин карда, расми ришваро тамоман нест мекардааст» ва ҳоказо. Дар воқеъ дар рӯзҳои охирини амири собиқ кор ба дараҷае расида буд, ки бе ислоҳот ғайримумкин будани идораи мамлакат ба ҳама равшан буд. Азбаски ислоҳот ба манфиати худи амир буд, ҳама ба гузаронида шудани он бовар доштанд.

Амир то рӯзи ҷулус бо бузургони дарбор, ки аз даври падараш монда буданд, аз қабили Мирзо Низомиддини урганҷӣ, Насрулло-кушбегӣ, Муҳаммад Юнус-бӣ, бо Мулло Озод ва бо ҳайати элчихонаи рус машварат карда, фармони ҳумоюнӣ тайёр намуда, рӯзи ҷулус ба халқ хонданӣ шуд. Локин дар байни аркони давлат дар бораи чоп карда, паҳн намудан ва ё бо як нусхаи дастнавис иктифо кардан ихтилоф пайдо шуд. Мирзои урганҷӣ тарафи чоп накардан ва бо як нусхаи хаттӣ иктифо намуданро гирифт. Чун Амонкулӣ ва дигар наздикони амир ҳам ба ин фикр ҳамроҳ шуданд, ба чоп накардани фармон қарор дода шуд.

**Аввалин фармони ҳумоюн.** 13 муҳаррами 1329 ҳ. (30 декаб-

ри 1910 м.) маҷлиси расми ҷулус барпо гардид. Умаро, уламо, аъёни мамлакат, ҳайати элчихонаи рус дар арки Бухоро, дар айвон, дар пои тахт ҷамъ шуда, ҳар кас бо тартиби расмӣ дар ҷои худ нишаст. Маросими ҷулус мувофиқи одати миллӣ иҷро гардид.

Дар ҳолате ки амир дар болои тахт ва ҳозирон рост истода буданд, аз тарафи Мирзои урганҷӣ аввалин фармони амир доир баислоҳот хонда шуд. Мазмуни фармон ба таври мухтасар аз ҳаминҳо иборат буд: «Мо ба таври самимӣ хоҳони осоиш ва рифоҳи мардум мебошем. Бо нияти худои таоло дар роҳи осоиши раийя ва саодати мулк хоҳем кӯшид.

Собиқ одат ҳамин буд, ки қозиҳо соле чанд бор ба амирон тортуқ ва ба аҳли дарбор тӯҳфа (ба иборати сода — ришват) мефиристоданд. Минбаъд ин одат қатъиян мамнӯъ аст. Қозиҳо пас аз озод шудан аз ин масориф бояд ба ҳоли халқ тараҳҳум намуда, ба хатҳои ибро[1] ва ба васиқаҳо пул талаб нанамоянд. Мулозимони онҳо низ ба ғайр аз «фарсахпулӣ» (ба ҳар санг роҳ севу ним танга) маблағи зиёдтаре талаб нанамоянд. Ҳар кас аз ин ҳукм сар тобад, маҳкуми ҷазо хоҳад шуд.

То ҳол аз ҳосили заминҳои амлок барои хазина аз даҳ чаҳор ҳисса гирифта мешуд, пас аз ин аз даҳ се гирифта шавад.

Маош ва моҳонаи уламо ва умаро баъзе ду баробар, баъзе якуним ва баъзе ним баробар афзуда мешавад (дар асли фармон ин маблағҳо муайян шуда буд»).

Табиист, ки ин фармон ба умуми халқ таъсири хубе бахшид. Онҳое, ки зери дасти қозӣ, ҳоким, мулозим ва навкарони онҳо зулму ҷабр медиданд, беандоза хурсанд шуданд.

Ҳарчанд ки дар фармон оид ба нашри маориф ва ислоҳи мактабҳо чизе гуфта нашуда буд, маорифпарварон ва ҷавонон низ хурсанд буда, муждаи андак тағйир ёфтани усули кӯҳна ва андак ҳам бошад, кам шудани зулмро фоли хайр мепиндоштанд.

Нусхаи фармонро ба ҳоким ва қозиёни атрофи мамлакат фиристода, иҷрои онро талаб карданд. Ҷорчиён дар кӯчаву бозор мазмуни онро эълон намуданд.

Бо таъсири ин фармон мардуми деҳот ҳар рӯзи ҷумъа ба шаҳр омада, амирро дуо мекарданд.

Якчанд рӯз бо ҳамин гуна шодиёнаву тантана гузашт. Аз мундариҷоти фармон зиёд шудани маошҳо ва мамнӯъ шудани тортуқи қозиҳо ба амал омад, аммо аз рӯҳи фармон, ки осуда-

---

[1] *Хатти ибро* — ҳуҷҷати файсал ёфтани мурофиа дар қозихонаҳо.

гии раийят буд, асаре дида нашуд, балки ҳаракатҳои худсаронаи қозӣ ва ҳокимҳо рӯз ба рӯз зиёдтар шудан гирифт.

**Назари арбоби ҳукумат ба фармон.** Як қисми онҳое, ки аз дари ҳукумат нон мехӯрданд (сарбозҳо, муллоҳои майда, элнӯкарҳо), аз фармон розӣ ва аз зиёд шудани маошашон хурсанд буданд. Аммо аксарияти маъмурон, ки аз давлат маоши муайян ва маъмуле намегирифтанд, ё агар мегирифта бошанд ҳам, як қисми мадохилашон бе ягон ҳисоб ба зиммаи халқ бор шуда буд (одамони қушбегӣ, мулозимони қозиҳо, аҳли дарбор, умуман қозӣ, раис, ҳоким ва миршабҳо) аз ин фармон ниҳоят хафа ва дилгир буданд. Аз тарси ёсо ва ҷазо муқобилат ва норозигии худро ошкор изҳор накунанд ҳам, худро ба ҳукумат хайрхоҳ нишон дода, «манъ шудани тортуқ ва тӯҳфаҳо ба ҳоли фуқаро як дараҷа тараҳҳум бошад ҳам, лекин ба шаъну шавкати подшоҳӣ халал мерасонад. Подшоҳони Бухоро ба туфайли тантанаи дарбор, бо тӯққуз ва тортуқҳое, ки ба дарбор меомад, бо хилъат ва сару поҳое, ки аз дарбор инъом мешуд, ба дигар подшоҳон ифтихор ва бартарӣ доштанд. Ҳоло, афсӯс ки аз он шаъну шавкат асаре намонд...» барин гапҳо мезаданд.

Асли мақсади инҳо маълум буд: баъд аз манъ шудани тортуқ аз фуқаро бе ҳисоб пул гирифтан ҳам манъ мешавад. То ҳол онҳо «мо ба амир тортуқ медиҳем» гӯён фуқароро чӣ қадар ки хоҳанд, тороҷ мекарданд. Акнун ба ин баҳонаҳо роҳ намонда буд. Онҳо ғами инро мехӯрданд.

Ҷорӣ будани расми тортуқ ба аҳли дарбор низ фоида дошт, зеро касоне, ки ба амир тортуқ меоварданд, маҷбур буданд, ки ба инҳо ҳам бо номи тӯҳфа ва олуқ чизе бифиристанд. Баъд аз манъ шудани тортуқ қозӣ ва ҳакимҳо бо аҳли дарбор чандон дучор намешуданд.

Аз амалдорони калон фақат Мирзо Насрулло-қушбегӣ дар манъи тортуқ сахт истодагарӣ кард. Қозӣ ва раисҳо тӯи писар ва духтарони худ ё ки ифтитоҳи [оғози] дарси фарзандонашонро баҳона карда, ба тарви фавқулодда, барои фақат як бор ба тортуқ кардан рухсат мепурсиданд, аммо қушбегӣ изн намедод. Баъзе қозиҳо бо баҳонаҳои дар боло гуфташуда аз қушбегӣ рухсат нагирифта, рост ба амир тортуқ мекарданд, ӯ ҳам бегуфтугӯ қабул мекард.

Инак, аз ҳамин рафтор кӣ будани амир ва беасос будани фармон ба тамоми аҳли дарбор ва ба маъмурони дигар маълум шуд. Аксари қозиҳо мисли собиқ кори худро давом медоданд, боз чӣ қадаре ки хоҳанд, аз фуқаро пул гирифта, чӣ қадар ки хоҳанд, халкро толон мекарданд ва дар назди халқ: «Ҳазрати

амир ба фақиру фуқаро тараҳҳум карданро фармудаанд, ҳоло фуқаро ба ҳеҷ амре итоат намекунад, аз ҳокимон наметарсад, ҳеҷ ҳукмеро қабул намекунад. Дар назди халқ шарафи маҳкамаи шаръийя ва эътибори қозиҳо намондааст. Аз ҷиҳати хароҷот хеле тангӣ мекашем, пуле, ки раийя дар мурофиаҳо ба ихтиёри худ медиҳад, ба махориҷи мо намерасад»... барин суханҳо гуфта зорӣ мекарданд ва худро гӯё ба амал гузаронандаи фармон вонамуд мекарданд.

Ин қабил ҳаракатҳои худсаронаи қозӣ ва раисҳоро касе тафтиш накард ва амир ҳам ба онҳо мувофиқи талаби фармон ҷазое надод, ҳатто танбеҳ ҳам накард. Маъмуроне ҳам, ки аз ҷазо тарсида андак худдорӣ мекарданд, инро дида ба ҳар кор ҷасорат кардан гирифтанд. Ба ҳамин тариқ аввалин фармони ислоҳоти амири нав мисли фармонҳое, ки амири собиқ гоҳ-гоҳ барои вонамуд ва тазоҳур содир мекард, дар байни 3—4 моҳ фаромӯш шуда, дар рӯи коғаз монд.

Арбоб ва оқсақолони эл [қабилаҳо] дар ин бобат бо қозӣ ва ҳокимон рафиқ буданд, чунки нони онҳо аз деги қозӣ ва ҳокимон равғанин мешуд. Агар қозӣ аз фуқаро бештар пул рӯёнда тавонад, ба оқсақол низ ҳиссаи бештаре мерасид. Агар тасодуфан ягон қозӣ фармони амирро ҷорӣ карданӣ шавад оқсаққолоне, ки аз ҳиссагирӣ бебаҳра монданд, аз номи як-ду нафар аз болои қозӣ ба амир шикоят мефиристоданд. Бо ҳамин бе тафтишу таҳқиқ он қозӣ аз кор гирифта мешуд. Ба ин қабил қозиҳо раис, ҳоким ва миршаб барин шарикмансабонашон низ роҳ намедоданд. Чунончи дар он рӯзҳо яке аз қозиёни боаадлу инсоф, ки бо ман шиносоӣ дошт, дар як мактуби худ навишта буд:

«... Имрӯзҳо бо фуқаро сару кор доштан хеле душвор шуд. Ҷузъиёти ин зиёд аст. Ягон ҳамроз ёфт намешавад, ки дар ин бора бо вай ҳамсӯҳбат шуда, андак диламро холӣ кунам. Барои ҳамин ба хастагиҳои рӯҳӣ гирифтор шуда, аз кор мондаам.

Ҳазрати амир дар бораи фуқародорӣ таъкидҳои гуногун карданд, ҳоло ҳам мекунанд, лекин мансабдорон ба ин таъкиду фармонҳо ҳеҷ эътибору эътино намекунанд. Хеле музтару ҳайрон ҳастам. Агар худам ба таъкидҳои амир амал карданӣ шавам, дигарон намехоҳанд ва ба ин роҳ намедиҳанд...»

Аҳволи туманҳои Бухоро ва қӯрғонҳои наздики марказ чунин буд. Аммо ба вилоятҳои дур аз марказ аз қабили Ҳисор, Қаротегин ва Дарвоз фармони чулус ҳеҷ асаре накарда буд. Аз содир шудани чунин фармоне мардуми маҳаллии он ҷойҳо ҳатто хабар ҳам надоштанд. Балки қозӣ ва ҳокимони он ҷойҳо

аз бехабарӣ ва бесариштагии амир истифода намуда, ҷабру зулми худро назар ба давраи амири собиқ яке бар даҳ афзуда буданд.

Ҳокимони он вилоятҳо ва ҳар як аз наздикон ва дастнишондагони онҳо фақат бо моли фуқаро қаноат накарда, ҳар кадом 20—30 нафар духтарони болиғаро ба номи «духтархона» ғасбан ба даст медаровcovarданд. Фуқарои он сарзаминҳо бо тамоми мол, мулк, духтару писар ва зану фарзанди худ асир, ғулом ва канизи ҳокимон буданд. Ҳокими Ҳисор Авлиёқулибек пас аз маъзул шуданаш тақрибан сӣ нафар духтари болиғаро бо худ ба Бухоро овард, хазина ва ашьёи аз Ҳисор овардааш ба ҳисоб намеғунҷид.

**Мисоле аз аҳволи кӯҳистон.** Мардуми кӯҳистон ба вусъати хоки диёр ва ҳосилхезии он нигоҳ накарда, фақир, мӯҳтоҷ ва гуруснаву бараҳна монда, маҷбур мешуданд, ки ҳар сол ба вилояти Фарғона рафта ҳаммолӣ ва мардикорӣ кунанд. Ин бечораҳо пас аз он ки бо араqи ҷабин панҷ-даҳ танга пул ҷамъ карданд, бо кашиши меҳри ватан ва қавму ақрабо ба зодгоҳи худ бармегаштанд. Аммо ҳамин, ки аз ҳудуди Фарғона баромада, ба хоки Бухоро қадам гузоштанд, навкарони хунхори ҳокимони ҷаббор ин бечорагонро дастгир намуда, бо «исми шарифи» закот чизу чораи хуби ба назар намоёнашонро аз дасташон мегирифтанд. Ин бечораҳо каму беш чизҳои аз яғмо бозмондаи худро ҷамъ карда, ҳамин ки ба зодгоҳи худ омаданд, ба воситаи сардорони қабила ва амалдороне, ки ҳамкори ҳокимон мебошанд, ҳар рӯз ба сарашон ҷанҷоле барпо мегардид ва то тамом шудани он пул ва ашьёе, ки аз Фарғона оварда буданд, ин тӯҳматҳо давом мекард. Фақири бечора дар хонаи худ, назди зану фарзандони худ ҷои худро гарм накарда, «ҳубби ватаним ҷиқордӣ кӯтаним» гуфта, боз маҷбур ба гурехтан ба Фарғона мегардид. Агар яке аз онҳо хешовандони наздики худ, модар ва хоҳари худро ҳамроҳ бурданӣ шавад, ҳокимҳо роҳ намедоданд, зеро медонистанд, ки агар дилбастагони ин бечораҳо дар он ҷо набошанд, онҳо ҳаргиз ёди ватан нахоҳанд кард ва ҳокимон аз даромади бузурге маҳрум хоҳанд шуд.

* * *

Ширкати сохтмони роҳи Бухоро — Тирмиз аз амир коргар талаб кард ва ба коргароне, ки ба ихтиёри худ омада кор хоҳанд кард, аз рӯи расму қоида музд доданӣ шуд.

Амир ин воқеаро ба ҳокими Қаротегин навишта, амр дод, ки

«коргаронеро, ки ба ихтиёри худ омадан мехоҳанд, ҷамъ карда, фиристонед ва маҳориҷи роҳи онҳоро дар он ҷо пардохта, ҳисобашро ба Бухоро маълум кунед».

Ҳоким бо гирифтани ин амр ба ҷустуҷӯи манфиати худ афтод. Дар бораи ихтиёрӣ будани ин мардикоргирӣ ва аз пардохти музд ба касе чизе нагуфт. Мардикориро як кори ҳамчун сарбозӣ маҷбурӣ ва ваҳмнок қаламдод кард ва ҳар каси ба даст афтодаро оварда ба ҳабс гирифт. Табиӣ, мардум барои халосӣ аз ин бало дору надори худро ба ҳоким доданд. Онҳое, ки дар бисоти худ чизе надоштанд, қарз гирифта ришва медоданд.

Ҳоким барои мардикорӣ як ҷамоа одамони пир, мафлук, бекас ва онҳоеро, ки барои қарз гирифта ришва додан имкон надоштанд, ҷамъ карда, ба воситаи Фарғона ба Бухоро равона кард. Барои харҷи роҳ чизе надода, ин бечораҳоро танбараҳнаву гурусна, пои пиёда, пешопеши шогирдпешагони ҳайвонсифати савораву мусаллаҳ ба Фарғона ронд.

То расидан ба Андиҷон як қисми онҳо дар роҳ мурданд, боқимондаҳо хаставу беҳолу бетоб ба Андиҷон омада расиданд. Баъзе ҳамийятмандон ин аҳволро ба губернатори рус хабар доданд. Губернатор дар ин бора ба амир сахт эътироз баён кард ва озод кардани ин бечорагонро талаб намуд. Амир барои гардан тофтан аз амри губернатор илоҷе наёфта, инҳоро озод карда, ҳокими Қаротегинро аз кор гирифт.

Ҳар як аз шумо хаёл хоҳед кард, ки амир ба ҳокими мазкур бояд ҷазо дода бошад. Не!... Баръакс. Амир ба ҳоким илтифот карда, ӯро ба Шаҳрисабз барин як вилояти калон ҳоким таъйин кард.

Мисли ин аҳвол, ки зикр ёфт, дар кӯҳистони Бухоро ҳар рӯз воқеъ мегардид. Ин рӯйдодҳо чунон ба ҳукми одат даромада буданд, ки боиси тааҷҷуби на амир, на вазир, ҳеҷ касе намегардиданд, раги шафқати касе намеҷунбид.

Арбоб ва амалдорони вилояти Кӯҳистон низ мисли вилоятҳои дигари Бухоро ҳамроҳу ҳамкори қозӣ ва ҳокимон буданд. Бо вуҷуди ин баъзан касоне пайдо мешуданд, ки аз рӯи софдилии кӯҳистонӣ ба ин зулмҳо розӣ намешуданд. Агар чунин касе пайдо шавад, ҳокимони маҳал ӯро «исьёнкор» номида, ба гарданаш чел зада, ба Бухоро мефиристоданд. Амир онҳоро ба зиндони Бухоро ё ҳабсхонаҳои Чорҷӯй ва дигар шаҳрҳо андохта, абадӣ маҳбус мегардонид. Аз мардуми Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин ва Дарвоз садҳо бегуноҳон дар зиндон ва бадарға пӯсида мурда рафтанд.

Дар бораи аҳволи кӯҳистон дарозтар навиштем, ки аз хо-

нандагон узр мепурсем: Мақсади мо ба қадри имкон муфассал баён кардани таърихи инқилоби Бухоро ва сабабҳои он мебошад. Аҳволи кӯҳистон ба андозае торик ва мардуми он ба ҳадде зери путки зулм фишурда шудаанд, ки бошандагони Бухоро бо қиёс бо зулми идораи амир дар Бухоро ҳаргиз онро дарк ва фаҳмида наметавонанд. Қиёс кардани аҳволи кӯҳистон бо Бухоро ва вилоятҳои наздики он хатост. Бинобар ин дар ин бора ба муфассалтар навиштан маҷбур шудем.

## Аҳволи хусусӣ ва умумии амир Олим, идора ва маъмурони машҳури ӯ

Пеш аз навиштани аҳволи амир Олим додани маълумоти мухтасаре дар бораи амир Абдулаҳад лозим менамояд, то ки фарқ дар байни ин ду амир ба хонандагон ба хубӣ маълум гардад.

Амир Абдулаҳад марди мустабидди ба дараҷаи аълои он расида, гирифтори айшу ишрат, ҳариси молу пул, хасис ва мумсике буд. Истибдодро ба дараҷае расонида буд, ки тамоми осудагиҳои дунъё, тамоми айшу нӯши онро ҳам ба худаш хос гардонидан мехост. Масалан худаш ҳар рӯз бо духтару писарҳо машғули айшу бозӣ шуда, ба ҳеҷ як аз маъмуронаш роҳ намедод, ки ошкоро ба ин кор ҷасорат намояд. Дар аснои сафарҳояш ба Русия ва Ялта маъмурони атрофашро ҳамеша дар хонае маҳбус нигоҳ медошт, онҳо бе иҷозати амир ҳатто ба кӯча ҳам баромада наметавонистанд.

Бо фуқаро чӣ гуна муомила кардани ҳоким ва қозиҳо—ҳар сол ё ҳар моҳ аз мардум чӣ қадар пул гирифтаанд ё мегиранд, бо тамоми ҷузъиёташ ба амир маълум буд. Ҳар як ҳоким ва қозӣ вақти амалдориаш ҳар қадар пул ҷамъ карда бошад, амир ба баҳонаҳои гуногун аз дасташ гирифта, фақат барои хароҷоти зарурии он маъмур дар дасти ӯ андак маблағ боқӣ мегузошт. Бо вуҷуди ин қозӣ ва ҳокимонеро, ки дар ҳаққи фуқаро андаке тараҳҳум кардаанд, чандон азоб намедод.

Ба касе бе ҳисоб ягон инъом намедод, пулҳои ба роҳи фаҳш сарфшавандаро ҳам бо диққат ва бо ҳисоб харҷ мекард. Бинобар ин даллолони маъсият[1], ки дар атрофаш буданд, аз ӯ фоидаи чандоне намедоштанд.

---

[1] Воситачиёни корҳои фаҳш.

Ба «хизматона»-ҳое, ки маҳрам ва ясавулҳо аз ҳокимон мегирифтанд, ба олуқҳое, ки ҳоким қозиҳо ба аҳли дарбор медоданд, худаш миқдоре таъйин карда буд ва аз ин нодиран тахаллуф мешуд, зеро худи ӯ ҳамеша шахсан тафтиш карда, ба вайронкунандагон ҷазо медод, ё маблағи барзиёд гирифташударо аз дасташон мегирифт. Хулоса, дар даври амир Абдулаҳад зулм аз як даст ва бо фармони як нафар ба амал меомад.

Амир Абдулаҳад ба ғайр аз тафтиши худ ба сухани ҳеҷ кас бовар надошт, суъи заннаш ғолиб ва бадгумоне буд. Илова бар ин дар шинохтани аҳволи рӯҳияи маъмурони худ заковати баланде дошт. Бинобар ин дар замони вай дар байни аҳли дарбор интригаҳо кам буд, сабаб ва иллатҳои бозиҳои ба амал ояндаро дониста меистод. Агар ин бозиҳо ва ин фитнаҳои сарзада ба манфиати худаш зарарнок бошанд, ба рафъи онҳо муқтадир буд.

* * *

Аммо амир Олим марди беирода, бехабар буд, сухани ҳар касро «маъқул» мегуфт. Масалан, агар аз маъмуронаш даҳ нафар дар як рӯз даҳ арзи ба якдигар мухолиф бикунанд, ё маслиҳат диҳанд, ба ҳамаашон фармони мувофиқат медод. Бинобар ин бухороиён ӯро барҳақ «хирси Бобозода» меномиданд.

Дар замони амир Музаффар Бобозода ном як масхарабози кулчафурӯш ҳайкали хирсеро сохта, дар гулӯи он асбобе ҷой дода будааст, ки вақти кашидани ресмони ба асбоби мазкур баста шуда овози «ҳув» мебаромадааст. Ба хирс ҳар кас суоле диҳад, фақат ҷавоби «ҳув» мешунидааст. Мардум амир Олимро ана ба ҳамин хирс монанд мекарданд.

Амир Олим ба молу ашьё ҳарис набуда, ба раҳму шафқат моил буд. Локин ба сабаби бемуҳокимагӣ ва беиродагиаш ҳеҷ мазлуме аз ин сифатҳои ӯ истифода карда натавонист.

Қозӣ ва ҳокимҳо аз фуқаро чизи зиёд талаб накунанд, гуфта фармон дода буд, худаш ҳам аз қозӣ ва ҳокимҳо чизи зиёде талаб намекард. Дар айни замон ҳеҷ фикр намекард ва донистан намехост, ки қозӣ ва ҳокимҳо чӣ нав фуқароро тороҷ мекунанд, чӣ зулмҳое аз тарафи онон ба фуқаро раво дида мешавад.

Аз маъмурони калон Насрулло-кушбегӣ «ба фуқаро сабукӣ додан даркор» гуфта арз мекард, ин гап ба ӯ маъқул шуда,

фармон мебаровард; Имомкулӣ барин касҳо ба воситаи қозию ҳокимҳо халқро толону тороҷ карда, худашон ҳам аз ин ҳисса мегирифтанд, ба ин ҳам кордор набуд.

Ба дараҷаи ниҳоят гирифтори фаҳш ва айшу нӯш шуда ба атрофаш садҳо амрадбача, занону духтарони мусулмону русро ҷамъ намуда, дарборро ба фоҳишахонае мубаддал карда буд. Даллолони маъсият дар шаҳрҳо, то Москва кантора кушода, ба амир духтар ёфта мефиристоданд. Дар аҳди ин амир касби даллолони маъсият хеле ривоҷ пайдо карда буд, инҳо ба коре, ки як сӯм сарф шудааст, аз амир сад сӯм меситонданд.

Дар давраи ин амир фисқу фуҷури аҳли дарбор ҳам афзуда, шакли ошкореро гирифта буд. Инҳо духтару писарони халқро ҷамъ карда, баъзеро ба амир тақдим, дигаронро дар хилватхонаҳои худ нигоҳ медоштанд. Амир ба ин корҳо чизе намегуфт.

* * *

Ба дарбори ҳукумати Бухоро як одати матрукшуда [барҳамхӯрда)-е буд, ки дар замони амир Олим боз ҷорӣ шуд.

Ин одат аз ҳамин иборат буд: қозӣ ва раисони туманҳои Бухоро ҳар сари моҳ ба рикоби амир омада, се рӯз меистоданд. Мақсади аслӣ аз ин расм муҳофизати адолат буд. Дар замонҳои гузашта даъво ва ҷанҷолҳоеро, ки дар муддати он моҳ ҳал нашуда, ё шикояти касонеро, ки ба ҳукми қозӣ розӣ нашудаанд, дар байни ин се рӯз тамоми қозиҳо ҷамъ шуда, дар таҳти риёсати амир муҳокима ва ҳал мекарданд. Махсус барои ин кор дар дохили арк мадрасае сохта шуда, дар китобхонаи он мадраса китобҳои камъёби фиқҳ ҷамъ оварда шуда буданд. Қозиҳо дар муддати истиқомати серӯзаи худ дар ин мадраса аз китобҳои фиқҳ истифода намуда, доир ба даъвоҳо фатво меёфтанд.

Дар замони амир Музаффар ин мадрасаро ба гузари Хиёбон кӯчонида китобҳоро ба хазина андохтанд. Сафари ҳармоҳаи қозиён аз салом ба амир, аз зиёрати аҳли дарбор ва аз ҳадья тақдим кардан ба онон иборат шуд. Азбаски амир Абдулаҳад бештар дар Кармина иқомат дошт, дар аҳди вай ин саримоҳии қозиҳо низ барҳам хӯрд.

Дар замони амир Олим ин расм боз ҷорӣ шуд. Ҳар сари моҳ ба рикоб омадани қозиҳо ба аҳли дарбор дари мадохили калонеро кушода буд. Ҳар сари моҳ, ки қозиҳо ба рикоб омаданд, машкоб, нақорачӣ, ясавул, маҳрам, удайчӣ, мушриф,

мунши̅, хазиначи̅, девонбеги̅, мирохурбоши̅ — хулоса тамоми аҳли дарбор аз қозиҳо олуқ мегирифтанд. Олуқ ҳадди муайяне надошта, ҳар ки̅ ҳар чи̅ метавонист, мегирифт.

Доду гирифти олуқ тарзи масхараомезе дошт. Масалан, яке аз аҳли дарбор ба назди қози̅ омада, амирро дуо карда мешинад. Қози̅, масалан, бист танга бароварда медиҳад, вай қабул накарда мегӯяд: «аз давлати ҷаноби оли̅ як туманро хӯрда гаштед, ҳаққи ман магар ҳамин аст? Аз миёни худ намедиҳед-ку, аз давлати ҳазратам медиҳед...» Қози̅ зиёдии хароҷот, аз фуқаро чизи дуруст нарӯиданашро дар мақоми узр гуфта, як танга-як танга зиёд карда, масалан, то чил мерасонад. Марди дарбори̅ зиёдтар аз ин нарӯиданашро фаҳмида, маблағро бо тундию ситеза гирифта мерафт. Масалан, агар қози̅ ин чил тангаро якбора диҳад ҳам, дарбори̅ рози̅ нашуда, мисли собиқ боз талабу талош мекард. Бинобар ин қози̅ маҷбур буд, ки аввал кам дода, баъд андак-андак зиёд кунад. Агар ба дарбор панҷсад кас бошад, ҳар кадоми онҳо бо қози̅ ҳамин хел талош карда, пул мерӯёниданд. Ҳар сари моҳи нав аҳвол боз ба ҳамин минвол буд, фақат аз дафъаи аввал бештар додан лозим меомад. Хулоса, дар муддати тамоми 12 моҳи як сол сари моҳ бо ҳамин ҷанҷолу хархашаҳо ҳазорон сӯми қози̅ сарф мешуд, албатта вай ҳам ин маблағро яке бар даҳ аз фуқаро рӯёнида мегирифт.

Амир дар фармони ҷулус барои кам кардани хароҷоти қозиҳо ва ба ин восита барои кам шудани ҷамолғои [маблағи пардохти] фуқаро тортукро манъ карда буд. Локин пардохти сари моҳ, хароҷоти серӯзаи шахсии қози̅ дар рикоб аз масорифи тортуки даври амир Абдулаҳад ду баробар зиёдтар буд. Амир Олим, ки гӯё барои манфиати халқ тортукро манъ карда буд, расвоиҳои олукро ҳеҷ намедонист, агар донад ҳам, худро ба нодони̅ мезад.

Аз аҳли дарбор Имомқулбек ба амир Олим қадрдон, хизматгузори дерин ва ҳолдон буда, нуфузи зиёд дошт. Ҳамин одам рӯйрост ришва мегирифт ва бо қозию раисҳо одатан савдо мекард.

Амир Имомқулбек барин одамонро ба атрофи худ ҷамъ карда, бо айшу нӯш, бачабози̅, фоҳишабози̅, булбулбози̅ ва бедонабози̅ барин корҳо андармон ва аз аҳволи мамлакат бехабар буд.

Хулоса, дар аҳди амир Абдулаҳад зулм аз як даст ва барои кайфи як кас буда бошад, дар замони амир Олим ҳар ҳоким, ҳар қози̅, ҳар як аз аҳли дарбор, ҳатто шогирдпешагони ҳо-

кимон ва мулозимони қозиҳо ҳар кадом бар сари фуқарои фақир як ҳокими мутлақ, як омири мустабид шуда буданд.

**Насрулло-қушбегӣ.** Бузургтарин шахси даври амир Олим Насрулло-қушбегӣ буд. Қорҳои асосии мамлакат, муомила бо элчихонаи рус, ҳисобгирӣ аз хароҷот ва закотҳо, дидани даъвоҳои бузурги ҳалношуда ба дасти ин одам супурда шуда буд. Агар ба истилоҳи давлатҳои маданӣ гӯем, Насрулло-қушбегӣ ҳам вазифаи сарвазир, ҳам вазири хориҷӣ, ҳам вазири дохилӣ ва молия ва ҳам вазифаи шӯрои давлатро баҷо меовард.

Насрулло-қушбегӣ дар зоҳир марди ҳалим, аз зулму ғадр пок менамуд ва аз аҳволи замон як дараҷа хабардор буд. Қушбегӣ ба разолатҳои аҳли дарбор розигӣ намедод ва ба қадре, ки аз дасташ меомад, вайронкориҳои ононро манъ мекард. Ба фуқарое, ки барои арз ба наздаш меомаданд, нарм муомила карда, аз шунидани суханони онҳо сар наметофт. Ба ҳокимони Бухоро дашном додан ба фуқаро ва бо даҳшат муомила кардан одат аст. Насрулло-қушбегӣ баръакси ин муомила мекард.

Лекин хешу табор ва одамони ба худаш наздикро аз ҳад зиёд риоя мекард, онҳо моли халқ ё хазинаи подшоҳиро ҳар қадар исроф намоянд, чизе нагуфта, худро ба нодонӣ мезад. Бинобар ин дар давраи вазорати вай касоне ки ба атрофаш ҷамъ омада буданд, ба сарватҳои калон соҳиб шуданд. Наздикони вай бо ангуштаринҳои бирилиён дар ангуштон, ҳар шаб ба фаҳшиёт маблағҳои беҳисоб сарф мекарданд, вале ӯ ба ин корҳои онон чизе намегуфт.

Насрулло-қушбегӣ ба зулм моил набошад ҳам, ба ҳокимият ҳарис буд, мехост ҳама корҳо аз дасти вай гузаранд, ба ҳар касе паноҳ ва фармонраво шудан мехост.

Мувофиқи як одати норавое, ки аз қадим дар Бухоро маъмул буд, корҳои бузурги давлатӣ ба шахсҳо тақсим нагардида, ба дасти як вазир супурда мешуд. Аммо Насрулло-қушбегӣ ба корҳое, ки расман ба худаш супурда шуда буданд, қаноат накарда, то ба маъхаз ва мансабҳои хурдтарини муллоҳо, ки ба қозӣ, раис ва миршаб ҳавола шуда буданд ва то ба ҷанҷолҳои қиморбозон — ба ҳама кор мудохила мекард ва бинобар ин ҳамеша аз серкорӣ каллааш тафсида, аз зиёдии кор бисьёрии онҳоро нафаҳмидаву насанҷида иҷро мекард. Мавридҳое мешуд, ки дар айни замон ҳам мактубҳои аз атроф омадаро мехонд, ҳам бо мурофиачиён гап мезад ва ҳам бо мулло ва сипоҳиёни тамаллуқгар ва тамаъкор, ки дар атрофаш ҷамъ буданд, сӯҳбат ва гуфтугӯ мекард. Бисьёр вақтҳо ба мазмуни мактубҳо дуруст сарфаҳм нарафта, ҷавоб навиштан мефармуд, ба ҷавобҳои на-

виштаи котибон низ нохонда мӯҳр пахш мекард. Бинобар ин қозӣ ва ҳокимони атроф ба саволҳои худ ҷавоби возеҳ нагирифта, ё ҷавоби мунокиз [ба ҳамдигар зид] гирифта, ҳайрон мешуданд.

Қушбегӣ кори дузд ва ҷинояткоронро ба Бобобек ном ясавулбошӣ супурда ва ба ҳар чӣ ки вай гӯяд, ҳукм мекард. Бобобек ҳар рӯз якчанд касро ба номи дузд, бо фармони қушбегӣ ба ҳабс мегирифт, фардо ё баъди чанд муддат (табиӣ, ришвати хубе гирифта) «одамони дуруст будаанд» гуфта, боз бо амри қушбегӣ озод мекунонд.

Мо гумон мекунем, ки қушбегӣ аз ин сохтакориҳо хабар надошт. Ӯ ба сабаби фурсат надоштан ва эътимоди ифрот ба дастнишондагони худ ба чунин хатоҳои калон меафтид.

Насрулло-қушбегӣ ба Русия сафар карда, ба забони русӣ воқиф, мутолиакунандаи газетаҳои русӣ ва мусулмонӣ, аз аҳволи ҷаҳон як дараҷа хабардор, одами зотан аз зулм мутанаффир буд ва ба ислоҳот моил менамуд. Аммо дар бобати ислоҳот ягон кори муҳимме накард. Зеро вай ба ҳама мақбул шуданро мехост, хусусан синфи уламоро, ки сабабгори ба вазорат расиданаш буданд, риоят менамуд. Агар ба ислоҳот иқдом намояд, ба нафрати муллоҳо нисбат ба худаш сабаб шуда метавонист. Бинобар ин ҳеҷ коре накард ва карда натавонист.

Ба мактабҳои гузар сад танга моҳона таъйин карда, номи инро ислоҳи мактабҳо; ба номи амир як мадраса бино намуда, дар он таълими илмҳои ҳадис, тафсир, ҳисоб, ҳандаса, ҳусни хат ва таҷвидро дохил карда, номи инро ислоҳи мадорис гузошту вассалом. Мактабдорон аз усули таълим хабар доранд ё не? Мударрисҳо ба фанҳои ба худашон супоридашуда муктадиранд ё не? Ин ҷиҳатҳои масъаларо фикр намекард ва фикр карданро лозим ҳам намедонист. Фақат бо ҳамин корҳо гапи «мадраса ва мактабҳо ислоҳ шуда истодаанд»-ро ба майдон андохта, ҷавононро фиреб дод ва боз ба сад, дусад нафар танбал аз хазинаи подшоҳӣ маош ва улуфа таъйин карда, кӯҳнапарастонро низ аз худаш мамнун ва миннатдор кард.

Харҷи тӯйҳои аҳолиро сабуктар карда, ба барҳам доданӣ тӯйҳои ифтитоҳӣ ва хатми муллоҳо кӯшид. Аз номи амир як-ду масҷид ва мадрасаи вайронаро таъмир кунонид, як-ду ҳавзро шикасту рехт кард. Корҳои хуби ба назар намоёнаш ҳаминҳо буданд.

Аз он чи ки дар боло гуфтем, сифатҳои бади Насрулло-қушбегӣ нисбат ба хислатҳои неки ӯ шояд ба назар бештар расида бошанд. Аммо бо вуҷуди ин дар ҳаққи Насрулло-қушбегӣ эъ-

тиқоди ман чунин аст: Насрулло-қушбегӣ беҳтарин марди даврони ҳукумати амир Олим буд!

Дар бораи Насрулло-қушбегӣ сухани мо хеле дароз шуд, ки аз хонандагон афв металабам. Азбаски қисми муҳими таърихи моро воқеаҳои соли 1330 ҳ (1917 м.) ташкил медиҳад ва дар ин воқеаҳо вай роли муҳимме бозидааст, ба муфассалтар баён кардани аҳволаш маҷбурияти таърихӣ вуҷуд дошт, ки инро дар мақоми узр баён мекунам.

## Ҷамъияти махфӣ

Дар охирҳои даври амир Абдулаҳад охирин умедгоҳи ҷавонон — мактаби тоторҳо ҳам баста шуд. Аз амиру вазир на дар ислоҳоти умумӣ ва на дар бораи ислоҳи мактабҳо ҷои умеде намонда буд. Бинобар ин ҷавонон ба ҳаракати ҷиддитаре иқдом карданӣ шуда, дар 28 моҳи зилқаъдаи соли 1328 ба номи «Тарбияи атфол» ҷамъияти махфие таъсис карданд. Таъсискунандагони асосии ҷамъият Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, мударрис ҳоҷӣ Рофеъ ва Мукаммил-махдуми Бурҳонзода буданд. Маромномаи ҷамъият фақат илмӣ буда, дар низомномаи он барои эҳтиёт «ҷамъият мутлақо ба сиёсат дахл намекунад» навишта шуда бошад ҳам, аъзоёни ҷамъият халқро ба ислоҳоти умумӣ ташвиқ карда, фасодҳои тарзи идораи амирро фош намуда, аҳолиро бар зидди ин идораи золимона бармеангехтанд.

То моҳи рамазони соли 1329 ба ҷамъият Мирзо Иззатулло, Порсохоҷа, ҳоҷӣ Ҳамроҳ писари Йӯлдош, Аҳмад Камол, Фазлиддин-махдум, Мирзо Назрулло, ҳоҷӣ Абдусаттор, Ҳакимҷон-махдум, Мирзо Пӯлод, Салимҷон, Муҳаммадназар-махдум, Мазҳар махдум ва нависандаи ин сатрҳо Садриддин Айнӣ дохил шуданд. (Ҳар як аз инҳо дар вақтҳои гуногун ба ҷамъият даромада бошанд ҳам, азбаски дафтари ҷамъият дар дастам нест, таърихи дохилшавии ҳар кадомро аниқ навишта натавонистам).

Пас аз ин ҷамъият хело қувват гирифта ва аъзоёни худро ба доираҳои гуногун, ба байни халқ дохил карда буд.

Ҷамъият дар навбати аввал барои талаба фиристодан ба Истанбул ба чорабинӣ сар кард. Сирри ҷамъиятро накушода, аз тараққипарварони мавриди эътимод иона ҷамъ кард.

Соли 1329 бо ҳамроҳии аъзои ҷамъият Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ду нафар барои таҳсил ба Истанбул фиристода шуданд. Боз

ҳамон сол Аҳмадҷон-махдум ду писараш Афзал ва Акрамро бо харҷи ҷамъият барои хонондан ба Истанбул бурд.

Бо мурури зиёд шудани аъзои ҷамъият ва афзоиши қувваи он ба масъалаи талаба фиристодан ба Истанбул ва дар худи Бухоро чорае ёфта хонондани онҳо кори зиёде иҷро шуд. Ҷамъият барои талаба фиристодан ба хориҷ аз Бухоро дар байни халқ ташвиқот мебурд, хароҷоти инро ба ӯҳдаи худи касони иқтидорманд ниҳода, харҷи бачагони фақирро аз ҳисоби ҷамъият мепардохт.

**Роҳҳои аъзо қабул кардан ба ҷамъият.** Дар ҷамъият барои аъзо қабул кардан шароити хеле сахт муқаррар шуда буд. Барои аъзо шудан ба ҷамъият покизагии ахлоқ ва пок будан аз майхӯрӣ ва дигар амалҳои нораво, розпӯшӣ, маорифпарварӣ ва дилбохтагӣ ба кори ислоҳот аз шартҳои аввалин буд. Локин роҳҳои таҳқиқ кардани он сифатҳои номзад барои қабул ба ҷамъият хеле сахт буданд. Дар асnои музокираи умумӣ ҳар як аъзо номзадии касеро ки ба аъзоии ҷамъият муносиб дидааст, пешниҳод мекард. Агар ин номзад шоёни эътимод бошад, ду-се нафар барои санҷиши вай муқаррар мешуданд. Инҳо бо худи номзад шинос шуда ва аз ҷоҳои дигар дар борааш маълумот ҷамъ карда, хулосаи тафтиши худро аъзоёни дигар низ дар бораи вай он чӣ донистаанд, ба ҷамъият маълум мекарданд. Он робитҳо бо номзад рафту омад карда, масъалаи ташкили ҷамъиятеро ба миён мегузоштанд, агар вай ба ин кор роғиб бошад, барои ҷамъияти фарзкардашуда, аз аъзоён чанд нафарро гӯё номзад нишон дода, низомномае наздик ба низомномаи ҷамъият тартиб дода, бо номзад аҳду паймон мекарданд.

Робитҳо дар ин бора ба маҷлиси умумӣ арз карда, пас аз он ки қабул кардани вай муқаррар шуд, ӯ ба маҷлиси умумӣ оварда шуда, аҳли маҷлис гӯё нав ҷамъият ташкил мекарда бошанд, аҳду паймон карда, низомномаро хонда, ба номзад имзо мекунониданд. Баъд аз итмоми ин маросим ҳамаи аъзоён ба шарафи бародари нави худ ба по хеста, ӯро табрик мекарданд. Баъд таърихи ҷамъиятро баён карда, маҷбурияти худро барои чунин тафтишу таҳқиқ ба вай фаҳмонда, узр мепурсиданд.

Ҷамъият дар мавсими ин тобистон чанд нафар ҷавонони фаъолро ба аъзоӣ қабул кард. Аз ҷумла Мирзо Абдуқодир Муҳиддинов, Аминҷон-махдум писари Мирзиёуддин, Муҳиддинхиддинов, Абдулҳаким ва бародари вай Абдунамахдум фарзанди қозӣ Абдулҳаким ва бародари вай Абдунасир-махдум.

**Тариқи иҷтимоии ҷамъият.** Ба касоне, ки ба истибдоди Бу-

хоро ва ба таъқиботи ҳукумати мустабиддаи рус дар Бухоро вуқуф доранд, маълум аст, ки ба як ҷо ҷамъ шудани панҷ нафар тараққипарвар кори ниҳоят мушкиле буд. Бо вуҷуди ин аъзои ҷамъият, ки шумораашон ба 18—20 нафар расида буд, дар ҳар даҳ рӯз як бор, агар ягон масъалаи муҳим баромада монад, ба таври фавқулодда, дар хонае ҷамъ мешуданд. Маҷлис аксар дар хонаи тараққипарварони машҳур гузаронида нашуда дар ҳавлии яке аз аъзоёне, ки диққати ҳукумат ва халқро ҷалб намекард, барпо мегардид. Хусусан дар солҳои охир ба ин шарт бисьёр риоя мешуд. Аъзои ҷамъият дар ним соат фосилае, ки байни намози хуфтан ва адои он намоз буд, як-як ба маҷлисгоҳ ҷамъ мешуданд. Музокираҳо аз аввали шаб то азони бомдод давом мекарданд, баъд маҷлис тамом шуда, ҳозирон ба тартиби омаданашон баромада мерафтанд.

**Назари ҷамъият ба аҳволи иҷтимоӣ.** Аъзои ҷамъият бо тамоми исрофкориҳо ва ахлоқи разила мубориза мебурданд. Тӯйҳои исрофкорона кардан, машрубот нӯшидан, ҳатто дар маҷлисҳои майнӯшӣ нишастан қатъийян манъ буд. Инчунин аъзои ҷамъият вазифадор буданд, ки қавму хешони худ ва онҳоеро, ки ба гапашон гӯш мекунанд, аз бидъатҳои мазкур, аз харомкорӣ ва исрофкорӣ манъ намоянд.

**Корҳое, ки ҷамъият ба ҷо овард.** Аввалин кори ҷамъият ташвиқот буд. Мавзӯи ташвиқотро ба таври хулоса ба се модда ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ба илму маориф. Ташвиқ кардани халқ, ба толибони хондану омӯзиш ҳаматарафа ёрӣ додан, адабиёти нав, газета, маҷмӯа ва рисолаҳоро дар байни мардум паҳн кардан. Бо ин мақсад ҳар аъзои ҷамъият ба бағалаш як-ду газета, як-ду китоби адабии ахлоқиро андохта, чи дар бозор, чи дар хона, чи дар деҳот ва чи дар сафарҳои роҳи оҳан, дар ҳар ҷо ва ҳар мавриди муносиб ба халқ хонда медоданд, ба каму беш рағбаткунандагон маҷҷонӣ адабиёти нав паҳн карда, агар одами ҷиддитар ва самимитаре вохӯрад, ӯро ба газетаву маҷмӯаҳо муштарӣ (обуна) мекарданд.

2. Ташвиқот барои барҳам додани исрофҳо ва одатҳои разилона. Дар ин бобат тӯй ва азоҳоро аз рӯи шариат муҳокима намуда, дар мавридаш фасоди базм ва кӯпкорӣ барин одатҳои умумишудаи бадро ба халқ фаҳмонда, барои ба қадри имкон сабук кардани хароҷоти маъракаҳои тӯю азо ва маросимҳои дигари одамони наздики худ мекӯшиданд ва дар муқобили ин мардумро ба ёрмандиҳои иҷтимоӣ ва маданӣ, ба дастгирии фақир ва барҷомондагон даъват мекарданд.

3. Ташвиқ ба қиём ба муқобили ҳукумати амир. Аъзои ҷамъият дар ин бобат ҳаракатҳои золимонаи амир, вазир, қозӣ ва ҳокимонро, фатвоҳои нобаҷои муллоҳои ҷоҳилро ба халқ кушода нишон дода, фасоди ахлоқро дар доираҳои ҳукумат, исрофкориҳо, аз назари шариат ҳаргиз ва қатиян дуруст набудани риёкориҳои аҳли мадраса ва уламоро бо далелҳои ақлӣ ва нақлӣ исбот мекарданд.

Аъзои ҷамъият бо таълимоти махфии ҷамъият ба байни халқ даромада, хусусан ба қозихонаҳо, ҳокимхонаҳо, ба мадрасаҳо, ба хонаҳои муфтӣ ва мударрисҳо роҳ ёфта буданд. Ба ҳамин восита ба нозуктарин асрори ҳоким ва муллоҳо воқиф гашта, ин сирҳоро дастовез намуда, арбоби ҳукумат, муллоҳои харомхӯри ҳуҷраҷаллобро дар байни халқ хеле баҷо танқид мекарданд.

Ҷамъият аз вайронии идораҳои давлатӣ истифода намуда, ба воситаи баъзе намояндагони худ ба баъзе мансабҳо ҳамфикрони худро даровард ва ба таври ғайримахсусе, то ҳадде нуфузи сиёсӣ низ пайдо мекарданд.

**Корҳои ҷамъият дар соҳаи маориф.** Чунончи дар боло навиштем, кори муҳимми ҷамъият талаба фиристодан ба хориҷ буд. Дар соли таҳсили 1911 шумораи талабагоне, ки бо ташвиқи ҷамъият дар Истанбул ба хондан фиристода шуда буданд, ба 15 ва дар соли 1914 калону хурд ба 30 нафар расид. Харҷи бештари ин хонандагон ба ӯҳдаи ҷамъият буд.

Илова бар ин ҷамъият мактаби махфиеро, ки дар Бухоро, дар хонаи Мукаммил-махдум буд, ба ҳимояти худ гирифт, ҳар моҳ маблағи муайяне ба он ёрӣ медод.

**Муносибати ҷамъият бо талабагони Истанбул.** Чунончи ҷамъият сирри худро ба ҳеҷ кас намекушод, бо талабагони Истанбул низ мухобираи расмӣ надошт. Фақат он аъзои ҷамъият, ки дар Истанбул буданд, аз ҳар сирру аҳвол огоҳонида мешуданд. Дар ин бора дар байни онҳо ва ҷамъият аломат ва ишоратҳои шартии истилоҳшуда мавҷуд буд. Барои назорат ба шогирдоне, ки аз ҳисоби ҷамъият ё бо ҳимояи он дар Истанбул машғули таҳсил буданд, аз аъзои мӯътамади ҷамъият ҳар вакт як ё ду нафар дар он ҷо буданд. Аз аъзои ҷамъият касоне, ки барои назорат ба хонандагон ё ба мақсади хондан ба Истанбул рафта буданд, инҳоянд: Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Мазҳар-махдум, Муҳаммадназар-махдум ва Ҳошим Шоиқ.

Дар Истанбул низ ба номи «Бухоро таъмими маориф ҷамъиятӣ» (ҷамъияти нашри маорифи Бухоро) як ҷамъияти расмӣ

ва ошкор ташкил ёфта буд. Ин ҷамъият мувофиқи номи худ дар роҳи пешрафти маорифи Бухоро ва Туркистон корҳои муҳимме ба ҷо овард. Муассисони ин ҷамъият аз бухороиён — Абдурауфи Фитрат, Муқимбек, Содиқи Ашӯрзода буда, ба онон Абдулазиз ном шахсе аз мардуми Ғулҷа ёрирасон буд. Тамоми хонандагони бухороӣ ва туркистонӣ дар Истанбул ба ин ҷамъият аъзо буда, як қисми маорифпарварони Бухоро низ ғоибона аъзои ин ҷамъият буданд. Аз тоторон Олимҷон Идрисӣ ҳам, ки муддате дар Бухоро буда, бо бухороиён шиносоӣ дошт, узви ин ҷамъият буд.

Ин ҷамъият ба ҳукумат муроҷиат карда, аз мактабҳо барои талабагон ҷой мегирифт, барои истиқомати талабагони нав манзил меёфт ва то ба ягон мактаб даромадан онҳоро дар назди муаллимони хусусӣ хононда, ба дохил шудан тайёр мекард.

Илова бар ин ҷамъият бо туркистонӣ ва бухороиёне, ки равонаи Ҳиҷоз буданд, муносибат пайдо карда, онҳоро ба мактабҳо ва муассисаҳои илмӣ бурда, ба қадри имкон, ба кушода шудани фикрашон кӯшишҳое мекард. Чун Олимҷон Идрисӣ ва Абдулазизи Ғулҷаӣ дар ин ҷамъият хизматҳои муҳим кардаанд, номи онҳо ба ҷой гирифтан дар таърихи инқилоби Бухоро сазовор аст.

Кори ҷамъияти махфӣ то рафт вусъат ёфта, ба ҳаракати умумии ҷавонон мепайваст. Мо корҳои дигари ҷамъиятро дар мавридҳои муносиб зикр хоҳем кард.

## Абдурауфи Фитрат ва асарҳои вай

Азбаски дар таърихи инқилоби Бухоро Фитрат ва асарҳои вай мавқеи муҳиме доранд, дар ин бора дар боби ҷудогона навиштан лозим гониста шуд.

Чунончи дар боло гуфтем, Фитрат дар баҳори соли 1910 бо ҳамроҳии Муқимбек аз роҳи Эрон ба Истанбул рафта буд. Фитрат зотан аз мустаидтарин талабагони Бухоро буда, дар адабиёти қадима ва улуми арабийя маҳорат пайдо карда буд. Дар солҳои охир дар сояи вуқуф ба адабиёти нав фикраш кушода шуда, ба аҳволи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмии Бухоро бо назари ибрат нигариста, ба вилоятҳои атроф сафарҳо карда, маълумоти зиёде ҷамъ оварда буд.

Фитрат аз рӯзҳои аввали вурӯдаш ба Истанбул аз як тараф

ба хондан ва аз тарафи дигар ба асар навиштан шурӯъ намуд.

Асари аввалинаш ба забони форсӣ «Мунозара» ном дошт ва дар он низои қадиму ҷадид мавриди муҳокима қарор ёфта буд. Ин асар азбаски дар забони содда ва возеҳи форсӣ бо ба эътибор гирифтани аҳволи рӯҳияи халқи Бухоро, ба тариқи роман навишта шуда буд, ба халқи Бухоро хеле таъсири хубе бахшид. Фитрат ба тангдастии моддии худ нигоҳ накарда, асарро дар Истанбул бо харҷи худ нашр кунонда, ба Бухоро фиристод. Як миқдори нашр дар роҳ ба дасти цензорҳои рус афтода, нест шуда бошад ҳам, он чиро ки саломат омада ба Бухоро расида буд, тараққипарварон ба таълимоти ҷамъияти махфӣ ба ҳар сӯи мамлакат паҳн карданд. Аз мударрисони тараққипарвар Абдулқодир-махдум ки (соли 1918 дар Тошканд вафот кард) саду панҷоҳ нусхаи ин асарро ба хӯрҷин андохта, то Шаҳрисабз, Китоб, Чироғчӣ ва Яккабоғ бурда, паҳн кард, ба касоне, ки хонда наметавонистанд, худаш хонда медод. (Ин китоб аз тарафи Ҳоҷӣ Муини самарқандӣ ба ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шуд).

2. «Сайёҳи ҳиндӣ» ном дошт, ки ин ҳам ба услуби роман навишта шуда буд. Дар ин асар аҳволи илмӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Бухоро бераҳмона, гоҳо ба тариқи ҳаҷв ва гоҳо танқид шуда буд. Ин асар ҳам ба балои цензор гирифтор шуда, як қисмаш талаф ва қисми омада ба Бухоро расидааш ба хонандагон аз «Мунозира» ҳам беҳтар ва муҳимтар таъсир бахшид. («Сайёҳи ҳиндӣ» ба забони форсӣ таълиф ёфта буд. Ин асарро муфтӣ Маҳмудхоҷаи самарқандӣ ба русӣ тарҷума кунонида нашр карда буд).

3. Маҷмӯаи шеърҳо ба форсӣ «Сайҳа», ки дар ҳаҷми хурд чоп шуда буд. Шоир дар ин маҷмӯа аз ҷабру зулме сухан меронд, ки олами ҷаҳонгирон дар ҳаққи олами Шарқ ва ислом мекарданд. Агар бигӯем, ки ин асар ба хонандагон чун қувваи электр таъсири сареъ ва қавӣ дошт, ҳаргиз муболиға накардаем. «Сайҳа» чунон ки ба Бухоро дар кисаҳо пинҳонӣ оварда шуда буд, дар Бухоро низ пинҳонӣ паҳн карда шуд.

4. «Раҳбари наҷот» масъалаҳоеро, ки бо далелҳои ақлӣ ва нақлӣ баён ёфта ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ раҳнамо буданд, дарбар мегирифт.

5. «Оила»—аз масъалаҳои islоҳи ҳаёти оилавӣ баҳс мекард. Ин асар ҳам ба забони форсӣ буда, бо харҷи Мирзо Абдулвоҳид чоп шуда буданд.

6. «Мусулмонони Дор-ур-роҳат» — ин асар тарҷумаи фор-

сии «Доруррохат мусулмонлари» ном асари Исмоилбеки Ғаспаринский буд, ки бо харҷи «Китобхонаи маърифат», ки дар Бухоро аз тарафи ҷавонон таъсис ёфта буд, нашр гардид.

## Масъалаи ислоҳи мадорис

Пас аз он ки амир Олим идораи давлатро ба даст гирифт, ҳар кас мувофиқи муддао ва матлаби худ ба амир ариза навишта, аз вай талабу илтимосҳое мекард. Яке «Писарамро тӯи суннат карданиам, вале пул надорам» гуфта ариза медод ва маблаҒе пул мерӯёнд. Дигаре «Фалон тавлият (сарпарастии мулки вақф) ё ки вақф ба ман дода шавад», гуфта муроҷиат мекард ва ба мақсадаш мерасид. Як талабаи мадраса «Ифтитоҳ хоҳам кард, ба ман фалон китоб даркор ё ки фалон миқдор пул лозим дорам» гуфта арз мекард ва ин ҳам ба матлабаш мерасид. Ҳамаи ин талаб ва аризаҳо оид ба чизҳои шахсӣ ва ҷузъӣ буданд.

Як-ду талабаи андак кушодафикр ва бедоргашта аз бахшоишҳои амир ҷасорат пайдо намуда, дар сояи тарғиб ва ташвиқи ҷавонон ё ки бо таъсири паҳн шудани адабиёти нав дар байни талабагони мадраса дар аввалҳои соли 1911 дар бораи ислоҳи мадрасаҳо ба амир аризае супориданд.

Мазмуни ариза тақрибан чунин буд: «Дарси мадрасаҳои мо аз ҳад зиёд вайрон шуда, ба дарсҳо ҳеҷ тартибу интизоме намонда, ба ҷадвали дарс шарҳу ҳошияҳои нодаркор, мубоҳиса ва баҳсҳои бенафъ бисьёр даромада, матлаб ва мақсади асосӣ дар хориҷ мондааст. Ба замми ин муфтӣ ва мударрисҳои калон, ба ғайри он ки барои дарсгӯиашон даромади вақфҳои калон-калонро мехӯранд, боз ба номи «ифтитоҳона» дору надори талабагони фақирро мегиранд, ба тавре ки шогирдони фақир бо фурӯхтани китоб ва либосҳояшон ҳам аз масорифи «ифтитоҳона» халос шуда натавониста, як миқдор қарздор шуда, дар миёнаҳои зимистон, дар айни вақти таҳсил маҷбур мешаванд, ки дар ҷустуҷӯи имоматӣ ба қишлоқҳо баромада раванд.

Мо аз ҷаноби олӣ, ҳазрати амир хоҳишмандем, ки фармоне бидиҳанд, то ки аз ҷадвали дарс чизҳои нодаркор бароварда шуда, ба ҷои онҳо қоида ва асосҳои шариат — тафсир, ҳадис, усули фиқҳ ва дарсҳои нофеи дигар даровараа шаванд ва масорифи ифтитоҳона аз зиммаи шогирдони фақир бардошта шуда, мударрисҳо бо вақфи мадрасаҳо қаноат намоянд.

Амир Олим аризаро хонда, «мазмунаш ичро шавад» гуфта ба қозикалон Бақохоҷа фармон фиристод. Бақохоҷа фармони амирро ба воситаи ясавули уламо ба ҳама муфтӣ ва мударрисҳо расонид.

Аз муфтиҳо фақат домуллои Икром ба фармони амир амал карда, ба ислоҳи ҷадвали дарс иқдом намуд ва эълон кард, ки «пас аз ин аз шогирдон ифтитоҳия гирифта намешавад».

Шумо мепурсед, ки муфтӣ ва мударрисҳои дигар чӣ кор карданд?

Дигарон на ин ки ба фармон амал накарданд, балки ба қозӣ Бақохоҷа ҳуҷум оварда, ба ин фармони амир эътироз карданд. (Оҳ, беор ва беинсофҳо! Ягон бор ба бачабозӣ ва барои кайфи худ байтулмолро исроф кардани амир ҳам эътироз мекарданд!)

Бо ин ҳам қонеъ нашуданд. Ба назди домулло Икром намоянда фиристода: «Одатҳои аз падару бобоён мондаро тарк накун!» гуфтанд. Табиӣ, домулло Икром кореро, ки худаш хоҳони он буд, баъд аз фармони амир бо сухани якчанд инодгарони ғайри масъул тарк накард. Бинобар ин уламо тамоман ба ҳаяҷон омада, «ин корҳо бо хоҳиши ту шудааст» гӯён ба домулло ҳуҷум карданд. Аммо домулло боз бо суботи тамом ба кори худ давом намуд.

Баъд уламо ба воситаи қозӣ Бақохоҷа ба амир муроҷиат намуда, тамоман баръакси фармони собиқ ба содир шудани фармони нав муваффақ гардиданд. Мазмуни фармон чунин буд: «Дар дарси мадрасаҳо ва маросими ифтитоҳона мувофиқи одати пештара амал карда шавад».

Қозикалон дар асоси ҳамин фармони амир ба домулло Икром ҳам ислоҳи ҷадвали дарсро расман манъ кард.

Аз ин воқеа ба ичрои фармонҳои худ то чӣ андоза аҳамият додан, як шахси бесабот, бемуҳокима будани амир хеле равшан маълум мешавад. Агар амир андаке соҳиби муҳокима мебуд, аз ин воқеа беиқтидорӣ ва беинсофии уламоро ба хубӣ мефаҳмид ва бо уламо мувофиқи он рафтор мекард. Зеро уламо дарсҳои расмиро, дебочаи китобҳо ва ҳошияву шарҳҳои онро чӣ хел ки хонда бошанд, ба ҳамон тарз сарсарӣ таълим медоданд. Агар ҷадвали дарс ислоҳ шавад, аввал худи уламои мазкурро хонондан лозим меомад. Ислоҳи ифтитоҳона низ ба манфиати муллоҳои ҳаромхӯри беинсоф асло рост намеомад. Барои ҳамин буд, ки қиёматҳо барпо карда муқобил баромаданд.

## Бадарға шудани аввалини домулло Икром

Дар аввалҳои соли 1912 аъламИ Бухоро Ғиёс-махдум барои муқобилаташ ба кушодани кино ва сангфарши кӯчаҳо бо талаби кӯнсулхонаи рус аз Бухоро бадарға ва дар шаҳри Қаршӣ қозӣ таъин шуда буд. Бинобар ин уламои Бухоро рӯҳафтода ва нарм шуда буданд. Лекин ин ҳолат ба сиёсате, ки ҳукумати Бухоро пеш гирифта буд, рост намеомад. Зеро ҳукумати Бухоро ҳар кореро, ки ба кайфаш рост намеомад ё ба манфиаташ зарар мерасонид, уламоро ба пеш андохта, онро манъ мекард. Барои ҳамин ҳам пас аз маҷбур шуданаш ба бадарғаи Ғиёс-махдум бародари аз вай ҳам мутаассибтараш Изоммахдуми Мусаннифро ба раисии Бухоро таъйин кард. Ин кас, нафъй (бадарға) шудани бародарашро аз ҷавонон медонист, нисбат ба ҷавонфикрон сахт кина мепарварид ва барои интиқом фурсати муносибе меҷуст.

Дар ин вақтҳо домулло Икром рисолае навишта нашр намуд. Ӯ марди ростгӯй ва танқидкунандае буд. Ҳар суханеро, ки ҳақ медонист, аз амир, вазир ва аз уламо ибо накарда, дар ҳама ҷо мегуфт, зулм ва фасоди ҳокиму қозиён, корҳои норавои уламои бадкорро ҳар замон фош мекард. Ана, акнун ин танқидҳои лафзии худро ба шакли китобе даровардa, байни мардум паҳн кард. Як қисми он чи ки дар ин рисола навишта шуда буд, ба танқидҳои умумӣ оид буда, ба ҳоким, қозӣ ва ба уламо дахл дошт. Рисола ба забони форсӣ навишта шуда, муддаоҳои муаллиф бо далелҳои шаръӣ равшан исбот шудаанд.

Табиӣ, ин рисола, чунон ки ба табъи амир мувофиқ набуд, ба завқи уламо ҳам рост намеомад. Локин уламо, ки пас аз воқеаи Ғиёс-махдум аз ғайрат афтода буд, барои ба сари худ фитна бардоштан ҷасорат надошт.

Инак дар ҳамин вақт бародари Ғиёс-махдум — Мусанниф лозим шуда монд. Ин одам як қисм муллоҳоро ба муқобили домулло Икром барошӯбонид, Баъд худаш аз номи уламо ба ҳукумат расман мурочиат карда, аз Бухоро бадарға кардани домулло Икромро талаб намуд. Ҳукумат, ки зотан дар ҷустуҷӯи баҳонае буд, домуллоро ба тумани Пешкӯҳ қозӣ таъин карда, аз Бухоро ронд.

Домулло Икром барои таъмини маишати худ аз фуқаро пул гирифтанро қабул накард. Ҳукумат ба ӯ моҳе саду панҷоҳ сӯм маош таъин намуд.

Амир Олим аризаро хонда, «мазмунаш иҷро шавад» гуфта ба қозикалон Бақохоҷа фармон фиристод. Бақохоҷа фармони амирро ба воситаи ясавули уламо ба ҳама муфтӣ ва мударрисҳо расонид.

Аз муфтиҳо фақат домуллои Икром ба фармони амир амал карда, баислоҳи ҷадвали дарс икдом намуд ва эълон кард, ки «пас аз ин аз шогирдон ифтитоҳия гирифта намешавад».

Шумо мепурсед, ки муфтӣ ва мударрисҳои дигар чӣ кор карданд?

Дигарон на ин ки ба фармон амал накарданд, балки ба қозӣ Бақохоҷа ҳуҷум оварда, ба ин фармони амир эътироз карданд. (Оҳ, беор ва беинсофҳо! Ягон бор ба бачабозӣ ва барои кайфи худ байтулмолро исроф кардани амир ҳам эътироз мекарданд!)

Бо ин ҳам қонеъ нашуданд. Ба назди домулло Икром намоянда фиристода: «Одатҳои аз падару бобоён мондаро тарк накун!» гуфтанд. Табиӣ, домулло Икром кореро, ки худаш хоҳони он буд, баъд аз фармони амир бо сухани якчанд иногдагарони ғайри масъул тарк накард. Бинобар ин уламо тамоман ба ҳаяҷон омада, «ин корҳо бо хоҳиши ту шудааст» гӯён ба домулло ҳуҷум карданд. Аммо домулло боз бо суботи тамом ба кори худ давом намуд.

Баъд уламо ба воситаи қозӣ Бақохоҷа ба амир муроҷиат намуда, тамоман баръакси фармони собиқ ба содир шудани фармони наве муваффақ гардиданд. Мазмуни фармон чунин буд: «Дар дарси мадрасаҳо ва маросими ифтитоҳона мувофиқи одати пештара амал карда шавад».

Қозикалон дар асоси ҳамин фармони амир ба домулло Икром ҳам ислоҳи ҷадвали дарсро расман манъ кард.

Аз ин воқеа ба иҷрои фармонҳои худ то чӣ андоза аҳамият додан, як шахси бесабот, бемуҳокима будани амир хеле равшан маълум мешавад. Агар амир андаке соҳиби муҳокима мебуд, аз ин воқеа беиқтидорӣ ва беинсофии уламоро ба хубӣ мефаҳмид ва бо уламо мувофиқи он рафтор мекард. Зеро уламо дарсҳои расмиро, дебочаи китобҳо ва ҳошияву шарҳҳои онро чӣ хел ки хонда бошанд, ба ҳамон тарз сарсарӣ таълим медоданд. Агар ҷадвали дарс ислоҳ шавад, аввал худи уламои мазкурро хонондан лозим меомад. Ислоҳи ифтитоҳона низ ба манфиати муллоҳои ҳаромхӯри беинсоф асло рост намеомад. Барои ҳамин буд, ки қиёматҳо барпо карда муқобил баромаданд.

## Бадарға шудани аввалини домулло Икром

Дар аввалҳои соли 1912 аъламн Бухоро Ғиёс-махдум бa-[...]рои муқобилаташ ба кушодани кино ва сангфарши кӯчаҳо бо [...]талаби кӯнсулхонаи рус аз Бухоро бадарға ва дар шаҳри Қар[...]шӣ қозӣ таъин шуда буд. Бинобар ин уламои Бухоро рӯҳафто-[...]да ва нарм шуда буданд. Лекин ин ҳолат ба сиёсате, ки ҳуку-[...]мати Бухоро пеш гирифта буд, рост намеомад. Зеро ҳукумати Бухоро ҳар кореро, ки ба кайфаш рост намеомад ё ба манфи-[...]аташ зарар мерасонид, уламоро ба пеш андохта, онро манъ мекард. Барои ҳамин ҳам пас аз маҷбур шуданаш ба бадар-[...]ғаи Ғиёс-махдум бародари аз вай ҳам мутаассибтараш Изом-махдуми Мусаннифро ба раисии Бухоро таъйин кард. Ин кас, нафъӣ (бадарға) шудани бародарашро аз ҷавонон медонист, нисбат ба ҷавонфикрон сахт кина мепарварид ва барои инти-қом фурсати муносибе меҷуст.

Дар ин вактҳо домулло Икром рисолае навишта нашр на-муд. Ӯ марди ростгӯй ва танқидкунандае буд. Ҳар суханеро, ки ҳақ медонист, аз амир, вазир ва аз уламо ибо накарда, дар ҳа-ма ҷо мегуфт, зулм ва фасоди ҳокиму қозиён, корҳои норавои уламои бадкорро ҳар замон фош мекард. Ана, акнун ин тан-кидҳои лафзии худро ба шакли китобе даровварда, байни мар-дум паҳн кард. Як қисми он чи ки дар ин рисола навишта шу-да буд, ба танқидҳои умумӣ оид буда, ба ҳоким, қозӣ ва ба уламо дахл дошт. Рисола ба забони форсӣ навишта шуда, муд-даоҳои муаллиф бо далелҳои шаръӣ равшан исбот шудаанд.

Табиӣ, ин рисола, чунон ки ба табъи амир мувофиқ набуд, ба завқи уламо ҳам рост намеомад. Лекин уламо, ки пас аз воқеаи Ғиёс-махдум аз ғайрат афтода буд, барои ба сари худ фитна бардоштан ҷасорат надошт.

Инак дар ҳамин вақт бародари Ғиёс-махдум — Мусанниф лозим шуда монд. Ин одам як қисм муллоҳоро ба муқобили домулло Икром барошӯбонид. Баъд худаш аз номи уламо ба ҳукумат расман муроҷиат карда, аз Бухоро бадарға кардани домулло Икромро талаб намуд. Ҳукумат, ки зотан дар ҷусту-ҷӯи баҳонае буд, домуллоро ба тумани Пешкӯҳ қозӣ таъин карда, аз Бухоро ронд.

Домулло Икром барои таъмини маишати худ аз фуқаро пул гирифтанро қабул накард. Ҳукумат ба ӯ моҳе саду панҷоҳ сӯм маош таъин намуд.

Амир Олим аризаро хонда, «мазмунаш иҷро шавад» гуфта ба қозикалон Бақохоҷа фармон фиристод. Бақохоҷа фармони амирро ба воситаи ясавули уламо ба ҳама муфтӣ ва мударрисҳо расонид.

Аз муфтиҳо фақат домуллои Икром ба фармони амир амал карда, ба islоҳи ҷадвали дарс иқдом намуд ва эълон кард, ки «пас аз ин аз шогирдон ифтитоҳия гирифта намешавад».

Шумо мепурсед, ки муфтӣ ва мударрисҳои дигар чӣ кор карданд?

Дигарон на ин ки ба фармон амал накарданд, балки ба қозӣ Бақохоҷа ҳуҷум оварда, ба ин фармони амир эътироз карданд. (Оҳ, беор ва беинсофҳо! Ягон бор ба бачабозӣ ва барои кайфи худ байтулмолро исроф кардани амир ҳам эътироз мекарданд!)

Бо ин ҳам қонеъ нашуданд. Ба назди домулло Икром намоянда фиристода: «Одатҳои аз падару бобоён мондаро тарк накун!» гуфтанд. Табиӣ, домулло Икром кореро, ки худаш хоҳони он буд, баъд аз фармони амир бо сухани якчанд инодгарони ғайри масъул тарк накард. Бинобар ин уламо тамоман ба ҳаяҷон омада, «ин корҳо бо хоҳиши ту шудааст» гӯён ба домулло ҳуҷум карданд. Аммо домулло боз бо суботи тамом ба кори худ давом намуд.

Баъд уламо ба воситаи қозӣ Бақохоҷа ба амир муроҷиат намуда, тамоман баръакси фармони собиқ ба содир шудани фармони наве муваффақ гардиданд. Мазмуни фармон чунин буд: «Дар дарси мадрасаҳо ва маросими ифтитоҳона мувофиқи одати пештара амал карда шавад».

Қозикалон дар асоси ҳамин фармони амир ба домулло Икром ҳам ислоҳи ҷадвали дарсро расман манъ кард.

Аз ин воқеа ба иҷрои фармонҳои худ то чӣ андоза аҳамият додан, як шахси бесабот, бемуҳокима будани амир хеле равшан маълум мешавад. Агар амир андаке соҳиби муҳокима мебуд, аз ин воқеа беиқтидорӣ ва беинсофии уламоро ба хубӣ мефаҳмид ва бо уламо мувофиқи он рафтор мекард. Зеро уламо дарсҳои расмиро, дебочаи китобҳо ва ҳошияву шарҳҳои онро чӣ хел ки хонда бошанд, ба ҳамон тарз сарсарӣ таълим медоданд. Агар ҷадвали дарс ислоҳ шавад, аввал худи уламои мазкурро хонондан лозим меомад. Ислоҳи ифтитоҳона низ ба манфиати муллоҳои харомхӯри беинсоф асло рост намеомад. Барои ҳамин буд, ки қиёматҳо барпо карда муқобил баромаданд.

## Бадарға шудани аввалини домулло Икром

Дар аввалҳои соли 1912 аъламии Бухоро Ғиёс-махдум барои муқобилаташ ба кушодани кино ва сангфарши кӯчаҳо бо талаби кӯнсулхонаи рус аз Бухоро бадарға ва дар шаҳри Қаршӣ қозӣ таъин шуда буд. Бинобар ин уламои Бухоро рӯҳафтода ва нарм шуда буданд. Лекин ин ҳолат ба сиёсате, ки ҳукумати Бухоро пеш гирифта буд, рост намеомад. Зеро ҳукумати Бухоро ҳар кореро, ки ба кайфаш рост намеомад ё ба манфиаташ зарар мерасонид, уламоро ба пеш андохта, онро манъ мекард. Барои ҳамин ҳам пас аз маҷбур шуданаш ба бадарғаи Ғиёс-махдум бародари аз вай ҳам мутаассибтараш Изом-махдуми Мусаннифро ба раисии Бухоро таъйин кард. Ин кас, нафъй (бадарға) шудани бародарашро аз ҷавонон медонист, нисбат ба ҷавонфикрон сахт кина мепарварид ва барои интиқом фурсати муносибе меҷуст.

Дар ин вақтҳо домулло Икром рисолае навишта нашр намуд. Ӯ марди ростгӯй ва танқидкунандае буд. Ҳар суханеро, ки ҳақ медонист, аз амир, вазир ва аз уламо ибо накарда, дар ҳама ҷо мегуфт, зулм ва фасоди ҳокиму қозиён, корҳои норавои уламои бадкорро ҳар замон фош мекард. Ана, акнун ин танқидҳои лафзии худро ба шакли китобе дароварда, байни мардум паҳн кард. Як қисми он чи ки дар ин рисола навишта шуда буд, ба танқидҳои умумӣ оид буда, ба ҳоким, қозӣ ва ба уламо дахл дошт. Рисола ба забони форсӣ навишта шуда, муддаоҳои муаллиф бо далелҳои шаръӣ равшан исбот шудаанд.

Табиий, ин рисола, чунон ки ба табъи амир мувофиқ набуд, ба завқи уламо ҳам рост намеомад. Локин уламо, ки пас аз воқеаи Ғиёс-махдум аз ғайрат афтода буд, барои ба сари худ фитна бардоштан ҷасорат надошт.

Инак дар ҳамин вақт бародари Ғиёс-махдум — Мусанниф лозим шуда монд. Ин одам як қисм муллоҳоро ба муқобили домулло Икром барошӯбонид, Баъд худаш аз номи уламо ба ҳукумат расман муроҷиат карда, аз Бухоро бадарға кардани домулло Икромро талаб намуд. Ҳукумат, ки зотан дар ҷустуҷӯи баҳонае буд, домуллоро ба тумани Пешкӯҳ қозӣ таъин карда, аз Бухоро ронд.

Домулло Икром барои таъмини маишати худ аз фуқаро пул гирифтанро қабул накард. Ҳукумат ба ӯ моҳе саду панҷоҳ сӯм маош таъин намуд.

Домулло Икром бо ҳамин маош қариб ду сол дар Пешкӯҳ ва Қарокӯл қозигӣ кард. Баъд бо тадбири ҷамъияти махфӣ ба Бухоро баргашт.

## Газетаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон»

Ҷавонони Бухоро кайҳо боз дар фикри нашри газетае будананд, лекин чораи инро намеёфтанд. Зеро ҳукумати Бухоро, ки ба ягон кори оддии маданӣ роҳ намедод, ба нашри газетае, ки дар пеши назараш чун муфаттише шуданаш мумкин буд, чӣ гуна роҳ дода метавонист.

Элчихонаи ҳукумати рус бошад, ба нашри як газетаи озодфикр рухсат додан он тараф истад, ба ин кор аз ҳукумати амир ҳам бештар монеъ мешуд.

Соли 1912 чораи ин корро Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷи ҳаким ёфтанд. Онҳо аввал мудири матбааи Қогон Левии яҳудиро дида, ба вай аз нашри газета ваъдаи манфиати зиёде нишон дода, ӯро ба майдон андохтанд. Левӣ ба умеди фоида ба майдон баромада, дар ин бора ба элчихона муроҷиат кард. Мирзо Муҳиддин ҳам, ки бо корҳои тиҷоратиаш бо элчихона рафтуой дошт, тарафи рухсат додан ба газетаро гирифт ва барои бо идораҳои рус шиносондани мардуми Бухоро, барои ривоҷи пахтакорӣ лозим будани газетаро фаҳмонда, барои итминони хотири элчихона Ҳайдархоҷа Мирбадаловро, ки дар он ҷо хизмати тарҷумониро ба ҷо меовард, ба мудирии газета тавсия кард.

Элчихона ба шарти дар дасти худаш будани ҳаққи цензорӣ аз ҳукумати Бухоро барои нашри газета ба номи Левӣ ва Ҳайдархоҷа имтиёз ва иҷозат гирифта дод.

Барои муҳаррирӣ аз Боку Мирзо Ҷалол Юсуфзода даъват ва як микдор ҳарф ва чанд мураттиб оваронда шуда, ба забони форсӣ ба номи «Бухорои шариф» газетаи ҳаррӯзае нашр шуд. Шумораи якуми газета 4 рабиуссонии 1330 ҳ. (11 марти 1912 м.), рӯзи якшанбе нашр шуд. Ҷиҳати маънавии газета ба ӯҳдаи Мирзо Ҷалол, моддиёташ ба Левӣ оид буда, ҷавонони Бухоро ба таври ғайрирасмӣ ба он ёрии моддӣ ва маънавӣ мерасониданд. Ҳайдархоҷа, ки мусулмони мӯътадилфикре буд, ба ҳеҷ кори газета дахолат намекард, фақат барои итминони хотири элчихона дар охири ҳар шумора «мудири масъул Ҳайдархоҷа Мирбадалов» навишта мешуд.

«Бухорои шариф» аз рӯзи аввали нашр диққати хонанда-

гонро ба худ ҷалб кард. Мирзо Ҷалол дар ҳар шумора мақолаҳои муассири фасеҳу балеғе навишта, дардҳои умумии моро кушода, ба онҳо давоҳо нишон медод.

Мирзо Ҷалол соҳибқалами забардаст, аз усул ва фурӯъи улуми исломӣ ба хубӣ хабардор буд. Бинобар ин мақолаҳояш ба ҳар кас таъсир мебахшид. Мардуми зотан мустаидди Бухоро ин бандҳои ба забони худашон навишташудаи адабӣ ва соддаро бо муҳаббат мехонданд.

Левӣ ва Ҳайдархоҷа аз Насрулло-қушбегӣ ба мазмуни «ҳар кас ба газета муштарӣ шавад, аз тарафи мо ҳеҷ мумониат нест» як мактуби кушода гирифтанд. Ин хат ба воситаи одамони махсус ба вилоятҳои атроф фиристода шуда, як миқдор муштарӣ ҷамъ шуд. Қозӣ ва ҳокимҳое ҳам, ки аз газета метарсиданд, «ин газет аз они ҷаноби олӣ будааст» гуфта, ба он муштарӣ шуданд. Табиӣ, ҷавонтар ва мустаидтарини инҳо, агар дар аввал ба хотири «газетаи ҷаноби олӣ» буданаш ба он обуна шуда бошанд, рафта-рафта бо адабиёти нав ошно шуда, бо газета улфат пайдо карданд.

«Бухорои шариф» ба ҳамин минвол чаҳор моҳ ҳар рӯз чоп шуд. Дар ин байн ӯзбекзабон будани аҳолии баъзе қишлоқҳои атрофи Бухоро ва вилоятҳои он ба назар гирифта шуда, масъалаи нашри газетае ба забони ӯзбекӣ низ ба майдон баромад. Бо машварати ҷавонон дар идораи «Бухорои шариф» ҳафтае ду бор ба нашри «Тӯрон» ном газета ба забони туркӣ қарор дода шуд. Шумораи аввали газетаи «Тӯрон» 14 июли соли 1912 нашр шуд. Ба ҳамин тариқ ҳафтае чаҳор бор «Бухори шариф» ва ду бор «Тӯрон» нашр мешуд.

Ба сабаби аз вилоятҳои дигар оварда шудани муҳаррир ва мураттибон масорифи газетаҳо хеле зиёд буд. Ба замми ин ҳанӯз нағз улфат пайдо накардани мардуми Бухоро ва Туркистон ба адабиёти нав ба газетаҳо чандон муштарии зиёд ҷамъ нашуд. Бинобар ин дар муддати панҷ-шаш моҳ идораи газета хеле зарар дид. Нoшири газета, ки фақат барои нафъи моддӣ нашри газетаро ба гардан гирифта буд, табиӣ, нашри газетаҳоро мавқуф карданӣ шуд. Дар ин ҷо бо сардории Мирзо Муҳиддин ҷавонони Бухоро ба майдон баромада, барои давоми нашри газетаҳо ширкате ташкил карданд. Аз 11 шавволи 1330 ҳ. (сентябри 1912 м.) нашри газетаҳо ба ҳисоби ширкат гузашт ва муҳарририи «Тӯрон» ба Ғиёс-махдуми Ҳасанӣ, ки дорулмуаллимини Истанбулро тамом карда омада буд, супурда шуд. Баъд аз ин ҳар ду газета ҳафтае се бор мунтазаман нашр мешуданд. Ҳайдархоҷа касалии худро баҳона карда аз

мудирӣ истеъфо дода, ба ҷои худ аз Самарқанд Ҳусайн Иброҳимов ном шиноси худро даъват карда, мудириро ба вай супурд ва аз тарафи худ дар бораи Иброҳимов ба элчихона замонат дод. Газетаҳо то январи 1913 бо камоли муваффақият давом карданд.

**Тавқифи газетаҳо.** Газетаҳо рӯз ба рӯз диққати мардумро ба худ бештар ҷалб мекарданд. Онҳо фақат дар Бухоро не, балки дар тамоми Туркистон шӯҳрат пайдо карданд. «Тӯрон» аз гӯшаҳои гуногуни Туркистон ба худ садҳо хонанда ёфт. Дар тасаввури хонандагон фикрҳои дигар пайдо шудан гирифт. Ин вазъ ба кайфи элчихона мувофиқ наомад. Бо ҳамаи ин элчихона барои бастани газетаҳо сабаби қонуние ёфта наметавонист. Зеро муҳаррирҳо хеле дар эҳтиёт буда, ягон чизи ба сиёсати Русия расандае наменавиштанд. Маслаки муҳаррирон ба таври хулоса ба дасти хонандагон додани чароғе буд. Бо рӯшноии ин чароғ ёфтани роҳи оянда ба худи хонанда ҳавола мешуд. Бинобар ин фақат аз нуқсонҳои иҷтимоӣ, аз иқтисод, зироат, илму маориф, аз аҳволи фалокатбори мактабу мадрасаҳо баҳс мекарданду вассалом,

Элчихона ба ҳар коре, ки сабаби қонуние ёфта натавонад, ҳукумати Бухороро олат қарор медод. Барои бастани газетаҳо ниЗ ба ин васила даст зад. Ба ҳукумати Бухоро муроҷиат карда, бастани газетаҳоро маъқул донист. Ҳукумати Бухоро зотан фақат ба хотири элчихонаи рус ба ин кор розӣ шуда буд, вагарна табъан ба чунин корҳо ҳаргиз розӣ намешуд. Агар ихтиёр дошта бошад, на танҳо газетаҳои Бухоро, балки матбуоти исломии тамоми Русия ва ҳатто тамоми дуньёро нест мекард.

Хулоса, 12 январи 1913 ба идораи газета аз номи элчихонаи рус бо имзои Петров ба ин мазмун як мактуб омад: «Бо хоҳиши ҷаноби олӣ амири Бухоро аз ҳамин рӯз эътиборан газетаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» аз нашр боздошта мешаванд».

Ба ҳамин тариқ, газетаи «Бухорои шариф» аз 11 марти 1912 то 2 январи 1913 ҳамагӣ 153 шумора ва «Тӯрон» аз 14 июли 1912 то таърихи мазкур ҳамагӣ 49 шумора нашр шуда маҷбуран баста шуданд. Ин ду ниҳол, ки акнун ба мева додан даромада буданд, бо табари зулму истибдод аз боғчаи халқ решакан шуданд.

Дар он рӯзҳо таассуротамро ба забони форсӣ ба назм дароварда будам.

Эй тарҷумаи ҳоли дил, эй сафҳаи «Тӯрон»,
Ту маҳв шудӣ, монд ба дил доғи фаровон.
Дар илму адаб раҳбари Тӯрон шуда будӣ,
Имрӯз ба ифнои ту Тӯрон шуда вайрон.
Дирӯз ба даврон зи ту ахбор ҳамерафт,
Акнун зи ту ҷуз хотирае нест ба даврон.
Не, не, зи ту сад дарду алам монд ба гетӣ.
Не, не, зи ту сад меҳнату ғам монд ба кайҳон.
Кӯр аст басар, гар кунад аз ҳусни ту иғмоз,
Гунг аст забон, гар кунад аз ҳаққи ту китмон.
Эй маъракаи босеаи тавсани афкор,
Эй маҳкамаи одилаи даъвии азҳон!
Азҳон ҳама чун сари ман гашт мушавваш,
Афкор ҳама чун дили ман монд парешон.
Рафтӣ, зи кӣ пурсем кунун солеҳу фосид,
Рафтӣ, зи ки ҷӯем кунун аз ҳаҷу бутлон?
Боз о, ки мушавваш нашаванд ин ҳама мардум,
Боз о, ки парешон нашаванд ин ҳама инсон!

Албатта, суоле ба хотири хонандагон меояд, ки элчихонаи рус чаро аввал ба нашри газета изн дод ва баъд ба чӣ сабаб онро баст. Дар мақоми ҷавоб ин сатрҳоро менависем:

Элчихонаи рус дар оғоз гумон карда буд, ки ин газета ҳам мисли газетаи «Туркистон вилоятининг газети»,[1] ки дар Тошканд, зери дасти Остроумов нашр мегардид, барои иғфоли мусулмонон воситае хоҳад шуд. Баъд дид, ки ин газетаҳо фикри халқро кушода, ӯро ба маданияту маориф ҳидоят мекунанд ва аз халқ ҳам ҳусни таваҷҷӯҳ мебинанд. Дипломатҳои тангчашм, сияҳфикр ва сияҳдил ба ин тоқат карда натавониста ва газетаҳоро бо як амри қатъӣ бастанд.

**Онҳое, ки ба нашри газетаҳо хизмат кардаанд.** Ба нашри ин ду газета тамоми ҷавонони Бухоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ёрӣ додаанд. Қасони исмашон шоёни зикр инҳоянд: Мирзо Муҳиддин Мансуров ва писарони вай Мирзо Изом ва Мирзо Абдулқодир, Мирзо Сироҷи ҳаким (Мирхон), Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Фазлиддин-махдум, Муҳиддин-махдум фарзанди Абдулҳакими судур ва бародари вай Абдунасир-махдум, Аминҷон-махдуми Зиёӣ, Абдулҳаким-махдуми Обидзода, Мирзо-Иззатулло, Мирзо Назрулло Ғафурзода (дар апрели 1917 шаҳид), Ҳоҷӣ Абдусаттор писари Абдуқаҳҳор (соли 1918 шаҳид), Мирзо Мустафоқулӣ фарзанди Бӯрибой (1918 шаҳид), Ҳоҷӣ Ҳамроҳ писари Йӯлдош, Ҳоҷӣ Ҳамроҳи дуюм, Мирхон Порсо, Порсохоҷа фарзанди Ҳасанхоҷа ва дигарон.

---

[1] *«Туркистон вилоятининг газетаси»* — газетаи расмии ҳукумати подшоҳии Россия, ки то соли 1917 дар Тошканд ба забони ӯзбекӣ нашр мешуд.

Назруллобой писари Яъқуббой аз талабагони мадраса саду панҷоҳ нафарро ба газетаҳо шашмоҳа обуна карда, пулашро худаш пардохт. Ба ҳамин восита ба газетаҳо ёрии моддӣ ва ба талабаҳо ёрии маънавӣ расонид.

* * *

Чунонки дар боло гуфтем, аксари хизматчиёни газета аз вилоятҳои дигар ба кор даъват шуда буданд. Дар охири соли 1912 инҳо аз ширкат шашмоҳа таъминот талаб карданд. Агар ширкат бо шартномаи расмӣ онҳоро шашмоҳа таъмин накунад, кор накарданашонро маълум намуданд. Бинобар ин ширкат бо хизматчиён ба муддати шаш моҳ шартнома баста буд. Аз байн як ҳафта нагузашта газетаҳо баста шуданд. Музди кор ба хизматгорон ба муддати шаш моҳ пардохта шуд. Сармояи мавҷуди ширкат ба шаш моҳи нашр нашудани газетаҳо сарф гардид. Бинобар ин ба бозпардохти пули обуначиён имкон нашуд.

**Таъсири газетаҳо.** Ин ду газета дар умри даҳмоҳаи худ зиёда аз умед таъсир бахшиданд. Азбаски нашри газетаҳо ба давраи ҷангҳои Италия ва Болқон рост омад, онҳо аҳолии аз ҳама чиз бехабари Бухороро аз таърих, ҷуғрофия, аз сиёсатҳо, аз аҳволи умумии Аврупо, аз афтода истодани олами ислом ба қаъри ҳалокат огоҳониданд. Ба мағзи ҷавонон фикри хондан, қалам ва адабиётро ҷойгир карданд, ба хотири падарон хаёлҳои тарбия ва хонондани бачагонро оварданд. Аз ин таъсирҳо мадраса ҳам хушк намонд. Шогирдони мадраса ислоҳи ҷадвалҳои дарсро талаб мекарданд. Дар шумораҳои охирини «Бухорои шариф» бо имзоҳои гуногун аризаҳои хонандагони мадраса дар бораи ислоҳи тарзи таълим чоп шуда буд. Ҳатто баъзе мударрисҳо талаб ва рағбати умумии талабагонро дида, аз ӯҳдааш набароянд ҳам, ба таври худ ба ислоҳи таълим сар карданд.

Падари Ғиёс-махдуми Ҳасанӣ — Мулло Нуралӣ ном аҳли Бувои Тотористон ва модараш бухорой буд. Худи Ғиёс-махдум, ки дар Бухоро таваллуд ёфта, бачаи Бухоро ҳисоб меёфт, вақти нашри газетаҳо хизмати хубе кард. Дар хонааш мактаби хусусӣ кушода, дар вақтҳои аз кори таҳрир холиаш якчанд ҷавонҳоро хононд.

Илова бар ин дар ҳар гӯшаи Бухоро ба атрофи ҳар як мусофире, ки «ман чизе медонам» мегуфт, 20—30 нафар ташнагони донишу хониш ҷамъ мешуданд. Дар гузари Моркуш мул-

ло Абулқосим мактабе кушод, ки мунтазам давом мекард. Мактаби махфие ҳам, ки дар хонаи Мукаммил-махдум давом мекард, як дараҷа маълум ва озодтар шуда буд. Аз ин корҳо ҳукумат чашм пӯшида, худро ба нодонӣ мезад ва гӯё ба ҷараёни фикрҳо таслим шудан мехост.

Бешубҳа, сабаби аввалини ин корҳо таъсири газетаҳо буд. Баъд аз тавқифи газетаҳо ҳам ин фикрҳо ва ин ҷараёнҳо хомӯш нашуда, балки рӯз ба рӯз дар афзоиш буданд.

## Корҳои маориф дар соли 1913

Бухоро соли 1913-ро бо афкори шӯрида пешвоз гирифт. Дар натиҷаи аз Бухоро ронда шудани фитнакоре чун Бурҳониддин, ба Қаршӣ фиристода шудани аълам дар муллоҳои дигар ҳам ҳавасу ҳавсалаи фитнаангезӣ намонда буд. Баръакс, ба шарофати нашри газетаҳо на ин ки ҷавонҳо, балки шогирдони мадраса ҳам ба инқилоби илмӣ ва фикрӣ тайёр шуда буданд.

Дар баҳори соли 1913 Усмонхоҷа ва Ҳомидхоҷа аз Истанбул ба Бухоро баргаштанд. Усмонхоҷа аввал дар ҳавлии Латифхоҷа мактабе кушода, ба хонондани якчанд қавму хешони худ сар кард. Аз хешовандонаш ба хонаи Файзуллохоҷа рафтуой карда, дар ӯ фикри инқилобӣ бедор кард. Ба Файзуллохоҷа, ки зотан ҷавони соҳибмаълумот ва аз забонҳои русӣ ва немисӣ хабардор буд, фикрҳои илқокардаи Усмонхоҷа таъсири хубе бахшиданд.

Дар фасли тобистон Усмонхоҷа дар наздикии ҳавзи Говкушон хонаеро ба иҷора гирифта, мактабе кушод. Асбоби мактабро, аз қабили лавҳа ва курсиҳо тайёр карда, барои худ як-ду муовин гирифта бо ҷиддият ба кори таълим машғул шуд. Ҳомидхоҷа низ дар гузари Ҳавзи Арбоб хонаи худашро шикасту рехт карда, мактабе кушод.

Мулло Вафо ном як мударриси русидон дар гузари Пои Остона мактабе кушода, забони русӣ ва форсӣ таълим медод. Мактабҳои гузари Моркуш ва хонаи Мукаммил-махдум низ давом мекарданд. Ба ғайри инҳо дар гузари Хиёбон бародари Мирзо Исмоил мактабе кушода буд. Дар ҳамаи ин мактабҳо ба ғайри бачаҳо калонсолони бесавод ва чаласавод низ ҷамъ шуда, хату савод меомӯхтанд, аз ҳисоб ва ҷуғрофия дарс мегирифтанд.

Ҷавонон, талабагони навфикри мадрасаҳо ва махдумзода-

гони ҷавон низ муаллимони хусусӣ ёфта, аз фанҳои умумӣ ва аз усули таълиму тарбияи нав огоҳ мешуданд.

Ба ин аҳвол элчихона низ чашм пӯшида, худро ба нодонӣ мезад, зеро онҳо як бор мактабро манъ кунонида, дар натиҷа дида буданд, ки кӯдакони даҳ-дувоздаҳсола низ барои таҳсил ба Истанбул мераванд. Агар онҳо дар мактабҳои мунтазами он ҷо таҳсил карда, баргарданд, ин албатта дар оянда барои сиёсати ҳукумати рус чизи зарарноке хоҳад шуд. Роҳ додан ба мактабҳои маҳаллӣ барои пешгирӣ аз ин ҷараён буд. Мактабҳои нимкора ислоҳшудаи Бухоро дар назари маъмурони рус аз қабили «аҳвон-уш-шаррайн» (осонтари ду бадӣ) буд. Бинобар ин маъмурони рус мактабҳои навбуньёди Бухороро пинҳонӣ дар тахти назар дошта бошанд ҳам, дар паи бастани онҳо набуданд.

* * *

Дар вилоятҳои атроф низ корҳо ва фикрҳо ба тарзи хубе ҷараён доштанд. Масалан, дар Қаркӣ мактаби тоторҳо чанде боз давом мекард. Дар солҳои охир дар дохили Қаркӣ ҷавонони Қийикчӣ ва баъзе бухориёни муқими он маҳал то рафт бештар ба кори мактаб ҳамроҳ мешуданд. Ҷавонони Қаркӣ бо сардории қорӣ Йӯлдош Пӯлодов, ки имрӯз аз пешқадамони инқилоби Бухорост, дар ин бобат хеле хуб кор карданд. Онҳо дар хонаи Мирхони Абунасрзодаи бухороӣ мактабе кушода, кори таълимро ривоҷ медоданд. Ба мактабҳои рус талаба даровarда, мехононданд. Қироатхона ва дӯкони китобфурӯшӣ кушода буданд. Хулоса, фаъолияташон ба шакли ташкилоте мебаромад.

Дар Шаҳрисабз низ кор хуб давом мекард. Аз сардорони қабилаи кенагас Исломқул-тӯқсабо (соли 1918 шаҳид) дар хонаи худ мактабе кушода, аз Самарқанду Тошканд муаллимҳо даъват карда, фарзандони халқро мехононд, газета ва китобҳо оварда, дар байни халқ паҳн мекард.

Дар Қарокӯл амлокдор Ғуломқодир ва қозӣ Икром-махдум мактабе кушода, фарзандони худ ва касони дилхоҳашонро мехононданд. Сулаймонхоҷа (соли 1918 шаҳид) гӯё вазифаи китобхонаеро иҷро карда нашриёт ва адабиёти навро паҳн менамуд.

Дар Ғиҷдувон низ фикри нав рафта-рафта ҷой мегирифт, ҷавонони ин ҷо бо сардории Муҳаммадазим (дар соли 1918 шаҳид) гӯё ташкилоте ба вуҷуд оварда, муаллими тоторeро

ёфта, дар наздаш дарс мехонданд ва то деҳоти Шофирком адабиёти нав паҳн мекарданд. Туманҳои Вобканд ва Варғонзе низ бенасиб намонда, дар ин ҷоҳо низ фикри нав дар нисбати худ роҳ ёфта ва адабиёти нав паҳн мегардид.

Дар ҳар кадом ин ташаббусҳо ҷамъияти махфӣ намояндаҳо дошт. Онҳо ба омилони кор ҳам нафаҳмонда, мувофиқи таълимоти ҷамъияти махфӣ кор мебурданд.

Хулосаи калом, як ҳаракати умумӣ, шӯру ҷунбиши умумӣ ҳис шуда, ҷавононро ба истиқбол умедвор месохт.

## Аҳвол ва мактабҳо дар соли 1914

Соли 1914 аҳволи ҷавонон хуб, нуфузашон дар ҳама ҷо пайдо ва корҳои илмиашон низ ба чашм намоён шуда буд. Имсол ҷамъияти махфӣ хеле қувват гирифта, якчанд нафари бағайрат ва соҳибҳамиййятро ба тарафи худ ҷалб карда буд. Имсол чанде аз ҷавони фаъол, аз ҷумла Муҳаммадмӯсо, Исмоили Садрӣ ва Қорӣ Ҳошим ба ҷамъият дохил шуда буданд. Аъзои мӯътамади ҷамъият, асрори ҷамъияти марказиро ошкор накарда, ҷамъиятҳои махфии хурд ташкил дода буданд. Аз ҷумла Мирзо Абдулвоҳид дар тарафҳои Хиёбон машғули фаъолият буд. Бо талқини Муҳиддин-махдуми Судурзода ду нафар — Мирзо Юсуф ва Низом-махдум (ҳар дуяшон ҳам соли 1918 шаҳид) дар Шаҳрисабз ҷамъияти махфие ташкил карданд. Бо талқини узви масъули ҷамъият — Фазлиддин-махдум (ки соли 1918 дар Тошканд дар ғурбат вафот кард) Ҳоҷӣ Ҷӯрақул ва Абдуфаттоҳҷон (ҳар ду ҳам соли 1918 шаҳид) дар тарафҳои Қаркӣ кор мебурданд ва дар ҳар кор бо ҷавонони Қаркӣ ҳамдаст буданд.

Имсол бо таълимоти ҷамъиятӣ махфӣ ду кори муҳим ба анҷом расид: яке таъсиси «Қутубхонаи маърифат» ва дигаре «Ширкати Баракат».

Баъди баста шудани газетаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» ҷавонон барои қаноатманд кунонидани касоне, ки ба адабиёти нав одат карда, рағбат пайдо намуда буданд, ҳар саҳмияаш 10-сӯмӣ ширкате ба номи «Маърифат» таъсис карданд. Дар кутубхона ба ғайр аз газета ва журналҳои Истанбул ва Русия, ҳар гуна китобҳои нашрии Истанбул, Боку ва шаҳрҳои дигар ёфт мешуд. Талабагоне, ки дар Истанбул буданд, ҳар як асари муҳимро ба воситаҳои гуногун ба Бухоро мефиристоданд.

гони ҷавон низ муаллимони хусусӣ ёфта, аз фанҳои умумӣ ва аз усули таълиму тарбияи нав огоҳ мешуданд.

Ба ин аҳвол элчихона низ чашм пӯшида, худро ба нодонӣ мезад, зеро онҳо як бор мактабро манъ кунонида, дар натиҷа дида буданд, ки кӯдакони даҳ-дувоздаҳсола низ барои таҳсил ба Истанбул мераванд. Агар онҳо дар мактабҳои мунтазами он ҷо таҳсил карда, баргарданд, ин албатта дар оянда барои сиёсати ҳукумати рус чизи зарарноке хоҳад шуд. Роҳ додан ба мактабҳои маҳаллӣ барои пешгирӣ аз ин ҷараён буд. Мактабҳои нимкора ислоҳшудаи Бухоро дар назари маъмурони рус аз қабили «аҳвон-уш-шаррайн» (осонтари ду бадӣ) буд. Бинобар ин маъмурони рус мактабҳои навбуньёди Бухороро пинҳонӣ дар таҳти назар дошта бошанд ҳам, дар паи бастани онҳо набуданд.

* * *

Дар вилоятҳои атроф низ корҳо ва фикрҳо ба тарзи хубе ҷараён доштанд. Масалан, дар Қаркӣ мактаби тоторҳо чанде боз давом мекард. Дар солҳои охир дар дохили Қаркӣ ҷавонони Қийикчӣ ва баъзе бухориёни муқими он маҳал то рафт бештар ба кори мактаб ҳамроҳ мешуданд. Ҷавонони Қаркӣ бо сардории қорӣ Йӯлдош Пӯлодов, ки имрӯз аз пешқадамони инқилоби Бухорост, дар ин бобат хеле хуб кор карданд. Онҳо дар хонаи Мирхони Абунасрзодаи бухорой мактабе кушода, кори таълимро ривоҷ медоданд. Ба мактабҳои рус талаба даровaрда, мехононданд. Қироатхона ва дӯкони китобфурӯшӣ кушода буданд. Хулоса, фаъолияташон ба шакли ташкилоте медаромад.

Дар Шаҳрисабз низ кор хуб давом мекард. Аз сардорони қабилаи кенагас Исломқул-тӯқсабо (соли 1918 шаҳид) дар хонаи худ мактабе кушода, аз Самарқанду Тошканд муаллимҳо даъват карда, фарзандони халқро мехононд, газета ва китобҳо оварда, дар байни халқ паҳн мекард.

Дар Қарокӯл амлокдор Ғуломқодир ва қозӣ Икром-махдум мактабе кушода, фарзандони худ ва касони дилхоҳашонро мехононданд. Сулаймонхоҷа (соли 1918 шаҳид) гӯё вазифаи китобхонаеро иҷро карда нашриёт ва адабиёти навро паҳн менамуд.

Дар Ғиҷдувон низ фикри нав рафта-рафта ҷой мегирифт, ҷавонони ин ҷо бо сардории Муҳаммадазим (дар соли 1918 шаҳид) гӯё ташкилоте ба вуҷуд оварда, муаллими тоторeро

ёфта, дар наздаш дарс мехонданд ва то деҳоти Шофирком адабиёти нав паҳн мекарданд. Туманҳои Вобканд ва Варғонзе низ бенасиб намонда, дар ин ҷоҳо низ фикри нав дар нисбати худ роҳ ёфта ва адабиёти нав паҳн мегардид.

Дар ҳар кадом ин ташаббусҳо ҷамъияти махфӣ намояндаҳо дошт. Онҳо ба омилони кор ҳам нафаҳмонда, мувофиқи таълимоти ҷамъияти махфӣ кор мебурданд.

Хулосаи калом, як ҳаракати умумӣ, шӯру ҷунбиши умумӣ ҳис шуда, ҷавононро ба истиқбол умедвор месохт.

## Аҳвол ва мактабҳо дар соли 1914

Соли 1914 аҳволи ҷавонон хуб, нуфузашон дар ҳама ҷо пайдо ва корҳои илмиашон низ ба чашм намоён шуда буд. Имсол ҷамъияти махфӣ хеле қувват гирифта, якчанд нафари бағайрат ва соҳибҳамийятро ба тарафи худ ҷалб карда буд. Имсол чанде аз ҷавони фаъол, аз ҷумла Муҳаммадмӯсо, Исмоили Садрӣ ва Қорӣ Ҳошим ба ҷамъият дохил шуда буданд. Аъзои мӯътамади ҷамъият, асрори ҷамъияти марказиро ошкор накарда, ҷамъиятҳои махфии хурд ташкил дода буданд. Аз ҷумла Мирзо Абдулвоҳид дар тарафҳои Хиёбон машғули фаъолият буд. Бо талқини Муҳиддин-махдуми Судурзода ду нафар — Мирзо Юсуф ва Низом-махдум (ҳар дуяшон ҳам соли 1918 шаҳид) дар Шаҳрисабз ҷамъияти махфие ташкил карданд. Бо талқини узви масъули ҷамъият — Фазлиддин-махдум (ки соли 1918 дар Тошканд дар ғурбат вафот кард) Ҳоҷӣ Ҷӯрақул ва Абдуфаттоҳҷон (ҳар ду ҳам соли 1918 шаҳид) дар тарафҳои Қаркӣ кор мебурданд ва дар ҳар кор бо ҷавонони Қаркӣ ҳамдаст буданд.

Имсол бо таълимоти ҷамъияти махфӣ ду кори муҳим ба анҷом расид: яке таъсиси «Кутубхонаи маърифат» ва дигаре «Ширкати Баракат».

Баъди баста шудани газетаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» ҷавонон барои қаноатманд кунонидани касоне, ки ба адабиёти нав одат карда, рағбат пайдо намуда буданд, ҳар саҳмияаш 10-сӯмӣ ширкате ба номи «Маърифат» таъсис карданд. Дар кутубхона ба ғайр аз газета ва журналҳои Истанбул ва Русия, ҳар гуна китобҳои нашрии Истанбул, Боку ва шаҳрҳои дигар ёфт мешуд. Талабагоне, ки дар Истанбул буданд, ҳар як асари муҳимро ба воситаҳои гуногун ба Бухоро мефиристоданд.

«Ширкати Баракат» зоҳиран бо мақсади тиҷорат таъсис шуда бошад ҳам, мақсади аслӣ як қисм одамонро ба якҷо ҷамъ кардан ва дар байнашон паҳн кардани афкори нав буд. Саҳмияи ширкат хеле кам — 15 сӯм муқаррар шуда, накд харида ба накд фурӯхтан, арзон харида арзон фурӯхтан асос гузошта шуда буд. Ба таъбири замони мо ширкат вазифаи кооперативро ба ҷо меовард. Ҷавонфикрон, одамони миёнаҳол ва фақир ба ҷамъият аъзо шуданд.

Азбаски ширкат дар байни мардум чун «Ширкати ҷадидон» овоза баровардa буд, касоне, ки ба он аъзо мешуданд, қабл аз аъзо шудан гӯё фикри ҷадидҳоро қабул карда, ба шунидани ҳар гуна ташвиқот ҳозир шуда меомаданд.

Ҳайати идораи ҷамъият аз одамони масъул ва мӯътамади ҷамъияти махфӣ Фазлиддин-махдум, Мирзо Нарзулло, Мирзо Иззатулло, Абдулҳаким-махдум ва Мирзо Абдулвоҳид иборат буданд. Мағозаи ширкат аз як тиҷоратхона дида бештар ба клуб ё машваратхонае шабоҳат дошт: Маҳалли мусоҳиба ва маслиҳати ҷавонон, ҷои мулоқоти онҳо бо ҳамдигар буд.

Ба талқиноти Мирзо Абдулвоҳид дар тарафҳои Хиёбон ва Регистон низ аз тарафи ҷавонон чунин ширкатҳо ташкил гардид. Инҳо гӯё шӯъбаи «Ширкати баракат», маркази паҳн кардани афкори нав буданд.

Қори «Қутубхонаи маърифат» бошад, мувофиқи номаш паҳн кардани маърифат дар байни халқ буд. Мудири он аз аъзои ҷамъият Муҳаммадмӯсо буда, ҳайъати идорааш аз аъзоёни ҷамъият — Мирзо Абдулвоҳид, Қорӣ Ҳошим ва Ҳоҷӣ Сироҷ буданд.

Насрулло-қушбегӣ ба «Китобхонаи маърифат» ва «Ширкати баракат» расман рухсат дода, ба кори ҷавонон ёрии хубе расонид.

Дар нимаи аввали ин сол кори мактабҳо низ дар ривоҷ буд. Ҷамъият эҳтиёҷи фавқулодаро ба муаллим ба эътибор гирифта, аз аъзои худ Қорӣ Ҳошимро барои ошно шудан бо усули таълими нав моҳи марти ин сол ба Боғчасарой, ба назди Исмоил Ғаспаринский фиристод.

Ин сол мактабҳо гунҷоиши ҳамаи толибони омӯзишро надоштанд. Дар мактаби Усмонхоҷа дусад нафар, Ҳомидхоҷа сад нафар, Мукаммил-махдум панҷоҳ нафар, дар мактаби Мулло-Вафо ҳаштод, дар Моркуш саду панҷоҳ нафар ва дар мактаби Хиёбон чил нафар мехонданд (ин рақамҳо тахминӣ мебошанд).

Дар ҳамаи ин мактабҳо курсҳои шабона кушода шуда, дар

ҳар кадоми онҳо 40—50 нафар калонсолони бесавод ё чаласавод мехонданд.

Илова бар инҳо таълим гирифтан ва таълим додани хусусӣ низ ривоҷ дошт. Ҳар ҷавоне дар дил фикри аз ҷое чизе омӯхтанро мепарварид ва ба ин мекӯшид.

Инак, дар чунин як вақт ба киштзори илму маърифат, ки дар нашъу намо буд, аз тарафи хоинон оташ зада шуд. Тафсилоти ин дар бандҳои оянда.

## Аҳволи ҳукумат дар солҳои 1913—1914, такрори даврони Бурҳониддин

Дар давраи амир Абдулаҳад, дар натиҷаи фитнаи шиаю суннӣ аз кор гирифта, ба Кармина фиристода шудани Бурҳониддинро дар фаслҳои боло навишта будем. Бурҳониддин баъд аз он ки ҳашт моҳ дар Кармина маъзул хоб кард, дар охирҳои даври Абдулаҳад ба тумани Ғиҷдувон қозӣ таъйин шуд. Дар ин вақт Абдулаҳад вафот карда, ба тахти ҳукумат амир Олим нишаст, яъне барои Бурҳониддин боз як давраи иқбол сар шуд. Амир Олим вақти валиаҳдии худ, рӯзҳое, ки ба муносибати фитнаи шиаю суннӣ ба Бухоро омада буд, бо Бурҳониддин дӯсти наздики «қилногузар» шуда буданд. Бурҳониддин ба валиаҳд ҳар гуна бозичаҳо ёфта дода, як дараҷа ба мизоҷи ӯ нуфуз пайдо карда буд. Бинобар ин Бурҳониддин аз амир Олим ҳама гуна умедҳо дошта метавонист. Бо вуҷуди ин дубора ба сари кор омадани Бурҳониддин дар аввалҳо ба хотири ҳеҷ кас нарасида буд, зеро рафти корҳо тамоман бар хилофи фикрҳои Бурҳониддин буд. Амир фармони ислоҳот эълон карда, тортуқ ва ҳадьяро манъ намуда, ба нашри газета рухсат дода, аз мактабҳо чашм пӯшида буд. Муносибати Бурҳониддин ба ин корҳо мисли муносибати обу оташ оштинопазир буд.

Амир Олим дар авоили ҷулуси худ Бурҳониддинро аз Ғиҷдувон гирифта ба Чорҷӯй қозӣ таъин кард. Ин кор дар ҳақиқати амр барои Бурҳониддин тараққӣ набуда, барои ба ҷои аз Бухоро дуртаре фиристода шуданаш таназзул ба шумор мерафт. Зеро дар Чорҷӯй истода, бо аҳли дарбор муомила намудан, ба амир нуфуз пайдо кардан ба Бурҳониддин як дараҷа душвор буд.

Рафта-рафта кор тамоман ранги дигар гирифт. Фармони ҷулус коғази пучу бекоре шуд. Газетаҳое ҳам, ки ба кайфи аҳли дарбор андак халал мерасониданд, баста шуданд. Амир ва

аҳли дарбораш бо хотири ҷамъ ба кайфу сафо машғул гардиданд. Имомқулбек баринҳо асбоби айшу нӯши амирро омода намуда, халқро тороҷу ғорат мекарданд. Хулоса, мамлакат ба вазъияти «ҳар кӣ зад—зад, ҳар кӣ бурд—бурде» афтода буд. Ин аҳвол ба умедҳои Бурҳониддин қувват дод. Дар аввал бо воситагарии аҳли дарбор аз амир барои ҳар сари моҳ ба Бухоро омада, ду-се рӯз истода, гӯри падарашро зиёрат кардан, бо модар ва хешу ақрабояш мулоқот намудан рухсат гирифт. Табиӣ ӯ ин се рӯзро беҳуда нагузаронида, бо ҳамфикрони кӯҳнаи қадрдонаш вохӯрда, маслиҳат карда, барои иқболи худ замина муҳайё мекард. Амир моҳи марти соли 1913 баъди тамом шудани сайру тамошои соли нав барои боз ҳам чоқтар кардани кайфи худ ба Насрулло-қушбегӣ тӯй фармуд. Дар ин тӯй дар Ситорамаҳхосса, дар чорбоғи худи амир маҷлисҳои кайфу сафо ҳафт рӯз давом кард.

Амир аз паси ин тӯй дар чорбоғи Ширбудун ба қозикалон Бақохоҷа ҳам тӯй фармуд. Ин мӯйсафеди бечораи ҷоҳпараст, ки дар савдои нишонҳои калон монда буд, дору надорашро ба тӯй харҷ кард.

Шахсе чун Бурҳониддин, ки мизоҷдони амир ва аҳли дарбор буд, албатта чунин фурсатеро аз даст намедод. Ӯ вақти тӯи Бақохоҷа барои зиёрати ҳармоҳа аз Чорҷӯй ба Бухоро омада буд. Бо воситагарии аҳли дарбор бо амир мулоқот кард. Яке аз одамони наздики амир ва рафиқони Имомқулбек Хоҷӣ Неъмат шахсан бо Бурҳониддин гап зад. Дар натиҷаи ин музокираҳо тӯй барпо кардани Бурҳониддин, агар амир ва аҳли дарборро хурсанд карда тавонад, дар натиҷа қозикалон шуданаш муқаррар гардид. Он тарафи масъала барои Бурҳониддин кори душворе набуд.

Аз паси Бақохоҷа дар чорбоғи Ширбудун тӯи Бурҳониддин сар шуд. Бурҳониддин ба ин тӯй миллионҳоеро, ки падараш дар муддати қозикалонии бистсола ва худи ӯ дар муддати раисӣ ва қозигӣ ҷамъ карда буданд, бедареғ харҷ кард. Дар тӯй цирк ва кино барпо намуд, аз Русия ва Туркистон духтару писарони рус ва мусулмонро оваронда, кайфи амирро чоқ кард. Духтарони наздикони худаш ва касони бо вай муносибатдор низ халос нашуданд.

Аҳли дарборро низ зиёда аз интизорашон хурсанд кард. Уламо, талабагони мадраса ва мардуми дигарро ҳам, ки ба тӯй меомаданд, бо чеҳраи кушода ва суханони ширин аз худаш миннатдор менамуд. Аъзои элчихонаи русро ҳам бо воситаҳои ба худаш маълум хурсанду розӣ кард. Дар натиҷаи ин разолатҳо

ба ҷои Бақохоҷа дар Бухоро қозикалон шуда, лақаби «шариатпаноҳ қозиюлқузот»-ро гирифта, ҳомии шариат, пушту паноҳи дин, раҳбару ҳодии мусулмонон шуда ба майдон баромад.

## Дуввум бор баста шудани мактабҳо

Бурҳониддин пеш аз ба Бухоро омаданаш, чунонки бо ҳама муомилаи хуш мекард, бо ҷавонон ҳам ба доштани муносибати хуб мекӯшид. Ӯ дар вақтҳои маъзулияташ натиҷаи як суитафоҳум [фаҳмиши нодуруст] будани муомилаашро ба муқобили мактаб ва минбаъд аз худаш содир нашудани ин қабил корҳоро ба нависандаи ин сатрҳо қасам ёд карда гуфта буд. Баъди қозикалон шудан қариб як сол нифоқ ва риёро давом дод, аз мактабҳо, ки дар ривоҷ буданд, чашм пӯшида гашт.

Локин ба касоне, ки аз ахлоқ ва савийяи ӯ, аз қувваи таассуб ва фитнакориаш огоҳ буданд, муваққатӣ будани ин хатти ҳаракат маълум буд.

Дар воқеъ, ӯ баъд аз ба курсӣ нишонидани кори қозикалонӣ, аз моҳҳои маи соли 1914, ба муқобили мактабҳо ба ҳаракат сар кард. Дар ин бора бо дӯстони деринаш Мулло Қамар ва Мулло Абдурасул пинҳонӣ маслиҳат оғоз намуд. Ин маслиҳатҳо ҳар қадар пинҳонӣ ҳам бошанд, ба ҷавонон маълум мешуданд, зеро онҳо дар қозихона намояндаи махфӣ доштанд.

Локин ин дафъа кушоду ошкор ба майдон баромадан ба Бурҳониддин хеле душвор буд. Зеро муллоҳо ором, афкори умумӣ тарафдори мактаб, қушбегӣ аз мактаб чашм пӯшидагӣ ва аз тарафи элчихона низ дар ин бора ишорате набуд. Бурҳониддин агар дар ин вазъият ба майдон баромада, фитна барангезад, дар натиҷа худаш қурбон шуда метавонист.

Бурҳониддин дар марҳилаи аввал ба хаёли хоми муаллимонро аз роҳ зада, бе сару садо барҳам додани мактабҳо афтод. Чунончи, як рӯз Мулло Қамар, ки вакили қозикалон буд, бо Усмонхоҷа вохӯрда, ба ӯ гуфт: «Агар шумо ба ихтиёри худ мактабро барҳам диҳед, ман ба шумо дар ҷои хостагиатон қозӣ ё раис таъин шуданро ваъда медиҳам».

Усмонхоҷа ба вай ба ин мазмун ҷавоб дод: «Муаллимӣ кардани мо ба сабаби аз гуруснагӣ ё ба мансаб нарасиданамон нест. Балки мо ба умеди андаке фоида расонидан ба фарзандони халқ ва ватанамон ин қадар машаққатро ба гардан гирифтем. Маслакеро, ки пеш гирифтем, ба мансаби дунъё намефурӯшем».

Қозикалон ба муаллимони дигар ҳам ба воситаҳои гуногун маъхазу мансаб таклиф кард ва пас аз он ки аз ин дасисаҳо фоидае нашуд, ба ҳаракатҳои қатъӣ даромад.

Дар ин байн Фитрат ва Атохоҷа ба Бухоро омаданд. Табиист, ки инҳо ҳам дар атрофи ин мактабҳо буда, бо муаллимон рафтуой карда, дар роҳи беҳтар шудани кори мактабҳо ба чораҷӯӣ пардохтанд, бо муаллимон ва ҷавонон ба маслиҳат сар карданд.

Ана, ба ин ҳол маъмурони элчихонаи рус тоқат карда натавонистанд. Ин маъмуроне, ки барои пешгирӣ аз талаба фиристодан ба Истанбул аз мактабҳои нимислоҳшудаи Бухоро чашм пӯшида буданд, аз иштироки касони дар Истанбул тарбиядида дар кори мактаб, хусусан Фитрат барин кас, ки бо қаламаш худро шиносонида буд, ба ким-чӣ хел шубҳаҳо афтоданд. Зотан ҳаббаро қубба ва пашшаро фил пиндоштан одати арбоби истибдод аст.

Локин инҳо ҳам кушоду ошкор ба мактаб муқобил баромада, дар назди ҷавонон ва матбуот бадном кардани худро ба сиёсаташон мувофиқ намедиданд. Бинобар ин роҳи хоинонаи пинҳониеро пеш гирифтанд.

Чунончи, дар он рӯзҳо аз аъзои элчихонаи рус Шульга ном дипломат ба тарзи дӯстонае мактабҳои Бухороро зиёрат кардани шуд. Ин шахс дар нифоқу риё бемисл, марди сиёҳ, ниҳоят дилсиёҳе буд. Аз рӯи нифоқ ва риё худашро ҳамеша ба ҷавонон ва ба мактаб хайрхоҳ ба қалам медод.

Хулоса, ин зот ба таври ғайрирасмӣ мактабҳоро зиёрат кард. Дар вақти зиёрат на аз муаллимон ва на аз талабагон чизе напурсид, ҷадвали дарс ва китобҳоро надид, фақат ба таври оддӣ бо муаллимон ҳолпурсӣ карда, баромада рафт.

Ин дипломат аз ин зиёрати худ ду мақсад дошт: якум, дар натиҷаи ин боздид уламо ва оммаи авом «мактабҳои нав дар таҳти ҳимояи русҳо буда, аз нуқтаи назари онҳо кушода шудаанд» гуфта фитна бармеангезанд ва дар натиҷа маъмурони элчихона одамони нағз шуда, мактабҳо ҳам баста мешаванд.

Мақсади дуюм ба муносибати ин боздид ҷавонон ва муаллимон элчихонаро ҳомии мактаби нав донистa, фиреб мехӯранд, баъди баста шудани мактаб ҳам умедашонро аз элчихона намекананд, ки дар оянда аз ин истифодаи сиёсӣ кардан мумкин мешавад.

Агар аз ин боздид мақсад дигар мебуд, ӯ, албатта, мактабро тафтиш мекард, ҷадвали дарсро медиҷ, хеҷ набошад, аз

шогирдон ягон чиз пурсида, аз маънавиёти мактаб вуқуф пайдо мекард.

Бегоҳии рӯзи баста шудани мактаб бо дипломати мазкур дар ҷое вохӯрдем. Дар маҷлис аз ҷавонон чанд нафар буданд. Ӯ дар аввали сӯҳбат гуфт: «Имрӯз шунидам, ки мактабҳо аз тарафи ҳукумати Бухоро баста шудаанд. Оё ин рост бошад? Агар ин хабари таассуфангез рост бошад, боиси хеле хиҷолати ман хоҳад шуд, зеро ман ба наздикӣ мактабҳоро зиёрат карда будам. Ҷавонҳо гумон хоҳанд кард, ки дар натиҷаи боздиди ин одам мактабҳо баста шуданд. Дар ҳар ҳол ман ба кушода шудани мактабҳо кӯшиш карда, худро аз ин лакка пок месозам». Ин дипломат ин гапҳоро барои сафед кардани худаш гуфта бошад ҳам, ба мисдоқи масали «ўғрининг кўти бўш» ҳақиқати ҳол аз атвораш падидор буд.

Биёем бар сари асли матлабамон.

Локин дар натиҷаи ин боздид ҳам фитнае барпо нашуд. Табиӣ, мақсади Шульга ба қозикалон маълум шуда буд. (Мувофиқи санадҳое, ки баъд ба дасти мо афтод, Шульга ва қозӣ Бурҳониддин бо огоҳии ҳамдигар, муштаракан ба муқобили ҷавонон ҳаракат кардаанд).

Қозикалон корҳои махфии худро давом медод. Аввал бо атрофиёни амир дар хусуси мактаб гуфтугӯ карда, зарари мактабҳои навро ба ҳукумат ва ба аҳли дарбор нишон дод. Агар дар маҷлиси амир гапи мактаб ба миён ояд, лузуми бар зидди мактаб гап заданро ба онҳо тавсия кард. Ҳатто Имомқул бо таҳрики қозикалон одами махсус фиристода, мактаби Усмонхоҷаро тафтиш кард.

Баъди итмоми ин корҳо 24 моҳи шаъбони соли 1332 ҳ. (2 июли 1914 м.) рӯзи ҷумъа бо имзоҳои номаълум ба амир аризаи сохтае тақдим шуд. Ариза тақрибан ба ин мазмун буд: «Дар даври амири марҳум бо фатвои уламо ҳаром ва бидъат будани мактаби усули ҷадида собит гардида, бо амри ҷаноби олӣ мактаб баста шуда буд. Чандест, ки ҷадидони муфсид боз сар бардошта, дар ҳар тарафи шаҳр мактабҳо кушода, фарзандони халқро вайрон карда, фасоду фитна бармеангезанд. Агар бо фармони ҷаноби олӣ ин мактабҳо ба зудӣ баста нашаванд, барои барҳам додани ин бидъат ба по хестани муллоҳо ва муллобачагон якин аст. Дар он сурат дар мамлакат эҳтимоли афзудани фитнаву фасод ва зарар расидан ба давлати олия ҳаст».

Ҷумлаи «афзудани фитнаву фасод» дурӯғи маҳз буд. На дар байни муллоҳо ва на муллобачаҳо асаре аз фитна дида

намешуд. Фақат дар хонаи Бурҳониддин оташдони фитна гиронда шуда буд, ки Шульга ба он ҳезум мепартофт. Ба набудани асари фитна дар байни мардум ва ба сохта будани ариза худи Бурҳониддин ҳам иқрор буд. Ӯ баъди баста шудани мактабҳо боре ба нависандаи ин сатрҳо гуфт: «Ба гумонам, дода шудани ин ариза кори раис Мусанниф бояд бошад». Мақсад аз ин гап кори худаш кардаро ба гардани каси дигар андохта, худро сафед кардан буд. Ин ҳам маълум буд, ки аз ин кор раис ҳам бехабар набудааст. Азбаски дар намози ҷумъа раис ҳама вақт дар рикоби амир ҳозир аст, аз вай пинҳонӣ дода шудани ариза имкон надошт.

Хулоса, дар натиҷаи ҳамин ариза амир дар бораи бастани мактабҳо ба қушбегӣ ва қозикалон фармон дод. 25 моҳи шаъбони 1332 ҳ. (5 июли 1914 м.) рӯзи шанбе Насрулло-қушбегӣ маъмурони махсус фиристода, ҳамаи муаллимонро ба ҳузури худ ҷамъ кард. Қушбегӣ бо даҳшат ба муаллимон хитоб карда гуфт: «Мактаби усули ҷадида дар аҳди амири марҳум бо фатвои уламо баста шуда буд. Шумо боз барои чӣ бе рухсат мактаб кушодед?»

Муаллимҳо гуфтанд: «Мо мактабро дар хонаи худ, бо харҷи худамон кушодаем ва дари он барои ҳама боз аст. Мо дар аввал мактабро барои омӯзиши фарзандони наздиконамон кушода будем. Рафта-рафта мардум ба мактаб рӯй оварданд. Аз тарафи ҳукумат мумониате дида нашуд. Мавҷудияти мактабҳо як сол аст, ки ба арбоби ҳукумат маълум буд. Мо сукути ҳукуматро ризо пиндошта, фарзандони ба хондан ташнаи халқро аз мактаб нарондем. Аз шумо хоҳишмандем, одами махсус фиристода, мактабҳоро тафтиш кунед. Агар ягон чизи ба ҳукумат ё ба шариат зарарноке бошад, ба бастани мактабҳо амр диҳед. Агар мувофиқ дониста шавад, расман иҷозат диҳед».

Қушбегӣ аз ин гапҳо нарм шуда, чизе нагуфт ва корро ба қозикалон ҳавола намуд.

Хулоса, муаллимонро ба назди қозикалон оварданд. Қозикалон аз бағалаш коғазеро бароварда хонд ва ба муаллимон рӯ оварда гуфт: «Ҳазрати амир фармудаанд, ки мактаби усули ҷадида бо амри амири марҳум ва фатвои уламо баста шуда буд. Муаллимоне, ки имрӯз мактаб кушодаанд, аз амри подшоҳ ва ҳукми шариат (?) саркаш ҳисоб меёбанд. Муаллимҳо бояд аз ҳамин рӯз эътиборан мактабҳоро баста, бояд «дар ҳудуди Бухоро муаллимӣ нахоҳем кард» гуфта дастхат диҳанд.

Агар аз ин гардан тобанд, маълум намоед, ба онҳо ба тарзи дигаре муомила хоҳад шуд».

Қозикалон ба коғазе, ки ба мазмуни болоӣ навишта шуда буд, имзо кунонда, ба муаллимон рухсати рафтан дод.

Муаллимон ба мактабҳои худ омада, дар бораи баста шудани мактаб чизе нагуфта, ба хонандагон рухсат доданд. Бо вуҷуди ин хонандагони калонсол ҳақиқати ҳолро фаҳмиданд ва дар андак фурсат воқеа ба ҳама шогирдон маълум шуд. Хонандагон маъюсона ва маҳзунона ба гирьяву вовайло сар карданд. Муаллимон насиҳат карда, бо ваъдаи ба наздикӣ боз кушода шудани мактабҳо хонандагонро пароканда карданд.

Он рӯз дар шаҳр қиёмате барпо гардид. Мактаббачагоне, ки аз раставу бозор мегузаштанд, гӯё дар ҷанозаи падару модари худ бошанд, зор-зор мегиристанд. Қасоне ҳам, ки ин аҳволро медиданд, гириста, ба боису сабабгорони ин кор лаънату нафрат мефиристоданд. Падару модар, қавму хешовандони мактабиён аз бачаҳо ҳам зиёдтар гирья мекарданд.

Тарафдорони мактаб аз ин аҳволи халқ хеле умедвориҳо доштанд. Локин мардуме, ки рӯҳашон бо заҳри истибдод заҳролуд шуда буд, ба ғайр аз гиристан чун зану бачаҳо кори дигаре карда натавонистанд, ҳатто аз муроҷиат кардан ба ҳукумат низ тарсиданд.

Таассуроти онрӯзаи худро бо ду-се байт ифода карда будам, ки дар ин ҷо менависам:

Шуд баста дабистону бипажмурд гулистон,
Рафт аз гули сибьён дамишу нафҳаи ирфон.
Пур гашт зи сибьён ҳамаи кӯчаву майдон,
Гирьед ба ин ҳоли худ, эй зумраи сибьён!
Эй майити пуршон!
Эй майити пурхун!
Гирьед, ки ин дам ҷуҳало хурраму шоданд,
Гирьед, малакҳо ба шумо додрасонанд,
Гирьед, ки ашкони шумо нурфишонанд,
Эй халқ нигар, ин чи азоест ба даврон?
Ту беҳаракат мон,
Эй зиндаи бечон!

*(Тарҷума аз ӯзбекӣ)*

* * *

**Пас аз баста шудани мактабҳо.** Баъди баста шудани мактабҳо гӯё дар хонаи қозӣ Бурҳониддин маҷлиси табрикҳо барпо гардид. Муллоҳое, ки масъалаи мактабро кайҳо фаромӯш карда буданд, даста-даста ба хонаи қозикалон омада, ӯро бо ин

муваффақият муборакбод мекарданд. Қозикалон гӯё шаҳреро фатҳ карда ё ҷамоае аз бединонро ба ислом дохил карда бошад, ба худ болида мегуфт: «Ин корро, яъне бастани мактабҳоро, ки дар ин замон мумкин набуд, бо ионати арвоҳи падарам ва бо мадади шариат ба ҷо оварда тавонистам, гӯё ки ман имрӯз дар Бухоро қозикалон шудаам...»

Вақти баста шудани мактабҳои Бухоро дар Шаҳрисабз мактабе давом мекард. Бо хабари баста шудани мактабҳои Бухоро чанд рӯзе таътил шуда, вале давом кардан гирифт. Бурҳониддин инро шунида, ба ҳокими Шаҳрисабз Мирзо Неъматулло хат навишта бастани мактабро хоҳиш кард. Ҳоким бо нишон додани мактуби қозикалон ба ҳомии мактаб — Исломқул-тӯқсабо иктифо намуда, ба бастани мактаб иқдом накард. Қозикалон такрор мактуб фиристод, боз бенатиҷа монд. Оқибат маҷбур ба сукут шуд.

Аз рӯи қонуни идораи ҳукуматии Бухоро қозикалон ба амру фармон фиристодан ба ҳокимони вилоят ҳақ надошт. Ҳокимон фақат дар назди амир ва қушбегӣ масъул ва ба итоат кардан ба ин ду маҷбур буданд. Бинобар ин қозикалон ҳокимро ҷавобгар карда натавонист.

Аз ин воқеа равшан маълум мешавад, ки тамоми сохтакориҳо аз худи қозикалон будааст. Амир агар ҳақиқатан ва битабъ фармони болоро дода бошад, дар бораи мактаби Шаҳрисабз хомӯш наменишаст. Дар дасти қозикалон ва аҳли дарбор як бозича, барои иҷрои фикрҳои фосиди онон як восита, як ҷонвари бемуҳокима будани амир мӯҳтоҷи исбот намебошад. Мо барои хонандагоне, ки аз аҳволи Бухоро бехабаранд, барои беҳтар фаҳмонидани масъала ин мисолро овардем.

Баста шудани имсолаи мактабҳо мисли соли 1327 ҳ. набуд. Ҷавонон, ки акнун ба нуфус ва нуфузи зиёде молик шуда буданд, имсол баъд аз баста шудани мактабҳо ҳам ба хондан ва хонондани хусусӣ ва ба дигар фаъолиятҳои тараққипарваронаи худ давом карданд.

## Масъалаи ислоҳот

Масъалаи ислоҳот, ки дар охирҳои даври амир Абдулаҳад дар ҷӯшу хурӯш буд, бо эълони фармони ҷулуси пуртантанаи амир Олим як дараҷа сокит шуда буд. Аз байн ду-се сол гузашт, чунонки дар боло батафсил навиштем, аҳволи ҳукумати Бухоро боз ҳам фосид ва вайронтар шуд. Фармони амири

нав ҳам аз мактубҳои кушодаи амири собиқ, ки гоҳ-гоҳ барои сокит кунонидани афкори умумӣ навишта мешуданд, фарке надошт. Илова бар ин аз калон то хурдтарин маъмурони давлат аз беиродагӣ ва бемуҳокимагии амир истифода бурда, худро чун амире ҳокими мутлақ мешумурданд. Дар ин вазъият табиӣ газетаҳои рус ва мусулмон боз масъалаи ислоҳотро бардоштанд.

Дар бардоштани масъалаи ислоҳот маъмурони рус ҳам манфиатдор буданд. Локин ислоҳотталабии инҳо ҷиддӣ набуда, махз барои намоиш ва фиреби назари мардум буд. Онҳо дар аввал ба таври ҷиддӣ ба кор сар кунанд ҳам, хеле зуд суст шуда, аз он кор даст мекашиданд. Бухоро, модом ки зери дасти амир буд, ҳеҷ гуна ислоҳотеро намехостанд. Локин дар ҳар чанд вакт ба амир талабномаи ҷиддие дода, худро толиби ислоҳот қаламдод ва дар назди афкори умумӣ сафед карда, баъд аз паи ин кор нашуда, тамоми масъулиятро ба ҳукумати амир бор мекарданд. Ба намояндагони императории рус дар мавридҳои масъалаи ислоҳотро бардошта, ба ҳукумати амир талабнома супурда, баъд аз ин талаб сарфи назар карданашон манфиатҳои шахсии зиёде ҳам ҳосил мешуд.

Хулоса, дар моҳҳои маи соли 1914 масъалаи ислоҳот боз бархост. Сардори элчихона Миллер ва ноибони вай Шульга ва Введенский ба таври ҷиддӣ ба кор даромаданд. Ба тамоми маъмурон маош тайин кардан, тарзи кори қозихонаҳоро ислоҳ намудан, аз хазина ба қозиҳо маош додан, пулгирӣ аз фуқароро манъ намудан ва ислоҳ кардани қоидаҳои хироҷу амлокро бо оҳанги хеле қатъие талаб намуданд. Дар ин бора бо амир ва вазир мулоқот карда, лоиҳае ҳам тақдим карданд. Баъзе қозиёни мӯътадилмаслак аз ин воқеа огоҳ шуда, барои аз мушкилот раҳонидани ҳукумат ба мазмуни «агар ба мо маош таъйин шавад, аз фуқаро чизе нагирифта, бо мамнуният вазифаи худро адо хоҳем кард», ба амир арз карданӣ ҳам шуданд.

Қозикалон Бурҳониддин аз ин хабар ёфта, қозиҳои мазкурро ба ҳузураш талабида ба онҳо гуфт: «Андак сабр карда истед, иншооллоҳ, ин талабро дафъ мекунем». (Аз сардорони ин гурӯҳ Абдусамадхоҷа ва Саидҷон-махдум соли 1918 ба Балҷувон бадарға ва дар он ҷо кушта шуданд).

Дар ҳолате ки ҳама имрӯз ё фардо мунтазири эълони фармони нави ислоҳот буданд, масъала худ ба худ суст шуд. Маъмурони элчихонаро, ки бо ин қадар ҷиддият ба кор даромада буданд, кӣ медонад, чӣ чиз якбора нарму суст кард?

Фақат як кори масхараомез шуд: ба ҳоким ва амлокдорҳо

ба заммн маблағҳои беҳисобе, ки аз фуқаро мегирифтанд, аз хазина боз як миқдор маош таъйин шуд. Масхарабозӣ будани ин кор ба ҳама маълум буд. Ҳатто ҳоким ва амлокдороне ҳам, ки акнун маошгир шуда буданд, сирру ҳикмати ин корро фаҳмида натавониста, дар тааҷҷуб буданд.

Масалан, ҳокиме ҳасту нести мардуми вилоятро ҷамъ мекунад, дар бораи аз кӣ чӣ қадар пул гирифтанаш ба ҳукумати марказӣ маълумоте намедиҳад, ҷои маълумотгирандае ҳам вуҷуд надорад, ба дасти фуқаро дар бораи маблағи гирифташуда ҳеҷ гуна ҳуҷҷате (ордере) ҳам дода намешавад. Ҳоким қисми муҳимми маблағи ҷамъкардаашро ба кисаи худ андохта, қисми дигарро ба хазина месупорад. Ба замми ин ба ҳамин ҳоким аз хазина ҳам маблағе дода мешавад. Аз ин ба хазина ва ба фуқаро чӣ фоида?

То чӣ андоза масхарабозӣ будани ин кор аз ҳама ба маъмурони элчихона ба хубӣ маълум буд. Вале онҳо ба ҳамин қаноат карданд ва ҳатто шарм надошта, дар назди баъзе содадилон «мо дар Бухоро ислоҳот ҷорӣ кардем» гуфта фахр мекарданд ва ба матбуот маълумот медоданд. Мақсади инҳо сиёсати худашонро пеш бурдан, кисаи худро пур кардан ва тамоми дуньёро фирефтан, ба таври бачагонае фирефтан буд.

Масъалаи ислоҳоти соли 1914 ана бо ҳамин ҳал шуд(?)

## Ҷанги ҷаҳон ва элчихонаи рус

Моҳи июли соли 1914 муҳорибаи ҷаҳон сар шуда, дар таърихи дуньё фаслу бобҳои нав кушода шуд. Маъмуроти элчихонаи рус дар айёми ҷанг вазъияти умумиро бо диққат, вале бо ваҳм таъқиб мекарданд.

Пеш аз он ки хатти ҳаракати маъмурони русро дар вақти ҷанг баён кунем, дар бораи роҳи ба таври умумӣ пеш гирифтаи онҳо маълумот дода гузаштан лозим менамояд.

Дар даври ҳукумати истибдодии рус мақсад ва ғояи маъмурони Русияро дар Бухоро дар ду нукта хулоса кардан мумкин аст:

1. Ба ҳар навъе бошад, ҳосил намудани манфиати шахсии худашон; 2. Ҳақ ё ноҳақ дар ҳама ҷо қувват ва нуфузи ҳукумати мустабиддаи русро нишон додан. Вале ин ду матлабро бо чунон роҳҳое ба даст медароварданд, ки ба ҷои тимсоли муҷассами давлати муаззами рус гардидан сабаби рехтани обрӯ ва номуси он давлат мегардиданд.

Авбош ва фиребгаронро раийяи рус гӯён ҳимоя мекарданд. Ин қабил одамон ба ҳар кас, ҳар навъ таарруз намоянд, машрӯъ шумурда шуда, он раийяти Бухоро, ки номус ва молаш талаф шудааст, гунаҳгор ва айбдор шумурда мешуд.

Агар яке аз фуқарои Бухоро, ки аз банк ва фирмаҳои рус қарздор буд, шиканад (банкрот шавад), ё ки бимирад, дар бадали қарзаш хонааш, то либосҳои зану бачаҳояш фурӯхта мешуд, боқии қарзро аз хешовандони вай, агар қарз бо ин ҳам адо нашавад, аз ҳамдеҳагони вай рӯёнида мегирифтанд.

Хуллас, ҳисобе, ки давлатманди рус, раийяи давлати рус нишон додааст, (агар нодуруст бошад ҳам) то як тинаш рӯёнида мешуд. Ҳатто агар ягон фуқарои рус бо вексили сохтае аз раийяи Бухоро ҳақ талаб кунад, ҳукумати Бухоро рад накарда, ба иҷрои талаби вай маҷбур буд.

Дохили шаҳри Бухоро, вилоят ва туманҳои машҳури он бо хуфья [ҷосус] ва воқеанависҳои рус пур ва онҳо ба молу номуси ҳар кас ҳокими мутлақ буданд.

Дар вактҳои охир дар таҳти дарвозаи Бухоро, дар майдони вагзал идораи полицияи рус кушода шуда буд, ки дар дохили Бухоро ба ҳар коре мухтор ва қодир буд. Маъмурони ҳукумати Бухоро ва фуқарои Бухоро ба ҷуз итоат ба фармонҳои ин идора чораи дигаре надоштанд. Хусусан баъди он ки ба сардории ин идора Вильман ном шахс таъйин шуд, амният аз шаҳр тамоман барҳам хӯрд. Ӯ ба баҳонаи ҷустуҷӯи яроқ ба ҳар хонае зада даромада, ҳар киро, ки хоҳад, беобрӯ карда метавонист. Як тӯда одамони авбош ва беномусро барои хуфьягӣ (воқеанависӣ) ба атрофи худ ҷамъ карда буд, ки онҳо шабу рӯз маст буда, кушоду ошкор ҳар фасодеро карда, аз ҳар касе хоҳанд, ришва гирифта, ба духтару писарони дилхоҳашон таарруз мекарданд.

Дар вагзали Бухоро қиморхонае буд. Ин қиморхона чун дар таҳти ҳимояи Вильман ба шумор мерафт, аз ҳар гуна таарруз маҳфуз буд. Тамоми фасодкор, дузд ва воқеанависҳо дар он ҷо ҷамъ мешуданд ва накшаи тамоми фасодҳо дар он ҷо кашида мешуд. Танаффусгоҳи ҷаноби Вильман ва яке аз манбаъҳои даромади ӯ низ ҳамин қиморхона буд.

Дар солҳои ҷанг корҳои фосид ва мустабидонаи бандагони император тараққӣ кард. Яке аз маъмурони элчихона — Шульга аз қувват ва нуфузи давлати Рус истифода намуда, барои манфиатҳои разилонааш хеле хизмат кард.

Шульга бо баъзе ҳоким ва қозиёни калон роҳи хату хабар кушода, худро ба онҳо дӯст нишон дода, дар вақти даркорӣ

ҳимоят ва муовинат ваъда медод ва бо ҳамин роҳи ҳадья ва таоруф (дурусттараш роҳи ришва) кушода мешуд. Маъмурони ҳукумати Бухоро ҳам дар ин бобат ба мисдоқи масали «забони мурғонро мурғон донанд» рамузфаҳм буданд.

Дар чунин мавридҳо роҳе ёфта, ҷаноби ноиби элчиро хурсанд мекарданд. Агар яке аз ин ҳокимон муддаои ҷаноби элчиро нафаҳмад, ё ки худашро ба нофаҳмӣ занад, вой бар ҳоли вай! Ба сари вай фалокате омаданаш ногузир буд. Чунончи Шульга ба яке аз қозиҳои машҳур чанд бор мактуб навишта, изҳори дӯстӣ кард. Қозии мазкур низ дар муқобили ин ба ғайр аз мактуби хушки дӯстона чизе нафиристод, зеро ба воситаи Шульга дар мансаб тараққӣ карданро нафсаш қабул накард.

Оқибат Шульга ба баҳонаи мурофиаи як нафар раийяи фиребгари рус аз ҳукумати Бухоро азли он қозиро талаб кард. Амир ва қушбегӣ қозии мазкурро чанд рӯз аз ҷои маъмуriяташ гирифта, дар Бухоро нигоҳ доштанд ва ба баҳонаи ҷурмона [штраф] маблағе ба элчихона дода, қозиро боз ба ҷои маъмуriяташ фиристода тавонистанд.

Шульга манфиати хусусии худро бештар ба воситаи Мирзо Аҳмадбек ном ходими дерини элчихона ба даст медаровард. Аз тарси он ки ягон рӯз болои сир кушода шуда, масъулият ба гарданаш афтад, дар назди ҳама Аҳмадбекро одами ғайримӯътамад ва порахӯр ба қалам медод. Дар натиҷаи ин тадбир агар аз ягон кас ба номи Шульга ришва гирифтани Аҳмадбек маълум шавад, ин хиёнати худи вай ҳисоб ёфта, ҷаноби Шульга сап-сафед мемонд.

Шульга дар солҳои ҷанги ҷаҳон беш аз ҳама вақт ба манфиатҷӯӣ даромад. Одамонро бо тӯҳматҳои сиёсӣ муттаҳам карда, масъаларо ба воситаи ришват ҳал кардан гирифт.

Шульга худро бо қозикалон Бурҳониддин ва бародари ӯ Мирикром-махдум дӯсти наздик ва ошнои «қилногузар» ҳисоб мекард. Ин дӯстӣ аз муқаддимаи қозӣ шудани Бурҳониддин оғоз ёфта буд. Барои қозикалон шудани Бурҳониддин роли муҳимро Шульга бозида буд. Табиӣ, қозикалон ҳам дар муқобили ин одоби дӯстиро зиёдтар аз орзу ва интизори Шульга ба ҷо меовард.

Баъди расидан ба мансаби қозикалонӣ чи Бурҳониддин ва чи бародараш Икром-махдум шояд ба ғайр аз зиёфатҳои дӯстона ва мактубнависӣ хидмати дигаре накарданд, ки Шульга роҳи дигаре пеш гирифт. «Қозии Қарокӯл Икром-махдум сӯҳбатҳои сиёсӣ мекардааст, ба вай танбеҳ додан лозим», гуфта ба қушбегӣ мактуб навишт. Ба воситаи Атоҳоҷа ном маъмури

бухороии элчихона ба худи Икром-махдум ҳам ба ҳамон мазмун хат фиристод. Дар натиҷа масъала бо ҳадьяи калоне ҳал шуд.

Ба худи Бурҳониддин ҳам ба мазмуни «домод ва писаратон сӯҳбатҳои сиёсӣ мекардаанд» мактуби хусусӣ навишт. Чун бо ин мактуб муддао ҳосил нашуд, дубора, бо оҳанги шиддатноктаре «писар ва домодатон ба маъхаз ва мансабҳо мудохила мекардаанд, худатон мурофиаҳоро мувофиқи шариат намепурсидаед, халқ ҳамеша аз шумо норозигӣ баён карда, ба мо муроҷиат мекунанд», гуфта ва дар охири мактуб ҷумлаи «ҳомили ин мактуб ҳар чӣ гӯяд, дуруст шумурда шавад»-ро илова карда, мактубро ба воситаи Мирзо Аҳмадбек фиристода буд.

Бурҳониддин баъд аз хондани мактуб аз Мирзо Аҳмадбек сабаби супориши шифоҳӣ ва чораи ҳалли муамморо пурсид. Мирзо гуфт: «Шумо қадри дӯстони худро намедонед. Ҷаноби ноиб ба шумо хизматҳои калон карданд, барои ба ин мансаб расиданатон кӯшиданд, лекин шумо дӯсти хайрхоҳи худро фаромӯш кардед. Ҷаноби ноиб имсол хонадор шуданд, шумо ҳатто ба тарзи тӯёна ҳам чизе нафиристодед».

Дар натиҷаи ин мусоҳиба қозикалон ба Шульга ҳадьяи муҳим ва дурусте (ба иборати содда ришвате) фиристоданӣ шуд. Мирзо Аҳмадбек тилло будани он маблағро шарт кард. Хулоса, ба воситаи ин одам ба Шульга як маблағ тилло (миқдораш дар хотирам намонда аст) фиристода шуд. Мирзо Аҳмад ба воситаи ин тиллоҳо муносибати ин ду дӯсти холисро (?) дуруст кард. Аз паси ин Шульга ризоят ва дӯстӣ баён карда, боз як мактуб фиристод.

Ба воситаи дӯсте, ки дар қозихона доштам, ҳамаи ин мактубҳоро биззот хонда ва мусоҳибаҳоро бо тафсилоташ фаҳмида будам. Ин воқеаи соли 1915 буд.

Ҳоло масъаларо андаке муҳокима кунем. Агар дар ҳақиқат сӯҳбатҳои сиёсӣ буда ва нест кардани онҳо мақсад бошад, ё ки ислоҳи қозихонаи ислоҳнопазир лозим бошад, чаро бо як маблағ ҳадья масъала ҳал шуд? Пас возеҳу аён аст, ки мақсади маъмурони онвақтаи рус манфиати шахсиашон буда, онҳо дар ин роҳ аз ҳеҷ гуна тӯҳмат ва разолат худдорӣ намекардаанд.

## Маъмурони рус ва ҷавонон

Пас аз оғози ҷанг таъқиби ҷавонон аз тарафи маъмурони рус зиёдтар шуд. Онҳо шаҳрро бо воқеанависон пур карда, амниятро тамоман барҳам доданд.

Тобистони соли 1915 Шульга ба Русия рафт. То баргашта омадани ин дипломат аҳвол як дараҷа ором буд. Фаромӯш накарда бошам, дар охирҳои август ё дар аввалҳои сентябри соли 1915 ба тумани Ғиҷдувон ба хонаи худамон рафта будам. Рӯзе дар бозори Ғиҷдувон бо як дӯсти худам, ки нав аз Бухоро омада буд, вохӯрда, аҳволи шаҳрро пурсидам. Дӯстам баъди ҷавоби тинҷию амонӣ хабари аз Русия баргаштани Шульгаро гуфт.

— Агар Шульга омада бошад, ягон ҳодисаи нав эҷод накард?— гуфта пурсидам.

Дӯстам дар ҷавоб гуфт:— Ба омадани Шульга се рӯз шуд. Ду рӯзро бо зиёратҳои расмӣ гузаронд. Ҳодисае барангехтанӣ бошад, баъд аз ин мекардагист.

Фардои он рӯз ба Бухоро рафтам. Вақти ба ҳуҷра даромада истоданам муаззини мадраса гуфт, ки «имрӯз одами қушбегӣ шуморо кофта омада буд».

Бо фаросати рӯҳшиносӣ ягон бозӣ сар кардани Шульгаро муқаррар кардам. Бегоҳӣ аҳволро аз як дӯстам, ки аз котибони қушбегӣ буд, пурсидам. Маълум шуд, ки дарвоқеъ имрӯз қушбегӣ чанд касро ба ҳузураш талабида, «Шумо сӯҳбатҳои сиёсӣ мекардаед» гуфта танбеҳ кардааст ва дар байни онҳо номи ман ҳам будааст...

Ба такрор омадани одами қушбегӣ мунтазир нашуда, пагоҳӣ худам ба назди қушбегӣ рафтам. Қушбегӣ маро намешинохт. Исм ва лақабамро гуфта барои чӣ ҷеғ зада шуданамро пурсидам.

Қушбегӣ аз зери зонуяш коғазеро бароварда, хонда, ба ман рӯй оварда гуфт:

— Ахборнависони рус чанд касро сӯҳбатҳои сиёсӣ мекунанд, аз шикасти Русия ва ғалабаи Германияву Туркия гап мезананд, гуфта навиштаанд. Дар байни онҳо номи шумо ҳам ҳаст.

— Ман бо ягон кас рафтуомад надорам. Сӯҳбати сиёсӣ он сӯ истад, аз сӯҳбатҳои оддӣ ҳам хушам намеомад. Аҳволамро аз аҳли мадраса тафтиш кунед, маълум мешавад.

Қушбегӣ:— Бо Фитрат рафтуой надоред?— гуфта пурсид.

«Не» гуфта чавоб додам.

— Ба китобхонаи Маърифат меравед?

— Ба китобхона барои харидани китоб, қалам, коғаз барин чизҳо меравам. Локин дар он ҷо ниишаста бо касе сӯҳбат накардаам.

— Пас, барои чӣ номатон дар ин рӯйхат ва боз дар ҷои сеюм навишта шудааст?

— Сабаби ҳақиқии инро албатта касе, ки навиштааст, медонад. Воқеанависҳо эҳтимол барои доимо газет хондани ман сӯҳбати сиёсӣ мекунад, гуфта гумон карда бошанд.

— Сабаб маълум шуд. Барои чӣ газета мехонед?

— Газета хондан кори мамнӯъ нест. Газетаҳо дар матбааҳои рус чоп шуда, аз дасти цензорҳои рус гузашта, ба воситаи почтаи рус ҳар рӯз чанд сад нусха ба Бухоро меоянд. Ҳазорҳо кас онҳоро мехонанд. Барои чи нисбат ба ман он мамнӯъ будааст?

— Шумо муллои машҳур ҳастед. Газет хондани шумо диққатҳоро ҷалб мекунад. Шумо китоб хонед, ба шумо муносибаш ҳамин.

— Қуръон ва китобҳо дар вақт ва навбати худ хонда мешаванд. Ман ба мутолиа ҳарис ҳастам, ҳарисиам ба дараҷаи ишқ расидааст. Агар як рӯз газет нахонам, ба бемории хафақон дучор гардида хароб мешавам,— гуфта ҷавоб додам.

Қушбегӣ баъди ин ҷавоб қадре хандида гуфт:

— Ин тавр бошад, то тамом шудани ҷанг газет нахонед.

— Ба чанд газета ва маҷмӯа муштарӣ [обуна] ҳастам. Хоҳ хонам, хоҳ нахонам, почтаи рус оварда медиҳад. Бинобар ин ба шумо чунин ваъдае дода наметавонам,— гуфта ҷавоб додам.

Қушбегӣ пас аз он ки ба кадом газета ва маҷаллаҳо обуна буданамро пурсида ҷавобҳои муносиб гирифт, ба зери зонуяш ишора карда гуфт:

— Ана, ба мо ҳам ҳар навъ газетаҳо меоянд. Намехонам гӯед. Ба шумо рухсат.

Ҳар чӣ бошад, пас аз ин истинтоқи дуру дароз ё ки мусоҳиба таҳдиду танбеҳе шунида, халос шуда рафтам.

Дар ин рӯйхат номи қариб чил нафар будааст. Як қисми инҳо аз ҷавонон буда, қисми дигар писари Мирзои Урганҷӣ барин касҳо буданд, ки номи онҳоро ба ин рӯйхат даровардан бешубҳа маҳз барои тарсонда ришва гирифтан буд. Ҷои тааҷҷуб дар ин ҷост, ки ба ин рӯйхат номи Порсохоҷа, Мирзо Иззатулло ва Ҳоҷӣ Ҳамроҳ барин касҳо ҳам даровардa шуда буд, ки чанд моҳ аз ин пеш аз Бухоро рафта буданд. Аз ин

маълум мешуд, ки маъмурони элчихона дуруст тафтиш накарда, аз рӯйхати номи касоне, ки дар дафтарҳои пинҳониашон аз пештар қайд шуда будааст, нусха бардошта, ба қушбегӣ фиристодаанд.

Қушбегӣ аз касоне, ки номашон дар рӯйхат зикр шуда буд, дар Бухоро будагиҳоро ҷеғ зада танбеҳ кард ва бо ҳамин масъала як дараҷа тамом шуд.

Қасоне, ки дар замони истибдод дар Бухоро набудаанд ё ки пас аз он ба дунъё омадаанд ва хоҳанд омад, ба ин дараҷаи истибдод ҳайрон шуда, шояд навиштаҳои моро ба муболиға ҳамл намоянд ва ба манъи хондани газетаҳои расман нашршаванда бовар накунанд. Локин ин ҳақиқат буд. Аз хушбахтии мо дар он рӯзҳо қушбегии Бухоро Мирзо Насрулло буд. Худо накарда, агар вақти ин кор Мирзои Урганҷӣ барин кас қушбегӣ мебуд, бе ҳеҷ гап, бе ҳеҷ саволу ҷавоб хобгоҳи мо обхонаи арк мешуд.

Баъд аз ин Шульга ба қозӣ Бурҳониддин ҳам мактубе навишта, ӯро ба ҳаракат кардан ба муқобили ҷавонон даъват кард. Дар як ҷои ин мактуб гуфта шуда буд: «Шумо натарсида ба нест кардани ин фирқа кӯшиш кунед. Дар ин бора аз мо ҳар гуна ҳимоят мебинед».

Хулосаи калом, ин дипломат, ки дар байни халқи Бухоро ба лақаби «ноибча» машҳур буд, кӣ будани худашро фақат ба ҷавонон не, балки ба тамоми аҳолии Бухоро шиносонида буд.

## Таъқиби ҷамъияти махфӣ

Дар давоми ҷанги ҷаҳон маъмурони ҳукумати рус ҷавонони Бухороро сахт таъқиб мекарданд, ба ҳамин сабаб ҷамъияти махфӣ зуд-зуд ҷамъ намешуд, дар вақти ҷамъ шудан ҳам маҷлиси худро дар ягон гӯшаи шаҳр бо эҳтиёти тамом мегузаронд.

Элчихона ба воситаи ягон хабари дуруст не, балки қиёсан будани ҷамъияти махфиеро ҳис карда буд. Азбаски дар мадрасаи Кӯкалтош нависандаи ин сатрҳо ва дар гузари Дастурхонҷӣ Фитрат ва Фазлиддин-махдум барин тараққипарварони машҳур зиндагӣ мекарданд, маҳалли ҷамъомади ҷамъиятро ин ҷоҳо гумон карда буданд. Дар асоси ҳамин қиёсу гумонҳо ба қушбегӣ ва қозикалон ба ин мазмун мактубе фиристода шу-

да буд: «Дар мадрасаи Кўкалтош ва гузари Дастурхончӣ ҷамъияти махфӣ будааст. Ба воситаи одамони махсус, пинҳонӣ аз вақти ҷамъомади ин ҷамъият хабардор шуда, аъзоёнашро ҳабс ва дафтарҳояшонро забт кунед». (Ин мактуб рӯзи омаданаш ба ҷавонон маълум шуда буд.)

Қушбегӣ ва қозикалон ба ҷоҳои мазкур одамони махсус монда, қариб як моҳ назорат карданд. Ин нозирон аз дохили мадраса ошноҳо ёфта, шабонгоҳ дидбонӣ мекарданд. Табиӣ, аз ин таҳқиқ ва тафтишҳо фоидае ба даст надаромад.

Локин аъзои элчихона ва маъмурони полиция ҷамъияти махфиро, ки буданашро ҳатмӣ гумон мекарданд, ёфта натавониста, хеле тангдил шуда, таъқиботи худро торафт меафзуданд. Сардори полицияи рус Вильман худаш шахсан ба фаъолият даромада, бевосита, бе ёрии ҳукумати Бухоро, ба тафтиш даромад. Аз ҷумла бо Акбархон ном иқоматкунанда дар мадрасаи Кўкалтош ошно шуда, ба воситаи вай маълумоте ба даст даровардани шуд. Табиӣ, Акбархон ҳам аз мадраса хабаре ёфта дода натавонист.

Дар он рӯзҳо ман аз одами Вильман будани Акбархон огоҳ шуда будам. Ӯ ба ҳар баҳонае ба ҳуҷраам омада мерафт.

Як бегоҳ, миёни шом ва хуфтан Акбархон омада, маро ба ҳуҷрааш даъват кард. «Ба ҳуҷраам як меҳмони тотор омад, бо шумо мулоқот кардан мехоҳад», гуфт. Қабул карда рафтам. Аз дари ҳуҷра даромадан ҳамон чашмам ба чашми меҳмон афтод. Бо диққат нигаристам. Тотор-афандӣ, ки ҷомаи беқасаб пӯшида, рӯяшро мисли артистҳо ранг (грим) карда, дар пешгоҳ менишаст, сардори полиция ҷаноби Вильман буд.

Табиӣ, ман худамро ба нодонӣ зада, вохӯрӣ карда, ҳолу аҳвол пурсидам. Аслаш аз кадом губерния, ҳозир дар кучо иқомат доштан ва ба чӣ кор машғул буданашро пурсон шудам. Ба як саволам ҳанӯз ҷавоб надода, суолҳои нав ба нав медодам. Қариб ним соат бо чунин суолҳои бемаънӣ сари ҷаноби раиси полицияро, ки ба қиёфаи меҳмони тотор даромада буд, гаранг карда, зарур доштанамро баҳона намуда, иҷозат пурсида, «бисмилло» гӯён аз назди ин шайтон гурехтам.

## Кори ҷавонон дар солҳои ҷанг

Ҷавонон дар айёми ҷанг кори ба назар намоёне карда натавонистанд. Чунон ки дар боло гуфтем, баъд аз расман баста шудани мактабҳо кори маориф ба сакта дучор шуда

буд. Бо вуҷуди ин дар байни ҷавонон хондану хонондан нағз давом мекард. Абдурауфи Фитрат дар хонаи худ нишаста, ба ҷавонони муроҷиаткунанда дарс дода, дар роҳи таълиму тарбия кӯшишҳое дошт.

Ба ғайр аз хонаи Фитрат боз дар чанд ҷои дигар мактабҳои хусусӣ буданд. Аз ҷумла дар хонаи ҳоҷӣ Абдулмаҷиди қаршигӣ дар зери дасти Мукаммил-маҳдум, дар хонаи Мирзо Муҳиддин зери дасти Ғуломқодир ва боз дар чанд ҷои дигар пинҳонӣ мактабҳо давом доштанд.

Дар Шаҳрисабз мактаби зери ҳимояи шаҳид Исломқул-тӯқсабо расман давом мекард. Дар ин мактаб як муддат Атохоҷаи бухороӣ муаллимӣ кард. Баъд аз худи Шаҳрисабз шаҳид Мирзо Юсуф ва шаҳид Низом-маҳдум ба воя расида, вазифаи муаллимиро ба ҷо меоварданд.

Дар Қаркӣ ҳам кор нағз давом мекард. Қаркӣ расман зери ҳимояи давлати Русия ҳисоб меёфт, бинобар ин ҳукумати Бухоро ва қозикалони он ба ҳаракатҳои илмии он ҷо тааруз карда наметавонистанд.

Дар Бухоро дар атрофи «Ширкати Баракат» ва «Кутубхонаи Маърифат» як гурӯҳ ҷавонон ҷамъ шуда, бо ҷиддияти тамом адабиёти нав ва фикрҳои навро байни мардум паҳн мекарданд. Ба муносибати ҷанг табақаҳои гуногуни халқ ба матбуот рағбат пайдо карда, ба ин муносибат ба ташвиқоти ҷавонон низ роҳи васее кушода шуда буд. Маҷаллаи «Оина», ки дар Самарқанд, таҳти таҳрири Маҳмудхоҷа [Беҳбудӣ] нашр мегардид, барои ҷавонон як дараҷа вазифаи фикри нав паҳн карданро ба ҷо меовард.

Дар вилоятҳо паҳн кардани адабиёт нағз давом дошт. Дар туман ва шаҳрҳои Ғиҷдувон, Вобканд, Қарокӯл ва Чорҷӯй дастa-даста газета ва китобҳо паҳн карда мешуданд. Кутубхонаи Қаркӣ асарҳои гуногунро омода ва ҷавононро ба атрофи худ ҷамъ карда буд.

Дар даври ҷанг баъд аз таъқиботи сахти маъмурони рус ва ҳукумати Бухоро кори муҳимми ҷавонон паҳн кардани афкори сиёсӣ дар байни мардум буд. Ба ин кор гӯё як дараҷа муваффақ ҳам мешуданд.

Вақти ҷанг Зиёуддин-маҳдум ба Уфа ва Зуҳуриддин Фатҳуддинзода ба Оренбург ба хондан рафтанд.

## Вазъи ҷамъияти махфӣ

Вақти ҷанг ҷамъияти махфӣ зуд-зуд ҷамъ намешуд. Фақат дар мавридҳои рӯй додани ягон масъалаи муҳим шабе ҷамъ гардида, қарорҳои лозимро қабул карда пароканда мешуданд. Бо вуҷуди ин ҷамъият то инқилоби февраль барои ҷавонони Бухоро вазифаи марказиро адо карда омад. Дар даври инқилоби февраль азбаски корҳои сиёсии ин ҷамъият ба ҷамъияти дигаре вогузор гардид, вазифаи сиёсии ҷамъият низ тамом шуд. Бо вуҷуди ин асрори ҷамъият ба умуми ҷавонон кушода ва маълум карда нашуд.

Ҷамъияти махфӣ барои даставвал ба инқилоби илмӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Бухоро хизмат карданаш аҳамияти калони таърихӣ дорад. Бинобар ин номи аъзоёни ин ҷамъиятро дар ин саҳифаҳо зикр карданамон лозим аст: Мирзо Абдувоҳиди Мунзим, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Фазлиддин-маҳдум, мударрис ҳоҷӣ Рофеъ, мударрис ҳоҷӣ Сироҷ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо Абдулқодир Мухиддинов, Аминҷон-махдуми Зиёӣ, Муҳиддин-махдуми Судурзода, Абдунасир-махдуми Судурзода, Порсохоҷа писари Ҳасанхоҷа, Мукаммалиддин-махдуми Бурхонов, Мазҳар-махдуми Бурҳонов, Муҳаммадназар-махдум, Мӯсоҷон Йӯлдошзода, Исмоили Садрӣ, ҳоҷӣ Абдусаттори даллол, қори Ҳошими Шоиқ, Қурбонбеки юзбошӣ писари Шамс, Мирзо Пӯлод, Салимҷон, Абдуҳаким-махдуми Обидзода, Мирзо Назрулло писари Абдуғафур, Сӯфӣ Абдураҳим, Мирзо Иззатуллои Аминзода, Мирзо Муҳаммад ва Садриддин Айнӣ.

Ионаҳое, ки баъзан ҷавонон ва ҷавонфикрон мекарданд, аз тарафи аъзои ҷамъият ба хазина [касса] -и ҷамъият супурда мешуд. Аъзои ҷамъият сирри онро накушода, аз чанд нафар маорифпарварон ҳар моҳ маблағе ба тариқи иона мегирифтанд. Мирзо Муҳиддин Мансуров, қозӣ Шарифҷони садр, қозӣ Саидҷон ва боз чанд нафаре, ки номашон дар хотирам намондааст, ҳар моҳ маблағи муайяне медоданд. Бо вуҷуди ин бори вазнини маънавӣ, инчунин моддии он ҳам боз ба зиммаи як гурӯҳ аъзои асосии он буд.

Маблағҳои ба хазинаи ҷамъият ҷамъшуда бо қарори маҷлиси умумӣ ба ҷоҳои даркорӣ сарф ва ҳисобаш ба дафтари ҷамъият қайд мешуд.

**Аз аъзои ҷамъият онҳое, ки вафот карда ё шаҳид шудаанд:** Мирзо Пӯлод, Салимҷон ва сӯфӣ Абдураҳим дар Бухоро бо аҷали худ вафот карданд. Мирзо Назрулло соли 1917 дар аксулҳаракате, ки ба муносибати фармони ислоҳоти амир бархоста

буд, аз тарафи амир ба ҷазои 75 чӯб маҳкум гардид ва се рӯз баъд бо ҳамин ҷароҳат дар беморхонаи Когон шаҳид шуд.

Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, ҳоҷӣ Абдусаттори даллол ва мударрис ҳоҷӣ Сироҷ соли 1918 ба муносибати воқеаи Колесов дастгир шуда, бо фатвои муллоҳо, бо фармони амир аз тарафи ҷаллодони вай дар арки Бухоро, дар Регхона ном обхона [зиндон] дар қатори садҳо мазлуми дигар бо азобҳои сахт хафа [буғ] карда шуда, ба шаҳодат расиданд. Фазлиддин-махдум ва мударрис ҳоҷӣ Рофеъ соли 1918, пас аз воқеаи Колесов ба Тошканд ҳиҷрат карда, дар он ҷо бо касалии тиф вафот карданд.

Дар солҳои ҷанги ҷаҳонӣ аз аъзои ҷамъият Мазҳар-махдум, Муҳаммадназар-махдум ва Ҳошими Шоиқ дар Истанбул, дигарон ҳама дар Бухоро буданд.

**Ихтор.** Вақти навиштани таърихи ҷамъият дафтарҳои он ба дастам набуд. Бинобар ин маълумотро аз ёд навиштам. Аъзоёни ҷамъият дар хотирам мондаанд, аммо соли дохилшавии онҳо равшан дар хотирам нест. Ба ҳамин сабаб вақти зикри номи аъзоёни ҷамъият соли дохил шудани онҳо нишон дода нашуд.

Бино ба сабабҳои болоӣ аз баёни дахлу харҷи ҷамъият, талабаҳои ба Истанбул фиристодаи вай, аз додани маълумот оид ба ҳисобҳои дигар оҷизам ва дар ин бора аз хонандагон узр мепурсам.

Инро ҳам хотиррасон кардан мехоҳам, ки эҳтимол дорад, аз аъзоёни ҷамъият низ исми баъзе бародарон фаромӯшам шуда бошад. Аз онҳо низ узр мепурсам.

## Арбоби ҳукумати Бухоро дар солҳои ҷанг

Дар фаслҳои гузашта аз арбобони муҳимми давраи салтанати амир Олим сухан ронда, Насрулло-қушбегӣ, Юнус-бӣ, Мулло Озод, Мирзои урганҷӣ, Имомкул ва ҳоҷӣ Неъматро зикр ва дар бораи набудани созиш дар байни онон як қадар маълумот дода будем.

Насрулло-қушбегӣ як дараҷа баандеша буда, ба исрофот ва разолатҳои амир ва аҳли дарбор чандон ризоият намедод. Дар баробари ин ба ҳокимият ҳарис буда, ба худаш итоат кардани ҳар як маъмур ва ба воситаи худаш ба анҷом расидани ҳар як корро талаб менамуд. Бинобар ин ҳамеша бо Имомкул дар талош буд. Имомкул азбаски роздони кӯҳнаи амир буда, ҳар вақт асбоби айшу нӯши амирро муҳайё намуда, ӯро

аз худаш розӣ карда меистод, ба амир нуфуз дошт ва ба рақобат кардан бо Насрулло-қушбегӣ қувваташ мерасид.

Муносибати Насрулло-қушбегӣ бо дигар арбобони дарбор ва бо бекҳои калон низ хуб набуд. Муҳаммадюнус-бӣ ва Мулло Озод ба вазифаи ҳокимӣ таъйин гардида, аз тарафи амир дур фиристода шуданд, аммо дигарон дар Бухоро, дар атрофи амир ва доимо бо Насрулло-қушбегӣ дар талош буданд.

Гурӯҳи Имомқул торафт қувват мегирифт, зеро онҳо доимо дар сӯҳбати амир буда, ин вуҷуди бемуҳокима ва гирифтори фаҳшиётро ҳар вақт ба тарафи худ мекашиданд. Илова бар ин Бурҳониддин, ки акнун қозикалон шуда буд ва модари амири исрофкор низ тарафдори Имомқул буданд.

Урганҷӣ бошад, шахсан бо Имомқул дӯст набуд, аммо чун ба сабаби рақобат дар сари мансаб бо қушбегӣ адоват дошт, ӯ ҳам аз душманони Насрулло-бӣ ба шумор мерафт.

Рафта-рафта кор ба ҷое расид, ки душманони Насрулло ғалаба мекардагӣ шуданд. Чунончи падарзани Насрулло Авлиёқулбек, ки дар зери ҳимояти домодаш буд, бо саъю кӯшиши модари амир ва Имомқулбек аз ҳокимии Ҳисор бекор карда шуд.

Баъд аз ин воқеа Насрулло-қушбегӣ ба чорабиниҳои фавқулодда шурӯъ кард. Бо маъмурони элчихона, хусусан бо Шульга наздик шуда, бо нуфузи онҳо Имомқулро аз сӯҳбати амир ҷудо кард. Амир маҷбур шуд, ки Имомқулро ба Яккабоғ ҳоким таъйин кунад.

Ҳоҷӣ Неъмат, ки кораш аз Москав барои амир овардани духтарҳо буд, сирраш дар назди ҳукумати Русия фош гардида, ба суд афтид. Бинобар ин амир маҷбур шуд, ки ӯро ҳам аз дарбор биронад.

Акнун аз душманони қушбегӣ фақат қозӣ Бурҳониддин, Мирзои Урганҷӣ ва модари амир монда буданд, ки задухӯрд бо инҳо барои Насрулло осон буд. Мирзои Урганҷӣ ба сабаби савдои мизоҷ ва дағалтабиат буданаш ҳамеша бар хилофи хоҳиши худ амирро аз худаш ранҷонда меистод, бинобар ин бо Насрулло рақобат карда наметавонист. Бурҳониддин бошад, ба ҳимояти модари амир паноҳ бурда, ба элчихона зорию тавалло карда, мансаби худро базӯр нигоҳ медошт. Дар ин вазъият ба панҷа задан бо қушбегӣ қодир набуд.

Модари амир ҳам, ки аз писараш дур буд ва дар назди амир мисли Имомқул як ҳамфикри пурқуввате, ки таълимоташро ба ҷо орад, надошт, душманонии худро бо Насрулло-қушбегӣ пеш бурда наметавонист.

Дар ин вакт бонуфузтарин надими амир ҳоҷӣ Зикриё буд, ки низ зоҳиран ба Насрулло тарафдор менамуд. Бинобар ҳамаи инҳо Насрулло-қушбегӣ дар он рӯзҳо дар Бухоро ҳокими мутлақ шуд.

Насрулло-қушбегӣ худаш шахсан бадӣ намекард ва бо ҷавонон ҳам мусоидаткорона муомила менамуд. Лекин одамон ва наздиконаш аз нуфузи мутлақи ӯ истифода намуда, машғули кайфу сафо буда, моли халқро дар роҳи айшу нӯши худ сарф ва дар паи андӯхтани молу ашьё буданд.

Падарарӯси Насрулло-қушбегӣ вақте ки аз ҳокимии Ҳисор азл шуда ба Бухоро омад, бо худ пули нақди беҳисоб, молу ашьёи зиёд ва сӣ духтар овард. Бо ҳимояи қушбегӣ ба қатори саркардагон даромад. Фақат худи Авлиёқулбек аз дохили шаҳр қариб чиҳил ҳавлии калон ва чорбоғи васеъ харида буд.

Ба ин корҳо Насруллобек ҳаргиз чизе намегуфт ва то ҳадди имкон наздикони худро мудофиа мекард.

Ана, дар ҳамин вазъият инқилоби феврали соли 1917 сар шуд. Чунонки дар поён батафсил баён хохем кард, душманони Насрулло-қушбегӣ аз ҷанҷолҳои мавҷуд истифода намуда, сар бардоштанд. Оқибат Насрулло-қушбегӣ, писараш ва одамони наздики вайро ба таври ваҳшиёнае кушта, интиқоми чандинсолаи худро гирифтанд.



# ҚИСМИ САВВУМ

(1335—1336 ҳиҷрӣ,
1917—1918 мелодӣ)



# ИНҚИЛОБИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 1917

Азбаски инқилоби Русия ба шӯру ангезиши инқилоби Бухоро алоқаи куллӣ дорад, дар ин ҷо аз инқилоби февраль дар Русия ва аз таъсири он ба Бухоро андак маълумот дода гузаштан лозим менамояд.

Дар охирҳои моҳи феврали соли 1917 (охирҳои моҳи ҷамодиюлохири 1335 ҳ.) дар Русия инқилоб рӯй дода, Николайро бо тахту бахташ ба замин яксон кард. Ин хабар дар Русия ва ҳатто дар тамоми дунъё бо суръати барқосое паҳн гардид. Табиӣ, ин хабар ба Бухоро ҳам омада расид. Локин элчихонаи рус ин хабарро хеле бо эҳтиёт, мухтасаран, дар 4—5-ми моҳи март маълум намуд.

Ба шарафи инқилоб дар тамоми Русия ҷашнҳои пуртантана сар шуд. Дар ҳама ҷо аксаран коргарон ва тамоми раийят ҷамъ шуда митингҳо барпо намуда, шӯроҳои коргару аскарон, кумитетҳои иҷроия таъсис карда, идораҳои полицияро вайрон, амалдор ва генералҳои собиқро ба ҳабс гирифта, аз сари кор меронданд.

Аз он ҷумла дар Коғон ва дар таҳти дарвозаи Бухоро низ ҷамъомад ва митингҳо барпо гардид. Дар ин ҷамъомадҳо рафиқони мусулмон ва аврупоии фуқарои рус нутқҳои оташин эрод намуда, аз аҳамияти инқилоб ва аз таъсироти он ба истиқбол маълумот дода,ислоҳи корҳои Бухороро ҳам, ки дар зери фишори зулм харобазор гашта, мардумаш ба ғуломӣ афтодаанд, аз бақо ва камоли ин инқилобу ҳуррият мешумурданд. Аз ин аҳвол маъмурони элчихонаи рус чӣ қадар тарсида, ба ваҳму изтироб афтода бошанд, арбоби ҳукумати Бухоро ҳам, ки дар сояи истибдоди Русия кайфу сафо ронда, ба шарофати бозиҳои маъмурони Русияи подшоҳӣ пеши роҳи ҳар гунаислоҳот ва ҳаракатҳои маданиро баста буданд, ҳамон қадар ва балки беш аз он ба тарс афтода, мисли одаме, ки кобус (сиёҳӣ) пахш карда бошад, ҳаросон шуда, чӣ кор кардани худро надониста монда буданд.

Ҳукумати Бухоро ба ҷамъомадҳое, ки дар вокзали тахти дарвоза мешуданд, одамони махсус монда, фуқарои худро аз иштирок дар онҳо манъ ҳам карданӣ шуд. Локин аҳолӣ, хусусан ҷавонон, мисли дег дар ҷӯш буданд ва тадбирҳои ҳукумат барои пешгирӣ мисли сарпӯше буд, ки ба болои деги дарҷӯш мегузоранд ва он ҷӯши онро боз ҳам шиддатноктар мекунад.

Ҷавонони Бухоро бо шунидани хабари инқилоби Русия ҷамъияти ниммахфие ташкил карданд. Маркази ҷамъият дар хонаи Файзуллохоҷа буда, аъзои он дар ҷоҳои гуногуни шаҳр ҷамъ шуда ва дар ҳар тараф шӯъбаҳо мекушоданд.

Азбаски дар Бухоро кушоду ошкор кор кардан имкон надошт, ҷамъият ба Самарқанд ду вакил фиристода, ба воситаи телеграфхонаи Самарқанд ба Петроград телеграфи табрик фиристод ва масъалаи лузуми ислоҳотро дар Бухоро ба миён гузошта, аз ҳукумати муваққатии Русия дар ин бора мадад пурсид.

Ҳукумати Бухоро ва элчихонаи рус баъд аз чанд рӯз қадре ба ақл омаданд. Маъмурони элчихона — Миллер, Шульга ва Введенский, ки чӣ навъ ҷонварони сияҳдил будани худро на фақат дар Бухоро, балки дар тамоми олам шиносонда буданд, якбора ҳуррриятхоҳ ва тараққипарвар шуда, ҷаста ба майдон баромаданд.

Инҳо бо ҳукумати Бухоро вохӯрда лузуми як қадар мусоидакорона рафтор карданро тавсия намуданд.

Ҳукумати Бухоро аз тарси гирифтор шудан ба фоҷиаи Николай бо андак гузашт ва ислоҳот ҳам бошад, коре карда, ба фикри нигаҳ доштани тахту тоҷи худ афтод. Бинобар ин пас аз телеграфҳои расмии табрик ба мазмуни «мо ҳам мисли ҳомии худ ба ислоҳи корҳо ҳозирем» телеграфе ба номи ҳукумати муваққатӣ фиристод. Дар аввалин телеграммаи ҷавобӣ аз номи ҳукумати муваққатӣ нияти ислоҳот табрик шуда, дар телеграфи дуюм, гӯё дар мақоми ҷавоб ба муроҷиати ҷавонон, ислоҳот талаб кардани аҳолии Бухоро ва лузуми ба ҷо овардани талаби онон баён шуда буд.

Ба ин муносибат газетаҳои рус ва мусулмонӣ дар бораи ислоҳот дар Бухоро мақолаҳои дуру дарозе навишта, ҳукумати Бухороро барои ҳаракатҳои ислоҳотпарваронааш табрик мекарданд. Ҷамъиятҳои дар Русия ва Қазоқистон нав ташкилшудаи мусулмонон низ ислоҳоти Бухороро табрик мекарданд ва дар ҷавоби онҳо амир ҳам ислоҳоти васеъ ваъда дода, телеграфҳо мефиристод.

Акнун кор ба лоиҳаи ислоҳот вобаста буд.

Ҳукумати Бухоро барои тартиб додани лоиҳаи ислоҳот аз аҳолӣ ва аз ҷавонони Бухоро касеро даъват накард, балки бо дӯстони дерини худ — Миллер, Шульга ва Введенский — бо нури дидагони Николай, ки акнун ҳурриятпарвар шуда буданд, ба кор сар кард. Акнунояндаи ҳукумати Бухоро, тақдири ҷавонони Бухоро ба дасти ин дипломатҳои кӯҳна супурда шуда буд. Инҳо ҳар рӯз бо амир ва қушбегӣ дуру дароз гуфтугӯ карда, то нисфҳои шаб дар назди қушбегӣ меҳмонданд. Дар рӯзҳои охир дар шаҳр, дар тахти манор ба ҳавлии подшоҳӣ кӯчида, доимӣ дар шаҳр истиқомат мекарданд.

## Арбоби ҳукумати Бухоро ва ислоҳот

Дар марҳилаи аввал аз арбоби ҳукумати Бухоро амир ва Насрулло-қушбегӣ бо мулоҳизаи ин ки «бе ислоҳот ҳукумати ҳозираро нигоҳ доштан мумкин нест, агар инод кунем, ҳурриятпарастони рус, коргар ва аскарон ва ҳукумати муваққатӣ ба муқобили мо бармехезанд ва дар натиҷа тахту тоҷи мо ҳам барбод меравад», як дараҷа ба ислоҳот роғиб менамуданд. Аммо Низомиддинхоҷаи урганҷӣ ва қозикалон Бурҳониддин ҳатто номи ислоҳотро шунидан намехостанд.

Насрулло-қушбегӣ азбаски фикр ва орзуи ин ду нафарро нағз медонист, маслиҳат кардан бо онҳо, ҳатто огоҳонидани онҳоро ҳам дар бораи фикр ва ниятҳои амир ва худаш лозим надид. Насрулло-қушбегӣ дар бораи ислоҳот аз аҳолӣ фақат Мирзо Муҳиддин ва аз одамони худаш ҳоҷӣ Мирзо Мустафоқулро ҷеғ зада, машварат карда, ба ғайр аз инҳо ба ягон каси дигар чизе нагуфта буд. Азбаски ин ду нафар аз фирқаи ҷавонон ва аз тараққипарварони дерин буданд, табиист, ки ба қушбегӣ аз лузуми ислоҳот гап зада, бе ин ғайри мумкин будани нигоҳдории ҳукуматро мефаҳмонданд.

Дар ин рӯзҳо шаҳр бо овозаи ислоҳот пур шуда, дар ҳама ҷо дар бораи он гап мерафт.

Низомиддини урганҷӣ ва Бурҳониддин аз амиру вазир дар бораи ислоҳот гапе нашунида бошанд ҳам, чизҳое шуда истоданашро пай бурда, дарун-дарун месӯхтанд.

Урганҷӣ ва Бурҳониддин бо ҳамдигар дарди дил гуфта, ин корҳоро ба бетадбирии амир ва қушбегӣ ҳамл мекарданд.

Урганҷӣ мегуфт: «Агар амир ба ман фармояд, масъалаи ислоҳотро дар 3—4 рӯз аз байн мебардорам. Маълум аст, ки ин гапҳоро ҷадидҳо бардошта истодаанд. Илоҷи ин аз байн

бардоштани ин муфсидхост. Якчанд дузди каллабур дорам, ки онҳоро барои чунин рӯзҳо тарбия кардаам. Агар ихтиёр ба дастам мебуд, ба ин дуздҳо фармуда, пинҳонӣ сари ҳамаи ҷадидҳоро бурида мепартофтам».

Бурҳониддини қозикалон бошад, ин гуна тадбирҳои пинҳониро ҳам лозим намедонист. Ба фикри вай, агар амир бистсӣ нафар аз ҷадидҳо, эрониҳо ва яҳудиёнро дастгир карда, ҷазоҳои сахт дода, баъзеҳоро 75 чӯб зада, ба зиндон андозад, баъзеҳоро бадарға кунад, «ту дидӣ, ман надидам», мамлакат ором шуда мемонад.

Ин ҳар ду тамоми масъулиятро ба болои қушбегӣ мепартофтанд ва мегуфтанд, ки «чун қушбегӣ худаш ҷадид аст, амирро фиреб дода, мамлакатро ба ҷадидҳо фурӯхта истодааст».

## Гапҳои кӯчагӣ ва Бурҳониддин

Дар рӯзҳое, ки дар доираи ҳукумат музокираи масъалаи ислоҳот давом дошт, дар кӯчаву бозорҳо шоеаҳои аҷибу ғарибе паҳн мешуданд. Ин овозаҳо фақат дар дохили шаҳр намонда, дар тамоми шаҳрҳои дигар ва қишлоқҳо низ гуфта ва шунида мешуданд.

«Имрӯз ҷаноби олӣ фалонӣ ва фалониҳоро бурда, 75 чӯб задаанд, фалониҳоро буғӣ карда куштаанд, фалон ва фалонҳоро бадарға кардаанд. Барои чӣ? Чунки онҳо ҷадид будаанд, ҳуррият кардан, ҷаноби олиро бекор кардан мехостаанд...».

«Маънии ҳуррият чист? Рӯи занҳоро мекушоянд, бачаҳоро дар мактаби кофирон мехононанд. Муфтӣ, қозӣ ва тамоми шариат аз байн меравад... Худо нигоҳ дорад...».

Дурӯғ будани шоеаҳои [овоза] имрӯз ба шаб нарасида, маълум мегашт, вале пагоҳӣ боз ҳамон гапҳо овоза мешуданд.

Рӯзе яке аз рафиқонам ба ҳуҷраам кас фиристода, аҳволамро пурсон шуд. Аз ин илтифоти ногаҳонӣ ба шубҳа афтода, ба назди вай рафта, сирру ҳикмати ин аҳволпурсиро пурсидам. Дӯстам гуфт: «Шунидам, ки имрӯз шумо ва боз чанд бародарони дигарро ҳабс кардаанд. Дар ин бора аз тараддуд ва ҳаракат доштани қозикалон хабар доштам. Бинобар ин аз шоеаҳо ба ҳарос афтода, саломатии шуморо фаҳмиданӣ шудам».

Бо супориши амир қозии Ғиҷдувон қозӣ Шарифҷонро ба Бухоро чеғ заданд. Дарҳол дар ҳама ҷо овоза паҳн шуд, «қо-

зӣ бо ҷадидҳо ошно будааст, амир ӯро барои ҷазо додан ҷеғ задааст».

Аҷабо, ин шоеаву овозаҳо аслу асосе доштанд ё не? Агар асл надошта бошанд, пас барои чӣ ҳар рӯз ва дар ҳаққи одамони маълуме такрор мешуданд?

Дар ҷавоби ин суолҳо мегӯем: «Шоеаҳо аслу асос доштанд. Сабабгор ва манбаи ин овозаҳо ҳам шахси маълуме буд, ки мо аз аввали таърихамон ӯро ба хонандагон шиносонида меоем. Агар бо ҳамин ҳам мафҳум нашуда бошад, кушоду ошкор мегӯем: Ин Бурҳониддини қозикалон буд».

Ин зот якчанд шабу рӯз фикр кард. Аз амиру вазир ягон хабари кушоду расмӣ гирифта натавонист. Чунонки дар боло гуфтем, бо Урганҷӣ ва дигар ҳамфикрони худ маслиҳатҳо кард. Оқибат фикри худашро шахсан, аз номи худ ба амир навиштанӣ шуд.

Дар ариза, пас аз бо далелҳо исбот кардани давлатхоҳии худаш, дар масъалаи ислоҳот ба роҳи хато афтодани қушбегиро ба миён оварда, агар ислоҳот шавад, ба таҳлука афтодани ҳукумати амирро баён карда, ба ҳамаи ин корҳо ҷадидҳо, эрониҳо ва яҳудиҳоро сабабгор нишон дод ва барои пешгирӣ аз ин як ҷадвали муфассали номи ашхосро тартиб дода, баъзеҳоро ба куштан, баъзеро ба партофтан аз нақорахона ва чандеро ба 75 чӯб задан ва бадарға кардан маслиҳат дод.

Баъд аз фиристодани ин ариза ба амир, азбаски ба амалӣ шудани он амин буд, ба дӯсту ошноёнаш «имрӯз ё фардо фалонӣ ва фалониҳо ҳабс мешаванд, ба бадарға маҳкум ё ҷазои дигар мебинанд», гуфта гап мезад. Азбаски ин хабарҳо аз манбаи мӯътабаре мебаромаданд, ба воситаи ҳамсӯҳбатони қозикалон дар шакли «фалон кор шудааст» дар байни халқ паҳн мешуданд.

Бурҳониддин пас аз се рӯз ба аризаи аввалинаш аз амир ҷавоб гирифт. Ҷавоби амир мухтасар, фақат аз як ҷумла — «аризаатон расид» иборат буд.

Аз ин ҷавоб қабул шудан ё қабул нашудани ариза равшан маълум набуд. Барои ҳамин қозикалон боз се рӯз умедвор шуда, сабр кард. Эҳтимол аз хотири амир баромада бошад гуфта фикр кард (кори имрӯзаро фардо фаромӯш кардани амир ба қозикалон маълум буд) ва боз ба мазмуни собиқ аризае фиристод. Ин ҳам мисли аризаи пештара бенатиҷа монд. Ниҳоят, бори саввум ариза фиристода, ба он ҳам ҷавоб нагирифта, аз амир умедашро канд.

Бурҳониддин, аз як тараф, аризаҳо навишта, аз тарафи

дигар, дар байни халқ «якчанд шахсро ҷазо доданд, ё фалониҳо ба ҷазо маҳкум мешаванд», гуфта овозаҳо паҳн мекард ва ба «ҳуррият», «ислоҳот» ҳар гуна маъноҳои акс дода, халқро ба аксулҳаракат омода месохт.

Ба ҳамин сабаб шоеа ва овозаҳои мазкур муттасил паҳн мешуданд.

Бурҳониддин пас аз он ки умедаш аз амир канда шуд, дар ин бора ба қушбегӣ хат навишт. Дар ин мактуб низ ба воситаи ҷазо додан ба чанд нафари маълум имконияти халосӣ аз ин таҳлукаро баён кард. Қушбегӣ ба ӯ ба ин мазмун хати ҷавобие фиристод: «Шумо хотирҷамъ шавед, кори баде намешавад. Корҳои шуданӣ мувофиқи шариат буда, сабаби осудагии раийят ва ободии мамлакат хоҳанд шуд. Дар ин бора ба ҷазо додани ҳеҷ кас ҳоҷат нест. Ҳама аз марҳамати амир хурсанд мешаванд» (нависандаи ин сатрҳо ба воситаи як дӯстам аз ин мактуб ва аризаҳо хабардор мешудам).

Қозикалон баъди гирифтани ҷавоби боло аз қушбегӣ тамоман маъюс шуд. Аз ҳар тараф умед канда, фақат бо такья ба қуввати худ ба кор даромад: ба тамоми шаҳр, туман ва қишлоқҳо вакилони махсус фиристода, халқро бар муқобили ислоҳот шӯронидан гирифт. Акнун калимаи «ислоҳот» аз байн рафта, ҷои онро калимаи «ҳуррият» гирифта буд, ки гумоштагони қозикалон ба он мувофиқи манфиати худ маъноҳои ошӯббарангезе медоданд.

Мирзои Урганҷӣ ҳам дар навбати худ хизмати хубе мекард. Амалдорон ва сипоҳиёни майда, хизматгузорони дараҷаи дуввуми дарборро меошӯбонид. Фикри «амир ба ин корҳо розӣ нест, қушбегӣ бо ҷадидҳо як шуда, ин хиёнатро карда истодааст. Зарари ин аввал ба амир ва баъд ба тамоми амалдорон мерасад»-ро талқин мекард.

Амалдорони майда барои муҳофизати манфиати шахсии худ, хусусан агар дар ин кор амир ҳам манфиатдор бошад, аз ҳеҷ чиз ҳазар ва худдорӣ намекарданд. Бинобар ин ҳар амалдор ҳам дар фурсати муносиб барои ҳуҷум ба ҷавонон тайёрӣ медид, онҳо кушоду равшан «мо ҷонамонро дар ин роҳ фидо мекунем», мегуфтанд.

## Насрулло-қушбегӣ дар роҳи ислоҳот

Дар ин рӯзҳо Насрулло-қушбегӣ дар роҳи ислоҳот саргарми кор буд. Низомиддини Урганҷиро, ки ба муқобили ис-

лоҳот кушоду ошкоро фикр паҳн мекард, ба амир маъқул кунонида, ба баҳонаи хизмате ба тарафҳои Қаршӣ фиристод. Бо ин тадбир аҳли дарбор аз гуфтугӯ ба муқобили ислоҳот қадре худдорӣ мекардагӣ шуданд. Локин қозикалон ба таври махфӣ бо ҷиддияти тамом кор мекард.

Маъмурони элчихона лоиҳае тартиб дода, ба қушбегӣ ва амир тақдим карданд. Аз рӯи ин лоиҳа дар Бухоро аз муллоёни тараққипарвар, аз ҷавонфикрон ва чанд нафар намояндаи табақаҳои кушодафикри аҳолӣ маҷлисе таъсис мешавад, ки дахлу харҷи ҳукуматро ба ҳисоб гирифта, ба кори ҳокимон назорат мекунад, андози заминҳо ва амлок дар миқдори муайянкарда ва ба тариқи нишондоди ин маҷлис гирифта мешаванд. Қисми муҳимми мадохили мамлакат ба чорабиниҳои моддӣ ва маънавӣ сарф мешавад. Корҳои давлат ба доираҳо тақсим ва ба ҳар доира одамони масъул гузошта мешаванд...

Тақрибан ба мазмуни боло лоиҳае тартиб дода шуда, мувофиқи ин лоиҳа аз амир фармони ҳумоюн низ тайёр шуд.

Локин рафтори қозикалон ҳамаро ба шубҳа меандохт. Дар вазъияти дар як мақоми хеле калон — қозикалонӣ истодани шахсе, ки калимаи «ислоҳ»-ро ҳатто шунидан ҳам намехост, эълони фармони ислоҳот хаёли хоме мешуд.

Бинобар ин Миллер шахсан бо қозикалон мулоқот карда, дар бораи асосҳои ислоҳот ва маҷлисе, ки дар назар дошта шудааст, маълумот дод. Миллер ин гапҳоро ба қозикалон на ба тариқи машварат, балки ба тарзи нақлу ахбор баён кард.

Бо вуҷуди ин қозикалон дар бораи маълумоти Миллер фикри худро гуфт: дар бораи аминона — аминона чизи ба шариат мувофиқе мебошад. Ин ҳаққи иҷораи бозорҳои давлатист, ба барҳам додани ин ман розӣ шуда наметавонам.

Дар бораи ислоҳи қозихонаҳо ва маош таъйин кардан ба қозиҳо. «Агар қозиҳо аз фуқаро пул нагиранд, ҳашамат ва савлати онҳо кам шуда, дар назари халқ эътиборашон намемонад ва раийя ба ҳукми онҳо итоат намекунад. Азбаски натиҷаи ин ба зарари шариат аст (дурӯғ мегӯй, ба зарари кисаи туст), ман ба ин ҳам розӣ нестам». Дар хусуси мактаб. «Агар мактабҳои усули ҷадида кушода шаванд, фарзандони халқ фитнагар шуда тарбия мееёбанд. Уламо ба муқобили ин кор шӯрида, ғавғову ҷанҷол мебардоранд. Агар мактабҳо ба забони русӣ бошанд, зарар надорад».

Миллер дар бораи маҷлиси оянда ва дар бораи баъзе аъзоёни дар назар гирифташудаи он маълумот дода буд. Қозикалон ба ин номзадҳо эътироз намуда, гуфта буд: «Ба ин

маҷлис аз ҷавонон ва тараққипарварон набояд касе даровар-да шавад. Муллоҳои ба он дарояндаро ҳам ман бояд нишон диҳам. Садорати маҷлисро ба ман супурдан лозим аст».

Қозикалон дар охири мусоҳаба гуфтааст: «Ҷадидҳо маро баислоҳот муқобил меноманд. Ман ҳаргиз ба ислоҳот муқобил нашудаам, минбаъд ҳам муқобил намешавам. Агар маҷлис ба тарзи нишондоди ман шавад, худо хоҳад, ман хизматҳои муҳим мекунам».

Дар натиҷаи ин мусоҳаба Миллер бо қушбегӣ маслиҳат карда, ба азли қозикалон қарор дода, ба амир маълум карданд.

Қозикалон як рӯз пас аз ин мусоҳаба маъзул шудани худашро ҳис карда, ба Миллер ба ин мазмун мактубе навишт: «Дар бораи ислоҳот ҳар чӣ шумо фармоед, ман ба он розӣ ва иҷрояшро ба зимма мегирам. Ба ин кор аз уламо касе муқобил барояд, ба манъ ва танбеҳи вай ваъда медиҳам».

Локин ин мактуб бо таъхир ба дасти Миллер расида буд. Дар ин вакт амир барои таъйин кардан ба вазифаи қозикалонӣ қозии Ғиҷдувон Мирзо Шарифи садрро ҷеғ зада, ба номи вай ярлиғ нависонда мӯҳр пахш карда буд.

Хулоса, 15 моҳи ҷамодиюссонии соли 1335 ҳиҷрӣ Мирзо Шарифи садр дар Бухоро қозикалон, як рӯз пас аз он қозии Чорҷӯй — тараққипарвари машҳур Абдусамадхоҷа раис, боз баъди як рӯз қозии Вобканд Орифхоҷа ба вазифаи муфтии аскар таъйин шуданд. Амир бо ин азлу насбҳо гӯё кабинетро нав кард. Муфтии аскари собиқ Мусанниф ба Ғиҷдувон ва раиси собиқ Абдуллохоҷа ба Чорҷӯй қозӣ таъйин шуданд.

Насрулло-қушбегӣ бо қозикалони нав дар бораи ислоҳот суҳбати муфассале карда, дар бораи асосҳои ислоҳот маълумот дод ва гуфт: «Инҳо корҳои кобили иҷро мебошанд. Уламо ва халкро ба ин кор омода намоед».

Насрулло-қушбегӣ ба қозикалони нав гуфт: «Мувофиқи ислохоте, ки гузаронида мешавад, тамоми пешкаш ва тортукхо бояд барҳам дода шаванд, шумо ҳам ба тариқи «шукрона» тортуқ накунед ва ба халқ ҳам ба расми «муборакбод» қанду набот надиҳед».

Насрулло-қушбегӣ барои барҳам додани шоеаҳое, ки қозикалони маъзул паҳн мекард, хитоб ба мардум ба ин мазмун мактубе эълон кард:

«Корҳое, ки пас аз ин карда мешаванд, ҳар як мувофиқи шариат, ба манфиати фуқаро ва бо хоҳиши ҷаноби олӣ мебошанд. Бинобар ин дар байни халқ шоеаҳои дурӯғ паҳн кар-

да, ин кор кори ҷадидҳо ё ки эрониҳост, гуфта, фитна барангехта нашавад. Ҳамаи корҳое, ки карда мешаванд, мувофиқи шариат, барои манфиати халқ бо фармон ва хоҳиши ҷаноби олӣ буда, набояд касе ба онҳо муқобалат намояд».

## Баргаштани амир ва қушбегӣ аз роҳи ислоҳот Иртиҷоъ

Чунонки дар фаслҳои боло гуфта шуд, пас аз инқилоби февраль элчихонаи рус ва ҳукумати Бухоро барои муҳофизати мавқеи худ як дараҷа ба ислоҳот розӣ шуда буданд. Дар марҳилаи аввал ин ҳаракатҳои онон ҷиддӣ ба назар менамуд. Онҳо барои ба як доираи тангтар маҳдуд намудани ислоҳот бо таанни [сустӣ] ҳаракат мекарданд. Бо ин ҳол аз вуқӯи инқилоб қариб як моҳ гузашт. Тамоми аҷзо ва афроди ҳукумати муваққатӣ ба ҳукумати Бухоро ва ба маъмурони элчихона маълум шуд. Дар ҳукумати муваққатӣ дар доираи вазирон андак тағйиру табдил шуда бошад ҳам, сардор ва аъзои доираҳо айнан ҳамон одамони давраи подшоҳӣ буданд. Масалан, дар шӯъбаи Осиёимиёнагии назорати хориҷӣ боз ҳамон Қлим[1] ва руфақояш менишастанд. Ин ҷанобон ба ҳукумати Бухоро ва ба элчихона кайҳо боз шинос буда, забони ҳамдигарро нағз мефаҳмиданд.

Хулоса, ба воситаи элчихона байни онон ва ҳукумати Бухоро роҳи мухобара кушода шуд. Дар натиҷа ислоҳот кардан ё накардан пурра ба ихтиёри ҳукумати Бухоро супурда шуд (Қушбегӣ ба як дӯсти мӯътамади ман ба ин кор се миллион сӯм сарф шуданашро гуфта буд.)

Генерал-губернатори Тошканд (Туркистон) дар он рӯзҳо «қаҳрамони Манҷурия ва Мукден» — генерали машҳур Куропаткин буд. Ин зот ёрӣ додан ба ислоҳоти Бухоро дар як сӯ истад, ба элчихона телеграммае фиристода, бар зидди ислоҳот таълимот дод.

Ин тарафи масъала барои ҳукумати Бухоро осон буд, зеро ба воситаи нуфузи уламо халқро бар зидди ислоҳот ошӯбонидан осон, сипоҳ бошад худаш тайёр буд. Аммо ҷавонҳо қув-

[1] *Қлим* — яке аз роҳбарони шӯъбаи Осиёимиёнагии вазорати хориҷии ҳукумати подшоҳии Россия.

вати баромадан ба муқобили ҳукумат ва иқтидори ба ислоҳот маҷбуркунандае надоштанд. Ин беш аз ҳама ба ҳукумати Бухоро маълум буд.

Насрулло-қушбегӣ аз ҳамон рӯз сар карда, бар хилофи тавсияҳои пешини худ тавсияҳо медод. Чунончи, ба қозикалон Шарифҷон, ки ӯро барои ислоҳот ба ин мансаб таъйин карда, дар роҳи ислоҳот таълимот дода, аз тақдими тортуқи «шукрона» манъ карда буд, «тортуқи шукрона фиристонед!» гуфта амр дод. Боз ба ӯ ба мазмуни зерин мактубе фиристод: «Бо ҷадидҳо бисьёр наздик нашавед, ба раис Абдусамадхоҷа фаҳмонед, ки бо ҷадидҳо рафтуой накунад. Абдурауфи Фитрат ба назди вай бисьёр меомадааст, ин ҳаргиз кори муносиб нест.» (Ҳол он ки дар он шабу рӯз Фитрат дар Бухоро набуд.)

Ин тавсия ва мактубҳо ба таври равшану ошкор аломати иртиҷоъ буданд. Қушбегӣ бо ин ишораҳо амалдорони навро ба роҳи амалдорони собиқ даровардан мехост.

**Ҳисси қабл аз вуқӯъ ё як тасодуфи аҷиб.** Бо Абдусамадхоҷа, ки барои гузаронидани ислоҳот ба мансаби раисӣ таъйин шуда буд, соли 1329 х. — шаш сол пеш аз ислоҳот дар Чорҷӯй вохӯрда будам. Сӯҳбати мо дар сари масъалаи ислоҳот буд. Ман гуфтам: «Ислоҳоти Бухоро мавқуф ба аҳди раисии шумост».

Абдусамадхоҷа дар ҷавоби ин гапи ман гуфта буд: «Дониста бошед, ки ҳар вакт ман раис шавам, уламо маро дар понздаҳ рӯз зада аз кор меронанд».

Абдусамадхоҷа ба муносибати ислоҳот раис таъйин шуд. Се-чор рӯз пас аз ин аз рафтори қушбегӣ ва амир аломатҳои иртиҷоъро ҳис кард ва ба ман мактубе фиристода, як шаб ба хонааш даъват намуд ва он мусоҳабаи моро ба хотир оварда гуфт: «Аломатҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки ҳукумат аз фикри ислоҳот гаштааст. Дар ин ҳол ҳисси пеш аз вуқӯи шаш сол пеши ман бояд ба амал биёяд».

Чунончи тафсилоташро дар поён хоҳем дид, дар воқеъ расо баъд аз 15 рӯз ин бечораро аз мақоми раёсат зада-зада ронданд ва соли 1918 шаҳид ҳам карданд.

* * *

Чунончи Насрулло-қушбегӣ аломатҳои иртиҷоъро зоҳир мекард, элчихона ҳам ба ин роҳ даромад. Рӯзе чанд нафар аз аъзои элчихона ҷавононро ба ҳавлии Таҳи Манор чӯб зада,

сӯҳбат карданд. Дар поёни мусоҳаба Миллер гуфт: «Худо хоҳад, дар замонҳои оянда дар Бухоро islоҳот ба амал меояд, вақти оғози он, албатта, шумо хизмат ва кӯмак хоҳед кард».

Яке аз дӯстонам, ки марди ба элчихона наздике буд, рӯзе гуфт: «Ислоҳот ҳамин ки қозӣ дигар шуд, раис дигар шуд. Вассалом. Умеди дигаре нест».

Бо вуҷуди ин ҳукумат як фармони ислоҳот тайёр мекард. Мақсад аз фармон ислоҳот набуда, фирефтани ҷавонон ва матбуот буд. Зеро ҳукумат аз номи амир дар бораи ислоҳоти васее ба тамоми дунъё ҷор андохта, ба газетаҳои рус ва мусулмон, ба ҷамъиятҳои рус ва мусулмон телеграммаҳо фиристода, аз онҳо ҳам телеграммаҳои табрикии дуру дароз гирифта буд. Дар чунин мавриd коре накарда, хомӯш истодан боиси нафрати тамоми дунъё аз ҳукумати амир гардида, ҳамаи масъулият ба зиммаи амир ва қушбегӣ меафтод.

Барои ҳамин ҳукумат фармоне баровардан ва дар он барои гузарондани ислоҳот ба фикри умуми халқ такья карданро шарт гузошт. Фикри аксарияти аҳолиро ба тарафи худ моил кардан барои ҳукумати Бухоро кори осоне буд. Дар ин бора ҳукумат аз уламо, сипоҳ аз эшону дуохонҳо яроқи зиёде дошт.

Акнун дар бораи ислоҳот фикри ҳукумат ба таври хулоса аз ҳамин иборат буд: «Амир дар бораи ислоҳот фармоне мебарорад, аксарият онро қабул намекунанд. Фармони ислоҳот ҳам мисли фармони ҷулус ба амал намеояд, ба зиммаи ҳукумат ҳам масъулияте намеафтад, зеро ки аксарият нахост, масъулият ба зиммаи аксарият. Вассалом, нома тамом!..»

## Ҳаракати ҷавонон дар роҳи ислоҳот

Бо вуқӯи инқилоби феврал ба ҷунбиш омадани ҷавонон ва ташкил шудани ҷамъиятеро дар боло гуфта будем. Ин ҷамъият рафта-рафта васеъ шуда, дар ҳар тарафи шаҳр шӯъбаҳо кушод, бо эрониёни Бухоро муносибат пайдо карда, аз онҳо ҳам қуввати калонеро ба тарафи худ ҷалб кард. Зотан пас аз воқеи шиаву суннӣ дар байни эрониёни Бухоро ва ҷавонон дӯстии самимӣ пайдо шуда буд. Ин дӯстӣ акнун расмият пайдо намуд, барои дар оянда даст ба даст дода кор кардан аҳду паймон бастанд.

Хулоса, ҷавонҳо дар байни 15—20 рӯз дар дохили шаҳр

қуввати муҳимме ҷамъ карданд. Локин аксарияти ин қувва ҷавонони бетаҷриба буданд. Бинобар ин асрори инҳо ҳамеша ба ҳукумат ва ба калонтарони аксулҳаракат маълум шуда меистод. Ҷамъомадҳои сиёсие, ки дар рӯзҳои муҳимми таърихӣ гузаронида мешаванд, бояд хеле махфӣ бошанд. Ин пинҳонкорӣ аз сад панҷоҳ фоизи муваффақиятро таъмин мекунад. Локин дар он рӯзҳо ҷамъиятҳои ҷавонон (таъбирам маъзур дониста шавад) «ниммахфӣ» буданд. Чунончи, Усмонхон ном писари аксулҳаракатчии машҳур — қозӣ Бурҳониддин ҳар рӯз аз маркази ҷамъият хабарҳо гирифта, ба падараш мерасонд. Ман ин аҳволро фаҳмида, ба яке аз аъзоёни мӯътамади ҷамъият, ба Усмонхоҷа фаҳмондам, локин дигар кор аз кор гузашта буд.

Дар гузари Шояхсӣ як шӯъбаи ҷамъият кушода шуд. Раиси шӯъба касе буд, ки рӯзи сар шудани аксулҳаракат дар сафи аввали он «во шариато!»-гӯён истод.

Ҷамъияти ҷавонон дар доираҳои давлат дар бобати ислоҳот сакта ва сустӣ дида, барои музокира бо ҳукумати муваққатӣ аз аъзоёни худ Абдурауфи Фитрат ва Усмонхоҷаро ба Русия гуселониданд.

Ҷавонон то эълон шудани фармони ислоҳот ба ваъдаҳои ҳукумат чандон бовар намекарданд. Локин пас аз бо тантана эълон шудани фармон (бо вуҷуди он ки дурӯғӣ аз рӯҳаш пайдо буд) боз фирефта шуданд.

## Оё халқ ба ислоҳот толиб ва ҳозир буд?

Ба қисми аввали ин суол «албатта толиб буд» гуфта ҷавоб медиҳам. Чунонки аз аввали таърихамон баён карда меоем, ҳукумати мустабидди Бухоро аҳолиро аз ҳар ҷиҳат безор карда буд. Қозихонаҳо манбаи зулму ғадр, моли сағиру кабир ба таври ногузир дар дасти ин ҳомиёни шариат, мадрасаҳо маркази як тӯда мутағаллиба [зӯрдастон] — инҳо «мо муллобача» гуфта ба ҷон, ба номуси ҳар кас тааррuз мекунанд, барои «дод» гуфта рафтан аз дасти инҳо ҷое нест; миршаби шаҳр шарики дуздон, ба заммаи ин ба номуси ҳар кас тааррuз карда, пул мегирад; амир бошад, саргарми кайфу сафои худ, ғайри ба атрофи худ ҷамъ кардани духтару писарон ва фосид кардани ахлоқи онҳо кори дигаре аз дасташ намеояд; ҳар як шогирдпешаи қушбегӣ ва мулозими қозӣ дар болои фуқарои бечора як забонаи оташи дӯзах.

Як қисми пуле, ки аз мамлакат ҷамъ мешавад, ба кисаи ҳокимон ва одамони онҳо даромада, қисми дигар ба исрофоти амир сарф гардида, боқимондааш ба хазина рафта, бо зӯри ин пулҳо ба муқобили халқ қувваҳои сиёҳ тайёр мекунанд. Роҳҳо вайрон, обҳо гандида, тамоми мамлакат харобазор... Халқ бемор, фақир ва мӯҳтоҷ...

Аҳволи деҳот аз ин ҳам бадтар. Ҳасту нести деҳқононро амлокдорҳо толон карда мебаранд, каму беши боқимондаро қозиҳо, раисҳо, миршабҳо, мулозимони онҳо, судхӯрони дари қозихонаҳо мегиранд. Аз ҷаври амлокдор бисьёр заминҳо нокишта монда, шуғли деҳқонони бечора муздурӣ — мардикорӣ шуда, аксари онҳо ҷилои ватан карданд.

Агар мақсад аз ислоҳот ислоҳи ин аҳволи фалокатбор буда бошад, кист, ки толиби он набошад?..!

Акнун биёем ба қисми дуюми суоламон — «ҳозир буд?» Дар ин ҷо, мааттаассуф, маҷбурем бигӯем, ки «не!» Зеро аксарияти мардум беилм, бесавод, аз дуньё бехабар буданд. Барои ба ислоҳот омода сохтани онҳо ду роҳ мавҷуд буд:

Якум, онҳоро хонондан, дар байнашон маорифро паҳн кардан. Ҳол он ки хукумат ин роҳро аз саргаҳаш баста буд.

Дуввум, бе риё, бе нифоқ ба ислоҳот икдом намудани хукумат ва манфиати халқро ба назар гирифта ҷорӣ кардани он.

Локин, ҳукумате, ки ба хондан ва босавод шудани халқ розӣ нест, ҳайати идорае, ки дар давоми асрҳо пӯсти халқро чун пӯсти гӯсфанд канда меояд, агар аз ягон тараф маҷбур нашавад, дар муддати як ҳафта, як моҳ, ё як сол ба халқ мушфиқу меҳрубон шуда наметавонист. Агар чунин хукумате ба майдон баромада, «ман дар муддати як ҳафта ба халқ меҳрубон шудам», гӯяд, ба ин гап бачаи ҳафтсола ҳам бовар намекард.

Қуввате, ки хукуматро ба ислоҳот маҷбур мекарда бошад, мааттаассуф, набуд. Дуруст аст, ҷавонҳо дар муддати 8—9 сол байни халқ фикрҳои наве паҳн карданд. Локин ин фикрҳо дар димоғи як қисми халқи бохату савод, ки ба корҳои хукуматӣ алоқа надоштанд, касони бо адабиёт ва матбуот ошно ҷо гирифта бошад ҳам, дар байни халқи авом, ки аксарияти нуфуси мамлакатро ташкил мекард, мисли буттаҳои дар болои хомаҳои рег рӯидае буданд, ки бо як вазиши боди сахт канда шуда пош мехӯрад. Вале бо иғвои як мулло, як сипоҳӣ аз номи шариат ба муқобили ҷавонон бархостани ин деҳқонони авом, ин мазлумони нодони бечора, ки ҷавонон дар роҳи манфиати онҳо ҷон коҳонда, хуни дил мехӯрданд, яқин буд.

қуввати муҳимме ҷамъ карданд. Локин аксарияти ин қувва ҷавонони бетаҷриба буданд. Бинобар ин асрори инҳо ҳамеша ба ҳукумат ва ба калонтарони аксулҳаракат маълум шуда меистод. Ҷамъомадҳои сиёсие, ки дар рӯзҳои муҳимми таърихӣ гузаронида мешаванд, бояд хеле махфӣ бошанд. Ин пинҳонкорӣ аз сад панҷоҳ фоизи муваффақиятро таъмин мекунад. Локин дар он рӯзҳо ҷамъиятҳои ҷавонон (таъбирам маъзур дониста шавад) «ниммахфӣ» буданд. Чунончи, Усмонхон ном писари аксулҳаракатчии машҳур — қозӣ Бурҳониддин ҳар рӯз аз маркази ҷамъият хабарҳо гирифта, ба падараш мерасонд. Ман ин аҳволро фаҳмида, ба яке аз аъзоёни мӯътамади ҷамъият, ба Усмонхоҷа фаҳмондам, локин дигар кор аз кор гузашта буд.

Дар гузари Шояхсӣ як шӯъбаи ҷамъият кушода шуд. Раиси шӯъба касе буд, ки рӯзи сар шудани аксулҳаракат дар сафи аввали он «во шариато!»-гӯён истод.

Ҷамъияти ҷавонон дар доираҳои давлат дар бобати ислоҳот сакта ва сустӣ дида, барои музокира бо ҳукумати муваққатӣ аз аъзоёни худ Абдурауфи Фитрат ва Усмонхоҷаро ба Русия гуселониданд.

Ҷавонон то эълон шудани фармони ислоҳот ба ваъдаҳои ҳукумат чандон бовар намекарданд. Локин пас аз бо тантана эълон шудани фармон (бо вуҷуди он ки дурӯғӣ аз рӯҳаш пайдо буд) боз фирефта шуданд.

## Оё халқ ба ислоҳот толиб ва ҳозир буд?

Ба қисми аввали ин суол «албатта толиб буд» гуфта ҷавоб медиҳам. Чунонки аз аввали таърихамон баён карда меоем, ҳукумати мустабидди Бухоро аҳолиро аз ҳар ҷиҳат безор карда буд. Қозихонаҳо манбаи зулму ғадр, моли сағиру кабир ба таври ногузир дар дасти ин ҳомиёни шариат, мадрасаҳо маркази як тӯда мутағаллиба [зӯрдастон] — инҳо «мо муллобача» гуфта ба ҷон, ба номуси ҳар кас тааррuз мекунанд, барои «дод» гуфта рафтан аз дасти инҳо ҷое нест; миршаби шаҳр шарики duздон, ба зимми ин ба номуси ҳар кас тааррuз карда, пул мегирад; амир бошад, саргарми кайфу сафои худ, ғайри ба атрофи худ ҷамъ кардани духтару писарон ва фосид кардани ахлоқи онҳо кори дигаре аз дасташ намеояд; ҳар як шогирдпешаи қушбегӣ ва мулозими қозӣ дар болои фуқарои бечора як забонаи оташи дӯзах.

Як қисми пуле, ки аз мамлакат ҷамъ мешавад, ба кисаи ҳокимон ва одамони онҳо даромада, қисми дигар ба исрофоти амир сарф гардида, боқимондааш ба хазина рафта, бо зӯри ин пулҳо ба муқобили халқ қувваҳои сиёҳ тайёр мекунанд. Роҳҳо вайрон, обҳо гандида, тамоми мамлакат харобазор... Халқ бемор, фақир ва мӯҳтоҷ...

Аҳволи деҳот аз ин ҳам бадтар. Ҳасту нести деҳқононро амлокдорҳо толон карда мебаранд, каму беши боқимондаро қозиҳо, раисҳо, миршабҳо, мулозимони онҳо, судхӯрони дари қозихонаҳо мегиранд. Аз ҷаври амлокдор бисьёр заминҳо нокишта монда, шуғли деҳқонони бечора муздурӣ — мардикорӣ шуда, аксари онҳо ҷилои ватан карданд.

Агар мақсад аз ислоҳот ислоҳи ин аҳволи фалокатбор буда бошад, кист, ки толиби он набошад?..!

Акнун биёем ба қисми дуюми суоламон — «ҳозир буд?» Дар ин ҷо, мааттаассуф, маҷбурем бигӯем, ки «не!» Зеро аксарияти мардум беилм, бесавод, аз дуньё бехабар буданд. Барои ба ислоҳот омода сохтани онҳо ду роҳ мавҷуд буд:

Якум, онҳоро хонондан, дар байнашон маорифро паҳн кардан. Ҳол он ки ҳукумат ин роҳро аз саргаҳаш баста буд.

Дуввум, бе риё, бе нифоқ ба ислоҳот иқдом намудани ҳукумат ва манфиати халқро ба назар гирифта ҷорӣ кардани он.

Локин, ҳукумате, ки ба хондан ва босавод шудани халқ розӣ нест, ҳайати идорае, ки дар давоми асрҳо пӯсти халқро чун пӯсти гӯсфанд канда меояд, агар аз ягон тараф маҷбур нашавад, дар муддати як ҳафта, як моҳ, ё як сол ба халқ мушфиқу меҳрубон шуда наметавонист. Агар чунин ҳукумате ба майдон баромада, «ман дар муддати як ҳафта ба халқ меҳрубон шудам», гӯяд, ба ин гап бачаи ҳафтсола ҳам бовар намекард.

Қуввате, ки ҳукуматро ба ислоҳот маҷбур мекарда бошад, мааттаассуф, набуд. Дуруст аст, ҷавонҳо дар муддати 8—9 сол байни халқ фикрҳои наве паҳн карданд. Локин ин фикрҳо дар димоғи як қисми халқи бохату савод, ки ба корҳои ҳукуматӣ алоқа надоштанд, касони бо адабиёт ва матбуот ошно ҷо гирифта бошад ҳам, дар байни халқи авом, ки аксарияти нуфуси мамлакатро ташкил мекард, мисли буттаҳои дар болои хомаҳои рег рӯидае буданд, ки бо як вазиши боди сахт канда шуда пош мехӯрад. Вале бо иғвои як мулло, як сипоҳӣ аз номи шариат ба муқобили ҷавонон бархостани ин деҳқонони авом, ин мазлумони нодони бечора, ки ҷавонон дар роҳи манфиати онҳо ҷон кохонда, хуни дил мехӯрданд, якин буд.

Бинобар ин гуфта метавонем, ки ба ғайр аз ҷавонон ва ҷавонфикрон аксарияти халқ ба ислоҳот омода набуд. Ҳатто ба ин гуфтаҳои худ як ҷумла низ илова карда метавонем: ин халқи мазлум ва нодон аз тарафи ҳукумат ва косалесони он — муллоҳо ба муқобили ислоҳот омода мешуд.

## Эълони фармони ислоҳот

Баъди чанд рӯзи талош ва интизорӣ ниҳоят рӯзи эълони фармони ислоҳот фаро расид. 27 ҷамодиуссонии 1335 ҳ. (6 апрели 1917) рӯзи панҷшанбе, баъди пешин аз тарафи Насрулло-қушбегӣ маъмурони махсус баромада, қозикалон, раис, тамоми муфтиҳо, ҳамаи саркардагон ва наздик ба чил нафар аз савдогаронро «Рӯзи ҷумъа, соати 10 дар арк ҳозир шавед» гуфта хабар карданд. Аммо барои чӣ даъват шудани ин одамон расман ба ҳеҷ кас маълум набуд. Ҳатто ба қозикалон ҳам, ки рукни асосии давлат ба шумор мерафт, дар ин бора маълумоте дода нашуда буд. Ҳукумат бо ин рафтори худ дар арафаи эълони ислоҳот истибдоди худро бо тамоми анъаноташ нишон додан мехост. Локин дар даҳони халқ барои эълони фармони ислоҳот будани ин даъват шоеъ гашт.

Хулоса, рӯзи ҷумъа, 28 ҷамодиуссонӣ (7 апрель) даъватшудагон ба арки амир ҷамъ шудан гирифтанд. Имрӯз қушбегӣ аз ҷавонҳо ҳам чанд касро ҷеғ зада буд. (Дар даъвати ҷавонон таъбири қушбегӣ чунин будааст: «Аз бачаҳо ҳам 4—5 касро хабар кунед»).

Даъватшудагон дар соатҳои 10 рӯз дар Меҳмонхонаи Раҳимхонӣ бо тартиби амал ва мақом ҳар кадом дар ҷои расмии худ нишастанд. Дар ин маҷлис аъзоёни элчихонаи рус, намояндагони комитети иҷроияи Коғон, муфтӣ Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ[1], қозӣ Хайдарбек[2] ва боз як нафар аврупоӣ, ки аз Самарқанд барои табрик омада буданд, ҳузур доштанд.

Баъди тамоман омода шудани маҷлис амир аз дари болоӣ даромада, бо тамоми аврупоиён мулоқот кард. Аз вакилони

---

[1] *Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ* (1870—1919) — нависанда ва рӯзноманигор, яке аз роҳбарони ҳаракати ҷадидӣ дар Туркистон. Барои мактабҳои усули нав алифбо ва китобҳои дарсӣ таълиф ва нашр кардааст. Муҳаррир ва ношири газетаи «Самарқанд» (1913—1914) ва маҷаллаи ҳафтагии «Оина» (1913—1915), муаллифи пьесаи «Падаркуш». Соли 1919 дар Қаршӣ ба дасти амалдорони амир кушта шудааст.

[2] *Қозӣ Хайдарбек* — яке аз роҳбарони ҳаракати ҷадидӣ дар Самарқанд.

Самарқанд бо аврупой мулоқот карда бошад ҳам, бо Беҳбудӣ ва Ҳайдарбек мулоқот накард.

Пас аз итмоми маросими мулоқот амир ба ҷое, ки дар пешгоҳ барояш тайёр карда буданд, даст бардошта фотиҳа хонд. Баъд Насрулло-қушбегӣ фармонро ба дасти қозӣ Шарифҷон дода, ба хондан ишора намуд. Вақте ки қозикалон барои хондани фармон аз ҷо бархост, амир ва дигарон ҳам ба шарафи фармон аз ҷо хеста, рост истода, гӯш карданд.

Қозикалон фармони ба забони форсӣ навишташударо ба овози баланд хонд.

Асли фармон (айнан):

«Ҳувалмустаон

«Манфиат ва хайрияти умуми фуқароёни худро малҳузи хотир гардонида, ибтидо ба ризои умум ва хоҳиши миллат намуда, иқдомот менамоем, ки идораҳои ҳукумати мо бо ислоҳоти восеъ, бар вафқи тартиб иҷро гардида, рафторҳои худсарона ва афъолҳои собиқонаро барҳам диҳонем».

«Гӯшзади хотири фуқароёни худ мегардонем, ки ҷамеи ислоҳот ва табаддулоти идораҳои ҳукуматии мо бар вақфи шаръи шариф шуда, орзу дорем, ки умуми фуқароёни мо ба ин тариқа иқдомоти мо ёрмандӣ ва ионатрасон бошанд, ки ба нури улум зуҳури тамаддун ва тараққӣ гардида, боиси зиё ва анвори Бухоро гардад».

«Аввало, иқдомоти мо барои ислоҳи қозихонаҳо ва истифо[1] ва ахзи ҳиссатулхироҷ ва закот ва дигар ҳаққи султонӣ ва тараққии саноат ва тиҷорати мамлакат, махсус бо давлати қавишавкати Русия буда ва ба ҷамеи амалдорон ва маъмурин ва хидматгорони давлатхона мавоҷиби махсуси муайян муқаррар карда, барои бар сабили адл хидматгузор шудани онҳо муфаттиши махсус таъйин намуда ва дигар тариқи инъомоти собиқ ҳар кадом фароҳури ҳолашон доштагиро масдуд намудем. Мо бояд ҷамеи иқдомот ва тарвиҷ ва тараққии улум ва фунуни худро бар вақфи шаръи шариф ба амал оваронем ва барои манофеъ ва осоиши раийягони худ, ки ба пойтахти мо истиқомат доранд, хоҳиш дорем, ки умуми миллати сокинини пойтахт аз байни худҳошон ашхосони соҳибмашварат ва мунавварулафкорро интихоб намуда, таъсис ва ташкили маҷлис карда, барои ислоҳот ва тараққиёт ва танзим ва ҳифзуссиҳҳаи пойтахт саъй ва иҷтиҳод намоянд».

---

[1] *Пардохти молиёт* — андозхо.

«Алвақт лозим медонем, ки албатта як хазинахонаи ҳукумати кушода, қарор медиҳем, ки ҳисоби харҷ ва мадохили муайяни мамлакатро ба давлатхонаи мо лозим ва зарур гардонад.»

«Барои умуми раийягони мо лозим дониста, хусус ҷамеи иҷтиҳодот ва умуротро ба вақташ табъ кунонда, ба мамлакати Бухоро барои хайрият ва баҳраманд гардидан нашр карда мешавад, чунки матбаа барои табъ кунонидани таснифот ва таълифот ва нашриёт ва ахборот манофеи умум гардида ва ахбороти зарурияро бухороиён иттилоъ меёбанд. Зоти мо барои фуқароёни худ базли ҳиммат ва саъйи мавфур дорем, ки дар оянда иҷрои умуроти идораҳои ҳукуматии мо ба қадри лозимаи муайян мегардидагиаш ба машварати ҷамъият ҷорӣ шуда, ба манофеи фуқароёни мо шавад».

«Бинобар сабаби хушбахтии мусовоти ҳомии мо, ки давлати қавишавкати Русияанд, зоти мо раъй дорем, ки аз маҳбусони ба ҳабсхонаамон хобидагӣ ба ризои фуқароёни ватани маълуф маҳбусҳо аз қайд мураххас мегардонем».

«Явми ҷумъа, 28 ҷамодиюссонии санаи 1335 ҳиҷрӣ: Асли ин нусха ба доруссалтанати Бухорои шариф музайян ба мӯҳри калони амири Бухоро Сайид амир Олим бинни Сайид амир Абдулаҳад гардидагӣ мебошад».

Аз вайронии таъбир ва таркибҳои фармон бевосита аз тарафи Миллер ва Шульга таҳрир шудани он маълум мегардад, зеро котибони дарбор ва худи Насрулло-қушбегӣ дар таҳрири форсӣ одамони як дараҷа иқтидорманде буданд.

Баъд аз итмоми хондани фармон амир ба ҷояш нишаста фотиҳа хонд. Баъд хеста, бо аврупоиён хайрухуш карда, ба хонаи хусусиаш рафт. Вакили Самарқанд Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ аз номи аҳолии Самарқанд ин неъмати бузургро ба бухороиён табрик гуфта, амирро, ки дар ҳаққи раийяш чунин лутфу марҳамате раво дидааст, бо дуои хайр ёд намуд.

Маъмурони элчихона нусхаҳои чопшудаи фармонро ба аҳли маҷлис тақсим карданд.

Бо ҳамин маросими эълони фармониислоҳот ба итмом расида, ҳозирон пароканда шуданд.

**Маҷлисҳо ба муносибати фармон.** Ҷавонҳо нусхаи фармонро дар майдони Регистон хонда, садои «Зинда бод амир Олим!»-ро ба осмонҳо бардоштанд.

Амир чанд рӯз пеш аз эълони фармони худ Чорбоғи Хосcаро, ки дар беруни дарвозаи Ӯғлон воқеъ аст, барои умум кушода буд. Рӯзҳои ҷумъа мардум ба он ҷо ҷамъ мешуданд.

Баъзе ҷавонон ба он ҷо рафта, мардумро ҷамъ карда, фармонро хонданд.

Баъди намози ҷумъа ҷавонҳо бо ҳамроҳии котиби элчихона Қорӣ Ғулом дар ҷоҳои гуногуни шаҳр маҷлисҳо гузарониданд. Дар маҳалҳои васеъ ва машҳур — аз қабили Лаби Ҳавзи Девонбегӣ, мадрасаи Кӯкалтош ва майдони Заргарон маҷлисҳо барпо карда, дар кӯчаҳои машҳури шаҳр гаштанд. Дар ин ҷамъомадҳо ҷавонон, ҷавонфикрон бо шавқи тамом иштирок карда, сухани нотиқонро бурида, қарсак мезаданд.

Лекин дар пешонии як қисми халқ аломати андӯҳ дида мешуд. Қисми дигар гӯё чизе намефаҳмида бошанд, бо тааҷҷубу ҳайрат нигарон буданд.

Касони ба рӯҳи аксулҳаракат додашуда дар атрофи ин ҷамъомадҳо давр зада, ба ҳамфикрони худ: «Мусулмонӣ тамом шуд. Давр даври ҷадидҳо шуд. Кор ба ин минвол равад, бубинем, чӣ мешавад, худо чӣ мехоҳад», барин гапҳо гуфта, ба аксулҳаракат замина тайёр мекарданд.

## Масъалаи намоиш

Аз бозе, ки гапи ислоҳот ба майдон баромад, масъалаи намоиш дар байни ҷавонон ҷои муҳим гирифта буд. Баробари инқилоби феврал ҷавонҳо ба намоиш омода буда, байрақҳои зинатдор тайёр карда буданд. Ҳатто плани рӯзи намоиш — бо кадом роҳҳо гаштан ва чӣ гуна ҳаракат карданашонро ҳам кашида буданд. Аксулҳаракатчиён ин хабарҳоро шунида, барои хуруҷи худашон рӯзи намоиш байрақ бардоштани ҷавононро «аломат» қарор дода буданд. Як дӯстам, ки аз ин тайёрии аксулҳаракатчиён огоҳ буд, ба ман хабар дод, ки «агар ҷавонҳо байроқ бардоранд, хуни мо ҳам то қатраи охиринаш ба муқобили он байроқ рехта мешавад».

Дуруст аст, ки агар иқдоми ҳукумат дар бораи ислоҳот собит ва маҳкам буда бошад, ин гапҳо аҳамияте намедоштанд. Аммо чун дар доираҳои ҳукумат аломатҳои иртиҷоъ намоён гардид, ин гапҳоро ба эътибор гирифтан лозим буд. Бинобар ин дар байни ҷавонон оид ба намоиш ду фикр ҷой дошт: якум, намоиш барпо кардан ва ба ин восита аҳамияти фармони ислоҳотро ба мардум фаҳмондан, мардумро ба як ҷо ҷамъ карда, аз номи ҷамоат ба амир ташаккур баён намуда, дар роҳи иҷрои фармони ислоҳот ба вай қувват, шавқ ва

ғайрати маънавӣ дода, ҷиддитар гардонидани ӯро дар ин роҳ дар назар дошт.

Гурӯҳи дигар дар рафтори ҳукумат аломатҳои иртиҷоъро медид ва пешбинӣ мекард, ки агар ба муносибати намоиш аксулҳаракат сар шавад, ҳукумат ба тарафи аксулҳаракат гузашта, роҳи ислоҳотро мебандад ва тамоми масъулиятро ба гардани ҷавонон бор мекунад. Ин гурӯҳ бо ҳамин мулоҳизаҳо ба муносибати чунин як фармони шубҳанок намоиш барпо карданро лозим намедид.

Рӯзи ҷумъа баъди ҷамъомад [митинг]-ҳо ҷавонон дар гузари Бозори Гул дар хонаи Ҳалим Ашӯрӣ ҷамъ шуданд. Дар маҷлис Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва қозӣ Ҳайдарбек ҳам буданд.

Маҷлис дар оғоз ҷамъияти хайрияе ташкил карда, ба он аъзоҳо қайд карда, ионаҳо ҷамъ намуд. Дар бораи чӣ гуна рафтор кардан дар рӯзҳои оянда тавсияҳои Маҳмудхоҷа шунида шуд. Баъд масъалаи намоиш ба миён омад. Аксарият барпо кардани намоишро тарафдорӣ карданд. Гурӯҳи дигар ба намоиш сахт муқобил баромад. Бо таклифи Маҳмудхоҷа ҳал кардани масъалаи намоиш ба машварати қушбегӣ ва Миллер мавқуф мононда шуд. Барои ин кор аз тарафи ҷавонон се нафар — Файзуллохоҷа, Мирзо Иззатулло ва Иноятуллохон вакил интихоб шуданд. Қарор шуд, ки ин вакилҳо бо ҳамроҳии Маҳмудхоҷа ба Когон, ба назди Миллер меравanд, бо вай дар бораи намоиш машварат мекунанд, боз ба воситаи вай дар бораи намоиш фикри қушбегиро мепурсанд, агар қушбегӣ ба намоиш розӣ бошад, аз вай дастаи мусиқачиёнро пурсида, бо тантанаи бузург намоише барпо мекунанд.

Ин бегоҳ аз инқилобчиёни кӯҳна Фазлиддин-махдум ва Мирзо Абдулвоҳид [Мунзим] барои музокираи баъзе масъалаҳо ба хонаи Мирзо Муҳиддин (Мансуров) даъват шуда буданд. Дар он ҷо масъалаи муҳим, масъалаи намоиш бархост. Мирзо Абдулвоҳид дар гузаронидани намоиш исрор дошт. Локин Мирзо Муҳиддин зарарҳои намоишро бо далелҳо исбот намуд, ба намоиш муқобил будани қушбегӣ ва Миллерро гуфт. Дар натиҷа ба барпо накардани намоиш қарор дода, вазифаи аз фикри намоиш баргардонидани ҷавонон ба Фазлиддин-махдум ва Мирзо Абдулвоҳид супорида шуд.

Дар воқеъ Насрулло-қушбегӣ ба намоиш муқобил буда, ин фикрро ба Миллер ҳам вай талқин карда буд. Мақсади Насрулло-қушбегӣ аз мумониат ба намоиш ба осоиштагӣ гузаштани кор ва ҷорӣ шудани фармони ислоҳот набуд. (Зеро агар вай дар фикри ислоҳот собит мебуд, то Петроград мил-



лионҳо ришват дода, роҳи ислоҳотро намебаст). Ба фикри вай ҷорӣ нашудани ислоҳот яқин буд. Ӯ худашро қайҳо аз савдои ислоҳот раҳонида буд.

Локин намоиш барои қушбегӣ таҳлукаи дигаре дошт: агар ба муносибати намоиш аксулҳаракат ва ихтилол сар шавад, аввалин қурбонии он Насрулло-қушбегӣ мешуд. Зеро душманони вай баъд аз он ки кушоду ошкор ба майдон баромада, аз амир ҳимоят ва ёрӣ диданд, намегузоштанд, ки Насрулло осуда дар ин маснад нишинад. Ба муносибати воқеаи шиаюсуннӣ Остонақул-қушбегӣ ба чӣ балоҳо гирифтор шуда бошад, ба балоҳои аз он ҳам зиёдтар дучор гардидани Насрулло яқин буд. Насрулло-қушбегӣ инро чун ду кара ду—чор ба хубӣ медонист. Бинобар ин вай ба таври қатъӣ ба намоиш муқобил буд ва дӯсти холиси худ Миллерро ҳам ба ин фикр шарик карда буд.

## Намоиш

Рӯзи шанбе, 29 ҷамодиюссонии 1335 ҳиҷрӣ (8 апрели 1917 м.) пагоҳон дар соати ҳафт магазини «Баракат» ва пассажи назди он бо ҳазорон нафар аз ҷавонон пур буд. Ҳар як аз онҳо ба иштирок дар намоиш, ба байроқ бардошта дар кӯчаҳо гашт кардан, ба арки амир рафта, ба табрик арз намудан аз ҷону дил муштоқ буданд. Якчанд нафар дар пеши хонақоҳи Девонбегӣ ба як гурӯҳ ҷавонон сурудҳо меомӯхтанд.

Локин дар дохили магазин дар сари масъалаи намоиш ҳанӯз ҷанҷол давом дошт. Вакилоне, ки ба Қогон рафта буданд, аз Миллер ривояҳои ихтилофнок [зидду нақиз] нақл мекарданд. Баъзеҳо ба намоиш ба таври қатъӣ муқобил будани ӯро гуфтанд. Гурӯҳи дигар Миллер «ба ихтиёри худи мо вогузор кард» мегуфтанд. (Барои пурра ба ҷо овардани вазифаи таърихнависӣ инро равшан гуфтанамон лозим аст: Миллер дар воқеъ ба намоиш муқобил буда, лекин баъзе аз намояндагон ба сабаби шахсан тарафдор буданашон ба намоиш суханони вайро таҳриф кардаанд.)

Фазлиддин-махдум ва Мирзо Абдулвоҳид мувофиқи ваъдаи дар хонаи Мирзо Муҳиддин додаашон ба гузаронидани намоиш муқобил шуданд. Локин аксарият ба ҳеҷ гапе гӯш накарда, ҳарчи бодо бод, ба гузаронидани намоиш азм карда буданд.

Оқибат, баъд аз кашмакашҳои зиёд ҳар ду тараф созиш

карда, ба гузаронидани намоиши бебайроқ қарор доданд. Вақте ки пешгардони намоиш ба наздикии Сарои Нӯғай расида буданд, аз он сарой кафказиҳо байроқи сурхе бардошта баромаданд. Аз тарафи Тоқи Саррофон низ ҷавонони яҳудӣ байроқ бардошта намудор шуданд. Ҷавонон ин вазъиятро дида, дигар ба ҳеҷ гап гӯш накарда, аз магазин байрақи сурхи барои имрӯз тайёркардаи худро, ки ба рӯяш «Зинда бод ислоҳот» навишта шуда буд, бардоштанд.

Намоишчиён аз тарафи Говкушон — Ғозиён ба тарафи Хиёбон равона гардиданд. Ба намоиш ҳазорон кас ҳамроҳ шуда, ҳиссиёти халқ, хусусан ҷавонон, фавқулода баланд шуда буд. Дастаи намоиш тамоман як ранги байналмилалӣ гирифта, ӯзбек, тоҷик, араб, пирсиён, эронӣ, кафкозӣ, тотор ва яҳудиён ба зери байроқ ҷамъ омада, дар аснои роҳ сурудҳо хонда, дар майдонҳо таваққуф карда, нутқҳо эрод намуда, фармони ислоҳотро шарҳ медоданд.

Соатҳои даҳ намоишгарон ба растаи Хиёбон расиданд. Дар ин ҷо бародарони эронӣ онҳоро пешвоз гирифта, табрик карданд, ба болояшон гулҳову қандалотҳо пошиданд. Дар ин дам намоишгарон хеле монда ва ташна шуда буданд. Бинобар ин дар Хиёбон як муддат танаффус эълон шуд. Мударрис Абдураҳмон, Атохоҷа ва ҳоҷӣ Мирбоборо вакил карда, барои пурсиданин дастаи мусиқачиён ба назди қушбегӣ фиристоданд. То омадани дастаи мусиқӣ намоишгарон дар ин ҷо таваққуф карданӣ шуданд.

## Аксулҳаракат

Чунонки дар боло гуфтем, аксулҳаракат аз дами ба майдон баромадани масъалаи ислоҳот тайёрӣ медид. Вақте ки дар рафторҳои ҳукумат осори иртиҷоъ зоҳир шудан гирифт, аксулҳаракатчиён бо ҷиддият беш аз пештара ба кор даромаданд. Онҳо рӯзи ҷумъа маҷлис ва ҷамъомадҳои ҷавононро дида, ба фикри ҷиддитар ҳаракат кардан афтоданд. Бинобар шунидди мо, Бурҳониддин ҳамон рӯз ба назди шинос ва қадрдонҳои худ дар туманҳои Қарокӯл, Пирмаст ва Ғиҷдувон одамони махсус фиристода, дар бораи ба ҳар эҳтимол ҳозир шуда истодан тавсияҳо карда буд.

Аз аҳли дарбор Тӯрақул-ҳудайчӣ, аз саркардаҳо Авлиёқулбек ва Тӯрахоҷаи судур ҳам ба ошно ва қадрдонҳои худ дар туман ва қишлоқҳо ба мазмуни «Тайёр бошед!» мактубҳо фи-

ристода буданд. Шаби шанбе, шаби пеш аз намоиш, баъзе муллоҳо ба назди Авлиёқул, Тӯрахоҷа ва Тӯрақул-худайчӣ рафта, таълимот гирифтанд. (Азбаски Тӯрахоҷа падарарӯси Бурҳониддин буд, таълимоти вай айнан супоришоти Бурҳониддин ба шумор мерафт).

Рӯзи шанбе дар соатҳои ҳашт, вакте ки ҷавонҳо байрақи намоишро бардошта ба тарафи Хиёбон равона гардиданд, аксулҳаракатчиён низ ба ҷунбиш омаданд. Байрақ бардоштани ҷавононро аксулҳаракат барои худ нидо ба қиём қарор дода буд. (Ин қарори аксулҳаракатчиёнро ман 15 рӯз пеш фаҳмида ба ҷавонон хабар дода будам). Аксулҳаракат дар воқеъ мувофиқи ҳамон қарор ҳаракат кард.

Қасоне, ки пеш аз ҳама ба аксулҳаракат ҳамроҳ шуданд, аз муллоҳо: мулло Холмуроди муфтӣ, Ибодулло-махдум, Ҷунбул-махдум, мулло Қутбиддин, Қорӣ Ибод,[1] мулло Қамар, Назрулло-махдум, писарони Мулло Рӯзии араб (инҳо се нафар), Нақшбандхон (писари Султонхон).

Аз давлатмандони синфи миёна: Маҳмудхони ҳиротӣ (се бародар), Қории Сиркой ва бародарони он (аз гузари Пӯстиндӯзон) ва Ҳоҷӣ Абдуллои чойфурӯш.

Аз давлатмандон: Абдурауфи корвонбошӣ, Юсуфбой, Ҷурабек, Қаршибек.

Аз сипоҳиён: тамоми аҳли дарбор, одамони қушбегӣ, миршаб ва ҳокимони дигар. Инҳо фақат пас аз сар шудани фитна бо ҷиддияти тамом ба кор даромаданд.

Баъзе аз ин номбаршудагон дар саҳифаҳои болоии таърихамон зикр ёфта, ба хонандагон як дараҷа шинос бошанд ҳам, дигарон симоҳои нав мебошанд. Бинобар ин дар бораи баъзеи ин қисми дуюмӣ маълумоти мухтасаре додан лозим менамояд.

Ибодулло-махдум дар замони қозӣ Бадриддин дар вазифаи таракачӣ (тақсимкунандаи мероси мурдагон) буда, устухонаш ба моли халқ, хусусан ҳаққи сағиру ятимон сахт шуда буд. Албатта, ислоҳот ба манфиати ин қабил касон зарар меовард. Ин одам илова бар ин ба дари ҳукумат хушомадгӯӣ карда, дар мадрасаи амир мударрис ҳам шуда буд. Бинобар

[1] *Ибодулло-маҳдум, Ҷунбул-махдум, Қутбиддин, Қорӣ-Ибод* — ин чор нафар аз иртиҷоитарин муллоёни Бухоро буданд, ки ба тамоми ваҳшониятҳо раҳнамой карда, аз номи дин ба раво будани қатлу ғоратҳо фатво медоданд. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» дар бораи кирдорҳои зишти ҷоҳилонаи онҳо муфассал маълумот додааст.

ин ба манфиати амир ва бо ишорати ҳукумат рафтор кардан манфиати шахсии вай буд.

Ҷунбул-махдум — ин одам марди бесаводи фосидаахлоқе буда, баъди чил сол хоб дар мадраса, дар аҳди ҳаммаслаки худ Бурҳониддин дар ин мадрасаи калон мақоми мударрисиро ба даст даровварда буд. Агар ислоҳот ҷорӣ шавад, ин гуна бесаводон, албатта, мақоми худро гум мекарданд. Баръакс, мувофиқи мароми ҳукумат кор кардан ба шӯҳрат ва ба мансаб ёфтани вай сабаб мегардид.

Қутбиддин — ин одам дар ҷавонӣ бо беахлоқӣ овора гашта, ҳатто як замон бо як муллои қазоқ ба дашти Урганҷ гурехта, баъд ба Бухоро омада бошад ҳам, бинобар зиёдии синну солаш таҳсили илм карда натавониста, ба дуохонӣ, ки касби тамоми беилмон ва танбалон аст, машғул шуда ва дар сояи дуохонӣ бо ҳокимон шиносоӣ пайдо карда, ҳатто дар гузаре имом ҳам шуда буд. Инак, ҳамин одам барои санҷидани толеи худ ба аксулҳаракат дохил шуд. Маълум шуд, ки дар тахмини худ хато накардааст. Ба шарофати аксулҳаракат муфтӣ шуд ва мансаби судурӣ ёфт.

Қорӣ Ибод — ин одам чанд сол қабл ба сабаби бадахлоқӣ аз мадрасаи Кӯкалтош ронда шуда буд. Баъд дар гузари Эшони Пир як шаб бо қасди бадахлоқӣ ва дуздӣ ба ҳавлии Норбой ном касе даромада, ба даст афтода, ба зиндон андохта шуда буд. Баъд ба воситагии акаи дуохонаш, ки бо Насрулло-қушбегӣ шиносоӣ дошт, аз зиндон халос шуда, боз ба ҳамон восита дар як гузар имом ва мударрис шуда буд. Агар чунин як одам аз чунин фитнаҳо истифода накунад, чӣ кори дигаре карда метавонист?!

Абдурауфи корвонбошӣ — як сол пеш аз мансаб фаромада буд. Ба ин фитна ҳамроҳ шуда, ба манфиати ҳукумат хизмат кардан барои дубора ба мансаб расиданаш сабаб шуда метавонист. (Ба шуниди мо, шаби сар шудани аксулҳаракат Абдурауфи корвонбоширо махфиёна ба дарбор ҷеғ зада буданд).

Як қисми бойҳои дигар ба ин корвонбошӣ пайравӣ карда, баъзе аз тарси вай ва гурӯҳи дигар ба сабаби аз ҳукумат карздор буданашон ба манфиати ҳукумат кор мекарданд. Чунончи, Ҷӯрабек ва Юсуфбой, ки аз ҳукумат маблағи калоне қарздор буданд, молу амлокашон дар он рӯзҳо ба номи ҳукумат васиқа шуда буд.

Роҳбарони дигари аксулҳаракат низ бо сабабҳои ба ҳамин монанд ба аксулҳаракат дохил шуда буданд.

## Оғози аксулҳаракат

Рӯзи шанбе, дар соати ҳашту ним Қорӣ Ибод дар хонақоҳи Девонбегӣ ва роҳбарони дигари аксулҳаракат дар ҷоҳои дигар ба гарданашон фӯта андохта, бо нидоҳои зерин халқро меошӯбониданд: «Во шариато, во дино! Во Қуръоно! Эй мусулмонҳо, дин аз даст рафт, шариат тамом шуд, акнун рӯи занҳоятонро мекушоянд, ба номуси духтаронатон таҷовуз мекунанд, фарзандонатонро дар мактаби кофирӣ мехононанд... Эй аҳли имон, барои ҳифзи дин, имон ва шариат ғайрат кунед, ба ғазо ҳозир шавед!.. Ҷадидҳо байроқ бардошта баромаданд. Ҷаноби олиро бекор мекунанд. Баъд ҳарчи хоҳанд, дар ҳаққи мусулмонон мекунанд. Ҳозир фаранҷии занон ва духтарони дар сари роҳашон воҳӯрдагиро гирифта партофта истодаанд».

Як нафар аз байни халқ гуфт: «Ман бо чашми худам дидам, дар Хиёбон фаранҷии занеро гирифта партофтанд, дар замони ҳуррият ин хел чизҳо даркор нест, гуфтанд».

Дигаре мегуфт: «Ана, агар ман дурӯғ гӯям, ин мусулмон дурӯғ намегӯяд. Он чи ин бо чашми худ дидааст, бо гӯши худатон шунавед!..».

Дар муддати 15 дақиқа дар атрофи хонақоҳи Девонбегӣ наздик ба ҳазор нафар мулло ва мардуми дигар ҷамъ шуданд. Ин гурӯҳ ба бозор даромада, бо дӯғу таҳдид саройҳо ва дӯконҳоро бандонданд. Издиҳом то рафт зиёд мешуд.

Амир он рӯз дар ҳавлии Мирзои Хурд буд, ки «Ҳавлии поён» меномиданд. Балвогарон рост ба он ҳавлӣ рафтанд. Маҳрам ва худайчиёни амир инҳоро бо хушӣ қабул карда, саломи амирро расониданд ва ба сардорони издиҳом таълимоти лозимаро дода, ба Регистон, ба назди қушбегӣ фиристоданд.

Баъди ба Регистон омадан қисми муҳими балвогарон бе ҳеҷ мамониат ба назди қушбегӣ баромада, ҳабс ва қатли ҷадидонро аз вай талаб карданд. Қушбегӣ инҳоро бо хушӣ қабул карда, ба ҳосил шудани ҳамаи талабҳошон ваъда дод.

Дар чанд ҷои Регистон курсиҳо гузошта шуда буд. Сардорони номҳошон зикршудаи фитна ба болои курсиҳо баромада, ба мазмуни болоӣ нутқ гуфта, халқро ба ҳаяҷон меоварданд.

## Аҳволи вакилони ҷавонон

Чунонки дар боло гуфтем, се нафар аз ҷавонон — Абдураҳимхон, Атохоҷа ва хоҷӣ Мирбобо барои пурсидани дастаи мусикӣ вакил шуда ба назди кушбегӣ рафта буданд. Вакти ба назди кушбегӣ омадани инҳо ҳанӯз балво кувват нагирифта, факат Ибодулло-махдум ва Ҷунбул-махдум барин якчанд аксулхаракатчиён дар назди кушбегӣ нишаста буданд. Лекин хабари шиддат ёфтани фитна соат ба соат ба кушбегӣ мерасид. Дар хамин ҳангом ин се нафар омаданд. Қушбегӣ номи онҳо ва фукарои кӣ буданашонро пурсид. Атохоҷа ва Абдураҳимхон худро раийяи Русия номиданд, аммо хоҷӣ Мирбобо «Ман раийяти Бухоро» гуфта ҷавоб дод. Қушбегӣ ҳар сеи онҳоро дар як хона ҳабс карда, пас аз як соат, дар айни авҷи балво хоҷӣ Мирбоборо 75 чӯб занонда, ба маҳбаси обхона андохт. Абдураҳимхон ва Атохоҷа дар ҷои пештараашон монданд.

Дар вакти балво кушбегӣ аз элчихонаи рус чунин таълимоте гирифта буд: «Ба фукарои худ чӣ хел ҷазо медода бошед, хукумати Русия ба кори шумо мудохила намекунад. Агар аз раийяти рус ба касе осебе расад, ба мудохилаи ҳукумати рус роҳ кушода мешавад». Барои ҳамин буд, ки кушбегӣ фукарои кӣ будани онҳоро пурсид ва Хоҷӣ Мирбоборо, ки ба раийяти бадбахти Бухоро буданаш икрор шуда буд, 75 чӯб занонда, ба зиндон андохт.

## Назари амир ва кушбегӣ ба балво

Қушбегӣ аз балво сахт метарсид ва ба хубӣ медонист, ки агар балво бархезад, аввалин курбонӣ худи ӯ хоҳад шуд. Локин пас аз сар задани балво барои пахш кардани он ҳаракате накард, балки барои ҷалби таваҷҷӯҳи аксулҳаракатчиён ба тарафи худ, ба хаёли мустаҳкам кардани мавкеи худ афтода, ҳар кадар метавонист, ба балво ёрӣ дод. Чунончи, козикалон Шарифҷон-махдум рӯзи шанбе, пагоҳӣ хабари дар байни халқ иғво паҳн карда гаштани ду муллоро шунида, бо телефон аз кушбегӣ «Иғвогаронро дастгир кунам?» гуфта пурсид. Қушбегӣ «Кордор набошед» гуфта ҷавоб дод. Ӯ баръакс ҳар як аксулҳаракатчиро ба эҳтироми зиёд кабул карда, ҳар талабашонро иҷро мекард, ҳар касро зан гӯянд, мезад,

## Оғози аксулҳаракат

Рӯзи шанбе, дар соати ҳашту ним Қорӣ Ибод дар хонақоҳи Девонбегӣ ва роҳбарони дигари аксулҳаракат дар ҷоҳои дигар ба гарданашон фӯта андохта, бо нидоҳои зерин халқро меошӯбониданд: «Во шариато, во дино! Во Қуръоно! Эй мусулмонҳо, дин аз даст рафт, шариат тамом шуд, акнун рӯи занҳоятонро мекушоянд, ба номуси духтаронатон таҷовуз мекунанд, фарзандонатонро дар мактаби кофирӣ мехононанд... Эй аҳли имон, барои ҳифзи дин, имон ва шариат ғайрат кунед, ба ғазо ҳозир шавед!.. Ҷадидҳо байроқ бардошта баромаданд. Ҷаноби олиро бекор мекунанд. Баъд ҳарчи хоҳанд, дар ҳаққи мусулмонон мекунанд. Ҳозир фаранҷии занон ва духтарони дар сари роҳашон вохӯрдагиро гирифта партофта истодаанд».

Як нафар аз байни халқ гуфт: «Ман бо чашми худам дидам, дар Хиёбон фаранҷии занеро гирифта партофтанд, дар замони ҳуррият ин хел чизҳо даркор нест, гуфтанд».

Дигаре мегуфт: «Ана, агар ман дурӯғ гӯям, ин мусулмон дурӯғ намегӯяд. Он чи ин бо чашми худ дидааст, бо гӯши худатон шунавед!..».

Дар муддати 15 дақиқа дар атрофи хонақоҳи Девонбегӣ наздик ба ҳазор нафар мулло ва мардуми дигар ҷамъ шуданд. Ин гурӯҳ ба бозор даромада, бо дӯғу таҳдид саройҳо ва дӯконҳоро бандонданд. Издиҳом то рафт зиёд мешуд.

Амир он рӯз дар ҳавлии Мирзои Хурд буд, ки «Ҳавлии поён» меномиданд. Балвогарон рост ба он ҳавлӣ рафтанд. Маҳрам ва худайчиёни амир инҳоро бо хушӣ қабул карда, саломи амирро расониданд ва ба сардорони издиҳом таълимоти лозимаро дода, ба Регистон, ба назди кушбегӣ фиристоданд.

Баъди ба Регистон омадан қисми муҳими балвогарон бе ҳеҷ мамониат ба назди қушбегӣ баромада, ҳабс ва қатли ҷадидонро аз вай талаб карданд. Қушбегӣ инҳоро бо хушӣ қабул карда, ба ҳосил шудани ҳамаи талабҳошон ваъда дод.

Дар чанд ҷои Регистон курсиҳо гузошта шуда буд. Сардорони номҳошон зикршудаи фитна ба болои курсиҳо баромада, ба мазмуни болоӣ нутқ гуфта, халқро ба ҳаяҷон меоварданд.

## Аҳволи вакилони ҷавонон

Чунонки дар боло гуфтем, се нафар аз ҷавонон — Абдураҳимхон, Атохоҷа ва ҳоҷӣ Мирбобо барои пурсидани дастаи мусикӣ вакил шуда ба назди қушбегӣ рафта буданд. Вакти ба назди қушбегӣ омадани инҳо ҳанӯз балво қувват нагирифта, фақат Ибодулло-махдум ва Ҷунбул-махдум барин якчанд аксулхаракатчиён дар назди қушбегӣ нишаста буданд. Лекин хабари шиддат ёфтани фитна соат ба соат ба қушбегӣ мерасид. Дар ҳамин ҳангом ин се нафар омаданд. Қушбегӣ номи онҳо ва фуқарои кӣ буданашонро пурсид. Атохоҷа ва Абдураҳимхон худро раийяи Русия номиданд, аммо хоҷӣ Мирбобо «Ман раийяти Бухоро» гуфта ҷавоб дод. Қушбегӣ ҳар сеи онҳоро дар як хона ҳабс карда, пас аз як соат, дар айни авҷи балво хоҷӣ Мирбоборо 75 чӯб занонда, ба маҳбаси обхона андохт. Абдураҳимхон ва Атохоҷа дар ҷои пештараашон монданд.

Дар вакти балво қушбегӣ аз элчихонаи рус чунин таълимоте гирифта буд: «Ба фуқарои худ чӣ хел ҷазо медода бошед, хукумати Русия ба кори шумо мудохила намекунад. Агар аз раийяти рус ба касе осебе расад, ба мудохилаи хукумати рус роҳ кушода мешавад». Барои ҳамин буд, ки қушбегӣ фуқарои кӣ будани онҳоро пурсид ва Хоҷӣ Мирбоборо, ки ба раийяти бадбахти Бухоро буданаш икрор шуда буд, 75 чӯб занонда, ба зиндон андохт.

## Назари амир ва қушбегӣ ба балво

Қушбегӣ аз балво сахт метарсид ва ба хубӣ медонист, ки агар балво бархезад, аввалин қурбонӣ худи ӯ хоҳад шуд. Локин пас аз сар задани балво барои пахш кардани он ҳаракате накард, балки барои ҷалби таваҷҷӯҳи аксулҳаракатчиён ба тарафи худ, ба хаёли мустаҳкам кардани мавқеи худ афтода, ҳар қадар метавонист, ба балво ёрӣ дод. Чунончи, қозикалон Шарифҷон-махдум рӯзи шанбе, пагоҳӣ хабари дар байни халқ иғво паҳн карда гаштани ду муллоро шунида, бо телефон аз қушбегӣ «Иғвогаронро дастгир кунам?» гуфта пурсид. Қушбегӣ «Кордор набошед» гуфта ҷавоб дод. Ӯ баръакс ҳар як аксулҳаракатчиро ба эҳтироми зиёд қабул карда, ҳар талабашонро иҷро мекард, ҳар касро зан гӯянд, мезад,

ҳабс кун, гӯянд, ҳабс мекард ва ба ҳамин восита ба аксулҳаракат рӯҳи тоза медод.

Амир бошад дар фикри ҳар чӣ зудтар гардонда гирифтани он фармони манҳус буд. Ӯ аз тарафи ҳукумати муваққатӣ хотирҷамъ шуда, фармониислоҳот бароварда, дар назди афкори умумӣ низ вазифаи худро ба ҷо оварда буд. Ба амир барои пас гирифтани ин фармон баҳонае лозим буд. Ин балво баҳонаи муносиби худододе буд. Азбаски аксулҳаракат ба сабаби намоиши ҷавонон сар шудааст, тамоми масъулият ба ҷавонҳо меафтод. Ин ҳам аз омади толеи амир буд. Барои ҳамин, амир бо сар шудани балво ба ҳабс кардани ҷавонон фармони умумӣ дод. Чунончи, Маҳмуди Араб рӯзи шанбе, дар аснои нав сар задани балво, дар роҳ, бо яке аз маҳрамони амир вохӯрдааст. Ин маҳрам ба сабаби бо чанде аз ҷавонон ошно буданаш, ба Маҳмуди Араб (ки ин ҳам бо ҷавонон дӯстӣ дошт) гуфтааст: «Амир ба ҳабс кардани ҷадидҳо фармон дод. Аз ҷадидҳо ба дӯстони худ ва ба ошноёни ман хабар диҳед, гурезанд».

Хулосаи калом, аз ҷадидҳо ва аз одамони дар ҷадидӣ шубҳа карда шуда ҳар кӣ ба даст афтода бошад, ҳабс шуд.

Намоишгароне, ки дар Хиёбон таваққуф карда буданд, хабари балворо шунида, роҳи гурезро пеш гирифтанд, зеро аксари ба зери байрақ ҷамъшудагон тамошобинони ҳаваскор буданд. Табиӣ, баъди сар шудани балво ба онҳо хонаи худашон аз зери байроқ амну осудатар буд. Як қисми намоишгарон, ба фикри ҳифзи ҷони худ афтода, ба балвогарон ҳамроҳ шуда, фарьёди «во шариато!» бардоштанд.

Дар ин вақт ба ҷавонон ва инқилобиёни ҳақиқӣ ду роҳ монда буд: яке бо аксулҳаракатчиён рӯ ба рӯ истода ҷангидан, дуввум, гурехта худро аз ин маҳлака халос кардан. Роҳи аввал хеле таҳлукадор ва масъулиятнок буд, зеро шумораи ҷавонон кам буда, яроқи даркорӣ ҳам надоштанд. Дар ин вазъият агар ба ҷанг бо аксулҳаракат бароянд, рехтани хуни бегуноҳи зиёде яқин буд. Аксулҳаракатчиён зиёд ва аксари онҳо нодонҳои фиребхӯрда буданд. Сардорони фитна ҳаргиз худро ба таҳлука намеандохтанд, дар натиҷа чанд нодони фиребхӯрда ҳалок ва ҷавонон тамоман нобуд шуда, масъулият боз ба сари ҷавонон меафтод.

Бинобар ин, ҷавонон роҳи дуюмро пеш гирифтанд, фурсатро аз даст надода, аз майдон гурехтанд. Аксари онҳо ба Қогон, ки дар тахти идораи Русия буд, рафтанд.

## Аҳволи раис Абдусамадхоҷа

Имрӯз сардорони фитна дар пеши чашми қушбегӣ раис Абдусамадхоҷаро зада, маъиб карданд. Қушбегӣ ӯро мудофиа намуда, бекор карда шуданашро ба фитнагарон эълон намуд.

Чунонки дар яке аз фаслҳои боло гуфта будем, тахмини шаш сол пеш кардаи Абдусамадхоҷа ва ҳисси қаблазвуқӯи вай, ки чанд рӯз пеш аз эълони фармон ба ман ёдрас карда буд, расо дар рӯзи понздаҳум ба сараш омад.

## Шаби рӯзи шанбе

Балвогарон пас аз он ки имрӯз вазифаи худро хеле хуб ба ҷо оварданд, яъне тамоми халқро тарсонида, оташи фитнаро барафрӯхтанд, ба қарибии вақти ғуруб, бо талаби ҳукумат аз байни худ — иборат аз Мулло Холмуроди муфтӣ, Ибодулло-махдум, Қутбиддин, Музаффархоҷа ва Шафқатуллохоҷа, панҷ нафарро вакил интихоб намуда, кори аксулҳаракатро расман ба ин панҷ супорида, пароканда шуданд.

Имшаб аз ин вакилон Қутбиддин, Ибодулло-махдум ва Мирзо Холмурод ривояте навишта аз муфтиҳо мӯҳр кунонда гирифтанд. Мазмуни ривоят аз ҳамин иборат буд: «Онҳое, ки байроқ бардошта, ислоҳот талаб карда, ба амир муқобил баромаданд, осӣ ва ёғӣ мебошанд. Хуни онҳо ҳалол ва молашон мубоҳ аст».

Аҷаб муҳокима, аҷаб мантиқ!

Амир дар бораи ислоҳот расман фармон баровард. Ин фармон махфӣ не, балки дар назди намояндагони халқ, дар ҳузури худи амир, аз забони худи ӯ эълон шуд. Ба муносибати ин фармон ҷавонҳо шодмонӣ изҳор намуда, ба амир ташаккур арз кардани шуданд. Як қисми мардум ин фармонро намехоҳем, гуфтанд, яъне аз амр ва фармони амир сарпечӣ карданд, ки сардори онҳо нависандагони ҳамин ривоят мебошанд. Агар дар воқеъ амир Олим подшоҳи машрӯъ ва итоат ба амри вай воҷиб бошад, ҷавононе, ки ба фармон ташаккур изҳор кардан мехостанд, ёғӣ ва саркаш ба шумор мераванд ё аксулҳаракатчиёне, ки «эй, амир, ту фармон баровардa, кори номаъқул кардӣ, мо ба амру фармони ту итоат намекунем. Фармонатро пас бигир!» мегӯянд, ёғӣ ва саркашанд?..!

Локин хоиноне, ки шариат ва диёнатро фаромӯш карда буданд, ин фатворо навиштанд, муфтиҳое, ки барои мансаб дину

имони худро фурӯхтаанд, ба он мӯҳр пахш карданд, амири мустабид, хоин ва золим ва амалдорони вай, ки муллоҳои шариатфурӯшро барои чунин рӯзе парвариш мекарданд, ба он фатво амал намуданд.

Имшаб аз тарафи ҳукумат рӯйхате тартиб дода шуд, ки ба он номҳои ҷавонон қайд шуда буд. Дар бораи дастгир кардан ва ҷазо додан ба одамони дар рӯйхат зикршуда фармоне низ тайёр шуд.

Имшаб Мирзо Муҳиддин ва Файзуллоҳоҷа барин тараққипарварони машҳур оилаҳои худро низ ба Қогон кӯчониданд.

## Рӯзи якшанбе, аввали моҳи раҷаб — 9 апрель

*(Фоҷиаҳое, ки аз сари худам гузаштанд)*

Ба эътиқоди ман, агар намоиш шавад, сар бардоштани аксулҳаракат яқин буд. Зотан, ман аз ҷумлаи касоне будам, ки ба ин фармони ислоҳот бо чашми умед наменигаристанд. Фақат гумон мекардам, ки агар намоиш барпо шавад, аксулҳаракат фавран сар мебардорад ва толеи фармони ислоҳот ҳал мешавад; агар намоиш нашавад, баъдтар бо ягон баҳона ин фармон ҳам ба қатори фармони ҷулус гузашта меравад. Бинобар ин барои ин ки масъулият ба гардани ҷавонон бор карда нашавад, ба қадре, ки аз дастам меомад, ба намоиш мамониат кардам.

Рӯзи шанбе, баъд аз мунокиша дар дохили магазини Баракат ва дидани издиҳоме, ки дар атрофи он ҷамъ шуда буд, ба ҳуҷраам рафта, нишастам ва ба мазмуни «Албатта намоиш гузаронида нашавад» мактубе навишта, ба воситаи яке аз ҷавонон ба магазин фиристодам ва ба он кас таъкид кардам, ки агар ҷавонҳо намоиш карданӣ шуда, байроқ бардошта бароянд, фавран ба ман хабар диҳад.

Мақсадам аз ин таъкид, агар намоиш сар шавад, фурсатро аз даст надода, аз шаҳр баромада гурехтан буд. Барои ин либос ва асбоби сафарамро баста, тайёр карда мондам.

Дар соатҳои 9 аз кӯча овозҳои изтиробомез шунида шуд, ин садоҳо то рафт зиёд шудан гирифт. Аз дохили мадраса низ садоҳои ҷанҷол ва ғавғо шунида мешуд.

Ниҳоят дар соатҳои 10 тирезаи ҳуҷра аз кӯча тақ-тақ шуд. Ин ҷавоне буд, ки мактубамро ба магазин бурда буд.

— Намоиш карданд. Ҷанҷол ҳам бархост, — гуфт.

— Чаро дар вақташ хабар надодӣ?

— Саргарм шуда, бо намоишгарон то Хиёбон рафтам. Баъд аз шунидани хабари балво баргаштам.

Дигар кор аз кор гузашта ва роҳи гурез ба ман баста шуда буд. Истиқоматгоҳам мадрасаи Кӯкалтош ва ин мадраса яке аз ҷавлонгоҳҳои бузурги аксулҳаракатчиён буд. Агар дар ин дам аз мадраса бароям, ба дасти фитнагароне, ки дар он ҷо буданд, дучор шуданам ҳатмӣ буд. Бинобар ин дохили ҳуҷраамро аз хориҷи он амниятноктар шуморидам. Медонистам, ки бошандагони мадрасаи Кӯкалтош ба ҳуҷраам ҳуҷум намекунанд ва ба ҳуҷумкунандагон аз берун низ имкон намедиҳанд.

Имрӯз умрам чун маҳбус дар ҳуҷра гузашт. Фақат ба воситаи Қосим-махдум ва Маҳмуди Араб аз ҳар рӯйдод огоҳ будам. Хусусан Маҳмуди Араб барои ёфта овардани хабарҳои ҳақиқӣ ва ростин ба гарданаш фӯта андохта, ба аксулҳаракатчиён ҳамроҳ шуда, ҳар хабареро дар вақташ ба ман расонида меистод.

Шаб буд. Ба тадоруки гурехтан афтодам. Аз ҳуҷраам баромада, ба хонаи яке аз дӯстонам, ки дар наздикии мадраса буд, рафтам. Маълумам шуд, ки ҳукумат ба ҳабс кардани ман қарор додааст. Пагоҳ маро кофтанашон муқаррар аст. Виҷдонам қабул накард, ки дар ин вазъият дар хонаи каси дигаре монда, барои халосии худам ба поймоли одамони золими ҳукумат гардидани оилаи каси дигаре сабаб шавам. Ба илтимоси соҳиби хона нигоҳ накарда, ба ҳуҷраам баргаштам. Аз шаҳр баромада рафтанро ҳам мулоҳиза кардам, аммо аз рӯи хабарҳо ба дарвозаи шаҳр посдорҳо монда, барои дастгир кардани ҷавонон одамони махсус таъйин шуда буданд. Ҳар қадар тағйири либос карда бошам ҳам, маро нашинохтанашон мумкин набуд. Дар ин вазъият чун хиёнаткор ва гуреза ба даст афтоданро муносиб надидам. Бинобар ин бо як таваккали маъюсонае дар ҳуҷраам мондам.

## Тавқиф

Дар сапедадам хеста, самовор монда, чой дам кардам. Як-ду пиёла чой хӯрда будам, ки аз дохили мадраса садои пои тахминан сад нафар шунида шуд, ки ба тарафи ҳуҷраам меомаданд. Зуд бархоста дари ҳуҷраро аз дарун маҳкам кардам, зеро ин ҳуҷумоваронро балвогарон гумон кардам. Ба

инҳо рӯйрост таслим шудан ба ғайр аз муфт нобуд кардани худ чизи дигар набуд.

Дар бо шиддат кӯфта шуд. Табиӣ, ҷавоб надодам. Дар ҳамсоягии ҳуҷраам як ҳоҷии намангонӣ буд. Гоҳо бо ман музокираҳои илмӣ мекард. Аз зоҳири ҳолаш одами неки безараре гумон карда будам, фақат имрӯз фаҳмидам, ки мори заҳрдор ва шайтони дурӯғгӯе будааст. Ба ҳуҷумкунандагон гуфт; «Ин шаб дар ин ҳуҷра бисьёр ҷавонҳо ҷамъ шуда, маслиҳат карданд. Ҳозир ин одам дар ҳуҷрааш». Ҳол он ки ба ҳуҷраам касе наомада буд. Дар байни асру шом фақат Маҳмуди Араб омад. Намози шомро ҳамроҳ хондем ва ӯ рафт.

Дар ин дам аз тарафи кӯча ҳам дар зери тиреза одами зиёде ҷамъ шуда буд. Яке аз ҳуҷумкунандагон ба тиреза часпида, ба дарун нигоҳ карда, маро дид ва дарҳол тирезаро шикаст. Хеста нигоҳ кардам: се нафар одами қушбегӣ, дар дасташон тапонча ва дар миёнашон шоф ва дар паси онҳо қариб сад нафар тамошобин. Яке аз одамони қушбегиро шахсан мешинохтам, номаш Аминҷон-қаровулбегӣ, аз одамони шайхулисломи собиқ қозӣ Бақохоҷа буд. Баъди вафоти қозии мазкур ба қатори одамони қушбегӣ даромада буд. Одами қушбегӣ будани ду нафари дигар низ бароям маълум буд, аммо ном ва унвонашонро намедонистам.

Одамони қушбегӣ бо алфози хеле қабеҳ маро дашном медоданд.

Дар ин дам ба ман надомате рӯй дод. Дар тамоми умрам яроқе истеъмол накарда будам, табиӣ, бо худ яроқе ҳам нигоҳ намедоштам. Ҳоло ба худ надомат мекардам, агар яроқ медоштам, худамро мисли гӯсфанд ба дасти ин қассобони золим насупорида, аз даруни ҳуҷра истода, як-ду нафари инҳоро ба дӯзах фиристода, худам ҳам нобуд мешудам ва бо ин қадар таҳқир зинда ба дасти инҳо намеафтодам.

Ин забонаҳои дӯзах ба таслим шудан ҳам фурсат надоданд. Вакте ки аз тиреза ба поён фаромадан мехостам, яке аз онҳо аз гиребонам гирифта ба поён кашид. Аз тирезае, ки ба қадри як қади одам баландӣ дошт, ба замини кӯча афтодам. Одамони қушбегӣ бо даст ва мӯзаҳошон ба сар ва пойҳоям чанд мушт ва лагад зада, аз ҷо хезонданд. Ба пеши мадраса оварда, ба фойтуне, ки тайёр карда буданд, шинонданд. Дар роҳ аз тамошобинон касе ба ман ҳуҷум накард. Фақат ҷиян ва чанд шогирди Мулло Холмурод пеш давида, як-ду мушт ба сарам заданд.

Асли фоҷиа пас аз ба фойтун савор шудан сар шуд. Ода-

мони қушбегӣ бо суханони қабеҳ дашном дода, ба навбат ба рӯй, чашм, ба сар ва гарданам мушт мезананд. Бо зарби ин муштҳо аз димоғам фаввора зада хун ҷорӣ шуд. Табиӣ, ҷомаи алобайдоғи Аминҷон-қаровулбегӣ, ки дар рӯ ба рӯям менишаст, хунолуд шуд. Ин хунхор «ҷомаамро чаро хунолуд кардӣ» гуфта, боз бо шиддат задан гирифт.

Суханоне, ки одамони қушбегӣ мегуфтанд, тақрибан ба ин мазмун буд: «Аз худо чӣ бадӣ дида будӣ? Чаро аз итоат ба ҷаноби олӣ гардан тофтӣ? Кофир! Муртад! Ҳукми куши ту навишта шудааст!..»

Табиӣ, ман чизе намегуфтам. Ба гап задан маҷол ва мадор ҳам надоштам.

## Дар арк

Ба ҳамин аҳвол маро ба Регистон оварда, аз фойтун фаровcovarданд. Дар Регистон бомҳои мадраса ва масҷидҳои атроф ҳама пур аз одам буда, ҳазорон тамошобин фарьёду ғулғула мекарданд. Дар миёна нотиқони зархарид «во шариато!» гӯён ба нутқгӯӣ овора буданд. Барои адои вазифаи посбонӣ як гурӯҳ сарбози пиёда ҳам ҳозир буд. Сарбозҳо роҳ кушода, моро то дарвозаи арк баровcovarданд. Дар дохили дарвоза, дар ду тарафи роҳ сипоҳиёни хунхор миён баста, ду даст пеши бар меистоданд.

Ҳар як аз сипоҳиён (шояд барои савоб бошад) муште ба сарам мекӯфт. Вақте ки рӯ ба рӯи масҷиди ҷомеъ расидем, аз аспхонаи дасти рост бародари зинбардори амир Ҳоҷӣ Латиф-девонбегӣ — Қали Султон ном як деви одамхӯр тохта баромада, ба сарам як мушт кӯфт. Бо зарби ин мушт ду чашмамро оби сиёҳ пахш карду аз ҳуш рафтам. Як вақт чашмамро кушода дидам, ки рӯ ба рӯи Насрулло-қушбегӣ нишастаам. Қушбегӣ маро дашном медод.

— Ман худамро гунаҳгор намешуморам. Агар байроқ бардоштан гуноҳ бошад, ман дар он ҳам иштирок накардаам, — гуфтам.

Аз одамони қушбегӣ Аминхон-қаровулбегӣ гуфт:

— Ман дирӯз дида будам. Ин кас дар таги байроқ истода буд.

Ба қушбегӣ рӯ оварда гуфтам:

— Ба ҳар ҷазо ҳозирам, лекин нанги дурӯғгӯиро бардошта наметавонам. Бинобар ин ҳозирам қасам ёд кунам, ки дар таги байроқ набудам.

Қушбегӣ:

— Дар зери байроқ набошӣ ҳам, одами баде ҳастӣ. Туро арвоҳи Хоҷасадпирӣ задааст (Садпирӣ номи бобокалони ман буд), — гуфт ва ба одамонаш фармуд: — Инро бурда, ба тӯпчибошӣ супоред. Ин ва Мирзо Абдулвоҳид аз мамлакат ихроҷ мешаванд.

Бо ҳамин маросими истинтоқ тамом шуд. Маро хезонда, аз ҳавлӣ баровարданд. Дар роҳрави кушбегӣ аз рӯ ба рӯямон Тӯрақули худайчӣ баромад ва ба одамони қушбегӣ: «Зада, зада баред!» гуфта фармон дод. Одамони қушбегӣ, ки дар ин хизмат кусур надоштанд, баъди ин амр боз шиддатноктар заданд.

Ба ҳамин ҳол маро ба назди «обхона» ном зиндон оварданд. Бандибон дарро кушод. Вақте ки муовинони вай аз дастам гирифта ба дарун даровардан мехостанд, яке аз одамони қушбегӣ, ки маро оварда буд, аъзои таносуламро гирифта сахт тоб дод. Аз шиддати дард қариб беҳуш шудам. Аз ин фаҳмидам, ки одамони қушбегӣ ба таври хоинонае ба куштани ман қарор додаанд.

Дар дохили обхона бандибонҳо тамоми либосамро кашида гирифтанд. Дар танам фақат як куртаву эзори хунолуд монд. Як маблағ пул доштам, онро ҳам гирифтанд. Фақат зорӣ карда, як миқдорашро барои хароҷот гуфта, нигоҳ доштам.

Дар натиҷаи аламҳое, ки ду соат боз мекашидам, бо зарби чӯб ва шаттаҳое, ки зада буданд, маро сахт вараҷа гирифта буд. Хона хеле рутубатнок ва хунук, дар танам ғайр аз як қабат куртаи хунолуд чизе не, сарам аз чанд ҷой кафида, гарданам варам карда, тамоми баданам зарб хӯрда, мисли талоқ сип-сиёҳ ва кӯфта шуда буд.

Маҳбусон ин аҳволамро дида, тараҳҳум карданд. Ҷои нишасти худро ба ман дода, ҷомаҳошонро кашида ба ман пӯшонданд ва таъкид карданд, ки агар зиндонбон биёяд, ин ҷомаҳоро зуд аз танам барорам, вагарна ҳам мо ва ҳам худи шуморо ҷазо медиҳанд.

## Обхона

Вақте ки аз дарвозаи арки Бухоро даромада, ба тарафи масҷиди ҷомеъ равона мешавед, дар тарафи дасти чап чанд хонача ҳаст, ки онҳоро «обхона» меноманд.

Дари ин хонаҳо аз дохили арк буда, ба андозаи як олчини

мураббаъ аст. Ин дарҳо ҳамеша баста ва қулф мебошанд, дар сурате, ки ягона роҳи ҳаво ва зиё ба ин хонаҳо ҳамин дарича-ҳост. Дар сақфи ин хонаҳо як сӯрохии хурдакак бошад ҳам, аз он ба қадри даркорӣ ҳаво ва рӯшноӣ намедарояд.

Вусъати ин хонаҳо 3—4 метри мураббаъ буда, ба даруна-шон ба дараҷае бандӣ пур мекунанд, ки онҳо болои ҳам қарор мегиранд.

Палоси хона аз як бӯрьёи кӯҳнаи дарида иборат буд. Як чуқурӣ дар гӯша хизмати халоҷо (мабраз)-ро адо мекард. Аз-баски халоҷоро ҳафтае як бор тоза мекарданд, оби мурдор ба дараҷаи ҷорӣ шудан расида, ба таҳи бандиҳо мешорид. Дар паҳлӯи ин чуқурӣ чуқурии дигаре буд, ки дар он ҷо бандиҳо дасту рӯ мешустанд. Як офтобаи шикаста, як мундӣ ва як чи-лим асбоби зинати ин хона ба шумор мерафтанд.

Дохили хона торик ва мартуб буда, аз деворҳо ҳар гуна ҳа-шарот хазида мебаромад. Азбаски дар болои ин хоначаҳо асп-хонаи подшоҳӣ ҷой дошт, аз сақф низ ҳар гуна мурдориҳо ча-кида меистод.

Бандиёни ин хонаҳо 5—10 сол боз мехобиданд, либосҳошон даридаву пӯсида, баданҳошонро чирк ва шабуш пахш карда буд. Фақат инсон рафта-рафта ба ҳар ҳолу ба ҳар чиз унсу ул-фат пайдо мекардааст. Бандиҳои ин ҷо, агар шабуш дар рӯй ва пешонаашон гардад ҳам, осори озор нишон намедоданд, фа-қат вақте ки шабуш ба даҳан ё чашмашон даромаданӣ шуд, онро оҳиста гирифта, ба як сӯ мепартофтанд.

Қасе, ки дар берун, дар ҳавои тоза мегардад, агар ба их-тиёри худ омада рост ба яке аз ин хонаҳо дарояд, дар 15 да-қиқа нафасаш танг шуда, ба дараҷаи мурдан расиданаш яқин аст.

Лекин бечорагоне, ки ба дасти сипоҳиёни золим, хунхор, мурдору нопок афтода, аз дасти одамони чун гург, шағол, хирс ва хуки қушбегӣ азияту озор дидаанд, баъд аз даромадан ба ин хонаҳо, одатан худро дар ҷои орому осудае гумон карда, му-ваққатан ҳам бошад, барои халос шуданашон аз чанголи дев-ҳои хунхор бахтьёр мешумурданд. Хусусан аз бандиёни дер боз дар ин ҷо хобидагӣ шафқату марҳамат дида, ба ҳанӯз тамоман барҳам нахӯрдани расми одамгарӣ имон оварда, як қадар та-салло меёфтанд. Дар сояи ана ҳамин рӯҳбаландӣ фалокат ва фасоди ин хона чандон таъсир намекард.

Хонаи ҳабси ман яке аз ин обхонаҳо буда, тахминан чор олчини мураббаъ масоҳат дошт. Дар ин хона қариб сӣ нафар бандӣ буда, аксар дер боз дар ин ҷо хобида, яке ҳатто ҳафт

сол боз дар ин хона маҳбус буд. Чашми ҳамин одам ду сол боз кӯр шуда, тамоми эҳтиёҷоти худро ба воситаи бандиёни дигар ба ҷо меовард.

Гуноҳи бандиёни ин хона, бино бар гуфти худашон, гуногун буда, вале ба эътибори ҳақиқат бештар як гуноҳ буд. Масалан, ба амлокдор итоат накарда, ба миршаб ришва дода натавониста, ба ғасб шудани зан ё духтараш аз тарафи ҳоким муқобилат карда, ё ин ки ҳоким дар бадали ришва гунаҳгори ҳақиқиро раҳо карда, барои фиреби назари мардум ин бечораро дастгир карда, ба зиндон фиристодааст. Чунончи сабаби ҳабси як туркмани Қаркиро пурсидам, гуфт:

— Ҳамсояи давлатманде доштам. Як рӯз камонашро гум карда, аз ман бадгумон шуда ба ҳоким шикоят кард. Ҳоким одам фиристода маро бурда ҳабс кард. Агар пул медоштам, дар чанд рӯз халос мешудам, лекин аз фақирӣ чанд моҳ хобидам. Рӯзе ясавулбошии ҳоким омада гуфт: «Ба хешу таборат хабар деҳ, пул оварда, туро ба кафолат гиранд, вагарна туро ба Бухоро мефиристонем. Ман пул ёфта натавонистанамро гуфтам. Ин аст, ки маро ба ин ҷо оварданд. Панҷ сол аст, ки дар ин хона хобидаам. Ясавулбошии қушбегӣ Бобобек чанд бор: «Пул ёб, туро озод мекунем», гуфт. Ман ҳеҷ чиз надоштанамро гуфтам. Панҷ моҳ пеш ҳамсоям, ки камон гум карда буд, нону чизу чора бардошта, ба диданам омад. «Дар ҳаққи ту ҷабр шуд. Ман милтиқро аз каси дигар ёфтам, маро бубахш», гуфта гирья кард.

Ин мард воқеаро ба қушбегӣ арз карда қушбегӣ ба Бобобеки ясавул ҳавола намудааст. Ясавулбошӣ ҷавоб додааст, ки «То пули хароҷоти панҷсолаашро надиҳад, халос намешавад».

Яке аз маҳбусон вакили ҷавонон ҳоҷӣ Мирбобо, буд, ки дирӯз 75 чӯб зада буданд. Боз чанд нафари бо тӯҳмати ҷадидӣ ҳабсшуда низ буданд. Фақат инҳо ба фирқаи ҷавонон дахле надошта, бо шубҳа ё аз тарафи одамони қушбегӣ барои пул рӯёндан ҳабс шуда буданд.

## Бандиҳои нав

Ногаҳон дари хонаи мо бо шиддат кушода шуд ва ба дарун ҷавонбачаеро партофтанд. Ин ҷавони 14—15-сола Абдурасул ном бачае буд, ки барои хондан ба Истанбул рафта буд. Золимон бачаи бечораро чунон зада буданд, ки маҷол ва мадо-

ри гап задан надошт. Ба як гӯшаш мехе фурӯ бурда буданд, ки аз он қатра-қатра хун мечакид.

Боз пас аз фурсате дар кушода шуда, мардеро ба дарун такон дода даровարданд. Ин Мирзо Назрулло буд, ки пероҳанаш пора-пора шуда, аз чоҳои даридаи пероҳан бадани хунолуди чокаш менамуд. Бандиёни шафқаткор ба ин мазлумон тасалло дода, мадади худро дареғ намедоштанд.

Аз хонаи паҳлӯ садои гирья шунида шуд. Ин садо аз сӯрохи хурде меомад, ки бандиён барои гуфтугӯ бо ҳамдигар кушода буданд. Ба сӯрох наздик рафта нигоҳ кардам, даҳ-понздаҳ нафар бечорагони бо тӯҳмати ҷадидӣ ҳабсшударо дидам. Аз ҷумла Абдулвоҳид ном соатсоз буд, ки Мирзо Абдулвоҳид гумон карда, оварда буданд. Ду нафари дигар Мирзо Аҳмад ва Мирзо Абулфаёз ном котибони худи қушбегӣ буданд.

Мирзо Аҳмадро вақти ба сари кор омаданаш ҳабс кардаанд, аммо Мирзо Абулфаёзро қушбегӣ одами махсус фиристода оваронда гуфтааст:

— Магар ту муфаттиш ва нозири хазинаҳои ҷаноби олӣ ҳастӣ?—ва ба одамони худ рӯ оварда,—занед, ин кӯрнамакро.— гуфта амр додааст.

Маҳбусони дигари ин хонаро шинохта натавонистам.

## 75 чӯб

Тахминан соатҳои даҳ буд. Дари обхона якбора бо шиддат кушода шуд. Аз бандибонон ду нафар дар дами дар истода ман ва Мирзо Назруллоро ном гирифта, ҷеғ заданд. Мирзо Назрулло қадре худро ба нодонӣ зада истода бошад ҳам, ман дигар фоида надоштани ин гуна пинҳон шуданро фаҳмида, фавран таслим шудам.

Вақте ки бандибон маро аз обхона мебаровард, Султонхоҷаи фаррошбошӣ писари хурдии ҳафт-ҳаштсолаи Насруллоқушбегиро бардошта истода буд. Ин бача бо талқиноти падару модар ва тарбиятгаронаш, шояд барои савоб ёфтан бошад, ба сари маҷрӯҳам як мушт зад. Ин мушт бинобар бо дасти хурде зада шуданаш зоҳиран таъсире надошта бошад ҳам, ба муқобили мо бо зану фарзандонашон омода гардидани арбоби ҳукуматро дида, бо як ҳисси пуршиддати нафрат мутаассир гардидам.

Аз долони дарвозаи арк то болои тахтапул дар ду тараф амалдорони калон, маҳрамони амир, шогирдпешаҳои қушбегӣ

дар ҷомаҳои алабайдоқ саропо ороста бо тилову нуқраву шоҳӣ, дар миёнашон камарҳои тилло ва нуқра ё фӯтаҳои сафед, ду даст ба бар меистоданд. Насрулло-қушбегӣ болои остонаи дарвозаи арк, дар бараш ҷомаи кундал, дар миёнаш фӯтаи шол меистод. Вақте ки маро рӯ ба рӯи қушбегӣ оварданд, вай ба ман бо ғазаб нигоҳе карда, баъд ба халқ рӯ оварда: «Ин одам Айнӣ-мӣ?», гуфта пурсид. Табиӣ, сипоҳиёне, ки дар он ҷо меистоданд, «Ҳо, Айнӣ!» гуфтанд. Фақат аз маҳрамони амир як дӯстам, дар чунин лаҳзаи таҳлукадор барои изҳори ҳиссиёти инсонпарваронаи худ «Не, ин Айнӣ нест!» гуфт.

Чунин ҷасорати ин одам ба ман нафъе надошт, вале ба худи ӯ зарари калоне расониданаш аз эҳтимол дур набуд. Бо вуҷуди ин ин шахс дар чунин як вакти таҳлукадор ва пурмусибати ман, балки дар нафаси вопасинам дӯстии худро ба ман изҳор кард. Бинобар ин номи ин мардро бо миннатдорӣ ва ташаккур ёд намуда, ба воситаи ин дафтар бо ифтихори тамом ба олами инсоният тақдим мекунам.

Ин мард Тоҳирҷони ҳалвогар буд, ки маҷбуран ба хизмати амир гирифта буданд.

Қушбегӣ вақте ки бо ғазаб ба ман нигоҳ мекард, ман ҳам ба рӯи ӯ менигаристам. Эҳтимол, ин нигоҳи ман дар он дам ба вай таъсире накарда бошад, локин аминам, ки он нигоҳи маъсумона, мутаҳассирона, додхоҳона ва маънидорам то дами марг аз пеши назараш нахоҳад рафт, он ҳолати мазлумона ва маҷрӯҳонаам ҳамеша чун як ҳайкали муҷассам ба назараш намуда, виҷдонашро муаззаб намуда, ӯро ҳар рӯз сад бор хоҳад кушт.

Тӯрақули худайчӣ, Бобобеки ясавулбошӣ, Ибодулло-махдум ва боз чанд сипоҳии золим ва муллоҳои шариатфурӯш дар як вазъияти золимонае дар ду тарафи қушбегӣ меистоданд. Аз нисфи тахтапул гирифта, то болои ҳавз ҳама ҷо, ҳатто бомҳо аз тамошобин пур буд.

Бо як ишорати қушбегӣ марди девсирате маро ба пушташ бардошт, марди дигаре ду дастамро аз гардани вай гузаронда, тобида нигоҳ дошт. Боз як нафари дигар ду поямро аз ду рони одами маро бардоштагӣ гузаронда, ба пеш кашида, маҳкам нигоҳ дошт. Боз як нафари дигар пуштамро кушода, пероҳанамро печонида, ба гарданам оварда монд.

Дар ин вақт чашмам ба Ибодулло-махдум афтид. Ӯ гуфт: «Дидӣ, шариат одамро чӣ хел мезадааст?» Ин худобехабар фатвои сохтаи худбофтаро шариат, дастони мурдори маъмурони ҳукуматро дасти шариат мешуморид.

Пас аз кушодани пуштам ду нафар аз ду тарафам истода, бо чӯб аз болои шона сар карда, то поини миён «як-ду» гӯён бо тамоми шиддат ба задан сар карданд.

Дарозии чӯбҳо тахминан як олчин, ғафсиашон ба андозаи ангушти калони пой буд. Чӯбҳо аз буттаи илғай буданд, ки агар ҳайвонеро бо он зананд, хун шошиданаш машҳур аст.

Вақте ки мирғазабон маро мезаданд, дар атроф истодагон низ ба гардан ва ба сарам мушт мекӯфтанд. Дар ин дам касе бо овози баланд «Сахт, сахттар занед» гуфт, вале садои кӣ буданашро нафаҳмидам.

Гӯштҳои бадан пора-пора ҷудо шуда, хун ва гӯштпораҳо ба ҳар сӯ мепариданд. Шиддати дарду алам тоқатфарсо буд. Бо вуҷуди ин ба ман чунон таҳаммулу тоқате рӯй дода буд, ки дар назди ин золимон хорию забунӣ изҳор кардан он сӯ истад, балки вазъи табассумомезе гирифта, ба рафтори онон бо истеҳзо муқобилат мекардам.

Дуруст аст, дард шиддатнок буд. Локин барои ман аз ҳар дард шиддатноктар хорӣ кашидан аз дасти ин золимон буд. Бинобар ин дард ҳар қадар шиддат намояд, ба марг, ба халосии абадӣ наздик мешавам, гӯён то рафт хурсанд мешудам.

Шумораи чӯбҳоро аз аввал нашумурда будам. Як вақт садои шасту панҷ ба гӯшам расид. Аз паси он шасту шаш ва шасту ҳафт шунида шуд ва баъд аз зада шудани 75 чӯб, ки сахттарин ҷазои ҳукумати Бухорост, овоз хомӯш гардид.

Баъд маро аз пушти он одами девсират фароварда, бурда ба оромгоҳи аввалаам—обхона партофтанд. Дар сари роҳ савобталабон мушти худро аз ман дареғ надоштанд.

## Шафқати бандиён

Аз рӯи ақида ва таҷрибаи бандиёни Бухоро ягона давои маҷрӯҳони чӯбхӯрда бӯрьёст. Бандиёни кӯҳнаи бечора ва меҳрубон ин даворо ба ман ҳам татбиқ карданд. Болои бурьёи кӯҳна ва даридаеро, ки дар баробари кӯҳнагиаш чакраҳои хуни садҳо маҷрӯҳ ҳам дар он дида мешуд, холӣ карда, дар ҳолате ки аз баданам хун мешорид, пуштнокӣ ба болои он хобонда, ба таги сарам як хишт гузоштанд. Барои нигоҳ доштани ҳарорати бадан тамоми бандиҳо либосҳошонро кашида, ба болои ман партофтанд. Оби ҷӯш тайёр карда, ба даҳонам об чаконда истоданд. Агар касе дар ин дам вазъияти бандихонаро мулоҳиза намояд, худро дар зиндони Бухоро не, балки дар шӯъ-

баи ҷарроҳии касалхонаҳои аврупоӣ гумон мекард. Дар воқеъ бандиёне, ки чунин фоҷиа ва фалокатҳоро борҳо аз сар гузаронида буданд, мисли духтур, фельдшер ва ҳамширагони шафқат бо камоли муҳаббат ва меҳрубонӣ ба болои сарам ҷамъ шуда буданд.

Локин дарду алами ман тоқатфарсо буд. Нафасам танг шуда, роҳҳои дил ва шуш дар чанд дақиқа фақат як бор базӯр кушода ва баста мешуданд.

Дар ин дам як чораи ибтидоӣ ба хотирам расид. Дар рисолаҳои ҳифзи сиҳат хонда будам, ки бо қуввати тамом молидани дасту пои маҷрӯҳон ба кушода шудани роҳи нафас сабаб мешавад. Ин тадбирро татбиқ карданӣ шудам, аз бандиҳо илтимос кардам. Чаҳор нафар ду даст ва ду поямро молиш медоданд. Агар ин чор нафар монда шаванд, чор нафари дигар ҷои онҳоро мегирифт. Дар сояи ин тадбир дар фурсати ним соат роҳи нафас андак васеътар шуда, чашмонам кушода шуданд. Мирзо Назрулло чӣ шуда бошад гуфта, ба он тарафу ин тараф нигоҳ кардам. У ҳам дар як гӯшаи бӯрьё пуштнокӣ хобида буд. Ба ғайри оҳи ҳазине, ки гоҳ-гоҳ ба гӯш мерасид, асари дигаре аз зинда буданаш пайдо набуд. Фаҳмидам, ки нафаси ӯ ҳам танг шудааст. Аз бандиҳо илтимос кардам, ки маро ба ҳоли худ гузошта, дасту пои Мирзо Назруллоро бимоланд. Баъди фурсате чашми он бечора ҳам кушода шуд. Лекин аз аҳволаш пайдо буд, ки худро бохтааст.

Пули пагоҳӣ аз бандибонҳо гирифтаамро ба бандиҳо дода, гуфта будам, ки ҳар чӣ дилатон хоҳад, гирифта бихӯред. Онҳо ба пул биринҷоба пазонда буданд. Аз оби ҳамин ош андак ба ман хӯронданд. Бо ҳамин дар бадани ларзонам андак асари ҳарорат пайдо шуд. Аммо Мирзо Назруллои бечора аз ин ҳам хӯрда натавонист. Тамом беқувват шуданаш маълум буд. Бинобар гуфтаи бандиён ҷароҳати ман ва Мирзо аз ҷароҳати аксари ба ин ҷазо маҳкумшудагон вазнинтар будааст. Ин, ба назари ман, ду сабаб дошт: якум ин ки бадани дигарон, ки аксар дар офтоб тоб хӯрда буданд, нисбат ба мо, ки дар ҳуҷраҳои рутубатнок умр гузаронидаем, бақувват ва пӯсти баданашон ғафстар буд; бинобар ин ҷазо ба онҳо ба андозаи мо таъсир карда наметавонист. Сабаби дуввум ва ҳақиқӣ ин буд, ки ҳар касро, ки ҳукумати Бухоро ба сабабе ба ҷазои чӯб задан маҳкум карданӣ бошад, мирғазабон пешакӣ ба қавму хешони онҳо хабар медоданд, онҳо ба мирғазабҳо маблағи муҳимме ришва дода, роҳи сусттар зада шудани чӯбҳоро меёфтанд.

Аммо барои мо чунин тадбире дида нашуда буд. Балки му-

роду мақсади ҳама — аз амир сар карда, то одамони қушбегӣ ва мирғазабҳо ин буд, ки моро сахттар зада, ҳарчи зудтар аз ин дунъё нест кунанд. Бинобар ин ман бисту панҷ маротиба амали ҷарроҳӣ дида, 52 рӯз дар касалхона хобида, ба зӯр сиҳат шудам, аммо Мирзо Назрулло тоқат наоварда аз дунъё гузашт. Ҳол он ки дигар маҳкумшудагон ба ҷазои 75 чӯб, ки агар бо амри махсус сахт зада шуда, мурда бошанд, аксар ба воситаи ҳамин табобати бӯрьё дар дохили зиндон ва обхона дар байни чанд ҳафта сиҳат мешуданд.

**ИХТОР.** Вақти навиштани фоҷиаҳои аксулҳаракат аҳволи худамро батафсил навиштам. Эҳтимол ин сатрҳои дарози дилсиёҳкунанда хонандагонро дилгир мекарда бошад. Бо ҳамаи ин чунин тафсилотро лозим донистам, зеро ман вақти навиштани таърихи инқилоб як қисм хабарҳо, баъзе фоҷиаҳоро аз рӯи дида ва шунидаҳои худ ба қалам оварда, чунон ки мебоист, тасвир ва таҳлил карда натавонистам. Аммо фоҷиаҳое, ки худ аз сар гузаронидаам, чизҳое мебошанд, ки ба тамоми рӯҳ ва вуҷудам таъсир доштаанд. Гумон мекунам, ки инҳоро бо таъбирҳои мувофиқ ба хонандагон фаҳмонда тавонистам. Ба ҳамин муносибат гумон мекунам, ки фоҷиаҳои барпо кардаи ҳукумати Бухоро, зулмҳои кардаи он, ки аз шиддати нисбат ба мо нишондодашуда садҳо бор бештар аст, бо қиёси ин саргузаштҳо ба хонандагон беҳтар маълум хоҳад шуд. Хулоса, фалокат ва мусибатҳое, ки ба сари ман омадаанд, аз зулми ҳукумати Бухоро як намуна ва мисол аст, дигарҳо қиёс аз ин.

## Корҳои дигари аксулҳаракатчиён рӯзи якшанбе

Рӯзи эълони фармон ба қишлоқу туманҳо хат навишта, «Ба ҳар эҳтимол халқро ҳозир кунед», гуфта тавсия кардани арбоби ҳукуматро дар боло навишта будем. Рӯзи шанбе, ҳанӯз хабари аксулҳаракат ва намоиш ба туманҳо норасида, намояндагони аксулҳаракат халқро шӯронида, ба Бухоро юруш карданӣ шуданд.

Аз мардуми Ғиҷдувон як гурӯҳ ҷамъ шуда, ба назди қозӣ омада, барои рафтан ба ғазо рухсат пурсиданд. Азбаски қозӣ дар ин бора хабари расмие нагирифта буд, аз масъулият тарсида, барои рафтан ба Бухоро рухсат надод, фақат «Ба Ялангӣ ном ҷой рафта, ба шаҳр наздик шуда истед», гуфта тавсия кард.

Аз Ғиҷдувон як гурӯҳ мардуми фиребхӯрда бо сардории як-

ҳ мансабталабон рӯзи шанбе омада, дар Ялангӣ қарор гирифтанд.

Имрӯз баъд аз пешин Мусаннифро, ки барои муқобилаташ ислоҳот аз Бухоро бароварда, ба қозигии Ғиҷдувон таъйин ꞏда буданд, ба Бухоро чеғ заданд. Ӯ бегоҳӣ ба роҳ баромада, ꞏ шанбе пагоҳӣ ба шаҳр дохил ва ба ҷои Абдусамадхоҷа ꞏ таъйин шуд.

Имрӯз косалесони аксулҳаракатчиён, ки аз Ғиҷдувон ва аз ꞏанҳои дигар омада буданд, дар беруни шаҳр ҷой гирифтанд. ꞏмони ҳукумат аз тороҷи умумӣ тарсида, онҳоро ба шаҳр ꞏнадоданд. Аммо аз тарафи амир ба онҳо салом ва ташаккур ꞏ шуда, барои хӯрокашон биринҷ, гӯсфанд ва гов фиристоꞏшуд.

Имрӯз амир ҳам дар арк қарор гирифта буд.

Мирзо Шариф-махдум, ки барои ислоҳот қозикалон таъйин ꞏда буд, вақти аз хона ба арк омада истоданаш дар Регистон, ꞏ ҷои ба назари амир намоёне аз тарафи гумоштагони Бурꞏиддин зада шуд ва таҳқир дид.

Имрӯз арбоби ҳукумат мувофиқи рӯйхате, ки бегоҳӣ тартиб ꞏа буданд, ҷавонон ва ҷавонфикрони ба дасташон афтодаро ꞏтгир карда, ба обхона меандохтанд. Мардуми ба аксулҳараꞏ иштироккарда ба касе ҳуҷум накард ва касеро дастгир наꞏа ба дари ҳукумат набурд. Онҳо фақат дар «во шариато!» ꞏта дод задан ҳеҷ қусуре надоштанд.

Арбоби ҳукумат ҷавонони тараққипарвари машҳурро дастꞏ карда натавонистанд, зеро аксари онҳо ба Коғон гурехта, ꞏзехошон дар ҷойҳои амн пинҳон шуда буданд.

Машҳуртарини онҳое, ки имрӯз дастгир шуданд, инҳо буꞏд: Зиёуддин-махдум, Аҳмади Наим, Мирзо Абулфайёз, Мирꞏ Аҳмад, Мирзо Назрулло, роқими ин сатрҳо ва Абдурасул.

Имрӯз аз саркардагони машҳури кушодафикри Бухоро Мирꞏ Саҳбобӣ, Ҳоҷӣ Додхоҳ ва Мирзо Абдулло ҳабс шуданд. Ин ꞏнафар, ки расман амалдори амир ва соҳиби мансабҳои каꞏ буданд, на расман ва на ба таври ғайрирасмӣ ба масъалаи ꞏлоҳот дахл ва иштирок надоштанд. Бо вуҷуди ин либоси ин ꞏйсафедони бечораро кашида, бо таҳқири тамом ба ҳабсгоҳи ꞏнояткор ва қотилон андохтанд. Гуноҳи инҳо фақат газетхонꞏ ва хабардор буданашон аз адабиёти нав буд. Аз ин равꞏн маълум мешуд, ки ҳукумат ба несту нобуд кардани тамоꞏ кушодафикрон қарори қатъӣ додааст, вагарна лоақл ба ин ꞏйсафедоне, ки амалдорони худаш буданд, кордор намешуд.

Ба ғайри инҳо ҳам қариб сад нафарро ҳабс карда буданд,

лекин одамони қушбегӣ аксари инҳоро аз рӯи шубҳа ё барои ришва гирифтан дастгир карда буданд. Инро ҳам гӯшрас кардан лозим аст, ки ба ҳамаи дастгиршудагон 75 чӯб зада нашуда бошад ҳам, бо даст ва мушт «хуб адабашонро дода», ҳасту несташонро гирифта буданд.

## Ҷавонҳо дар Когон

Рӯзи шанбе пас аз сар бардоштани аксулҳаракат ба Когон гурехтани ҷавононро дар боло навишта будем. Он қисми ҷавонон ҳам, ки дар шаҳр пинҳон шуда буданд, рӯзи шанбе ба гурехтан муваффақ шуданд.

Ҷавонҳо дар Қогон дар меҳмонхонаи «Большая Московская» ҷой гирифта, ҷамъияте ба номи «Шӯрои ислом» ташкил карда, ба элчихона муроҷиат намуда, барои пахш кардани фитна ва озод намудани ҷавонони маҳбус чора андешиданро талаб карданд.

Маъмурони элчихона ҷавоб доданд, ки «Ҷанҷол ва ихтилол бояд бо ташаббуси худи ҳукумати Бухоро пахш карда шавад. Мо дар ин бора ба ҳукумати Бухоро тавсияҳо кардаем. Барои бевосита ва феълан мудохила кардани мо ҳоҷат нест».

Бар хилофи ин маълумоти расмии элчихона дар бораи шиддат ва қувват гирифтани аксулҳаракат соат ба соат хабарҳои нав меомад. Ҳатто қушбегӣ ба маъмуроти худ дар Қогон фармуда, ҷавонони ба ин ҷо гурехтаро ҳам дастгир карданӣ шуданд. Вале азбаски Қогон дар таҳти идораи ҳукумати рус буд ва ҳоло дар ин ҷо комитети иҷроияи коргарон ва аскарон ҳукмравоӣ дошт, маъмуроти қушбегӣ ба ин кор ҷасорат карда натавонистанд. (Дар ин бора қушбегӣ бо телефон шахсан бо Мирзо Мустафо гап зад. Мирзо Мустафо ҳеҷ имкон надоштани ин корро фаҳмонд. Маъмуроти дигари қушбегӣ дар наздикии роҳи оҳан Фатҳуллохоҷаро дастгир карданӣ шуданд, ба ин ҳам Мирзо Мустафо монеъ шуд).

Ҷавонон диданд, ки ҳама ваъдаҳои элчихона дурӯғ аст ва бадиҳоеро, ки дар замони подшоҳии Николай дар ҳаққи ҷавонон карда натавониста буданд, ҳоло аз аксулҳаракат истифода намуда, ба амал овардан мехоҳанд. Пас аз ин ба воситаи совети Қогон ва комитети иҷроияи Қогон ба Самарқанд, Тошканд ва Каркӣ аҳволро маълум намуда аскар пурсиданд. Бо вуҷуди он ки чанд телеграфи инҳо бо ташаббуси маъмуроти элчихона аз телеграфхона гирифта шуда буд, хабар ба ҷоҳои

матлуб рафта расид. Локин дар ҷавоби телеграфҳое, ки аз он шаҳрҳо меомад, Миллер ҷавоб медод, ки «Вазъият ором шуд, ба фиристодани аскар эҳтиёҷ нест».

Аз ҷавонон Аҳмадҷон-маҳдум ва Муҳиддин-махдум барои иштирок дар анҷумане ду рӯз пеш аз аксулҳаракат ба Тошканд рафта буданд. Онҳо маълумоти шифоҳии аз Бухоро гирифтаи худро ба идораҳои дахлдор маълум намуда, зарурати аскар фиристоданро исбот мекарданд, вале ҳар бор ҷавоб мегирифтанд, ки «Мо аз Миллер телеграм гирифтем, оромӣ барқарор шудааст».

Ба муроҷиате, ки ба Самарқанд карда буданд, ҷавонони Самарқанд нағз аҳамият доданд. Ходимони ҷамоати рус ва мусулмони Самарқанд як шуда, ҷиддӣ будани аҳволро ба Тошканд фаҳмонда, барои фиристодани аскар рухсат гирифтанд. Дар натиҷа саҳаргоҳон дар таҳти фармондеҳии генерал Қулҷонов як даста аскар бо чанд намояндаи рус ва маҳаллиҳо ба Қогон омаданд.

Барои ба Бухоро мудохила кардани аскарон рухсати элчихона лозим буд, ҳол он ки Миллер омадани аскарро фаҳмида, аз хонааш набаромад. Хизматгоронаш то соати нӯҳ ба ҳар муроҷиат ҷавоб медоданд, ки «Ҷаноби консул хобидаанд».

Вале дам ба дам аз Бухоро хабари ҳабс шудани боз як гурӯҳ одами нав, шиддат пайдо кардани фоҷиа меомад. Ниҳоят намояндагони ҷавонон ба хонаи Миллер рафта, дарро зада, ӯро ҷеғ зада, ҷиддияти аҳволро фаҳмонданд. Ӯ ин бор ҳам ҷавоб дод, ки «Ман ҳозир бо телефон гап задам, аҳвол тамоман ором ёфтааст, ба ҳеҷ ташаббусе эҳтиёҷ нест».

Вале афсӯс, ки ин маълумот сохтаву пардохтаи ҳукумати Бухоро ва элчихона ва доме барои дастгир намудани тамоми ҷавонон буд. Хабари ҳабс ва ҳуҷумҳо соат ба соат меомад. Ҳукумат Мусаннифро раис таъйин карда, одамони андак шубҳанокро ҳабс карда, ниқобро аз рӯи худ тамоман гирифта, дигар риё ва нифоқи бемаъноро лозим намедид.

Оқибат хабари 75 ҷӯб хӯрдагон низ омад. Ташкилоти аскарӣ, коргарони рус ва маҳаллӣ, комитети иҷроияи Қогон бар зидди элчихона бархоста, аз Миллер феълан ягон чора диданашро талаб ва дар акси хол ба тамоми фоҷиаҳо шахсан масъул шудани худашро фаҳмонданд.

Ҳоло Миллер ба ташаббуси ҷиддӣ маҷбур гардид. Қарор дод, ки ноиби худ Шульга ва намояндагони Самарқанд ва Қогонро ҳамроҳи худ гирифта, бо як даста аскарони казаки элчихона ба Бухоро даромада, аз хумумати Бухоро раҳонидан ва

таслим кардани маҳбусу маҷрӯҳонро талаб намояд. Дастаи аскароне ҳам, ки бо фармондеҳии генерал Қулҷонов аз Самарқанд омада буданд, аз Қогон ба таҳти дарвозаи Бухоро омада, дар майдони вагзал қарор гирифтанд.

## Раҳоӣ

*(Аз саргузашти худам)*

Пеш аз тамом кардани баёни воқеаҳои рӯзи якшанбе аз хонандагон хоҳишмандам, ки боз лаҳзае ба зиндони «обхона» назар андозанд.

Ҳамаи «обхона»-ҳо бо бандиёни кӯҳнаву нав пур шуда ва ҳабсшудагони бо гуноҳи ҷадидӣ, ки ба мақсаду мароми ҳукумати золими Бухоро ба хубӣ огоҳ буданд, имшабро бо азобу укубат гузаронида, ба хафа [буғ] карда кушта шудани худ яқин ҳосил карда буданд. Ин обхонаҳои зоҳиран чун гӯр, барои бандиёни бечораи маъюс ба гӯри ҳақиқӣ шабоҳат дошт. Хусусан манзараи обхонае, ки мо дар он будем, аз фоҷиаҳое, ки ҳукумати Бухоро ба бор овардааст, як лавҳа, лавҳаи фаҷоеъе буд, ки қалами як рассоми моҳир кашидааст.

Дар миёнаи хона танҳои гӯшташон лахта-лахта, сарҳошон кафида, гӯшҳошон сӯрохшуда, дар либосҳои даридаи хунолуд, пӯст ва гӯшти баданашон ба дараҷаи намудории устухонҳо пора хобонда шурагардида, дар болои бӯрьёи сиёҳи чиркину пора хобонда шудаанд ва дар атрофи онҳо 20—30 нафар фалакзадагони кӯҳна ба ҳоли инҳо маҳзунона дар гирья...

Баъди пешин, тахминан соатҳои чаҳор буд, ки туркмани каркигӣ, ки панҷ сол боз дар ин гӯрхонаи зиндагон мехобид, аз ягона сӯрохии хурде, ки ба тарафи Регистон кушода буданд, шояд ҳазору якумин бор маъюсона ба Регистон нигоҳ мекард.

— Қазаки савора! Солдат!

Ин садо аз даҳони туркман бо як умедвории номаълум, вале бо як шодие, ки тамоми рагҳояшро ба ҷунбиш оварда буд, шунида шуд.

Ин садо гӯё «Сури Исрофил» буд, ки зиндагони мурдаро ба ҳаракат овард. Дидан ва фаҳмидани чизе мумкин набошад ҳам, ҳама ба сӯи он сӯрохӣ ва ба тарафи дар давиданд.

Дар ин дам яке аз бандиён гуфт: «Худоё, ватанро ва бандагони бегуноҳро нигоҳ дор!» Ин овоз аз даҳони Мирзо Назрулло баромада буд.

матлуб рафта расид. Локин дар ҷавоби телеграфҳое, ки аз он шаҳрҳо меомад, Миллер ҷавоб медод, ки «Вазъият ором шуд, ба фиристодани аскар эҳтиёҷ нест».

Аз ҷавонон Аҳмадҷон-маҳдум ва Муҳиддин-махдум барои иштирок дар анҷумане ду рӯз пеш аз аксулҳаракат ба Тошканд рафта буданд. Онҳо маълумоти шифоҳии аз Бухоро гирифтаи худро ба идораҳои дахлдор маълум намуда, зарурати аскар фиристоданро исбот мекарданд, вале ҳар бор ҷавоб мегирифтанд, ки «Мо аз Миллер телеграм гирифтем, оромӣ барқарор шудааст».

Ба муроҷиате, ки ба Самарқанд карда буданд, ҷавонони Самарқанд нағз аҳамият доданд. Ходимони ҷамоати рус ва мусулмони Самарқанд як шуда, ҷиддӣ будани аҳволро ба Тошканд фаҳмонда, барои фиристодани аскар рухсат гирифтанд. Дар натиҷа саҳаргоҳон дар таҳти фармондеҳии генерал Қулҷонов як даста аскар бо чанд намояндаи рус ва маҳаллиҳо ба Қогон омаданд.

Барои ба Бухоро мудохила кардани аскарон рухсати элчихона лозим буд, ҳол он ки Миллер омадани аскарро фаҳмида, аз хонааш набаромад. Хизматгоронаш то соати нӯҳ ба ҳар муроҷиат ҷавоб медоданд, ки «Ҷаноби консул хобидаанд».

Вале дам ба дам аз Бухоро хабари ҳабс шудани боз як гурӯҳ одами нав, шиддат пайдо кардани фоҷиа меомад. Ниҳоят намояндагони ҷавонон ба хонаи Миллер рафта, дарро зада, ӯро ҷеғ зада, ҷиддияти аҳволро фаҳмонданд. Ӯ ин бор ҳам ҷавоб дод, ки «Ман ҳозир бо телефон гап задам, аҳвол тамоман ором ёфтааст, ба ҳеҷ ташаббусе эҳтиёҷ нест».

Вале афсӯс, ки ин маълумот сохтаву пардохтаи ҳукумати Бухоро ва элчихона ва доме барои дастгир намудани тамоми ҷавонон буд. Хабари ҳабс ва ҳуҷумҳо соат ба соат меомад. Ҳукумат Мусаннифро раис таъйин карда, одамони андак шубҳанокро ҳабс карда, ниқобро аз рӯи худ тамоман гирифта, дигар риё ва нифоқи бемаъноро лозим намедид.

Оқибат хабари 75 чӯб хӯрдагон низ омад. Ташкилоти аскарӣ, коргарони рус ва маҳаллӣ, комитети иҷроияи Қогон бар зидди элчихона бархоста, аз Миллер феълан ягон чора диданашро талаб ва дар акси хол ба тамоми фоҷиаҳо шахсан масъул шуданн худашро фаҳмонданд.

Ҳоло Миллер ба ташаббуси ҷиддӣ маҷбур гардид. Қарор дод, ки ноиби худ Шульга ва намояндагони Самарқанд ва Қогонро ҳамроҳи худ гирифта, бо як даста аскарони казаки элчихона ба Бухоро даромада, аз ҳумумати Бухоро раҳонидан ва

таслим кардани маҳбусу маҷрӯҳонро талаб намояд. Дастаи аскароне ҳам, ки бо фармондеҳии генерал Қулҷонов аз Самарқанд омада буданд, аз Қогон ба таҳти дарвозаи Бухоро омада, дар майдони вагзал қарор гирифтанд.

## Раҳоӣ

*(Аз саргузашти худам)*

Пеш аз тамом кардани баёни воқеаҳои рӯзи якшанбе аз хонандагон хоҳишмандам, ки боз лаҳзае ба зиндони «обхона» назар андозанд.

Ҳамаи «обхона»-ҳо бо бандиёни кӯҳнаву нав пур шуда ва ҳабсшудагони бо гуноҳи ҷадидӣ, ки ба мақсаду мароми ҳукумати золими Бухоро ба хубӣ огоҳ буданд, имшабро бо азобу уқубат гузаронида, ба хафа [буғ] карда кушта шудани худ яқин ҳосил карда буданд. Ин обхонаҳои зоҳиран чун гӯр, барои бандиёни бечораи маъюс ба гӯри ҳақиқӣ шабоҳат дошт. Хусусан манзараи обхонае, ки мо дар он будем, аз фоҷиаҳое, ки ҳукумати Бухоро ба бор овардааст, як лавҳа, лавҳаи фаҷоеъе буд, ки қалами як рассоми моҳир кашидааст.

Дар миёнаи хона танҳои гӯшташон лахта-лахта, сарҳошон кафида, гӯшҳошон сӯрохшуда, дар либосҳои даридаи хунолуд, пӯст ва гӯшти баданашон ба дараҷаи намудории устухонҳо порагардида, дар болои бӯрьёи сиёҳи чиркину пора хобонда шудаанд ва дар атрофи онҳо 20—30 нафар фалакзадагони кӯҳна ба ҳоли инҳо маҳзунона дар гирья...

Баъди пешин, тахминан соатҳои чаҳор буд, ки туркмани каркигӣ, ки панҷ сол боз дар ин гӯрхонаи зиндагон мехобид, аз ягона сӯрохии хурде, ки ба тарафи Регистон кушода буданд, шояд ҳазору якумин бор маъюсона ба Регистон нигоҳ мекард.

— Қазаки савора! Солдат!

Ин садо аз даҳони туркман бо як умедвории номаълум, вале бо як шодие, ки тамоми рагҳояшро ба ҷунбиш оварда буд, шунида шуд.

Ин садо гӯё «Сури Исрофил» буд, ки зиндагони мурдаро ба ҳаракат овард. Дидан ва фаҳмидани чизе мумкин набошад ҳам, ҳама ба сӯи он сӯрохӣ ва ба тарафи дар давиданд.

Дар ин дам яке аз бандиён гуфт: «Худоё, ватанро ва бандагони бегуноҳро нигоҳ дор!» Ин овоз аз даҳони Мирзо Назрулло баромада буд.

Дар ин дам аз долони арк садои гурсоси по ва шақарроси яроқҳо шунида шуд. Дере нагузашта даричаи обхона бо шиддат кушода шуд ва бандибоне ба дарун даромада, «Ҷадидҳо бароянд» гуфт. Бандибони дигар либосҳои маҳбусонро овард. Маҳбусони маҷрӯҳ дар байни хавфу риҷо [биму умед] бо охирин ғайрат ба ҳаракат омада, бо мадади бандиҳои дигар либосҳои пора ва хунолуди худро пӯшиданд ва ба деворҳо такья карда, аз гӯрхонаи зиндаҳо баромаданд.

Вақте ки мо аз ҳабсхонаи худ баромадем, аз обхонаҳои дигар ҳам бандиҳои ҷадид ба долони арк баромада буданд. Дар долони арк қариб сад нафар сарбозони саворан Бухоро ва чанд казаки савораи рус меистоданд.

Одамони қушбегӣ ҳамаи маҳбусони аз рӯи шубҳа ҳабсшударо аз ин ҷо озод карда, ба хонаҳошон фиристоданд. Мирзо Назрулло, ҳоҷӣ Мирбобо, Айнӣ, Абдурасул, Абдураҳимхон, Аҳмади Наим, Атохоҷа, Зиёуддин-махдум ва дигар инқилобиёни маҳбусро ба дасти сарбоз ва солдатҳо супурданд.

Яке аз одамони қушбегӣ аз дигарӣ пурсид: «Инҳоро ба куҷо мебаранд?» Он ҷавоб дод: «Бо фармони ҷаноби олӣ бадарға карда, ба Сибирь мефиристонанд».

Вақте ки мо аз арк майдони Регистон фаромадем, дар он ҷо фойтунҳо истода буданд. Ба ҳар фойтун аз мо сенафарӣ савор карданд ва ба фойтун аз одамони қушбегӣ низ як нафар савор шуд. Дар ду тарафи фойтунҳо сарбозҳои савора ва казакҳо меистоданд.

Халқ ба якдигар «Инҳо ба Сибирь ронда шуданд» мегуфтанд. Ин шоеаҳо барои аз рӯҳ наафтодани аксулинқилобиён аз тарафи ҳукумат махсусан паҳн карда шуда буд.

Ба ҳамин ҳол моро аз дарвозаи Қавола бароварда, ба майдони вогзали Бухоро бурданд.

Вақте ки дар майдони вокзал, рӯ ба рӯи собиқ идораи полицияи рус расидем, инқилобиёни рус, ки байроқи сурх ба дасташон дар эҳтизоз буд, моро пешвоз гирифтанд. Садоҳои «Шумо озодед! Нест бод золимон! Зинда бод инқилоб! Зинда бод озодӣ» ба осмонҳо печид.

Онҳое, ки ба Сибирь фиристода шудани моро шунида буданд, ин манзараро бо ҳайрат тамошо мекарданд.

Росташ ин ки то ҳол худи маҷрӯҳ ва бандиҳо низ ба халосии худ чандон умедвор набуданд. Зеро маъмурони элчихонаро бо ҳукумати Бухоро ҳамдаст ва муттафиқ мешумурданд ва аз омадани аскар аз Самарқанд хабар надоштанд.

Ман аз соати нӯҳ то ин дам ҷафо ва аламҳои барои инсон

тоқатнопазире кашида, рӯҳан ва қалбан чӣ қадар мутаассир ва мутааллим шуда бошам ҳам, бо як матонати ғайбӣ зоҳиран ҳеҷ аломати ғам нишон надода, нагиристa, фарьёд накарда будам.

Вале дар як вазъе, ки аз халосӣ ва озодӣ маъюс ва ноумед будам, худро зери байроқ ва озод дар сафи инқилобиён дида, дигар худдорӣ карда натавонистам ва ба таъбири гирьяи шодӣ, беихтиёр гиристам. Дигарон ҳам гирья карданд.

Хулоса, инқилобчиён моро ба собиқ идораи полиция даровaрда, ҷароҳатҳоямонро муойина карданд, пӯстҳои дарида, гӯштҳои лахта-лахтаро дида, тоқат карда натавониста гиристанд. Яке аз занҳо беҳуш шуда ба замин афтид.

Яке аз казакон омада ба ҷароҳатҳо нигоҳе карда, чун бача ҳунгос зада гирья кард ва баъд бо як шуҷоати казакона, шамшерашро аз ғилоф бароварда, ба тарафи Бухоро рӯ оварда, шамшерро алвонҷ дода, ба забони русӣ суханоне гуфта, ба дили мутаассири худ қадре тасалло дод.

Дар як хонаи дигари ин бино Миллер ва Шульга ҷо гирифта буданд. Инқилобиён моро ба назди онҳо бурда, ҷароҳатҳоямонро нишон доданд. Миллер ба бадани маҷрӯҳи мо хеле вақт нигоҳ карда, ба забони тоҷикӣ гуфт: «Зарар надорад, зарар надорад, иншооллоҳ, беҳ мешавад».

Аммо Шульга ду дасташро ба киса андохта он бару ин бари хона қадам мезад, ба назди тиреза рафта ба берун назар меандохт ва боз баргашта зоҳиран гӯё ба тарафи мо нигоҳ намекард. Вале чашми ҳозиронро хато карда, бо қирраи чашм ба ҷароҳатҳо назар афканда, гӯё чӣ натиҷа додани бозиҳои имрӯзаашро ба касе нафаҳмонда, санҷидан мехост. Ин вазъияти Шульга ба вазъи Кантома дар пардаи кино монданӣ дошт[1].

Таъсири тамоман нобуд нашуда, халос гардидани мо ба маъмурони элчихона аз ваҷоҳати [намуди рӯи] ин дипломат аён мегашт.

Моро боз ба хонаи пештара оварда, чой нӯшонда, дар вагони махсус ба Қогон гусел карданд.

Аъзоёни кумитаи иҷроияи Қогон, намояндагони аскар ва вакилони ташкилоти маҳаллӣ Миллер ва Шульгаро пеш андохта, дар майяти аскарони казак боз ба шаҳр даромада, онҳоеро ҳам, ки хабари маҳбус шуданашон расида буд, озод карда, ба Қогон баргаштанд.

---

[1] *Кантома* — номи як дузди овозадор дар Франция. Қаҳрамони романе ба ин ном (эзоҳи муаллиф).

Дар ин дам аз долони арк садои гурсоси по ва шақарроси яроқҳо шунида шуд. Дере нагузашта даричаи обхона бо шиддат кушода шуд ва бандибоне ба дарун даромада, «Ҷадидҳо бароянд» гуфт. Бандибони дигар либосҳои маҳбусонро овард. Маҳбусони маҷрӯҳ дар байни хавфу риҷо [биму умед] бо охирин ғайрат ба ҳаракат омада, бо мадади бандиҳои дигар либосҳои пора ва хунолуди худро пӯшиданд ва ба деворҳо такья карда, аз гӯрхонаи зиндаҳо баромаданд.

Вақте ки мо аз ҳабсхонаи худ баромадем, аз обхонаҳои дигар ҳам бандиҳои ҷадид ба долони арк баромада буданд. Дар долони арк қариб сад нафар сарбозони савораи Бухоро ва чанд казаки савораи рус меистоданд.

Одамони қушбегӣ ҳамаи маҳбусони аз рӯи шубҳа ҳабсшударо аз ин ҷо озод карда, ба хонаҳошон фиристоданд. Мирзо Назрулло, ҳоҷӣ Мирбобо, Айнӣ, Абдурасул, Абдураҳимхон, Аҳмади Наим, Атоҳоҷа, Зиёуддин-махдум ва дигар инқилобиёни маҳбусро ба дасти сарбоз ва солдатҳо супурданд.

Яке аз одамони қушбегӣ аз дигарӣ пурсид: «Инҳоро ба куҷо мебаранд?» Он ҷавоб дод: «Бо фармони ҷаноби олӣ бадарға карда, ба Сибирь мефиристонанд».

Вақте ки мо аз арк майдони Регистон фаромадем, дар он ҷо фойтунҳо истода буданд. Ба ҳар фойтун аз мо сенафарӣ савор карданд ва ба фойтун аз одамони қушбегӣ низ як нафар савор шуд. Дар ду тарафи фойтунҳо сарбозҳои савора ва казакҳо меистоданд.

Халқ ба якдигар «Инҳо ба Сибирь ронда шуданд» мегуфтанд. Ин шоеаҳо барои аз рӯҳ наафтодани аксулинқилобиён аз тарафи хукумат махсусан паҳн карда шуда буд.

Ба ҳамин ҳол моро аз дарвозаи Қавола бароварда, ба майдони вогзали Бухоро бурданд.

Вақте ки дар майдони вокзал, рӯ ба рӯи собиқ идораи полицияи рус расидем, инқилобиёни рус, ки байроқи сурх ба дасташон дар эҳтизоз буд, моро пешвоз гирифтанд. Садоҳои «Шумо озодед! Нест бод золимон! Зинда бод инқилоб! Зинда бод озодӣ» ба осмонҳо печид.

Онҳое, ки ба Сибирь фиристода шудани моро шунида буданд, ин манзараро бо ҳайрат тамошо мекарданд.

Росташ ин ки то ҳол худи маҷрӯҳ ва бандиҳо низ ба холоси худ чандон умедвор набуданд. Зеро маъмурони элчихонаро бо хукумати Бухоро ҳамдаст ва муттафиқ мешумурданд ва аз омадани аскар аз Самарқанд хабар надоштанд.

Ман аз соати нӯҳ то ин дам ҷафо ва аламҳои барои инсон

тоқатнопазире кашида, рӯҳан ва қалбан чӣ қадар мутаассир ва мутааллим шуда бошам ҳам, бо як матонати ғайбӣ зоҳиран ҳеҷ аломати ғам нишон надода, нагириста, фарьёд накарда будам.

Вале дар як вазъе, ки аз халосӣ ва озодӣ маъюс ва ноумед будам, худро зери байроқ ва озод дар сафи инқилобиён дида, дигар худдорӣ карда натавонистам ва ба таъбири гирьяи шодӣ, беихтиёр гиристам. Дигарон ҳам гирья карданд.

Хулоса, инқилобчиён моро ба собиқ идораи полиция даровара, ҷароҳатҳоямонро муойина карданд, пӯстҳои дарида, гӯштҳои лахта-лахтаро дида, тоқат карда натавониста гиристанд. Яке аз занҳо беҳуш шуда ба замин афтид.

Яке аз казакон омада ба ҷароҳатҳо нигоҳе карда, чун бача ҳунгос зада гирья кард ва баъд бо як шуҷоати казакона, шамшерашро аз ғилоф бароварда, ба тарафи Бухоро рӯ оварда, шамшерро алвонҷ дода, ба забони русӣ суханоне гуфта, ба дили мутаассири худ қадре тасалло дод.

Дар як хонаи дигари ин бино Миллер ва Шульга ҷо гирифта буданд. Инқилобиён моро ба назди онҳо бурда, ҷароҳатҳоямонро нишон доданд. Миллер ба бадани маҷрӯҳи мо хеле вақт нигоҳ карда, ба забони тоҷикӣ гуфт: «Зарар надорад, зарар надорад, иншооллоҳ, беҳ мешавад».

Аммо Шульга ду дасташро ба киса андохта он бару ин бари хона қадам мезад, ба назди тиреза рафта ба берун назар меандохт ва боз баргашта зоҳиран гӯё ба тарафи мо нигоҳ намекард. Вале чашми ҳозиронро хато карда, бо қирраи чашм ба ҷароҳатҳо назар афканда, гӯё чӣ натиҷа додани бозиҳои имрӯзаашро ба касе нафаҳмонда, санҷидан мехост. Ин вазъияти Шульга ба вазъи Кантома дар пардаи кино монданӣ дошт[1].

Таъсири тамоман нобуд нашуда, халос гардидани мо ба маъмурони элчихона аз ваҷоҳати [намуди рӯи] ин дипломат аён мегашт.

Моро боз ба хонаи пештара оварда, чой нӯшонда, дар вагони махсус ба Қогон гусел карданд.

Аъзоёни кумитаи иҷроияи Қогон, намояндагони аскар ва вакилони ташкилоти маҳаллӣ Миллер ва Шульгаро пеш андохта, дар маийяти аскарони казак боз ба шаҳр даромада, онҳоеро ҳам, ки хабари маҳбус шуданашон расида буд, озод карда, ба Қогон баргаштанд.

---

[1] *Кантома* — номи як дузди овозадор дар Франция. Қаҳрамони романе ба ин ном (эзоҳи муаллиф).

Сардори элчихона пас аз он ки бо фишори коргарон ва аскарони инқилобӣ ба озод кардани мо иқдом намуд, ба газетаҳо ба ин мазмун телеграммаи тантанадоре фиристод: «Бо казакони рус ба Бухоро ба назди қушбегӣ рафта, маҳбусонро озод кардам, ба такрор нашудани ин қабил корҳо ваъда гирифтам. Шаҳрро давр зада, ором кардам. Миллер».

## МАҶРӮҲОН ДАР КОГОН. ШАҲОДАТИ МИРЗО НАЗРУЛЛО

Вақте ки мо ба вагзали Қогон расидем, офтоб фурӯ рафта, торикӣ ҳама ҷоро фаро гирифта буд. Дар вагзали Қогон моро ҷавонбухориён пешвоз гирифта, ба касалхонаи шаҳрӣ бурданд. Хизматгорони касалхона ба мо либосҳои тоза пӯшонда, ба ҷароҳатҳоямон марҳам молида, дар хонаи покизае хобонданд.

Дар натиҷаи аламҳо ва аз шиддати дарди ҷароҳатҳо дар мо маҷоли гап задан ва ҳаракат намонда бошад ҳам, бо дӯстони ба аёдат омадаи худ то нисфҳои шаб бо камоли қувват сӯҳбат кардем. Ин магар як ҳолати ғайритабиии фараҷи баъд аз шиддат [кушоиши баъд аз сахтиҳо] будааст. Баъд аз рафтани дӯстон аҳволи мо тағйир ёфт. Табларзаи сахте сар шуда, тамоман аз ҳаракат мондем. Ба халоҷо ҳам бе мадади бемордорон рафта наметавонистем.

Рӯзи душанбе духтури беморхона бо ду духтури дигар моро муоина карда, аҳволамонро ба варақаи махсус қайд намуданд.

Дараҷаи ҳарорати Мирзо Назрулло 40, ҳарорати ман 39,5, Мирбобо 39 ва Абдурасул 40 буд. Духтур ба ҷароҳатҳои мо марҳам молида, барои фурӯ нишондани таб ва барои қуввати бадан доруҳо муайян кард. Ин ҳол ду рӯз давом намуд. Рӯзи сешанбе (11 апрель) чанд нафар духтур Мирзо Назруллоро муойина карданд. Аҳволи вай соат ба соат вазнинтар мешуд. Дар вақти муойинаи духтурҳо бар хилофи тавсияи онҳо чашмам ба ҷароҳати Мирзо Назрулло афтод: гӯштҳо пора-пора шуда, дар баъзе ҷоҳо устухонҳо намоён буданд.

Имрӯз вақти ғуруб овози ҳазине шунида шуд. Сарамро аз зери кампал бароварда, нигоҳ кардам. Мирзо дастҳояшро ба ҳаракат оварда, чизҳое мегуфт. Боз ҳам вазнинтар шудани аҳволи ӯро пай бурда, ба назди навбатдор рафта, аҳволро фаҳмондам. Баъд бо телефон рафиқонро ба ёрӣ ҷеғ задам.

Ҳамшираи шафқат баъзе чораҳо дид. Мирзо чашмонашро

кушода ба хуш омад. Чанд нафар аз ҷавонон омаданд ва ду нафарро ба он ҷо ба навбатдорӣ гузоштанд.

Он шаб Мирзо Назрулло ҳеҷ ором наёфт. Маълум буд, ки охирин нафасашро мекашад. Ӯ имшаб аз қавму ақрабои худ ёде накард. Фақат ба мо, ки шарики мусибаташ будем, муҳаббати холисона изҳор намуда, ба воситаи мо ба дӯстони ғоибаш салом мерасонд. Дар бораи худаш фақат ҳаминро гуфт, ки: «Хуни мани бегуноҳ ҳадар нахоҳад рафт».

Соатҳои дуи шаб аҳволаш боз вазнинтар шуд. Фақат садои «оҳ» шунида мешуд.

Дили бе ин ҳам маҷрӯҳи мо аз ин соатҳои охирини дӯсти ҷавон, беозор ва мазлумамон дар таассур ва изтироб буд. Ҳама ба ӯ нафаҳмонда мегиристем.

Вақти тулӯи офтоб ӯ нафаси охиринашро кашида, аз ин меҳнатхона абадӣ чашм пӯшид.

Ҷасади ӯро ба хонаи дигар бурда, ба ҷавонон хабар доданд. Маросими ҷаноза ба рӯзи панҷшанбе мононда шуд.

Имрӯз фотограф оварда расми мо ва расми ҷасади Мирзо Назрулларо гирифтанд.

13 апрели 1917 ӯро дар байни Когони нав ва кӯҳна дар баландие ба хок супурданд.

Ба маросими ҷаноза аз шаҳр ҳам одами зиёде баромада буд, мардуми қишлоқҳои атрофи Когон низ зиёд ҷамъ шуданд. Шогирдони мактаби тоторони Когон сурудҳои мотам хонда, мардумро гирёнданд. Аскарон дар маросим иштирок карда, эҳтироми ҳарбӣ ба ҷо оварданд. Зани ҷавон, модари пир, писари шашсола ва духтари нӯҳсолааш аз Бухоро омада, сардори хонаводаи худро ба сафари охирин гусел карданд.

Нутқҳое, ки дар сари қабр гуфта шуданд, хеле оташин ва интиқомҷӯёна буданд. Нутқҳо бо суханони «Дар қабрат осуда бихоб, рафиқи азиз! Интиқоми туро хоҳем гирифт. Ба ҷои як қатра хунат хуни мурдори золиме хоҳад рехт» ба итмом расонида шуда, бо қасам таъкид меёфтанд.

**Як тасодуфи аҷиб.** Султонхоҷа ном як фаррошбошии қушбегӣ бо чанд шогирдпешаи худ ба хонаи Мирзо Назрулло даромада, ӯро ҳабс карда, нӯҳ ҳазор пулашро ғасбан гирифта ба кисааш андохта буд. Ду рӯз пас аз шаҳодати Мирзо ин Султонхоҷа бо марги муфоҷот мурд.

Яке аз дӯстон ба шаҳодати Мирзо Назрулло ибораи «НАЗРУЛЛОҲИ ШАҲИД»-ро таърих ёфт (1335 ҳ., ки ба 1917 мутобиқ аст).

## Бозиҳои ҳукумати Бухоро дар роҳи аксулҳаракат

Чунонки ба муносибати воқеаҳои оид ба аксулҳаракат дар мавридҳои гуногун баён кардем, худи ҳукумати Бухоро дар роҳи давоми аксулҳаракат кор мекард. Вақте ки бо фишори инқилобчиёни рус ба озод кардани маҳбусон маҷбур шуд, барои аз рӯҳ наафтодани аксулҳаракат шоеаи ба Сибирь фиристода шудани онҳоро баровард.

Рӯзи якшанбе, вақте ки аскарони рус шаҳрро давр зада баромаданд, аксулҳаракат тамоман аз рӯҳ афтод. Аз «Во шариато!» гӯяндагон касе дар шаҳр дида намешуд. Ин аҳвол ба кайфи ҳукумати Бухоро ҳаргиз мувофиқ набуд. Локин чораи ин ҳам ёфт шуд. Ҳукумат ба мадраса ва гузарҳо маъмурони махсус фиристода, суханонеро аз қабили «Аскари рус барои хабаргирӣ аз аҳволи фуқарои худ ва банкҳо ба шаҳр даромада буд. Аз ин андеша надошта бошед. Ба гапи ҷадидҳо бовар накунед. Минбаъд дар Бухоро ба ҷадидҳо роҳ нест»-ро дар байни мардум паҳн мекард. Ҳукумат бо ин воситаҳо боз ба баланд шудани нидои «Во шариато!» муваффақ гардид.

Мақсади ҳукумат аз ин худро дар назди бегонагон ба ислоҳот толиб, аммо халқро ба ин кор муқобил нишон додан буд. Бо ҳамин мақсад як қисми мардуми фирефташудаи деҳот ва туманҳоро ба атрофи шаҳр ҷамъ карда буданд. Ба сардорони туманҳо, аз ҷумла ба Абдулло-бойбачаи ғиҷдувонӣ, ба Ҷалолиддини амин ва ба Муроди амини пайкандӣ аз тарафи амир лутфу эҳсонҳои махсус карда мешуд.

Бо ташаббуси ҷавонон рӯзи сешанбе (3 раҷаб) аз марказ бо имзои Милюков ва Керенский ба номи амир, Миллер ва кумитаи иҷроияи Қогон ба ин мазмун телеграммае омад: «Фоҷиаҳои Бухоро маълум гардид. Ба сабабгорони фитна ва ба монеъшавандагон ба ислоҳот ҷазои сахт дода шавад. Агар минбаъд ба молу ҷони ҷавонбухориён зараре расад, ба ин шахси амир ва шахси Миллер масъул мебошанд».

Ба касоне, ки ба аҳволи онвақтаи Бухоро огоҳанд, маълум аст, ки ин телеграмма ба тамоман ором шудани Бухоро кифоя буд. Локин элчихона аҳамияти ин телеграммаро ҳам дар назари ҳукумати Бухоро паст кард ба вай фаҳмонд, ки агар ҳукумати Бухоро субот нишон диҳад, ба воситаи дӯстоне, ки дар марказ ҳастанд, имконияти аз ин таҳдидҳо халос шудан хаст.

Мазмуни ин телеграмма даҳан ба даҳан байни мардум паҳн

шуда, рӯҳи аксулҳаракатчиёнро хеле паст карда, ба тарафдорони ислоҳот умедҳои нав бахшид.

Ҳукумати Бухоро чораи инро ҳам ёфт. Як овозаи аблаҳфиребонае дар байни мардум паҳн кард, ки гӯё «ҳукумати Русия то шаҳри Қазалӣ идораи Туркистонро ба ҷаноби олӣ супурдааст». Ин шоеа ба воситаи одамони расмӣ паҳн шуд, одамони кушбегӣ ва маҳрамони амир аз баъзе сипоҳиёни соддадил ва савдогарони аблаҳ ба номи муждагонӣ ҷомаҳо ҳам пӯшиданд.

Ба ин овозаҳо аксулҳаракат боз қувват гирифт.

Аммо ҳукумати Бухоро ба муносибати ин телеграмма чӣ корҳои амалӣ кард?

Аз аксулҳаракатчиёни машҳур Бурҳониддинро аз шаҳр бароварда, дар Қогон, дар чорбоғи шахсияш ҷой дода, номи инро ҳабс гузошт. Аз муфтиҳои аксулҳаракатчӣ Мулло Дӯстро ба қозигии Қаршӣ таъйин кард, ҳол он ки ин одам агар боз даҳ соли дигар ба амир бо садоқат хизмат кунад, гумон аст, ки ба ин мансаб расида метавониста бошад. Ҳукумати Бухоро бо ин кори худ ба аксулҳаракатчиён ҷазо додам, гуфта аҷнабиёнро фиреб дода, дар ҳақиқат ба яке аз сардорони аксулҳаракат мукофоти калон дод. Чунон ки яке аз сардорони аксулҳаракат Мусаннифро ба раисии Бухоро таъин карда буд, Мирзои Урганҷиро ҳам, ки ба сабаби муқобил буданаш ба ислоҳот ба Қаршӣ фиристода шуда буд, боз ба Бухоро ҷеғ зад. Мирзои Урганҷӣ яке аз машҳур ва маъруфтарин аксулҳаракатчиён ва ба зamми ин марди табиатан хеле хунхор ва золиме буд. Ӯ дер боз орзуи аз мансаби чандинсолааш фаровардани Насрулло-қушбегӣ ва соҳиб шудан ба ин мақомро мақсади асосии худ қарор дода буд.

Бинобар он ин ҳариф ҳамеша ба аксулҳаракатчиён талқин мекард, ки «Аз дасти қушбегӣ дод гӯед. Ҷаноби олӣ аз ҳеҷ чиз хабар надоранд, боиси ҳамаи ин корҳо Насруллост». Аз тарафи дигар, намояндагони ҷавононро дида, ваъдаҳо медод, ки «Ин ҷанҷолро Насрулло баровард, агар ин мансаб ба ман супурда шавад, ҳама корҳоро дар як рӯз дуруст мекунам». Зотан Насрулло-қушбегӣ бо сиёсати мунофиқонаи манҳуси худ боиси нафрати ҳар ду тараф гардида буд. Дар аввал ба сабаби ба кори ислоҳот андак ҷиддӣ иқдом карданаш аксулҳаракатчиён ӯро мутлақо тарафдори ислоҳот ҳисоб мекарданд. Ба сабаби

дар рӯзҳои охир ба ислоҳот бо назари сард нигоҳ кардан ва пас аз сар задани аксулҳаракат кушоду ошкор онро тарафдорӣ карданаш ҷавонон ҳам умеди худро тамоман аз вай канда буданд.

Ана дар ҳамин вакт бозии наве сар шуд.

Ҳукумати Бухоро 12 апрель, рӯзи чоршанбе ба ҷустуҷӯи роҳи оштӣ бо ҷавонон афтод. Маъмурони элчихонаро миёнарав карда, аз ҷавонон 12 вакил даъват намуд.

Ҷавонон бо иштироки вакилони аскарони ба Бухоро омада, комитети иҷроияи Қогон, бо намояндагони коргар ва аскари Қогон, бо аъзоёни ҳайати раёсати ҷамъияти хайрияи тоторон маҷлисе барпо намуда, ин масъаларо ба муҳокима гузоштанд. Маҷлис пас аз кашмакаши зиёд ба фиристодани 12 вакил қарор дод.

Рӯзи панҷшанбеи 13 апрель яке аз ҷавонон ба касалхона омада ин қарорро ба ман маълум кард. Ман дар ҳолати беморӣ ва таб, бо асабияти тамом ба ин қарор муқобил баромадам. «Мақсади ҳукумати Бухоро аз ин кор 12 нафар роҳбарони ҷавононро ба дом афканда маҳв кардан аст», гуфтам. Намояндаи ҷавонон гуфт: «Мо дар маҷлиси якҷояи умумӣ ба ин қарор омадем, акнун аз ин қарор баргаштан мумкин нест».

— Модом ки ин қарорро иҷро кардан мехоҳед, пас ба мурдан тайёр шуда ба он ҷо равед. Ҳеҷ набошад, мусаллаҳ шуда равед, то ки пеш аз кушта шудан панҷ-шаш душмани худро ба ҷаҳаннам фиристода тавонед,— гуфтам.

Рӯзи ҷумъа, 6 раҷаб (14 апрель) ҳайате аз ҷавонони Бухоро: Мирзо Муҳиддин, Мирзо Исом, Мирзо Абдуқодир, Файзуллохоҷа, Муҳиддин-махдум, Мулло Шараф ва дигарон — дувоздаҳ нафар ҷамъ шуда, аз бародарони кафкозӣ ва тотор ҳам ду нафар ба инҳо пайваста, бо ҳамроҳии Миллер ва Шульга ба Бухоро равона шуданд. Дар вагзали Бухоро инҳоро Мирзои Урганҷӣ пешвоз гирифта, ба арк бурда, дар ҳавлии қушбегӣ ҷойгир кард.

Баъд аз намози ҷумъа вакилонро ба Меҳмонхонаи Раҳимхонӣ бурданд. Дар ин меҳмонхона қозикалон, раис, тамоми муфтиҳо, ҳамаи саркардаҳо, вакилони аксулҳаракат ва аҳли дарбор ҳозир буданд. Амир ҳам омада дар пешгоҳи маҷлис нишаст.

Намояндагони аксулҳаракат бе ҳеҷ муқаддима: «Мо ислоҳот намехоҳем, мо шариатро мехоҳем. Ислоҳот ва ҳуррият ба мо даркор не...» гӯён ғавғо меандохтанд.

Орифхон ном, ки дар он рӯзҳо муфтии аскар буд, бо тамо-

ми овоз дод зада мегуфт: «Мо ҳафтсад сол боз мусулмон ҳастем (?), аз мусулмонӣ намегардем!»

Аз саркардагон Тӯрахоҷа ба Миллер рӯ оварда: «Тӯра, мо қабул намекунем, моро бубахш», гуфта фарьёд мекард.

Хулоса, агар аз фоҷеаҳо сарфи назар намоем, ин маҷлис саҳнаи мазҳакавиеро ба пеши назар меовард.

Яке аз ҷавонон ба амир муроҷиат карда гуфт:

— Тақсир, ба инҳо фаҳмонед, фармони ислоҳотро мо баровардаем ё ки шумо? Кӣ ба фармони шумо муқобил баромад, инҳо ё ки мо?

Амир ба ҳозирон рӯй оварда, ба ҷавонҳо ишора карда:

— Инҳо ҳам ба шариат мувофиқ шавад, мегӯянд, инҳо ҳам табааи содиқи ман мебошанд,— гуфт ва бо ҳамин аз ҷояш хеста, ба хонаи хусусиаш даромад.

Дар ин дам зери айвонҳои меҳмонхона, майдони тахт ва пеши масҷиди ҷомеъ аз балвогарон пур шуда буд.

Балвогарон:— Ин дувоздаҳ нафарро ба дасти мо супоред, мо онҳоро пора-пора мекунем,— гуфта дод мезаданд.

Одамони қушбегӣ омада, одамони меҳмонхонаро берун баровrouted. Миллер ва Шульга низ ба ҳавлии қушбегӣ рафтанд. Дар меҳмонхона фақат вакилони ҷавонҳо монданд. Издиҳом аз берун дод мезад: «Ин дувоздаҳ нафарро куштан даркор».

Тӯрақули ҳудайчӣ омада ба вакилон таклиф кард, ки ба ҳавлии қушбегӣ раванд.

Вакилон гуфтанд:— Ин ҷамъшудагон моро куштан мехоҳанд, модом ки моро куштанӣ ҳастанд, бигузор дар хонаи амир бикушанд. Мо аз ин ҷо намебароем.

Ҳудайчӣ гуфт:— Ман мутасаддӣ, ҳеҷ кас ба шумо таарруз карда наметавонад.

Вакилҳо гуфтанд, ки «Дили мо ба шумо пур нест, аз шумо амният надорем».

Ҳудайчӣ рафт. Боз як маъмури дигар омада, ба баромадан таклиф кард. Вакилҳо ба ин маъмур ҳам ҷавоби рад дода, гуфтанд:

— Миллер ва Шульга маъсулиятро ба гардан гирифта моро ба ин ҷо овардаанд. Аз ҷо баромадани мо ҳам бе ҳамроҳии онҳо мумкин нест.

Оқибат Миллер ва Шульга омада, балвогаронро пароканда карда, вакилонро ба ҳавлии қушбегӣ бурданд.

Насрулло-қушбегӣ ба мазмуни «Мо ислоҳотро намехоҳем, аз ҳаракатҳои кардаамон тавба кардем», хате нависонда овард ва аз вакилон имзо кардани он хатро талаб намуд.

Вакилҳо ин талаброрад карданд. Миллер омада, имзо кунед, гуфта исрор кард. Вакилҳо бо як қайд: «Бо талаб ва исрори сардори элчихона Миллер имзо кардем», ба имзои он хат розӣ шуданд. Локин ин шартро Миллер қабул накард, хат ҳам имзо нашуда монд. Балвогарон соат ба соат ба ҳуҷум омодатар мешуданд. Мақсади ҳукумати Бухоро бо дасти балвогарон куштани вакилон буд, зеро агар ҳукумат чунин нийяти фосиде намедошт, балвогаронро ҳаргиз ба дохили арк роҳ намедод.

Вакилон дар хонаи қушбегӣ чун маҳсур ва маҳбус буданд. Аз ин хона бароянд, нобуд шуданашон яқин буд.

Чун вақти ғуруб фаро расид, маъмурони ҳукумат балвогаронро аз арк баровариданд. Локин фитнагарон дар Регистон дар интизори баромадани вакилҳо буданд.

Миллер ба вакилон гуфт: «Аз байни шумо мусулмонеро, ки раийяи рус мебошанд, ҷудо карда, ба Коғон мефиристем. Дигарон пас аз осуда шудани Регистон аз ин ҷо мебароянд».

Миллер ба нобуд шудани вакилон қаноат ҳосил карда буд. Бинобар ин фуқароёни русро аз байни инҳо ҷудо карда, бароварда, дӯст ва муттафиқи худ ҳукумати Бухороро аз як масъулияти эҳтимолӣ халос кардан мехост.

Баъд Миллер вакилонро дар ҳамин ҳол монда рафтанӣ шуд. Вакилон ба ӯ гуфтанд: «Шумо ба мо таъминот дода, ба ин ҷо оварда ба дом андохтед. Ҳоло мо шуморо ба рафтан намемонем. Агар кушта мешуда бошем, бо шумо ҳамроҳ кушта мешавем. Роҳи дигаре нест. Вассалом».

## Ҳаракат дар Коғон

Рӯзи ҷумъа соат 5 шуд, 6 шуд, ниҳоят шаб фаро расид, вале аз вакилон дараке набуд.

Ҷавонбухориёне, ки дар Коғон буданд, намояндагони коргар ва аскарон аз ин ҳол ба ташвиш афтоданд. Ба воситаи телефон бо ҳукумат гуфтугӯ карда, ҷавоби равшане гирифта натавонистанд. Оқибат моҷароро ба аскароне, ки дар таҳти дарвозаи Бухоро ҷой гирифта бубанд, маълум карда, халос намудани вакилонро пурсиданд. Тамоми инқилобчиёни рус ва мусулмони Коғон мусаллаҳ шуда, роҳи Бухороро пеш гирифтанд.

Сардорони аскаре, ки дар таҳти дарвозаи Бухоро буд, Миллерро ба телефон чеғ зада гуфтанд: «Фавран чораи халос кардани вакилон дида шавад. Агар ба яке аз вакилон зараре бирасад, нишонаи аввалин тири мо ту хоҳӣ шуд».

Миллер пас аз ин таҳдид ба ташаббуси ҷиддӣ маҷбур шуд. Бо як ультиматуми қатъӣ аз Насрулло-қушбегӣ дар муддати 15 дақиқа аз Регистон ронда шудани балвогаронро талаб кард. Пас аз ин талаби қатъӣ Регистон аз балвогарон холӣ ва роҳи халосии вакилон кушода шуд.

Ин воқеа ҳам ба хубӣ нишон дод, ки элчихона ва ҳукумати Бухоро муттафиқан чунин домеро ниҳода будаанд.

Мирзои Урганҷӣ аз тарафи ҳукумат барои ба Қогон бурда расонидани вакилон маъмур шуд.

Мирзои Урганҷӣ «Одамони қушбегӣ ба мо ҳамроҳ нашаванд, ба онҳо эътимод нест», гуфта ин суиқасдро танҳо ба гардани Насрулло-қушбегӣ партофта, худашро сафед кардан мехост, ҳол он ки ин дом бо иттифоқи ҳамаи аркони давлат ва бо иштироки элчихона ниҳода шуда буд.

Хулоса, вакилҳо аз арк баромада, ба аробаҳое, ки дар Регистон тайёр буданд, савор шуданд. Бо мулоҳизаи он ки дар роҳ мабодо доми наве гузошта шуда бошад, бо роҳи маъруф нарафта, аз тарафи дарвозаи Ҳазрати Имом роҳи Қогонро пеш гирифтанд. Дар роҳ ба инқилобчиёни Қогон, ки ба Бухоро равона буданд, вохӯрда, дар соатҳои 11 сиҳҳату саломат ба Қогон расиданд.

Азбаски ин суиқасди Насрулло-қушбегиро пинҳон кардан мумкин набуд, Миллер акнун «Насрулло-қушбегиро бекор кардан даркор», гуфта, худашро сафед карда, бо Мирзои Урганҷӣ роҳи дӯстӣ мекушод, ҳол он ки ин суиқасд, чунон ки гуфтем, бо иштироки тамоми аҳли истибдод омода шуда буд.

## Бекор шудани Насрулло-қушбегӣ Миллер ва Шульга

Дар натиҷаи доме, ки рӯзи ҷумъа ниҳода шуда буд, ҷавонон, инқилобчиёни Қогон ба тамоми аркони ҳукумати Бухоро, аз ҷумла ба Насрулло-қушбегӣ нафрат эълон карданд.

Ҳукумати Бухоро бо машварати Миллер Насрулло-қушбегиро азл карда, ба ҷои ӯ Низомиддини Урганҷиро таъйин намуд. Ҳукумати Бухоро бо ин кори худ бо як тир ду нишон зад: аз як тараф, бегонагон ва оламӣ матбуотро «Насрулло-қушбегӣ барои суиқасдаш ба ҷавонон бекор карда шуд», гӯён фиреб дода, аз тарафи дигар, Насрулло-қушбегиро, ки тарафдориаш баислоҳот ба аксулҳаракатчиён ошкоро собит шуда буд, аз ин мақом гирифта, ба аксулҳаракат рӯҳи тоза, қуввати нав ме-

дод. Ҳукумати Бухоро бо ин ҳаракати худ манфиати бузурги дигаре низ ба даст даровард: Насрулло-қушбегиро, ки назар ба маъмурони дигараш мӯътадилтар буд, аз сари кор ронда, ба ҷои ӯ Мирзои Урганҷии золим, хунхор ва ғаддорро, ки ба дараҷаи рӯҳи аксулҳаракат буд, бар сари кор оварда, масъалаи ислоҳот он сӯ истад, ҳатто ҳаёти тамоми ҷавононро ҳам ба таҳлука андохт.

15 апрель, бегоҳии рӯзи шанбе дар Коғон маҷлиси якҷояи умумии инқилобиён барпо гардида, ҳаракатҳои собиқа ва ҳозираи Миллер ва Шульга муҳокима шуд. Дар бозиҳое, ки ҳукумати Бухоро бар зидди ислоҳот ва ҷавонон барпо карда буд, иштироки инҳо низ собит гардид. Дар маҷлис мактубҳое, ки Шульга ба қозикалон Бурҳониддин навишта, ӯро ба ҳаракат ба муқобили ҷавонон тарғиб карда буд, хонда шуданд. Дар натиҷа ба ҳабс кардани Миллер ва Шульга қарор дода шуд. Шульга ин хабарро шунида, аз Коғон гурехт, аммо Миллер дастгир ва ба Русия фиристода шуд. Лекин аз ин корҳо ба ҷавонон ба қадри як пули сиёҳ ҳам фоида нашуд, зеро корҳои элчихона муваққатан ба дасти Введенский супурда шуд, ки сояи Миллер ва Шульга буд. Барои хизмат дар элчихона аз Тошканд маъмуроне омада бошанд ҳам, аз онҳо умеди хайр набуд, зеро онҳо бандагони содиқи дар мирзохонаи губернатор тарбият ёфтаи Николай буда, корҳои Бухороро бо нишондод ва имлои Введенский ба ҷо меоварданд.

### Фармони ислоҳот дар вилоятҳо

Рӯзи дар Бухоро эълон шудани фармони ислоҳот, нусхаи табъшудаи он ба ҳокимони вилоятҳо ҳам фиристода шуд. Аммо дар бораи чӣ кор карданашон ба бекҳои қӯрғонҳо таълимоти муайян, дастурамали дурусте дода нашуд.

Азбаски дар Каркӣ ташкилоти мунтазами ҷавонон вуҷуд дошт, онҳо мувофиқи таълимоте, ки аз ҷавонони марказ гирифта буданд, ба назди ҳоким рафта, эълон шудани фармони ислоҳоти аз тарафи амир фиристодашударо талаб намуданд. Беки Каркӣ қозӣ, раис, закотчӣ ва дигар амалдорон, сардорони эл ва қабилаҳоро ҷамъ карда, фармонро расман эълон намуд.

Ҷавонон бек, қозӣ ва раисро пеш андохта, намоиши тантананоке барпо намуданд. Маҳбусони бегуноҳи зиндони Каркиро озод кунонданд. Боғчаеро «Боғчаи хуррият» номида, чойхона ва ошхонаҳо тартиб дода, халқро ҷамъ карда, ба ташвиқот шурӯъ намуданд.

Баъди маълум шудани хабари аксулҳаракат дар Бухоро, қозӣ, раис ва амалдорони Қаркӣ ҳам ғавғо бардошта, ба фишор овардан ба ҷавонон сар карданд, лекин бо ҳимояти аскарон ва инқилобчиёни рус ба ҷавонон зарари чандоне расонида натавонистанд.

Ҳокимони Қаршӣ ва Шаҳрисабз дар бораи фармон ба мардум маълумоти равшане надоданд. Бекчае, ки аз тарафи ҳокими Шеробод дар Тирмиз меистод, фармонро эълон карда бошад ҳам, пас аз як рӯз дар бораи ҳабс кардани ҷавонон аз Бухоро фармон гирифт.

Беки Ҳисор ва бекҳои он атроф низ пас аз гирифтани фармони ислоҳот дарҳол дар бораи ҳабс карда, ба Бухоро фиристодани ҷавонон амр гирифтанд.

Бо сар шудани аксулҳаракат дар Бухоро ба тамоми вилоятҳо аз тарафи ҳукумати марказ дар бораи ҳабси ҷавонон фармон фиристода шуда буд. Ин фармон дар ҳама ҷо бо муваффақияти тамом иҷро шуд.

Ҳокими онвақтаи Ғузор амаки амир — Акрамхон бо қуввати тамом ба кор даромад. Ҳар мусофиреро, ки аз Ғузор мегузашт, бо тӯҳмати ҷадидӣ ба ҳабс гирифт. Ҳатто дар истгоҳҳои роҳи оҳан маъмуроти махсус гузошта, мусофирони самарқандӣ ва бухороиро аз вагонҳо ҳам ҳабс кард. Ин мусофирон бо ёрмандии хизматгорони роҳи оҳан ба зӯр аз ин бало роҳонида мешуданд.

Дар Чорҷӯи кӯҳна ҳам фармон эълон нашуд. Фақат Абдураҳимхон ва Фатҳуллохоҷа, ки аз тарафи ҷавонон вакил шуда, ба Чорҷӯи нав рафта буданд, фармонро ба халқ хонда, фаҳмонданд. Локин ҳокими Чорҷӯй Муҳаммад Юсуф ва қозӣ Абдуллохоҷа дар ин маросим иштирок накарданд.

## Тадбирҳои ҷиддии ҳукумати Бухоро ба муқобили ислоҳот

Охири апрель рӯзҳои ба парешонӣ гирифтор шудани Ҳукумати Муваққатӣ буд. Ҳукумати Муваққатӣ ба сабаби сиёсати дурӯёнааш меҳнаткашони Русияро аз худаш розӣ карда натавонист. Ғайр аз дигар кардани вазирҳо ва танзими идораҳо кори дигаре накард. Коргар ва аскари рус, ки аз асорати чандинасрӣ раҳоӣ ёфта буд, озодии комили худро ва хотима додан ба ҷанги манҳуси умумиро талаб мекарданд, ки тамоми ҷаҳонро ба хун оғушта буд. Аммо Ҳукумати Муваққатӣ аз ҳис-

сиёти бо рӯҳияи озодӣ баланд гардидаи халқ истифода намуда бо қувваҳои нав ҷангро давом додан ва мувофиқи кайфи сармоядорони рус ва муттафиқони он — ҷаҳонгирони Аврупо рақсидан мехост.

Бинобар ин масъалаи Бухоро тамоман аз хотири ҳукумати марказӣ баромада, тақдири Бухоро, чунон ки дар замони Николай буд, боз ҳам ба дасти Тошканд супурда шуда буд.

Ҳукумати Бухоро аз ин фурсат истифода намуда, аксулҳаракатро ҳаматарафа ривоҷ дод. Ба ҳар кадоми вакилоне, ки аз тарафи муллоҳо интихоб шуда буданд, амалҳои калон, мансабҳои олӣ эҳсон кард. Ба мулло Қутбиддин, ки ҷомаи малла пӯшида мегашт, амали судурӣ дода, ба мансаби муфтигӣ шинонда, ҷомаҳои кимхоб ва аспи абзолтилло бахшид. Ба Ибодулло ҳам муфтигӣ дод. Ба Абдурауф-корвонбошӣ мансаби эшикоғобошӣ, ба Ҷӯрабек амали тӯқсабоӣ эҳсон кард. Аксулҳаракатчиёни майда-чуйдаи дигар ҳам хушк намонданд, ба ҳар кадом мувофиқи ҳолашон амалҳо, инъомҳо тақсим шуд.

Ҳукумати Бухоро ҳанӯз ҳам худро баислоҳот тарафдор, халқро ба он муқобил нишон додан мехост. Ба намояндагоне, ки гоҳ-гоҳ барои тафтиши аҳволи Бухоро аз Тошканд меомаданд, вакилони муллоҳоро пеш андохта, ҳазор-ду ҳазор халқи авоми фиребхӯрдаро ҷамъ карда, ба майдон мебаровард ва онҳо фарьёди «Мо ислоҳот ва ҳуррият намехоҳем»-ро ба осмон мебардоштанд. Бо ҳамин ҳукумати Бухоро гӯё худашро сафед мекард.

## Фатво ва таҷдиди ислом

Аз тарафи муллоҳо вакил интихоб шудани Қутбиддин, Мулло Холмурод, Ибодулло, Музаффархоҷа ва Шафқатхоҷаро дар боло гуфта будем. Аз ин вакилон Музаффархоҷа ва Шафқатхоҷа бо эътидол рафтор карда, чандон ба майли ҳукумат нарақсиданд. Аммо Қутбиддин, Мулло Холмурод ва Ибодуллоҷмахдумҷон, имон ва виҷдони халқро ба дасти худ гирифтанд. Инҳо ба мазмуни «Агар ҷадидҳо ва касоне, ки бо ҷадидҳо муносибат доштаанд, расман тавба карда, аз нав имон наёранд, занҳошон талоқ, хунашон ҳалол ва молашон мубоҳ» фатвое навишта, бо зӯру ҷабр ба тамоми муфтиҳо мӯҳр пахш кунонданд. Фақат тотор Мулло Сиддиқ фуқарои рус буданашро далел оварда, ба фатво мӯҳр назад ва вакилҳо ба вай таарруз карда натавонистанд.

Домулло ҳоҷӣ Икром ин аҳволро дида, ба қушбегӣ Низо-

миддини Урганҷӣ мактубе навишта, аз рӯи шариат дуруст набудани ин ҳаракатро маълум намуд. Ҳукумат баъд аз гирифтани мактуб, ки бар хилофи хоҳишаш буд, домулло Икромро ба шаҳри Ғузор бадарға кард.

Вакилони муллоҳо ва косалесону думравони онҳо ба ин фатво такья карда, чӣ ҷабру ҷафоҳое, ки дар ҳаққи мардум карданд!

Дар кӯча ва гузарҳо ҳар касро «ту ҷадид» гӯён дастгир карда, баъди рӯёнидани пули бисьёр ба пеши масҷид бароварда, дар пеши ҷамоат бо тамоми разолат имон арза карда [калимаи шаҳодат гӯёнда] ба занаш аз нав никоҳ мехонданд.

Вакилҳо ба назди одамони бой ва бообрӯ махфӣ кас фиристода, бо ҷадидӣ муттаҳам буданашро мефаҳмонданд. Табиист, ки ин бечора ба ҳар як аз вакилон ба қадри иқтидораш ришва тақдим намуда, маҷлисҳои калон ороста, вакилон ва косалесони онҳоро даъват намуда, зиёфати калоне дода, бо ҳамин худро сафед мекард.

Дар чунин вазъият дар дохили Бухоро ба даҳон гирифтани калимаиислоҳот он сӯ истад, ҳеҷ кас онро ҳатто ба хотир ҳам оварда наметавонист.

## Фаъолияти ҷавонон ва ҷамъияти «Шӯрои ислом»

Ҷавонон дар Қогон як муддат барои ба амал омадани фармони ислоҳот кӯшиданд, вале ба ин қарибиҳо ба ҳосил нашудани матлаби худ қаноат пайдо карданд. Барои тайёрӣ ба рӯзҳои оянда дар Қогон ба номи «Шӯрои ислом» ҷамъияте ташкил доданд. Ин ҷамъият гоҳ-гоҳ баённомаҳо нашр кунонда, дар байни халқ паҳн мекард, аз аъзоёни худ ба дасти ҳукумати Бухоро афтодагонро ба воситаи инқилобчиёни дар Қогон будаи рус аз ҳабс наҷот медод ва ба муҳоҷираткунандагон аз Бухоро ҳар гуна ёриҳо мерасонид. Як қисми мазлумони бекасу фақир, ки аз масъалаҳои ҷадиду қадим тамоман бехабар ва ба ҳуҷуми вакилони муллоҳо ва ҳукумат дучор гардида буданд, ин вазъиятро дида, ба ҷамъияти мазкур аъзо мешуданд. Ба ҳамин тариқ дар андак муддат аъзои ин ҷамъият хеле зиёд шуд.

Маркази ҷамъият дар Қогон буда, дар аксари вилоятҳо шӯъбаҳои махфӣ дошт. Аъзои «Шӯрои ислом» ба Бухоро даромада, дар хонаҳои худ хобида метавонистанд. Бинобар ин аксари касоне, ки муҳоҷир шуда, ба Қогон баромада буданд, ба шаҳр,

дод. Ҳукумати Бухоро бо ин ҳаракати худ манфиати бузурги дигаре низ ба даст даровард: Насрулло-қушбегиро, ки назар ба маъмурони дигараш мӯътадилтар буд, аз сари кор ронда, ба ҷои ӯ Мирзои Урганҷии золим, хунхор ва ғаддорро, ки ба дараҷаи рӯҳи аксулҳаракат буд, бар сари кор оварда, масъалаиислоҳот он сӯ истад, ҳатто ҳаёти тамоми ҷавононро ҳам ба таҳлука андохт.

15 апрель, бегоҳии рӯзи шанбе дар Когон маҷлиси якҷояи умумии инқилобиён барпо гардида, ҳаракатҳои собиқа ва ҳозираи Миллер ва Шульга муҳокима шуд. Дар бозиҳое, ки ҳукумати Бухоро бар зидди ислоҳот ва ҷавонон барпо карда буд, иштироки инҳо низ собит гардид. Дар маҷлис мактубҳое, ки Шульга ба қозикалон Бурҳониддин навишта, ӯро ба ҳаракат ба муқобили ҷавонон тарғиб карда буд, хонда шуданд. Дар натиҷа ба ҳабс кардани Миллер ва Шульга қарор дода шуд. Шульга ин хабарро шунида, аз Қогон гурехт, аммо Миллер дастгир ва ба Русия фиристода шуд. Локин аз ин корҳо ба ҷавонон ба қадри як пули сиёҳ ҳам фоида нашуд, зеро корҳои элчихона муваққатан ба дасти Введенский супурда шуд, ки сояи Миллер ва Шульга буд. Барои хизмат дар элчихона аз Тошканд маъмуроне омада бошанд ҳам, аз онҳо умеди хайр набуд, зеро онҳо бандагони содиқи дар мирзохонаи губернатор тарбият ёфтаи Николай буда, корҳои Бухороро бо нишондод ва имлои Введенский ба ҷо меоварданд.

## Фармони ислоҳот дар вилоятҳо

Рӯзи дар Бухоро эълон шудани фармони ислоҳот, нусхаи табъшудаи он ба ҳокимони вилоятҳо ҳам фиристода шуд. Аммо дар бораи чӣ кор карданашон ба бекҳои қӯрғонҳо таълимоти муайян, дастурамали дурусте дода нашуд.

Азбаски дар Қаркӣ ташкилоти мунтазами ҷавонон вуҷуд дошт, онҳо мувофиқи таълимоте, ки аз ҷавонони марказ гирифта буданд, ба назди ҳоким рафта, эълон шудани фармони ислоҳоти аз тарафи амир фиристодашударо талаб намуданд. Беки Қаркӣ қозӣ, раис, закотчӣ ва дигар амалдорон, сардорони эл ва қабилаҳоро ҷамъ карда, фармонро расман эълон намуд.

Ҷавонон бек, қозӣ ва раисро пеш андохта, намоиши тантананоке барпо намуданд. Маҳбусони бегуноҳи зиндони Қаркиро озод кунонданд. Боғчаеро «Боғчаи ҳуррият» номида, чойхона ва ошхонаҳо тартиб дода, халқро ҷамъ карда, ба ташвиқот шурӯъ намуданд.

Баъди маълум шудани хабари аксулҳаракат дар Бухоро, қозӣ, раис ва амалдорони Қаркӣ ҳам ғавғо бардошта, ба фишор овардан ба ҷавонон сар карданд, лекин бо ҳимояти аскарон ва инқилобчиёни рус ба ҷавонон зарари чандоне расонида натавонистанд.

Ҳокимони Қаршӣ ва Шаҳрисабз дар бораи фармон ба мардум маълумоти равшане надоданд. Бекчае, ки аз тарафи ҳокими Шеробод дар Тирмиз меистод, фармонро эълон карда бошад ҳам, пас аз як рӯз дар бораи ҳабс кардани ҷавонон аз Бухоро фармон гирифт.

Беки Ҳисор ва бекҳои он атроф низ пас аз гирифтани фармони ислоҳот дарҳол дар бораи ҳабс карда, ба Бухоро фиристодани ҷавонон амр гирифтанд.

Бо сар шудани аксулҳаракат дар Бухоро ба тамоми вилоятҳо аз тарафи ҳукумати марказ дар бораи ҳабси ҷавонон фармон фиристода шуда буд. Ин фармон дар ҳама ҷо бо муваффақияти тамом иҷро шуд.

Ҳокими онвақтаи Ғузор амаки амир — Акрамхон бо қуввати тамом ба кор даромад. Ҳар мусофиреро, ки аз Ғузор мегузашт, бо тӯҳмати ҷадидӣ ба ҳабс гирифт. Ҳатто дар истгоҳҳои роҳи оҳан маъмуроти махсус гузошта, мусофирони самарқандӣ ва бухороиро аз вагонҳо ҳам ҳабс кард. Ин мусофирон бо ёрмандии хизматгорони роҳи оҳан ба зӯр аз ин бало роҳонида мешуданд.

Дар Чорҷӯи кӯҳна ҳам фармон эълон нашуд. Фақат Абдураҳимхон ва Фатҳуллоҳоҷа, ки аз тарафи ҷавонон вакил шуда, ба Чорҷӯи нав рафта буданд, фармонро ба халқ хонда, фаҳмонданд. Локин ҳокими Чорҷӯй Муҳаммад Юсуф ва қозӣ Абдуллоҳоҷа дар ин маросим иштирок накарданд.

## Тадбирҳои ҷиддии ҳукумати Бухоро ба муқобили ислоҳот

Охири апрель рӯзҳои ба парешонӣ гирифтор шудани Ҳукумати Муваққатӣ буд. Ҳукумати Муваққатӣ ба сабаби сиёсати дурӯёнааш меҳнаткашони Русияро аз худаш розӣ карда натавонист. Ғайр аз дигар кардани вазирҳо ва танзими идораҳо кори дигаре накард. Қоргар ва аскари рус, ки аз асорати чандинасрӣ раҳоӣ ёфта буд, озодии комили худро ва хотима додан ба ҷанги манҳуси умумиро талаб мекарданд, ки тамоми ҷаҳонро ба хун оғушта буд. Аммо Ҳукумати Муваққатӣ аз ҳис-

дод. Ҳукумати Бухоро бо ин ҳаракати худ манфиати бузурги дигаре низ ба даст даровард: Насрулло-қушбегиро, ки назар ба маъмурони дигараш мўътадилтар буд, аз сари кор ронда, ба ҷои ӯ Мирзои Урганҷии золим, хунхор ва ғаддорро, ки ба дараҷаи рӯҳи аксулҳаракат буд, бар сари кор оварда, масъалаи ислоҳот он сӯ истад, ҳатто ҳаёти тамоми ҷавононро ҳам ба таҳлука андохт.

15 апрель, бегоҳии рӯзи шанбе дар Когон маҷлиси якҷояи умумии инқилобиён барпо гардида, ҳаракатҳои собиқа ва ҳозираи Миллер ва Шульга муҳокима шуд. Дар бозиҳое, ки ҳукумати Бухоро бар зидди ислоҳот ва ҷавонон барпо карда буд, иштироки инҳо низ собит гардид. Дар маҷлис мактубҳое, ки Шульга ба қозикалон Бурҳониддин навишта, ӯро ба ҳаракат ба муқобили ҷавонон тарғиб карда буд, хонда шуданд. Дар натиҷа ба ҳабс кардани Миллер ва Шульга қарор дода шуд. Шульга ин хабарро шунида, аз Когон гурехт, аммо Миллер дастгир ва ба Русия фиристода шуд. Локин аз ин корҳо ба ҷавонон ба қадри як пули сиёҳ ҳам фоида нашуд, зеро корҳои элчихона муваққатан ба дасти Введенский супурда шуд, ки событ Миллер ва Шульга буд. Барои хизмат дар элчихона аз Тошканд маъмуроне омада бошанд ҳам, аз онҳо умеди хайр набуд, зеро онҳо бандагони содиқи дар мирзохонаи губернатор тарбият ёфтаи Николай буда, корҳои Бухороро бо нишондод ва имлои Введенский ба ҷо меоварданд.

## Фармони ислоҳот дар вилоятҳо

Рӯзи дар Бухоро эълон шудани фармони ислоҳот, нусхаи табъшудаи он ба ҳокимони вилоятҳо ҳам фиристода шуд. Аммо дар бораи чӣ кор карданашон ба бекҳои кӯрғонҳо таълимоти муайян, дастурамали дурусте дода нашуд.

Азбаски дар Каркӣ ташкилоти мунтазами ҷавонон вуҷуд дошт, онҳо мувофиқи таълимоте, ки аз ҷавонони марказ гирифта буданд, ба назди ҳоким рафта, эълон шудани фармони ислоҳоти аз тарафи амир фиристодашударо талаб намуданд. Беки Каркӣ қозӣ, раис, закотчӣ ва дигар амалдорон, сардорони эл ва қабилаҳоро ҷамъ карда, фармонро расман эълон намуд.

Ҷавонон бек, қозӣ ва раисро пеш андохта, намоиши тантаноке барпо намуданд. Маҳбусони бегуноҳи зиндони Каркиро озод кунонданд. Боғчаеро «Боғчаи хуррият» номида, чойхона ва ошхонаҳо тартиб дода, халқро ҷамъ карда, ба ташвиқот шурӯъ намуданд.

Баъди маълум шудани хабари аксулҳаракат дар Бухоро, қозӣ, раис ва амалдорони Қаркӣ ҳам ғавғо бардошта, ба фишор овардан ба ҷавонон сар карданд, лекин бо ҳимояти аскарон ва инқилобчиёни рус ба ҷавонон зарари чандоне расонида натавонистанд.

Ҳокимони Қаршӣ ва Шаҳрисабз дар бораи фармон ба мардум маълумоти равшане надоданд. Бекчае, ки аз тарафи ҳокими Шеробод дар Тирмиз меистод, фармонро эълон карда бошад ҳам, пас аз як рӯз дар бораи ҳабс кардани ҷавонон аз Бухоро фармон гирифт.

Беки Ҳисор ва бекҳои он атроф низ пас аз гирифтани фармони ислоҳот дарҳол дар бораи ҳабс карда, ба Бухоро фиристодани ҷавонон амр гирифтанд.

Бо сар шудани аксулҳаракат дар Бухоро ба тамоми вилоятҳо аз тарафи ҳукумати марказ дар бораи ҳабси ҷавонон фармон фиристода шуда буд. Ин фармон дар ҳама ҷо бо муваффақияти тамом иҷро шуд.

Ҳокими онвақтаи Ғузор амаки амир — Акрамхон бо қуввати тамом ба кор даромад. Ҳар мусофиреро, ки аз Ғузор мегузашт, бо тӯҳмати ҷадидӣ ба ҳабс гирифт. Ҳатто дар истгоҳҳои роҳи оҳан маъмуроти махсус гузошта, мусофирони самарқандӣ ва бухороиро аз вагонҳо ҳам ҳабс кард. Ин мусофирон бо ёрмандии хизматгорони роҳи оҳан ба зӯр аз ин бало роҳонида мешуданд.

Дар Чорҷӯи кӯҳна ҳам фармон эълон нашуд. Фақат Абдураҳимхон ва Фатҳуллохоҷа, ки аз тарафи ҷавонон вакил шуда, ба Чорҷӯи нав рафта буданд, фармонро ба халқ хонда, фаҳмонданд. Локин ҳокими Чорҷӯй Муҳаммад Юсуф ва қозӣ Абдуллохоҷа дар ин маросим иштирок накарданд.

## Тадбирҳои ҷиддии ҳукумати Бухоро ба муқобили ислоҳот

Охири апрель рӯзҳои ба парешонӣ гирифтор шудани Ҳукумати Муваққатӣ буд. Ҳукумати Муваққатӣ ба сабаби сиёсати дурӯёнааш меҳнаткашони Русияро аз худаш розӣ карда натавонист. Ғайр аз дигар кардани вазирҳо ва танзими идораҳо кори дигаре накард. Коргар ва аскари рус, ки аз асорати чандинасрӣ раҳоӣ ёфта буд, озодии комили худро ва хотима додан ба ҷанги манҳуси умумиро талаб мекарданд, ки тамоми ҷаҳонро ба хун оғушта буд. Аммо Ҳукумати Муваққатӣ аз ҳис-

снёти бо рӯҳияи озодӣ баланд гардидаи халқ истифода намуда бо қувваҳои нав ҷангро давом додан ва мувофиқи кайфи сармоядорони рус ва муттафиқони он — ҷаҳонгирони Аврупо рақсидан мехост.

Бинобар ин масъалаи Бухоро тамоман аз хотири ҳукумати марказӣ баромада, тақдири Бухоро, чунон ки дар замони Николай буд, боз ҳам ба дасти Тошканд супурда шуда буд.

Ҳукумати Бухоро аз ин фурсат истифода намуда, аксулҳаракатро ҳаматарафа ривоҷ дод. Ба ҳар кадоми вакилоне, ки аз тарафи муллоҳо интихоб шуда буданд, амалҳои калон, мансабҳои олӣ эҳсон кард. Ба мулло Қутбиддин, ки ҷомаи малла пӯшида мегашт, амали судурӣ дода, ба мансаби муфтигӣ шинонда, ҷомаҳои кимхоб ва аспи абзолтилло бахшид. Ба Ибодулло ҳам муфтигӣ дод. Ба Абдурауф-корвонбошӣ мансаби эшикоғобошӣ, ба Ҷӯрабек амали тӯқсабой эҳсон кард. Аксулҳаракатчиёни майда-чуйдаи дигар ҳам хушк намонданд, ба ҳар кадом мувофиқи ҳолашон амалҳо, инъомҳо тақсим шуд.

Ҳукумати Бухоро ҳанӯз ҳам худро ба ислоҳот тарафдор, халқро ба он муқобил нишон додан мехост. Ба намояндагоне, ки гоҳ-гоҳ барои тафтиши аҳволи Бухоро аз Тошканд меомаданд, вакилони муллоҳоро пеш андохта, ҳазор-ду ҳазор халқи авоми фирефташударо ҷамъ карда, ба майдон мебаровард ва онҳо фарьёди «Мо ислоҳот ва ҳуррият намехоҳем»-ро ба осмон мебардоштанд. Бо ҳамин ҳукумати Бухоро гӯё худашро сафед мекард.

## Фатво ва таҷдиди ислом

Аз тарафи муллоҳо вакил интихоб шудани Қутбиддин, Мулло Холмурод, Ибодулло, Музаффархоҷа ва Шафқатхоҷаро дар боло гуфта будем. Аз ин вакилон Музаффархоҷа ва Шафқатхоҷа бо эътидол рафтор карда, чандон ба майли ҳукумат нарақсиданд. Аммо Қутбиддин, Мулло Холмурод ва Ибодулломахдумҷон, имон ва виҷдони халқро ба дасти худ гирифтанд. Инҳо ба мазмуни «Агар ҷадидҳо ва касоне, ки бо ҷадидҳо муносибат доштаанд, расман тавба карда, аз нав имон наёранд, занҳошон талоқ, хунашон ҳалол ва молашон мубоҳ» фатвое навишта, бо зӯру ҷабр ба тамоми муфтиҳо мӯҳр пахш кунонданд. Фақат тотор Мулло Сиддиқ фуқарои рус буданашро далел оварда, ба фатво мӯҳр назад ва вакилҳо ба вай тааррузе карда натавонистанд.

Домулло ҳоҷӣ Икром ин аҳволро дида, ба қушбегӣ Низо-

миддини Урганҷӣ мактубе навишта, аз рӯи шариат дуруст набудани ин ҳаракатро маълум намуд. Ҳукумат баъд аз гирифтани мактуб, ки бар хилофи хоҳишаш буд, домулло Икромро ба шаҳри Ғузор бадарға кард.

Вакилони муллоҳо ва косалесону думравони онҳо ба ин фатво такья карда, чӣ ҷабру ҷафоҳое, ки дар ҳаққи мардум карданд!

Дар кӯча ва гузарҳо ҳар касро «ту ҷадид» гӯён дастгир карда, баъди рӯёнидани пули бисьёр ба пеши масҷид бароварда, дар пеши ҷамоат бо тамоми разолат имон арза карда [калимаи шаҳодат гӯёнда] ба занаш аз нав никоҳ мехонданд.

Вакилҳо ба назди одамони бой ва бообрӯ махфӣ кас фиристода, бо ҷадидӣ муттаҳам буданашро мефаҳмонданд. Табиист, ки ин бечора ба ҳар як аз вакилон ба қадри иқтидораш ришва тақдим намуда, маҷлисҳои калон ороста, вакилон ва косалесони онҳоро даъват намуда, зиёфати калоне дода, бо ҳамин худро сафед мекард.

Дар чунин вазъият дар дохили Бухоро ба даҳон гирифтани калимаи ислоҳот он сӯ истад, ҳеҷ кас онро ҳатто ба хотир ҳам оварда наметавонист.

## Фаъолияти ҷавонон ва ҷамъияти «Шӯрои ислом»

Ҷавонон дар Қоғон як муддат барои ба амал омадани фармони ислоҳот кӯшиданд, вале ба ин қарибиҳо ба ҳосил нашудани матлаби худ қаноат пайдо карданд. Барои тайёрӣ ба рӯзҳои оянда дар Қоғон ба номи «Шӯрои ислом» ҷамъияте ташкил доданд. Ин ҷамъият гоҳ-гоҳ баённомаҳо нашр кунонда, дар байни халқ паҳн мекард, аз аъзоёни худ ба дасти ҳукумати Бухоро афтодагонро ба воситаи инқилобчиёни дар Қоғон будаи рус аз ҳабс наҷот медод ва ба муҳоҷираткунандагон аз Бухоро ҳар гуна ёриҳо мерасонид. Як қисми мазлумони бекасу фақир, ки аз масъалаҳои ҷадиду қадим тамоман бехабар ва ба ҳуҷуми вакилони муллоҳо ва ҳукумат дучор гардида буданд, ин вазъиятро дида, ба ҷамъияти мазкур аъзо мешуданд. Ба ҳамин тариқ дар андак муддат аъзои ин ҷамъият хеле зиёд шуд.

Маркази ҷамъият дар Қоғон буда, дар аксари вилоятҳо шӯъбаҳои махфӣ дошт. Аъзои «Шӯрои ислом» ба Бухоро даромада, дар хонаҳои худ хобида метавонистанд. Бинобар ин аксари касоне, ки муҳоҷир шуда, ба Қоғон баромада буданд, ба шаҳр,

ба хонаҳои худ баргаштанд. Онҳо фақат ҳафтае як бор барои иштирок дар маҷлиси умумии ҷамъият дар Қогон ҷамъ мешуданд.

Фақат нависандаи ин сатрҳо баъд аз 52 рӯз хоб дар беморхона ва 25 амали ҷарроҳӣ андак сиҳат ёфта, аз Бухоро тамоман ба Самарқанд кӯчидам. Рафиқи мусибати ман ҳоҷӣ Мирбобо баъди сиҳат ёфтан ба хонаи худ ба шаҳр рафт, ба маҷлисҳои умумии ҷамъият иштирок мекард.

## Ҳаракатҳои ҳукумати Бухоро

Ҳукумати Бухоро пас аз он ки Ҳукумати Муваққатии Русия тамоман хотирҷамъ шуда ба кӯчонида шудани аскарони рус аз Қогон муваффақ гардид, дар моҳҳои шавволи соли 1335 ҳ., яъне расо се моҳ баъди эълони фармон охирин нишонаи ислоҳот қозикалон Мирзо Шариф-махдумро азл карда, аксулҳаракатчии маълум ва машҳур Бурҳониддинро такроран қозикалон таъйин кард. Мустабидди машҳур Имомқули беномус, ки бо тадбири Насрулло-қушбегӣ аз атрофи амир ронда ва ба ҳокимии Яккабоғ таъин шуда буд, имрӯзҳо боз ба Бухоро баргашта, тамоми ихтиёри амирро ба даст гирифта буд.

Амир ба тумани Ғиҷдувон саёҳат карда, ба Ҷалолиддини амин, ба Абдулло-бойбачча ва ба чанд нафари дигаре, ки дар аксулҳаракат нағз хизмат карда буданд, амалҳо, хилъатҳо дода, дилашонро бардошт. Ҳукумати Бухоро гӯё мамлакатро мувофиқи майли худ осуда кард. Локин рафторҳои ифроткоронаи муллоҳо қадре кайфи амир ва қозикалонро мепарронд.

Вакилони муллоҳо (ки дар ҳақиқат вакилони ҳукумат буданд) аз халқ пули бисьёре рӯёнданд, аз амир амалҳо ёфтанд, инъомҳо гирифтанд. Аксулҳаракатчиёни дараҷаи ду ба ин рашку ҳасад мекарданд. Ашхосе аз қабили Қорӣ Ибод ва Назрулло-махдум, ки ба аксулҳаракат хизмат карда, аммо ба андозаи вакилони калон эҳсон ёфта натавониста буданд, бо ғайрати тамом ба кор даромаданд. Қасе намонд, ки ришват нагирифта ё «тавба накунонда» бошанд. Ҳатто, Қорӣ Ибод ба қозикалон Бурҳониддин ҳам, ки ба вай чандон эътибор надода буд, часпид.

Барои пешгирӣ аз ин худсариҳо қозикалон ба амир арз карда, Қорӣ Ибодро ба Балҷувон бадарға карда маъхаз ва мансаби ду-се нафар аз рафиқони ӯро гирифта, танбеҳ дод. Бо ҳамин ҳаракати умумӣ ба муқобили ҷадидҳо як дараҷа хобонда шуд. Ҳоло дигар ҳеҷ муллое ҷуръат карда наметавонист, ки касеро ҷадид гӯяд.

Локин ин аҳвол ба кайфи қозикалон ва амир чандон мувофиқ набуд. Ба онҳо ҳамеша як гурӯҳ аксулҳаракатчиёни ваҳшӣ лозим буданд, ки ҳар вақт худро ба майдон партоянд, вале ҳоло ҳеҷ кас ба баромадан ба майдон ҷасорат намекард. Пас аз он ки аксарияти муллоҳо ором шуда буданд, бо чаҳор вакил кори даркориеро ба амал овардан имкон надошт. Бинобар ин қозикалон ба Қорӣ Ибод, ки дирӯз бадарға карда буд, ҳанӯз рафта ба Балҷувон нарасида, ярлиғи раисии вилояти Балҷувонро фиристод. Ба рафиқони Қорӣ Ибод низ, ки аз маъхаз[1] маҳрум шуда буданд, маъхаз ва мансабҳои калонтаре дод. Ба ҳамин восита рӯҳи аксулҳаракат, ки пахш шуда буд, дубора бо ҷиддияти тамом бардошта шуд.

## Ҳаракат бар зидди вакилҳо ва қозикалон

Вакилони муллоҳо зулм ва истибдодро аз ҳад гузарониданд. Ҳеҷ муллое бе воситачигии онҳо ба мансабе расида наметавонистагӣ шуд. Лаҷоми қозикалон ҳам ба дасти инҳо афтода буд. Бинобар ин дар байни муллоён душманӣ ба муқобили вакилон рӯз ба рӯз меафзуд. Қозикалон низ аз дасти вакилон озор мекашид. Ҳар маъхаз ва мансаб дар ихтиёри онҳо буд. Қозикалон фикр ва раъйи онҳоро напурсида, ба касе чизе дода наметавонист ва ҳатто маҷбур буд, ки мурофиа ва ҷанҷолҳоро ҳам мувофиқи майл ва хости онҳо ҳал намояд.

Бинобар ин ба ҳаракате, ки бар зидди вакилҳо сар мешуд, худи қозикалон ёрӣ медод ва ба писараш фармуда буд, ки ба муқобили онҳо қуввае ҷамъ кунад.

Як қисм муллоҳо ба муқобили худи қозикалон низ сар мебардоштанд, зеро ба қозикалон шудани ин одам ба ғайр аз амир ва аҳли дарбор дигарон чандон розӣ набуданд. Ба муносибати ислоҳот азл шуда, дубора қозикалон шудани вай ба муллоёни калон, аз қабили Мусанниф, ки ба ин мансаб чашм дӯхта буданд, бад таъсир карда буд. Табиист, ки инҳо дар байни тарафдорони худ ба муқобили қозикалон гап паҳн мекарданд.

Ҷавонон, ки аз ин ҳаракатҳо хабардор шуда меистоданд, дар байни ин «норозиён» ташвиқот бурда, дар андак вақт як ҷамъияти калони махфӣ ба вуҷуд оварданд.

---

[1] *Маъхаз* — яке аз навъҳои маоше, ки аз тарафи амир ба муллоҳо дода мешуд.

Ба сабаби гуногунии муддаои гирдомадагон ба атрофи ин ҷамъият бемуваффақиятии кори он аз аввал маълум буд, бо вуҷуди ин ҷавонон боз ба як таҷриба иқдом карданд.

Ин ҷамъият барои иқдомот ба муқобили вакилон аз муллоҳои калону хурд садҳо имзо ҷамъ кард. Он аъзои ҷамъият, ки пайрави қозикалон набуданд, бар зидди вай ҳам имзо ҷамъ мекарданд. Хатти ҳаракати инҳо чунин буд: пас аз мукаммал шудани ташкилоташон ба ҳукумат муроҷиат карда, вакилҳоро бекор кунонда, пас аз ин азли қозикалонро ҳам талаб мекунанд.

Хулоса, дар аввалҳои моҳи рабиуссонии соли 1336 ҳ. як гурӯҳи зиёда аз ҳазорнафарии норозиён ба Регистон ҷамъ шуда, аз номи ҷамоат ба назди қушбегӣ намоянда фиристода, азли вакилонро талаб карданд. Намояндагон ба қушбегӣ гуфтанд: «Агар ин вакилҳо вакили мо бошанд, мо ваколати худро аз онҳо пас мегирем. Онҳо ба номи вакилони халқ халқро толон карданд, маъхаз ва мансабҳоро ғасб намуданд, ба халқ тӯҳматҳо карда, ришваҳо гирифтанд. Мо ин хел вакилҳоро намехоҳем. Ба мо вакил даркор нест».

Қушбегӣ ба инҳо муомилаи нарм карда гуфт: «Ин вакилҳо зоҳиран вакилони шумо бошанд ҳам, дар ҳақиқат гумоштагони ҷаноби олӣ мебошанд. Бинобар ин бекор кардани инҳо ҳаққи шумо набуда, дар ихтиёри ҷаноби олист...»

Чанд нафар аз намояндагон, ки ба ҷӯшу шӯр омада буданд, гуфтанд: «Ин вакилҳо, албатта, бекор мешаванд, лекин мо бо ҳамин қаноат намекунем, балки бекор шудани қозикалонро ҳам талаб менамоем, ба мо ин хел қозикалони нодони беилми аҳмақ даркор нест».

Қушбегӣ боз ба инҳо рафтори мулоим карда ду рӯз мӯҳлат гирифта «То ду рӯз ба ҷаноби олӣ арз намуда, матлабҳоятонро ҳосил мекунонам», гӯён намоишгаронро пароканда намуда, аҳволро фавран ба амир, қозикалон ва ба аҳли дарбор маълум кард.

Бурҳониддин, ки вакилҳо бекор мешаванд, ман ба сари худ, мустақилона қозикалонӣ мекунам, гуфта хурсанд буд, ин ҳаракати бар зидди худаш шӯридаро шунида, ҳуш аз сараш парид. Фавран ба амир арз карда, дидани тадбирҳои сахт ва қатъиро бар зидди исьёнгарон талаб намуд. Дар ин «тадбир» писар ва домоди худаш ҳам қурбон мешуданд. Лекин барои Бурҳониддин ин ҳеҷ аҳамият надошт. Барои вай аз ҳар чиз, ҳатто аз номус ва имон ҳам азизтар як чиз буд, он ҳам манса-

би қозикалонӣ. Ба вай ба ҳар роҳе ки бошад, ин мансабро нигоҳ доштан лозим буд.

Амир барои тафтиш ва ҳалли ин масъала Имомқулбекро ба назди қушбегӣ фиристод. Имомқул вакилҳоро ба назди қушбегӣ чеғ зад ва онҳо масъаларо якҷоя музокира карданд. Вакилҳо гуфтанд: «Инҳо фақат ба мо муқобил нестанд, инҳо ба тамоми ҳукумат муқобил мебошанд. Имрӯз моро бекор карданӣ бошанд, фардо қушбегӣ, пасфардо худи ҷаноби олиро бекор карданӣ мешаванд. Бинобар ин ба ҳамаашон ҷазои сахт дода, сардоронашонро куштан салоҳи давлати олист».

Дар натиҷаи ин маҷлис Имомқул номи чанд нафарро рӯйхат карда бурд. Бегоҳӣ аз амир супориши махсус омада, писари Бурҳониддин — Усмонхон, домодаш Аминҷон, бародари қозикалони маъзул Абдуғафур-махдум, ҷияни вай Абдулвакил, писари шайхи Шояхсӣ ва боз Ҳомид-махдум ном як раиси маъзулро гирифта, ба дарбори амир, ба Ситорамахосса бурданд. Аз инҳо ду нафари аввалӣ ба вакилон, дигарҳо ҳам ба вакилҳо ва ҳам ба қозикалон муқобил буданд.

Ба дарбор либосҳои онҳоро кашида, дастонашонро бо саллаҳошон ба ақиб баста, ба пушти одамони савора шинонда, поҳошонро аз тахти шиками асп бо чилбур баста, ду нафарро ба Чорҷӯй, ду нафарро ба Қаршӣ ва ду нафари дигарро ба Нурато равона, яъне бадарға карданд.

Аз мударрисони мӯсафед ҳоҷӣ Абдукарим барои ба вакилҳо ва ба қозикалон муқобил буданаш ба Кармина бадарға шуд. Боз чанд мударрисро бо ҳамин гуноҳ аз мансаб фароварда ва як муфтиро бекор карданд. Бо ҳамин ихтилол ва исьён тамоман пахш карда шуд. Ҳазорон нафаре, ки бо қасам аҳду паймон карда буданд, хомӯш шуда, натақашон набаромад.

Баъди ин воқеа ду чиз бори дигар ба ҳама равшану яқин гардид: якум, вакилон дар ҳақиқат вакили муллоҳо набуда, вакилони сохтаи худи ҳукумат буданд; дуввум, агар ҳукумат хоҳиш дошта бошад, ба пахш кардани ихтилоли муллоҳо қодир будааст. Азбаски аксулҳаракат бар зидди ислоҳот бо хоҳиш ва амри худи ҳукумат сар зада буд, пахш ва хомӯш карда нашуд.

## Инқилоби Октябрь ва ҳукумати Бухоро

Ҳукумати Бухоро баъди Инқилоби Октябрь аз аксулҳаракат ва ихтилолҳое, ки дар мамлакати Русия рӯй медоданд, истифода намуда, ҳукумати советиро нашинохт. Бо русҳо, аз

қабили касоне мисли Введенский — меросхӯри Николай муомила намуда, ба маслиҳатҳои онон гӯш дода, онҳоро ба хизмати худ гирифта, ҳимоят мекард.

Ҳукумати Бухоро пас аз Инқилоби Октябрь худашро мустақил мешумурд. Локин аз ин истиқлол ба таври маданӣ истифода бурда, ба ободию таъмири мамлакат иқдом накард. Орзу ва талаби он аз ин истиқлол ду чиз буд:

Якум, ҳарчи бодо бод, бо фоҷиа ва фасодҳои нав вазъияти панҷоҳ сол пеши мамлакатро аз нав зинда намудан ва дуввум тамоми ҷавонон ва ҷавонфикронро маҳву нобуд кардан.

Ҳукумати Бухоро дар роҳи расидан ба ин орзуҳои худ мекӯшид.

Низомиддини Урганҷӣ ба мансаби қушбегигӣ расида, бо даҳшати тамом аз рӯи қонуни «бигир! Бизан! Бикуш!» ҳукмравоӣ мекард. Одамони қушбегӣ ба вилоятҳо, туманҳо, ба кент ва қишлоқҳо мебаромаданд, ҳар касеро, ки ба дасташон афтад, «ин дузд, ин бадгашт, ин айғоқ» гӯён дастгир карда, дар қозихона ва миршабхонаҳо ба дасту пояшон кунда, ба гарданашон кишан зада, ба зиндон меандохтанд. Молдор ва мулкдори ин бечораҳо ҳасту несташонро ба қозӣ, ба миршаб ва ба одамони қушбегӣ дода халос мешуданд. Дасту пои бепул ва бекасҳоро баста ба Бухоро мефиристоданд, дар он ҷо онҳоро ба обхонаҳо меандохтанд ва бо амри қушбегӣ ба зарби чӯбҳои бешумор маҳкум гардида, бо азоби бисьёр аз дуньё мегузаштанд. Пас аз чанд рӯз ҷасади инҳоро ба аробаҳои кӯтак бор карда, дар беруни шаҳр ба чуқуриҳо мепартофтанд...

Ин буд аломати истиқлол, нишонаи ҳашамат ва роҳи мадохил!...

Дар ин гирудори «бигиру бикуш» албатта дуздони хунхор ва роҳзанони ғаддор низ ба даст меафтоданд, лекин ба инҳо зиёну заҳмате намерасид. Пас аз он ки як-ду рӯз дар ҳабс хобиданд, мувофиқи талаб ва орзуи қушбегӣ ваъдаҳо дода, ба қатори маъмурони содиқи ҷаноби олӣ даромада, бо дастори сафед, ҷомаҳои шоҳию адрас сарфароз гардида, ба қатори навкарони дарбор медаромаданд.

Ҳамаи маъмурони ҳукумати Бухоро ваҳшӣ ва хунхор буданд. Локин Мирзои Урганҷӣ аз ҷиҳати ваҳшонияту хунхорӣ дар мавқеи махсусе меистод. Ин одам агар ягон рӯз касеро ҷазо надиҳад ва хуне нарезад, девона мешуд. Баъд аз он ки дар Бухоро қушбегӣ шуд, хусусан пас аз Инқилоби Октябрь, ин сифати худро бо озодии тамом ба амал меовард. У бо тақозои ин сифати худ ҳар вақт дуздҳоро ба атрофи худ ҷамъ кар-

да, ба воситаи онон хунхориро ривоҷ медод. Хусусан пас аз қушбегӣ шудан атрофи худ ва сафи навкорони амирро бо дуздҳо пур кард. Бечорагони бекасу бепулро ё ки duздони кисабурро дастгир карда кушт ва дар сояи ин сиёсат маҳрамони амир, одамони қушбегӣ, қозӣ, раис ва миршабҳо миллионҳо пул ҷамъ карданд.

Баъд аз Инқилоби Октябрь ҳукумати Бухоро на танҳо ҳукумати советиро нашинохт, балки ба қадре ки аз дасташ меомад, ба ҳукумати советӣ душманӣ кард. Ба аксулинқилобчиёни рус, ба бандагони Николай, ки тамоми Русия ва Бухороро ба асорат андохта буданд, ёрӣ расонд, ба онҳо муносибати хуб нишон дод. Офицерони рус ва сардорони ба ҳукумати советӣ муқобили казакҳо ҳамеша аз ҳукумати Бухоро ҳимоят ва ёрӣ медиданд.

Ҳукумати Бухоро пас аз Инқилоби Октябрь ба худаш қувват ҷамъ карданӣ шуд. Як қисми ин қувватро, чунон ки дар боло гуфтем, дуздҳо ташкил медоданд. Қисми дигар элнӯкарҳое буданд, ки бо усули «кӯбкорӣ» ҷамъ карда мешуданд. Ба дарбори амир, дар чорбоғи Ситорамахосса ҳар рӯз кӯбкорӣ барпо мешуд. Човандозҳои дар ин ҷо ҷамъшуда навкорони амир ҳисоб меёфтанд ва човандозҳои шуҷоат ва ғайрат нишондода аз тарафи амир бо амал ва нишонҳо сарфароз мешуданд.

Бо роҳҳои дигар ҳам аскари мунтазам ғундоштан имкон дошт, вале ҳукумати Бухоро барои ба тамоми маънояш нигоҳ доштани кӯҳнагӣ ин қоидаро қабул карда буд.

Ҳукумати Бухоро баъд аз Инқилоби Октябрь бо ҷавонон ҳам ба воситаи дуздҳо муқобилат [мубориза] карданӣ шуд. Чунончи Абдухалилбек ва Ҳусенхоҷа ном аъзоёни ҷамъияти Шӯрои исломро дар гузари Сӯзангарон дар ҳавлии Шариф ном аз ҷавонон дуздҳоро фиристода буғӣ карда кушонд. Шарифро ҳам дар ин ҷиноят муттаҳам карда, ба ҳабс гирифт ва буғӣ карда кушт.

Абдухалилбек ҷавони ба дарбори амир ба вояврасидае буда, дар байни сипоҳзодагон ба хубӣ афкори нав паҳн мекард. Ҳусенхоҷа бошад, ин корро дар байни сарбозони саворai амир — кавказиҳо ба ҷо меовард. Дуздони амир шабе ба хонаи Исҳоқ Ағдаров ном аз ҷавонон тааррuz карда бошанд ҳам, бинобар дар хона набудани вай шикорашон барор нагирифт.

Ба ғайр аз ин тааррузоти пинҳонӣ ба муқобили ҷавонон кушоду ошкоро ҳам тааррузҳо мешуд.

## Инқилоби Октябрь ва ҷавонони Бухоро

Баъд аз Инқилоби Октябрь аҳволи ҷавонони Бухоро хеле вазнин шуд. Ҳукумати Бухоро аз идораҳои советии Қогон муносибаташро тамоман канда буд. Бинобар ин ҷое, ки ҷавононро аз ҳуҷум ва тааррузҳо муҳофизат намоянд, вуҷуд надошт. Дар моҳҳои декабрь ва январь аҳвол боз ҳам вазнинтар шуд. Ҳукумати Бухоро ҷавононро бо роҳи суиқасдҳо мекушт, ба баҳонаҳое ба ҳабс мегирифт ва ба эътирозҳо дар ин бора бо истеҳзо ҷавоб медод.

Ҳукумати Бухоро рӯзе Мирзо Абдулвоҳидро, ки он вақт раиси ҷамъияти ҷавонон буд, дастгир карданӣ шуд. Локин азбаски ин таарруз дар вагзали Бухоро воқеъ шуд, Мирзо-Абдулвоҳид бо ҳимояи коргарони роҳи оҳан халос шуд.

Ҳукумат ба гузар ва маҳаллаҳо амр дода буд, ки бо ҷавонон қатъи алоқа намоянд.

Рафта-рафта дар Қогон ҳам амният барҳам хӯрд. Боре казакони аксулҳарактчие, ки аз Қогон мегузаштанд, яроқҳои коргаронро ҷамъ карда бо худ бурданд. Онҳо дар бадали ин кори худ аз ҳукумати Бухоро инъом ва эҳсонҳо гирифтанд, ба онҳо ба тариқи ёрӣ биринҷ, гӯсфандҳо, орд дода шуд.

Дар натиҷа аъзоёни идораи марказии ҷавонон сахт дар таҳлука монда буданд. Роҳе ёфта баъзе аз онон ба Каттақӯрғон, баъзе ба Самарқанд гурехта халос шуданд.

Вақте ки вазъият ба ин дараҷа расид, дар байни ҷавонон ду фикр пайдо шуд: якум, тамоми амлок ва асбоби дар Бухоро будаи худро партофта ба Туркистон ҳиҷрат кардан ва масъалаи Бухороро ба ягон фурсати муносиб мавқуф гузоштан; фикри дуввум ҳарчи бодо бод, дар Қогон монда, домани Бухороро аз даст надодан. Далели тарафдорони фикри дуюм ин буд: душманӣ дар байни Бухоро ва Советҳо оқибат бо шамшер ҳал хоҳад шуд. Толеи ислоҳоти Бухоро ва ҷавонбухориён низ фақат дар он вақт ҳал мешавад. Модом ки толеи мо вобаста ба толеи Шӯроҳост, то даме, ки идораи Шӯроҳо дар Қогон вуҷуд дорад, мо ҳам аз Қогон ба ҷое намеравем.

Ҳукумати Бухоро дар ҳолате, ки тааррузоти худро ба муқобили ҷавонон давом медод, ба таври ғайрирасмӣ ба онҳо муроҷиат ҳам кард. Дар ин муроҷиат ба ҷавонон сухане ба миён оварда нашуда, фақат бе ҳеҷ шарт қайд шуда буд, ки «ҷавонҳо ба лутфу марҳамати ҷаноби олӣ паноҳанда шуда (?) кӯчида, ба Бухоро дароянд». Агар ҳукумати Бухоро «молу ҷони ҷавонон дар амният аст» ҳам мегуфт, дар байни ҷавонон ягон

соддадили ба ин ваъда боваркунандае ёфт намешуд. Ва ҳол он ки дар мурочиат ҷумлаи «ба лутфу марҳамати ҷаноби олӣ паноҳанда шуда» ба ғайр аз худро мисли гӯсфанд ба дастӣ қассоб супоранд, маънои дигаре надошт.

Бо вуҷуди ин ҷавонҳо мурочиати зикршударо бе ҷавоб нагузоштанд. Ба одами амир, ки дар мурочиат восита шуда буд, мактубе навишта, барои мусолиҳа бо амир ҷазо ва танбеҳи аксулаҳаракатчиёни машҳур ва ба амал гузаронида шудани фармони ислоҳотро шарт гузоштанд.

Инак, дар ин вақтҳо воқеаи Қолесов рӯй дода, дар таърихи инқилоби Бухоро саҳифаи тамоман наве кушода шуд.

## Мулоҳиза

Намоиш ба муносибати эълони фармони ислоҳот сабаби зуд сар задани аксулҳаракат гардид. Чунонки дар ҷои худ зикр кардем, агар ҷавонҳо намоиш барпо намекарданд ҳам, он фармон ба амал гузаронида намешуд, локин дар он сурат ба хотири ҳар кас расида метавонист, ки ҷавонҳо намоиш барпо карда, як дараҷа масъули шӯридани аксулҳаракат гардиданд ва агар намоиш барпо намешуд, тамоми масъулият ба зиммаи ҳукумати Бухоро меафтод.

Нависандаи ин сатрҳо ҳам дар ҳамин фикр будам. Локин вуқӯот аксӣ инро нишон дод. Намоише, ки дар он вақт баргузор шуд, барои ҷавонон як хайру салоҳи тасодуфӣ гардид, зеро агар ба муносибати намоиш якбора акслуҳаракат бархоста, ниқоб аз рӯи ҳукумати Бухоро намеафтид, ҷавонҳо аз Бухоро намегурехтанд ва баъд, ҳукумат дар як фурсати муносиб тамоми роҳбарони ҷавононро дастгир намуда мекушт ва ба таърихи зулму ваҳшонияти худ боз саҳифае илова мекард.

Инак, барои ҳамин намоиши таърихиеро, ки «хатои таърихӣ» номида будам, маҷбурам «тасодуфи бахайрият» биномам.



# ҚИСМИ ЧОРУМ

(1336—1338 ҳиҷрӣ,
1918—1920 мелодӣ)

# ЯК-ДУ СУХАН

Чунонки дар бобҳои охирини қисми сеюми таърихамон гуфтем, ҳукумати Бухоро пас аз Инқилоби Октябрь роҳҳои дигаре пеш гирифта, ба ҳавоҳои дигаре ба ракс даромад. Дар лаҳзаҳои вазнин ва таҳлуканоки ҳукумати советӣ онро ба расмият нашинохт ва ҳатто ба душманони он рӯи хуш нишон дод.

Ба ҷои аз ҳама масъулиятноктар ва аз ҳама мушкили таърихи инқилоби Бухоро, ки мутасаддии навиштанаш шудаам, расидам. Муҳимтарин воқеаи ин қисми чорум воқеаи Колесов мебошад, ки чӣ навъ сар шудани он, дар байни ҷавонбухориён ва Колесов чӣ музокира ва аҳдномаҳо шуданаш, сабабгори асосии ин воқеа ҷавонбухориён буданд ё Колесов ва як ришта ин қабил нуқтаҳои аз ҷиҳати таърих муҳим барои ман торик мебошанд. Зеро пас аз воқеаҳои соли 1917 ман ба Самарқанд кӯчида, аз воқеаҳое, ки дар Қогон рӯй медоданд, тамоман бехабар мондам. Баъдҳо дар бораи сабабҳо ва оғози ин воқеа аз ашхоси мухталиф баъзе маълумот гирифта бошам ҳам, ин маълумоти ман хусусӣ буда, ба ягон санади расмӣ мустанад нестанд. Бинобар ин он чи дар бораи сабабҳо ва илали ин воқеа менависам, иборатанд аз маълумоти ба даст даровардa, аз муҳокима ва қиёсҳои шахсии худам. Ҳоло ман бо ҳамин қадар иктифо мекунам. Додани маълумоти боз ҳам аёнтар ва муфассалтар вазифаи касонест, ки биззот дар он иштирок доштаанд.

Ҳарчанд аз оғози воқеа бехабар будам, вале аз фоҷеаҳое, ки ба ин муносибат рӯй доданд, аз қатли омҳои ҳукумати Бухоро, аз фалокат ва мусибатҳое, ки ҷавонон гирифтор шуданд, як дараҷа огоҳӣ дорам. Бинобар ин дар ин бораҳо ба додани маълумоти ба қадри имкон муфассалтар ваъда медиҳам.

## Сабабҳои воқеаи Колесов

Дар ин вақт ҳукумати советӣ фақат дар Тошканд ва Самарқанд барқарор буда, Хӯқанд ба сари худ мухторият эълон карда ва Ҳафтрӯд вазъи худсаронае дошт. Дар ин чунин як вазъият андак душмании ҳукумати Бухоро ба бисьёр воқеаҳо сабаб шуда метавонист. Шояд барои ҳамин бошад, ки Колесов аз паси воқеаи Хӯқанд масъалаи Бухороро низ ҳал кардан хост. Воқеаи казакҳо низ, ки ба Қогон омада, яроқи коргарони советиро гирифта, аз ҳукумати Бухоро ёрмандӣ дида буданд, боиси зудтар ба майдон гузошта шудани масъалаи Бухоро гардид.

Ҷавонбухориён дар ин рӯзҳо ба ҳар коре омода ва ба ҳар воқеае тайёр буданд. Бинобар ин бо Колесов хеле зуд созиш карда, масъалаи Бухороро ба миён гузоштанд. Аз ҷавонон онҳое, ки ба ин кори муваффақияту оқибаташ номаълум дохил шуданро намехостанд, кӯчида ба Тошканду Самарқанд рафтанд.

Ҷавонон дар он рӯзҳо ба деҳқонон ва ба сарбозони Бухоро низ фирефта шуда буданд. Ҷавонон гумон мекарданд, ки деҳқонон ва сарбозоне, ки аз ҷабру зулми ҳукумати Бухоро ҷон ба лабашон расидааст, бо андак ҳаракати мо ба моён ҳамроҳ шуда, барои ба даст даромадани талабҳои мо, ки айни муддао ва манфиати онҳост, ёрӣ хоҳанд дод. Ҳол он ки деҳқонон ва сарбозҳо ба ҳадде зери занҷири зулму ситам фишурда шуда буданд, ки маҷоли ҳаракат кардан надоштанд. Ба замми ин муллоҳои хоин ва эшонҳои шариатфурӯш дар байни деҳқонон хеле хуб ташвиқот бурда, онҳоро бар зидди ҷавонон барангехта, аз номи шариат ба иҷрои ҳар коре омода карда буданд. Дар муқобили чунин тайёргариҳо баённомаҳое, ки ҷавонон пахн мекарданд ва ташвиқоти онҳо ҳеҷ таъсире дошта наметавонист.

Ба ҳар ҳол ҷавонон ин ҷиҳатҳоро фикр ва мулоҳиза накарда, ба як бозии бемаврид ва таҳлуканок иқдом намуданд.

Баъд аз анҷоми бемуваффақияти ин воқеа як қисми халқ тамоми масъулиятро ба ҷавонон бор карданд. Вале, ба фикри ман, дар ин ҷо қисми зиёди масъулият ба гардани Колесов меафтад, зеро қувват ва силоҳ ба дасти вай буд ва агар вай намехост, ҷавонон ҳеҷ коре карда наметавонистанд.

Вале масъулияти ҷавонон дар ин нуктаҳост: онҳо қувваи худ ва қувваи амирро дуруст насанҷида, ба андак қуввате, ки Колесов оварда буд, бовар карда, ба маълумоти бардурӯғи намояндагони худ дар бораи он ки мардум ба қиём ҳозиранд,

фирефта шуда, ба ин бозии таҳлукадор даромаданд. Ҳол он ки ҷавонони бухорой аҳволи рӯҳияи мардуми Бухоро, нуфуз ва эътибори дар он рӯзҳо доштаи худашон ва мардумро чӣ навъ фирефта кардани уламоро бо тамоми ҷузъиёташ донистанашон лозим буд. Вале ин ҷиҳатҳои масъала фикр ва мулоҳиза карда нашуд. Дар натиҷа хуни бегуноҳи зиёде рехта шуд.

Дар аввалҳои моҳи феврали соли 1918 дар Самарқанд яке аз ҷавонон бо ман вохӯрд. «Ҳарчӣ бодо бод, агар ба деви истибдод ҳуҷуме кунем, чӣ мешуда бошад?» гӯён фикри маро пурсид. Ба ӯ гуфтам: «Ҳуҷуме, ки бидуни санҷиши қуввати худ хоҳед кард, ба муваффақият намеанҷомад». Ӯ гуфт: «— Ҷон бар лаби мо расидааст. Зулми ҳукумат ба дараҷаи тоқатнопазире расид. Аз чунин зиндагӣ, ҳарчӣ бодо бод, ҳуҷуме кардан ва бо шаъну шараф шаҳид шудан беҳтар аст».

Дар ҷавобаш гуфтам: — Ин фикр ва назарияи шумо он вақт дуруст шуда метавонист, ки шумо бо ҳамсафони худ якҷоя ҳуҷум намоед, музаффар нашавед ҳам, ба шарафи шаҳодат бирасед ва хасорат ҳам ба доираи ҳамин ҳуҷумкунандагон мунҳасир бошад. Вале кор ин тавр нахоҳад шуд. Ҳукумати Бухоро ҳукуматест, ки дар ваҳшоният дар тамоми олам мислу монанде надорад. Агар ҳуҷуми шумо андак ба бемуваффақиятӣ дучор гардад, ин ҳукумати ваҳшӣ дар дохили Бухоро қассобхонае мекушояд ва хуни мардуми бегуноҳи зиёде беҳуда рехта мешавад. Аҷаб не, шумо аз ин фоҷеа сиҳату саломат ҷон бадар мебаред, вале бегуноҳони зиёде қурбон мешаванд. Бинобар ин бе тайёрии мукаммал ва ҳаматарафа ҳуҷум карданро ман ҳаргиз маслиҳат намебинам. Аммо дар мавриди тайёрии мукаммал қурбониҳо бамавқеъ мешаванд ва қурбондеҳӣ ба иди қурбон мубаддал мегардад.

Пас аз он ки муддаои худро бо чунин далелҳои мантиқӣ исбот кардам, ҳамсӯҳбатам гапро ба шӯхию зарофат гардонида гуфт:— «Мо ҳам ҳанӯз чунин фикру хаёле надорем. Ман ин гапҳоро чун орзуе гуфтам» ва бо ҳамин гап нақшаи ҳуҷумро аз ман пинҳон карданӣ шуд.

Хулласи калом, бо иттифоқ ва ҳамкории Колесов ва ҷавонбухориён воқеаи моҳи марти соли 1918 сар шуд.

## Воқеаи Колесов

Колесов пас аз воқеаҳои Хӯқанд ва Самарқанд сафаре ба Ашқобод кард. Дар сари роҳ дар вагон бо ҷавонон мулоқоте карда, ба фикри ба миён гузоштани масъалаи Бухоро афтод. Сардори онвақтаи ҷавонон — Файзуллохоҷа вақти баргашта-

наш аз Москва дар Тошканд таваққуф карда, бо Қалесов мулоқот намуда, муқаддимоти корро омода карда буд. Вақти ба Қоғон омадани Қолесов қарори қатъӣ қабул шуд. Мувофиқи ин қарор Қолесов аз номи ҷавонони Бухоро ба ҳукумати амир талабномае мефиристад ва барои қувват додан ба ин талабнома дар Қоғон як миқдор қувваи ҳарбӣ омода мекунад.

Мувофиқи занну тахмини ин маҷлис амир аз ҷанг сар бозтофта, талабномаро қабул мекунад ва масъалаи ислоҳот дар Бухоро бе ҳеҷ хунрезӣ амалӣ мешавад.

Бинобар ин бо такья ба як қуввати каме талабнома ба амир супурда шуд. Ба ҳамин сабаб ҷавононе, ки дар Қоғон ҷамъ омада буданд, баровардани оилаҳои худ ва чизҳои қиматбаҳои худро аз шаҳр лозим надонистанд. Баъзеҳо ваҳомати авзоъро фаҳмида бошанд ҳам, ба баровардани оила ва ашьёи худ фурсат наёфтанд. Файзуллохоҷа ва чанд нафари дигар оилаи худро аз шаҳр баровардa бошанд ҳам, аз ашьёи қиматии худ чизе баровардa натавонистанд.

Бинобар шуниди мо, қувваи ба Қоғон ҷамъкардаи Қолесов аз 600—700 кас зиёд набуд. Аксари инҳо одамони таълими ҳарбӣ нодида, одамони аз ҳар ҷо-ҳар ҷо ҷамъовардашудае буданд, ки ба даст ярок гирифтанд. Қолесов худи ҷавононро низ мусаллаҳ карданӣ шуд, вале ба сабаби камии аслиҳа ба инҳо ба қадри кифоя ярок нарасид.

Ба роҳи оҳан муҳофизҳо гузошта нашуда, муҳофизати хизматгорони он истгоҳҳои роҳи оҳан, ки аз хоки Бухоро мегузашт, таъмин нашуда буд.

Инак, дар ҳамин вазъият дар охирҳои моҳи феврал талабномаи мазкур аз номи ҷавонон ба ҳукумати Бухоро супурда шуд. Амир баъд аз гирифтани талабнома Низомиддини Урганҷиро аз мансаби қушбегӣ гирифта, ба ҷои вай Усмонбекро таъйин кард ва бо ин кори худ ҷавононро як андоза фиреб дод. Ҷавонон аз азли Низомиддин ки мустабидди машҳуре буд, ба амалӣ гардидани талаботи худ умедвор шуданд. Локин амир тайёриро ба ҷанг оғоз карда буд.

Ӯ ба тамоми вилоят ва туманҳо амр фиристода, мардумро ба ғазо даъват кард. Ба вилоят, туман ва қишлоқҳое, ки роҳи оҳан аз дохилашон мегузашт, фармони вайрон кардани хатти роҳи оҳанро дод.

Аввали моҳи март, рӯзи ҷумъа дар Бухоро тайёрӣ ба ғазо шакли ҷиддие гирифт. Мардум ва элнӯкарҳо аз ҳар тараф ба Бухоро ҷамъ шуданд.

Тафтишкунанда (разведкачи)-ҳои аскари инқилобӣ низ то

таги дарвозаи Бухоро дар тафтиш ва назорат буданд. Рӯзи шанбе, вақте ки ҷавонон ва Қолесов мунтазири ҷавоби амир буданд, сарбозон ва тӯпхонаи амир аз шаҳр баромада, дар вагзали Бухоро омодаи ҷанг шуданд. Поезди охирин як гурӯҳ русҳо ва фуқарои русро ба Қогон овард. Қуввати Қолесов низ ба ҷанг тайёр шуд. Дар ҷанги аввалин Шамс ном саркардаи аскари амир бо тири тӯпи Қолесов кушта шуд. Тӯпчиҳо аспҳои тӯпхонаро кушта, худашон гурехтанд. Дар ин ҷанг ду тӯп ба дасти Қолесов афтод.

Рӯзи якшанбе амир сулҳ талаб карда, бо сардории Ҳоҷӣ Зикриё ва Имомқул ҳайате ба Қогон фиристод. Вакилон аз Қолесов илтимос карданд, ки барои гуфтугӯ дар бораи сулҳ ба Бухоро намояндаҳо фиристад.

Қолесов ҳайате иборат аз 21 нафар ба Бухоро фиристод. Ҷавонон ба ин найранги ҳукумати Бухоро ба ҳадде фирефта шуда буданд, ки ҳатто Файзуллохоҷа ҳам бо ин ҳайат ба Бухоро рафтанӣ шуд. Локин бинобар ин фикрро тақвият кардани намояндаи амир — Имомқул ҷавонон ба шубҳа афтода Файзуллохоҷаро нафиристоданд.

Ин ҳайатро ба Бухоро рафта ба арки амир даромадан ҳамон ба хонае даровардa ҳабс карданд. Посбонони ҳайат, ки дар Регистон меистоданд, аз тарафи сарбозони амир тирборон шуданд. Як-ду нафар бо автомобил гурехта буданд, ки инҳоро ҳам дар таҳти дарвозаи Бухоро дастгир карда куштанд. Фақат ду ё се нафар аспсавор гурехта наҷот ёфтанд.

Намояндагони дар арк маҳбус бинобар мусаллаҳ буданашон то ҳадде худро мудофиа мекарданд. Оқибат одамони амир боми хонаро фурӯ резонда онҳоро нобуд карданд. Ҳоҷӣ Зикриё ҳам, ки аз тарафи амир вакил шуда Қогон омада буд, кушта шуд. Имомқул бо вай душманӣ дошт. «Бо ҷавонон махфӣ гуфтугӯ кард», гӯён ба вай тӯҳмат карда бо ин роҳ ба нест кардани рақиби худ муваффақ гардид.

Дар он вақт тамоми хатти роҳи оҳанро, ки аз хоки Бухоро мегузашт, вайрон карда буданд. Бо ҳамин аҳвол ҷанг се рӯз давом кард. Ин ҷанг бештар ба бозие шабоҳат дошт.

Лашкари инқилоб рӯзона дар байни Ширбудун ва Қогон қарор гирифта меҷангид ва шабона ба Қогон бармегашт. Аскари амир ва ғазоталабон ҳам рӯзона аз шаҳр баромада, ҷангида, шабона ба шаҳр даромада, дарвозаро баста мехобиданд.

Ҷавонон дар асноӣ ҷанг ба мулоҳизаи он ки шаҳр вайрон нашавад ва халқи осуда ташвиш накашанд, ба тӯпборон шудани шаҳр роҳ надоданд. Аз ин ҳол муллоҳо истифода намуда,

дар байни халқ хурофоти гуногун паҳн мекарданд: гӯё ҳазрати Баҳоваддин тири тӯпҳоро бо дасташ гирифта, ба тарафи большевикҳо мегардонидааст. Ин ҳолро гӯё бисьёр мӯъминон бо чашми худ дида бошанд...

**Талафоти ҷанг.** Дар майдони ҷанг ба аскари инқилоб зарари чандоне нарасид. Аммо аз ғазоталабон шумораи кушташудагон 300—400 нафар тахмин мешуд, маҷрӯҳон низ ҳамин қадар.

Рӯзи сеюм тир ва озуқаи Колесов кам монд. 5 март, рӯзи сешанбе Колесов ба хаёли гурехтан аз Қогон афтод. Ҳамон шаб тамоми вагонҳои Қогон ва Амирободро тайёр карда, аскари инқилоб, ҷавонбухориён ва фуқарои русро ба вагонҳо ҷо карда, ба тарафи Самарқанд равона шуданд, ҳол он ки аз Қуюкмазор сар карда, роҳи оҳанро тамоман вайрон карда буданд, роҳро дуруст карда, оҳиста-оҳиста пеш рафтан лозим меомад.

Рӯзи чоршанбе пагоҳӣ аскари савораи амир Қогонро ишғол кард. Ғазоталабон ва элнӯкарҳо қад-қади роҳи оҳан аз дунболи Колесов мерафтанд. Локин аз поезд дар масофаи тирнорасе истода, ба ҳуҷум ҷасорат намекарданд.

**Воқеаи Қизилтеппа ва муторака.** Бо сар шудани ҷанг дар Бухоро роҳи оҳани байни Қизилтеппа ва Қогон вайрон карда шуда, истгоҳ аз тарафи ғазоталабон ва элнӯкарҳо ба муҳосира гирифта шуда буд. Дар ин ҷо коргарони роҳи оҳан мусаллаҳ шуда, ду рӯз худро мудофиа карданд. Оқибат аз камии обу озуқа тарсида, поезде ҳозир карда, ба тарафи Самарқанд гурехтанд. Роҳи байни Қизилтеппа ва Кармина ҳам вайрон карда шуда буд. Ин гурезандаҳо ҳам роҳи оҳанро дуруст карда, пеш мерафтанд.

Баъди аз Қизилтеппа рафтани коргарон ғазоталабон чун сагони ҳор ба истгоҳ ва завод ҳуҷум оварданд. Коргарон ва хизматчиёни тоҷик ва пирсиёни [эронии] заводро, ки бинобар мусулмон буданашон бо коргарони рус нагурехта, ба ҳимояти мусулмонон паноҳанда шуда буданд, ваҳшиёна кушта, ҷасадашонро ба ҳавзи завод партофтанд. Баъд аз тамоман толону тороҷ кардани молу ашьёи ба дасташон афтода, заводро оташ зада сӯхтанд, иморатҳои истгоҳро вайрон карданд. Ин ғазоталабон дар сари ӯлча [моли ғоратӣ] бо ҳам ҷангида якдигарро хеле куштанд.

Колесов, ки базӯр омада ба Қизилтеппа расида буд, ин аҳволро дида, чӣ кор карданро надониста сару сомони худро

тамоман гум кард. Амир бо шарти ба вай супоридани ҷавонон сулҳ таклиф мекард.

Дар ҳамин аҳвол буд, ки гурӯҳи тафтишии [разведкаи] аскаре, ки Карминаро ишғол карда буд, омада ба Қизилтеппа расид. Пас аз ин Колесов ва ҷавонон боз қувват гирифтанд.

Амир воқеаи Карминаро шунида, якбора сусту нарм шуда, ба ҳар навъе, ки бошад, ба ҷустуҷӯи роҳи муторика бо Колесов даромад. Ба ин кор муваффақ гардид ва Колесов аз Қизилтеппа рафт.

**Воқеаҳои Хатирчӣ ва Кармина.** Пас аз сар шудани ҷанг дар Бухоро Колесов аз Тошканд қувват талаб карда буд. Вакте ки ин қувват омада ба Зирабулоқ расид, дар бисьёр маҳалҳои Бухоро роҳи оҳан вайрон буд. Як қисми ин қувват роҳи оҳанро таъмиркунон ба тарафи Кармина равона шуд. Қисми дигар мавзеи Мир ва қӯрғони Хатирчиро ишғол кард. Халқ гурехта ва қишлоқҳо бекас монда буд. Табиист, ки аскарҳо чизҳои даркориро бе заҳмат ва бе ҷанг ҷамъ карда гирифтанд. Лекин аз паси аскарҳо толони ҳақиқӣ сар шуд. Авбошоне, ки мунтазири чунин рӯзе буданд, тамоми моли мардумро тороҷ карданд.

Ба аскаре, ки ба Хатирчӣ рафта буд, навкарони амир андак муқобилат нишон дода бошанд ҳам, пас аз тир хӯрда кушта шудани яке аз сардоронашон ҳама гурехтанд. Молу нақдинаи бек ба аскарон, ҳасту нести мардум ба авбошон насиб шуд. Беки Хатирчӣ — Остонакул-кушбегӣ вақти ба истгоҳи Зирабулоқ омадани аскарон дар Мир буд. Аз ин ҷо рост ба Хатирчӣ омада, таваққуфе накарда, ба сӯи Бухоро гурехт. Аскаре, ки ба Кармина равона буд, як-ду рӯз бо таъмири роҳ овора шуда, қишлоқ ва кентҳои атрофро ишғол намуда, ниҳоят омада ба Кармина расид. Тағоии амир дар Кармина ҳоким ва дар он ҷо қуввати зиёде ҳам омода карда буд. Дар он ҷо ба ғайр аз элнӯкар ва ғазоталабҳо, ду ҳазор нафар аскари низомӣ ва чанд тӯпи кӯҳна ҳам буд. Беки Кармина сарбоз, элнӯкар ва ғазоталабонро ҷамъ карда бароварда, андак ҳойҳуй барпо кард. Аз тӯпҳои кӯҳна ду-се бор тир паронда шуд. Дусад нафар аскари мунтазами инқилобӣ ва панҷоҳ нафар фидоиёне, ки аз Самарқанд омада буданд, онҳоро пароканда намуда, бо ҳуҷум ба қӯрғон даромаданд. Бек бо чанд нафар одамаш асир афтоданд. Амаки амир, ки аз Русия омада, дар ин ҷо таваққуф карда буд, маҷрӯҳ ва асир шуд.

Хазинаи Кармина аз хазинаҳои дуввумдараҷаи Бухоро ба шумор мерафт ва аз Абдулаҳад дар ин ҷо чизҳои гаронбаҳо

бисьёр монда буд ҳамаи инҳо ба аскарон ӯлҷа шуд. Чунонки дар Хатирчӣ буд, дар ин ҷо ҳам аскарон моли мардумро тороҷ накарданд. Локин ғазоталабҳо ва авбош ҳама чизи мардумро тороҷ карданд.

**Воқеаҳои Қарокӯл ва Чорҷӯй.** Як рӯз пеш аз сар шудани ҷанг дар Бухоро яҳудиёни Қогон ва баъзе русҳо истгоҳи Қарокӯлро гӯё ҷои осудатаре ҳисоб карда, ба он ҷо рафта, дар заводи Левӣ ном яҳудӣ ҷой гирифта буданд. Пас аз омадани фармони амир ғазоталаб ва элнӯкарони Пайканд ва Қарокӯл дар зери дасти Мурод-полвон ба вайрон кардани роҳи оҳан даромаданд. Инҳо ба завод ҳуҷум оварда, тамоми рус ва яҳудиёни он ҷоро ба тарзи ваҳшиёнае куштанд. Ду рӯз баъд аз тарафи Чорҷӯй як гурӯҳ аскар роҳҳоро таъмир карда, омада ба Қарокӯл расид. Инҳо ҳам муқобилати бемислро дареғ надоштанд. Азбаски аксарияти мардум гурехта буд, талафоти ҷонӣ чандон зиёд нашуд, фақат мол ба ғорат рафт.

Дар арафаи ҷанги Бухоро аз тарафи амир ба беки Чорҷӯй — Муҳаммадюнус дар бораи вайрон кардани роҳ ва ҳозир шудан ба ҷанг таълимот омада буд. Локин Муҳаммадюнус ин рафторро лозим надонист. «Агар мо чунин рафтор кунем, дар пеши аскари мунтазам ва мусаллаҳ тамоми халқ нобуд ва шаҳр вайрон мешавад», гуфт. Бинобар ин бо русҳое, ки дар Чорҷӯй буданд, мусолиҳа кард. Мувофиқи ин мусолиҳа мардуми Чорҷӯй ва нӯкарҳои амир ба роҳи оҳан зарар нарасонида, ба русҳо таарруз намекунанд, дар муқобили ин аскари рус дар Чорҷӯй ҳам ба халқ ва ба бек таҷовуз намекунанд. Вақте ки ин хабар ба амир расид, ӯ аз Муҳаммадюнус ба шубҳа афтода, Низомиддини Урганчиро ба Чорҷӯй фиристод. Локин Низомиддин омада ба Чорҷӯй нарасида мусолиҳаи Муҳаммадюнус вайрон шуд, аҳдномаи ӯро қозии шаҳр ва амалдорони дигар написандида, ба роҳи оҳан ҳуҷум карданд. Тӯпи кӯҳнаеро бароварда, ба тарафи Девонабоғ (Чорҷӯи нав) тир парронданд. Аскари миқдоран хеле каме, ки дар Чорҷӯй буд, ба қӯрғон ҳуҷум кард, қисми кӯҳнаи шаҳр ва қӯрғони бекро ба тӯп баст. Ин ҳолро дида, тамоми ғазоталабон, элнӯкарҳо, бек ва қозӣ, бо ҳамроҳии Низомиддин, ки нав ба Чорҷӯй омада буд, ба тарафи Сақар гурехтанд, дар он ҷо аз дарьё гузашта, бо роҳи биёбон ба Бухоро расиданд.

Чорҷӯй сӯхт, толон ва вайрона шуд. Амир Муҳаммадюнусро ба сабаби ин муоҳида бо таёқ зада-зада кушт.

**Дар вилоятҳои дигар.** Роҳи оҳани Бухоро аз Амиробод то Тирмиз, аз Каршӣ то Шаҳрисабз вайрон шуд. Табиист, ки хид-

матгорони роҳи оҳан низ нобуд шуданд. Русҳое, ки дар соҳили Ому буданд, қисман ба крепостҳои Каркӣ ва Тирмиз паноҳанда шуданд, қисме ба Афғонистон паноҳ бурданд. Ҳукумати Афғонистон бо онҳо рафтори инсониятпарваронае кард. То осуда шудани Бохоро ҳаёташонро муҳофиза ва маишаташонро таъмин намуд.

**Зарар ва фоҷиаҳо аз воқеаи Колесов.** Бинобар бе тайёрӣ сар шудани ҷанги Колесов тамоми роҳи оҳане, ки аз хоки Бухоро мегузашт, вайрон шуд, оҳан, чӯб ва дигар масолеҳи он нобуд гашт. Мошин ва роҳҳои обкашӣ бо замин яксон шуданд. Чанд завод сӯзонда шуд. Фоҷиаи аз ҳама бадтар ин шуд, ки халқи ваҳшӣ бо коргарони ба дасташон афтода ваҳшиёна муомила карданд. Аскари Колесов вақти аз Бухоро баргаштан ин мурдаҳоро дида, мардуми ба дасташон афтодаро куштанд. Кӣ медонад, шояд вайронкунандагони роҳҳо, сабабгорони ҳаракатҳои ваҳшиёна гурехта рафтанду мардуми бегуноҳ ба ҷазо гирифтор шуданд!

## Ваҳшонияти ҳукумати Бухоро ба муносибати воқеаи Колесов

Навиштани ин фасл барои ман хеле душвор аст. Ҳукумати Бухоро зотан ба дараҷаи дар ин замон бе мислу монанде ваҳшӣ ва золим буд, вале ҳоло, ба сабаби воқеаи Колесов ваҳшонияти худро як бар сад афзуд. Мардуми бегуноҳ, бечорагони мазлумро бо чунон ваҳшонияте кушт, ки на ин ки дили пурдарду ҳасрати ман, балки ҳар як одами сангдил ҳам аз ин фоҷиаҳо огоҳ шавад, тобу тоқат карда наметавонад. Вале ман бояд ин лавҳаҳои пурдаҳшатро ба пеши назар оварда, ба хонандагон манзур намоям. Инро ҳам ба хонандагон ёдовар карда мегузарам, ки дар баёни ин фоҷиаҳо аз эътидол баромада, сахт қалам рондан ва суханони талх гуфтанам ҳаргиз бо майлу хоҳиши тарафгирӣ намебошад.

Агар ҳукумати Бухоро ҷавононеро, ки ба муқобилаш шамшер бардошта буданд, дастгир ва нобуд мекард, ман инро як чизи табиӣ мешуморидам. Вале дар амал чунин нашуд. Амир ба ғайр аз толон кардани моли ҷавонони муҷоҳид, ба ғайр аз кофир номидани онон ҳеҷ кори дигаре карда натавонист, вале касони бегуноҳеро, ки осуда дар хонаҳои худ менишастанд, бо ваҳшонияти дар дунъё бемисле кушт.

Ҳарчи ҳаст, биёед ҳикоятамонро сар кунем.

Аз рӯзи сар шудани ҷанг бо Қолесов дар Бухоро майдони ваҳшонният кушода шуд. Муллоҳо ба куштани ҳамаи ҳамфикрони ҷавонон фатво бароварданд. Ин фатво ба таври хеле ваҳшиёнае ба амал татбиқ мешуд. Одамони амир, элнӯкарҳо, одамони қушбегӣ, қозӣ ва ғазоталабон дар ҳар кучо, ки камзӯлпӯшеро диданд, зада куштан гирифтанд. Дар вагзали Бухоро Абдулло ном писари Бахшуллохон ва чанд нафари дигарро ваҳшиёна кушта, ҷасадҳошонро пора-пора карданд. Хонаи Мулло Низоми Собитии тоторро пахш карда, ӯро бо зану фарзандонаш куштанд. Чорбоғи Мирзо Муҳиддинро пахш карда, боғбони кӯҳансолро бо занаш ба қатл расониданд. Хонаи Файзуллохоҷаро зер карда, панҷ нафари он ҷоро, ки ба ғайр аз хизматгорӣ гуноҳи дигаре надоштанд, куштанд.

Ин фоҷиа дар ҳама ҷо намоён буд. Дар ҳама ҷо одамони ришашон андак кӯтоҳ, либосашон андак калта кушта мешуданд. Аз чанд нафар тоторон ва русҳои муқими Бухоро, ки роҳ ва имкони гурез наёфта буданд, ононе, ки ба даст афтоданд, кушта шуданд. Як духтурзане, ки солҳо боз дар Бухоро иқомат ва табобат мекард, ба қатл расид. Қафкaзиёни муқими сарои Урганҷ аз тарафи одамони ҳукумат ба қатл расонида шуданд.

Баъди аз Қогон ба Қизилтеппа кӯчидани Қолесов ин қассобхона ба интизом даромад, одамкушӣ дар кӯчаҳо манъ гардид. Фармоне эълон шуд, ки ҳар ҷадиди ба даст афтода ба арки амир оварда шавад. Дар ин ҷо иборат аз муллоҳо як ҳайати муҳокима барпо гардад. Аъзои ин ҳайат Қутбиддин, Ҷунбул, Мулло Дӯст, муфтии аскар ва дигар каллаҷунбонҳо ва раисаш Ибодулло-махдум буд. Таълимоти умумӣ ва дастуруламалдиҳандаи ин ҳайат қозикалон Бурҳониддин ва раис Мусанниф буданд. Ибодулло дар садри маҷлис, дар сари зонуяш як шамшер ва дар ду паҳлӯяш ду таппонча гузошта менишаст. Муллоҳо, сипоҳӣ ва ғазоталабҳо ҳар касеро, ки ба гуноҳи ҷадидӣ дастгир шуд, оварда ба ин ҳайат рӯ ба рӯ мекарданд. Ибодулло мазлуми бечораро якчанд даҳан дашном дода, ишорате мекард. Бо ин ҳукми куши он мазлум гӯё имзо ва мӯҳр зада мешуд. Ӯро фавран ба Ҳавлича бурда мекуштанд.

Аз Қогон Қорӣ Ғулом, Мирзо Шамс ва писараш Маҳдӣ дастгир шуданд. Қорӣ Ғуломро ҷавонон дар воқеанависӣ ба амир айбдор ва ҳабс карда буданд, баъди аз Қогон рафтани ҷавонон ин шахс ба дасти одамони амир афтод. Мирзо Шамс ва писари ӯ ба таври доимӣ дар Қогон муқим буда, бо ҷаво-

нон ҳеҷ муносибате надоштанд. Бинобар ин бо ҷавонон нагурехта, дар Қогон монда буданд. Ҳар дуро аз Қогон оварда бо ваҳшоният ба қатл расонданд. Яъқуб ном яҳудӣ аз Қогон дастгир шуд. Ин ҳам бо ҷавонон муносибате надошт. Ӯро бо падараш Аброҳом ва як бародараш куштанд. Мирзо Мустафоқулӣ, ки одами худи амир буда, баъди сар шудани ҷанг аз Қогон бо роҳи Баҳоуддин ба Бухоро гурехта буд, бо се нафар хизматгаронаш қатл гардид.

Дар ин қатл ва кушторҳо хусумати шахсии амир ва аҳли дарбор низ роли муҳим бозӣ мекард. Абдушукурбой ва Ҳоҷӣ Неъмат бо хусумати шахсии амир кушта шуданд. Ҳоҷӣ Неъмат, ки аз одамони худи амир буд, духтарашро ба амир «тортуқ» накарда, ба писари Абдушукурбой дода буд. Бинобар ин амир ҳар дуи инҳоро кушта, зани Ҳоҷӣ Неъматро ба занӣ гирифт. Ҳоҷӣ Зикриё, Мирзо Наим, Атохоҷа ба сабабҳои хусумати аҳли дарбор кушта шуданд. Лутфуллобой ва писараш бо хусумати шахсии қозикалон шаҳид шуданд.

Дар се-чаҳор рӯзи аввал одами зиёде бо корд ва шамшер кушта шуд. Баъд усули хафа [буғӣ] кардан баромад. Номи яке аз обхона [зиндон]-ҳо Регхона буд. Мазлумонро ба ин ҷо дароварда, ба гарданашон таноб андохта, бо азобу уқубат мекуштанд.

Даҳ рӯз баъд ба сабаби як ҷияни Имомқулро дар ҷадидӣ айбдор карданаш Ибодулло аз қассобхона ронда шуд. Баъд аз ин саллоххонаро шахсан қозикалон Бурҳониддин, раис Мусанниф, муфтӣ Қутбиддин ва муфтӣ Мулло Холмурод идора мекарданд.

Дар байни понздаҳ рӯз одами бешуморе кушта шуд. Ба сабаби ба дастам набудани рӯйхати онҳо тафсилан навиштани саргузашташон хориҷ аз иқтидори ман аст, локин фақат исми баъзе касонеро, ки дар чанд ҷои китобамон зикр ёфта ва ё дорои ягон имтиёзи дигаре будаанд, зикр карда мегузарем: Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, ки ба воқеаи Колесов ҳамроҳ нашуда, дар дохили Бухоро монда буд, ҳоҷӣ Абдусаттор, инчунин Мирзошоҳӣ Фоиз, Мирзо Аҳмад, як раиси маъзул, мулло Вафо, муддаррис Ҳоҷӣ Сироҷиддин, Мирзо Раҳмат, Исмоилхоҷа, Мулло Шарифи ғурбунӣ, Боқӣ ва Маҳмуд ном ду писари Низомиддини Собитӣ, Мирхон писари Абунаср, Мирзо Сачоқ, Мирсиддиқ, Муҳаммадазими ғиҷдувонӣ, Авазбек, Шокири Ёвачинӣ, Қорӣ Нурулло, Бурҳонҷон — бародари Фазлиддин-махдум, писари калонии Насрулло қушбегӣ, Сулаймонхоҷаи қарокӯлӣ, Фатҳуллохоҷаи бухорой аз қурбониёни машҳури ин фоҷиа буданд.

Мударрис ҳоҷӣ Сироҷиддин бародари нависандаи ин сатрҳо мебошад. Ин кас, ки дар дохили Бухоро буд, баъд аз сар шудани воқеаи Колесов, азбаски аҳволи рӯҳияи ҳукумати Бухороро нағз медонист, як-ду рӯз дар шаҳр пинҳон шуда, баъд ба туман баромада, ба хонаи худ нарафта, дар тумани Шофирком, кенти Деҳнав дар деҳаи Маҳаллаи Боло ба хонаи тағоиҳои мо меравад. Миршаби Ғиҷдувон аз ин хабар ёфта, бо Қали Султон ном бародари Ҳоҷӣ Латифи девонбегӣ ва Абдуллобойбачаи ғиҷдувонӣ рафта дастгир намуда ба Бухоро мефиристонанд. Ӯ бо иттифоқи қозикалон, раис ва чанд муфтӣ дар қатори гунаҳкорони сахт ба шумор рафта, хафа карда кушта мешавад.

**Аҳвол дар вилоят ва туманҳо.** Дар туманҳо ҳам ин фоҷиа ҳукмфармо буд. Чунончи дар тумани Ғиҷдувон чанд хона тороҷ шуд, чанд бечора бо тӯҳмати ҷадидӣ кушта шуданд, ба пову гардани чанд нафар кишан, ба дастонашон кунда зада, ба Бухоро фиристоданд ва дар он ҷо бо азобу уқубатҳои зиёд кушта шуданд.

Бо сар шудани ҷанг қозикалон Бурҳониддин аз қушбегӣ Усмонбек ба ҳокими Қаршӣ хат фиристода, қозӣ Мирзо Шариф [Садри Зиё]-ро ҳабс кунонида, ҷиянаш Абдувакилро куштанд. Ба вилояти Ғузор амр фиристода, муфтӣ домулло Икроми ҳафтодсоларо ҳабс ва писараш Абдураҳмон-махдумро ба қатл расониданд. Ба ғайри инҳо ҳам дар Қаршӣ ва Ғузор бисьёр касон кушта шуданд.

Баъд аз сар шудани ҷанг амир амаки худ — ҳокими Ғузор Акрамхонро ба Шаҳрисабз ҳоким таъйин кард. Зери дасти ин дар Шаҳрисабз ҳам қассобхонае кушода шуд. Бо ҳукми Акрамхон аз мардони маъруф ва машҳури кенагас Исломқул-тӯқсабо, ҳоҷӣ Мирзоюнуси мирохур, ҳоҷӣ Одилбой, Мирзо Юсуф, Низомиддин-махдум ва писари ҳокими собиқи Шаҳрисабз Насруллобек ва қариб панҷоҳ нафар аз мусофирон бо ваҳшоният кушта шуданд.

Амир ба Кармина амри махсус фиристода, Насрулло-қушбегиро, ки дар он ҷо маҳбус буд, бо тамоми хешу табор ва наздиконаш ба қатл расонид. Тағоии амир, ки дар он рӯзҳо ҳокими Кармина буд, бо ихтиёри худ ҳам бисьёр касонро кушта, молашонро тороҷ кард. Мирзо Умар бо фармони махсуси ҳукумат ба Каркӣ рафта, бо закотчӣ Бухорибек ва аминоначӣ Мирзо Нурулло, ки одами Бурҳониддин буд, як шуда, ҳокими Каркӣ Мирзо Зайнулобидинро бо писарон ва ҳаждаҳ нафар наздиконаш куштанд.



Пеш аз сар шудани ҷанг раиси ҷавонони Қаркӣ Қорӣ Йўлдош бо чанд нафар ҷавони туркман ба Когон омада буд. Аксари ҷавононе, ки дар Қаркӣ монда буданд, кушта шуданд, фақат баъзеҳо ҳамроҳи русҳо гурехта, ҷон ба саломат бурданд.

Дар Тирмиз, Қилиф, Саройкамар, Шеробод, Ҳисор ва вилоятҳои дигар ҳам ин фоҷиа ҳукмфармо буд.

**Оилаҳои шаҳид ва гурезагон.** Тамоми молу мулки шаҳидон аз тарафи ҳукумат мусодира ва зану бачаҳояшон ба кўчаҳо партофта шуданд. Инчунин ҳамаи дору надори аз Бухоро гурехтагон низ мусодира шуд. Аҳволи зану фарзандони инҳо хеле вазнин буд. Ашьёи манқули онҳоро ҳукумат бурда, ҳавлиашонро ба касе фурўхта ё бахшиш карда буданд. Занҳои бечораи бекас гуруснаву бараҳна, чанд фарзанди хурдсол аз дунболашон равон дар кўчаҳо саргардон мегаштанд. Аз тарси ҳукумат ҳеҷ кас ба инҳо рўи хуш нишон дода, ёрие расонда наметавонист. Агар ба назди ҳукуматдорон раванд, «кофирбача, ҷадид, ҳаромзода!» — гўён зада меронданд. Аммо дар пеши назари инҳо одамони ҳукумат ё ки муллоҳои «соҳиби шариат» дар хонаву ҷои инҳо, мисли мероси падарашон бе ҳеҷ азоби виҷдон зиндагӣ мекарданд. Чунончи баъд аз кушта шудани Мустафоқул зани вай бо чанд фарзандаш тамоман дар кўча монд. Дар ҳавлии вай соҳиби шариат Қутбиддин кайфу сафо меронд.

**Пас аз ором шудани вазъият.** Баъд аз осуда шудани аҳвол ҳам фоҷиаи Бухоро тамом нашуд. Аз моҳи марти соли 1918 то моҳи сентябри соли 1920, яъне то инқилоби Бухоро фоҷиа ва қассобӣ давом дошт.

Баъд аз ором шудани аҳвол амир одами махсус фиристода, ҳоҷӣ Додхоҳ ва Мирзо Саҳбо-бӣ[1] — ин ду пири равшанзамирро, ки пеш аз воқеаи Колесов ба номи ҳокимӣ аз Бухоро бадарға карда буд, одам фиристода бо наздиконашон ба қатл расонид. Ин «хизмат»-ро Давронбек ном шахс ба ҷо оварда буд.

Дар моҳи рамазони соли 1918 раиси маъзул Абдусамадхоҷа ва қозии маъзул Саидҷон ба вилояти Балҷувон бадарға шуданд. Баъд аз се моҳ азоб кашидан дар зиндон хар дуро хафа карда куштанд.

Чи дар вилоятҳо ва чи дар дохили Бухоро барои ҳабс кардани касе «ин одам ҷадид» гуфтани як нафар кифоя буд. Бо

---

[1] *Ҳоҷӣ Додхоҳ ва Мирзо Саҳбо-бӣ* — аз мансабдорони мўътабари аморат, ки ба сабаби хайрхоҳиашон ба маорифи замонӣ соли 1918 аз тарафи амир кушта шуданд.

ҳамин ин одамро ҳабс ва молу мулкашро мусодира мекарданд. Пас аз ин куштани вай кори саҳле буд.

Аз аҳли дарбор Имомқул, Ҳоҷӣ Латиф ва косалесони инҳо — Қаршибек, Юсуфбой ва Усмони аттор бисьёр касонро ҳабс кунонданд, бисьёр хонаҳоро тороҷ карданд, табиӣ, деги мурдорашон ҳам хеле хуб ҷӯшид. Аммо зулм ва тааррузи воқеанависон, шогирдпешагони қушбегӣ, мулозимони раис ва қозӣ ба халқ ҳадду ҳисоб надошт.

Қозикалон Бурҳониддин, раис Мусанниф, қушбегӣ Усмонбек ва Мирзои Урганҷӣ фақат аз одамкушӣ лаззат мебурданд.

Қассобхонаҳои Қаршӣ ва Шаҳрисабз ҳам то сентябри соли 1920 давом доштанд. Дар Қаршӣ тағоии амир, дар Шаҳрисабз амаки вай мусофирони шубҳанокро «ҷадид» гӯён мекуштанд. Чунончи ҳокими Қаршӣ, тағоии амир, дар аввалҳои моҳи апрели соли 1919 муфтӣ Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва рафиқи вай Мардонқулро ба тарзи ваҳшиёна кушт. Шаҳидони беному нишон ҳадду ҳисоб надоштанд.

Ин фаслро боз давом додан мумкин буд, фақат ба зиёда аз ин фоҷиа навиштан дар ман тобу тавон намонд.

## Вазъияти ҷавонон пас аз воқеаи Колесов

Колесов ва ҷавонҳо роҳҳои вайронро таъмир карда, 2 рӯз дар роҳ овора шуда, 17 моҳи марти соли 1918 омада ба Самарқанд расиданд. Дар ин вақт Хатирчӣ, Зиёуддин, Мир, Кармина, Қарокӯл, Қизилтеппа ва Чорҷӯй дар таҳти ишғоли аскарони рус буд. Ҳар чи бошад, баъд аз чанд рӯз сулҳномае ба номи Аҳдномаи Қизилтеппа дар байни ҷумҳурияти Туркистон ва ҳукумати Бухоро ақд ва имзо шуд.

Баъзе аз ҷавонҳо ба тарафи Фарғона равона гардида, баъзе дар Самарқанд монданд. Аммо аксарияти онон ба марказ, ба Тошканд кӯчиданд. Дар Тошканд ба номи ҷамъияти ҷавонбухориён ҷамъияте ташкил дода, ба кор сар карданд. Лекин аҳвол барои ҷавонон хеле номусоид буд. Соли 1918 дар Туркистон соли қаҳтӣ буд. Ба ҷавонбухориён, ки аз ватан ва тамоми молу мулкашон ҷудо шуда буданд, дар ғурбат ва мусофират мубориза бо гуруснагию қаҳтӣ хеле душвор шуд. На барои кор кардан ҷои кор доштанд, на барои хӯрдан нон. Он чи аз тарафи ҳукумати Туркистон дода мешуд, ба эҳтиёҷи онҳо кифоя намекард. Ин сахтию эҳтиёҷ то моҳҳои октябрь давом кард.

Дар ин ҳафт моҳ дар Туркистон бемории вабо пайдо шуда буд, ки аз ҷавонон низ чанд нафар қурбон шуданд. Фазлиддин-махдум, мударрис ҳоҷӣ Рофеъ, мударрис Абдуқодир-махдум аз он ҷумла буданд. Аз моҳи октябрь аҳволи ҷавонон рӯ ба беҳбуд гузошт. Аз бемориҳо раҳой ёфта, ҳар яке сари кореро гирифтанд. Баъзе дар курсҳо хонда муаллим шуданд, баъзе дар мактабҳои доимӣ ба хондан даромаданд, баъзе дар идораҳои шӯрой кор карданд ва баъзе ба хизмати аскарӣ дохил шуданд. Хулоса, ҳар як сари кореро гирифта, ҳам маишати худро таъмин мекарданд ва ҳам ба рӯзҳои оянда тайёрӣ медиданд.

## Таъқиби амир ҷавононро

Ҳукумати Бухоро бо куштори ҷавонон дар дохили хоки Бухоро аз хун сер нашуд. Баъд аз ақди сулҳ бо Қолесов ҷавонони дар Туркистон муҳоҷиршударо, хусусан сардорони онҳоро ба воситаи ҷаллодони фиристодааш террор карданӣ шуд ва дар ин роҳ тиллои зиёде сарф кард. Як ҳайати махфӣ аз тарафи ҳукумати Бухоро ба Марв фиристода шуд. Мирзо Муҳиддин дар он ҷо зиндагӣ мекард. Мирзо Муҳиддин ҳаракати бемавриди Қолесовро маъқул надониста, як рӯз пеш аз сар шудани ҷанг ба Марв рафта буд. Ҳайати ҷаллодон ҳар қадар кӯшида бошанд ҳам, дар сояи ҳимояи Ҳасан-така ном шахсе ба Мирзо Муҳиддин осебе расонида натавонистанд. Мирзо Муҳиддин Марвро барои худ хавфнок дониста, ба воситаи баҳри Каспӣ ба Русия рафтанӣ шуд. Дар вагзали Красноводск вақти фаромадан аз вагон ҳадафи тире гардид. Тир ба канори гӯшаш расида гузашт. Бо вуҷуди ин пас аз як моҳ табобат сиҳат ёфта, ба Москва рафт.

Ҷаллодони махфии ҳукумати Бухоро барои куштани Файзуллохоҷа ба Самарқанд омаданд. Файзуллохоҷа инро пай бурда, ба Тошканд кӯчид. Қотилон ба Тошканд рафта бошанд ҳам, корашон барор нагирифт. Аз мардуми маҳаллӣ барои худ дастёр ёфта натавонистанд. Бинобар ин боз ба Самарқанд баргашта, доми худро дар ин ҷо ниҳоданд. Ба номи Файзуллохоҷа ва Мирзо Абдулвоҳид телеграммаи сохтае фиристода, онҳоро ба Самарқанд ҷеғ заданд. Мақсадашон инҳоро ба Самарқанд оварона, дар роҳи байни вагзал ва шаҳр ё дар ҷои истиқоматашон нобуд кардан буд. Локин вақте ки онҳо дурустии ин даъватро тафтиш карданд, сохтагиаш маълум гардид.

Бо ҳамин ниййат дар Каттақӯрғон низ шӯъбае кор мекард.

Моҳи рамазони соли 1918 Мулло Турсун ном шахси каттакӯрғонӣ ба Тошканд рафта, бо ҷавонон омехта, Мирзо Усмон, Қосим-махдум ва ҷияни вай Шарифҷонро ба Каттакӯрғон овард. Қосим-махдум ва Шариф сӯиқасдро пай бурда, ба Самарқанд гурехтанд. Мирзо Усмон дар он ҷо монд. Ҳайати махфӣ дар як маҳалли ба ҳудуди Бухоро наздике дасту пои ӯро баста ба дасти дуздони амир супурданд. Табиӣ, ӯро ба Бухоро бурда куштанд.

Ҷаллодони махфии амир ҳатто дар Оренбург ҳам буданд ва аз консули амир дар Тошканд — аз Мирбобо таълим гирифта кор мебурданд. Вакте ки Файзуллохоҷа ба воситаи Оренбург ба Москва мерафт, ҷаллодон ӯро таъқиб мекарданд. Фақат ӯро шинохта натавониста, амакбачаашро Файзулло гумон карда куштанд ва Файзуллохоҷаро куштем, гуфта аз консул Мирбобо мукофот гирифтанд.

## Фидоиёни афғонӣ ва шербачаҳо

Баъд аз воқеаи Колесов аввалин кори амир аскар ҷамъ кардан шуд. Қисми муҳимми аскароне, ки амир дар ин рӯзҳо ҷамъ карда буд, ду даста — яке фидоиёни афғонӣ ва дигаре дастаи аз дуздон ҷамъ овардашудаи «шербачаҳо» буд.

Аксарияти фидоиёни афғон аз сарсариёне иборат буд, ки аз Афғонистон гурехта омада дар Бухоро рӯз мегузарониданд. Як қисми инҳо вақти ҷанг чун фидоӣ ба хизмати ҳарбӣ даромада, аз амир ҳурмати зиёде диданд. Овозаи ин ҳурмату неъмат ба ҷамъ шудани афғонҳои дигар низ сабаб гардид. Ҳатто бисьёр касон аз Афғонистон гурехта омада, ба ин даста ҳамроҳ шуданд.

Дастаҳои фидоиёни афғонӣ мустақил буда, сардоронаш ҳам аз худҳошон буд. Инҳо рафта-рафта ҳаракатҳои худсаронаро тамоман аз ҳад гузаронданд. Ба ҳавлиҳои дилхоҳ ва боғҳои писандидаашон даромада ҷой мегирифтанд, касеро, ки хоҳанд, ҷадид номида мезаданд ва ба дасти ҳукумат месупориданд. Чизи дилхоҳи худро аз ҳукумат талаб карда мегирифтанд. Инҳо ба фарзандони мардум низ тааррузи сар карданд. Ҳар бачаеро, ки ба назараш зебо тобад, зада гирифта, маҷбур мекарданд, ки бо онҳо гардад.

Дар мавриде байни афғонҳо ва шербачаҳо низоъ афтод. Афғонҳо вазъи исьёнкоронае гирифтанд. Амир афғонҳоро риоят намуда, дастаи шербачаҳоро ба Кармина фиристод. Баъд

аз ин афғонҳо тааддӣ ва тааррузи худро боз ҳам афзуданд. Қасеро, ки андак бар хилофи раъйашон рафтор мекард, бо силоҳ метарсонданд. Баъзе касонро ҳатто ба қатл расониданд. Чунончи як хизматгори Ҳоҷӣ Раҳмати чойфурӯшро куштанд. Ин вазъият оқибат тамоман ба ҷони мардуми Бухоро расид. Дар ҳама ҷо аз дасти афғонаскарҳо шикоят сар шуд. Ҳукумати Бухоро тамоми рӯз вақти худро ба масъалаи афғонҳо сарф мекарда бошад ҳам, чорае ёфта, аслиҳаи ба дасти онҳо додашударо пас гирифта наметавонист.

Дар моҳҳои сентябри соли 1918 байни ҳукумати Бухоро ва резиденти [вакили] ҷумҳурияти Туркистон дар Қогон муносибати дӯстонае барпо буд. Амир дар бораи фидоиёни афғонӣ ба резидент мурочиат ва илтимос намуд, ки агар фидоиёни афғонӣ аз Бухоро бароварда шаванд, дар Қогон яроқи онҳоро аз дасташон гирифтан лозим аст.

Оқибат дастаи фидоиён аз Бухоро бароварда шуданд. Вакили ҳукумати советӣ дар Қогон силоҳи онҳоро гирифта, яроқҳоро ба ҳукумати Бухоро супорида, афғон-аскарҳоро то ҳудуди Афғонистон гусел кард. Масъалаи фидоиёни афғонӣ бо ҳамин тамом шуд. Дар дастаи шербачаҳо уздони машҳур ҷамъ омада буданд. Ҳар як дохилшавандаи ин даста чӣ хел дуздиҳо кардан, чӣ корномаҳо нишон додани худро бо далелу шоҳидҳо исбот карданаш лозим буд. Ҳар касе, ки зиёд уздӣ карда бошад, мартабаи баландтаре меёфт. На фақат дуздони Бухоро, балки дуздони Самарқанд низ ба ин даста даромада, аз ҳукумати амир ба дараҷаи баланд расиданд.

Шербачаҳо бо яроқе, ки амир ба дасташон дода буд, чунон ки дар Бухоро хунхорию ғаддории худро давом медоданд, пас аз кӯчонда шудан ба Кармина низ аз корҳои пештараи худ бознаистоданд, ҳатто дар Кармина даста-даста баромада роҳзанӣ мекарданд. Як қисми онҳо бо ин қонеъ нагардида, яроқҳоро гирифта гурехтанд. Боқимондагонашон пас аз инқилоби Бухоро ба қишлоқҳо пароканда шуда, ба босмачигӣ машғул шуданд ва қисме бо амир ба тарафи Ҳисор рафтанд.

## Ҳаракатҳои сиёсии ҷавонон

Ҷавонон соли 1918 дар Тошканд кори кумитаи марказии худро ба тартиб андохта, дар Самарқанд низ шӯъбае кушоданд. Аз ахборе, ки шӯъбаи Самарқанд ба даст оварда буд, қувват гирифтани ҳаракатҳо ба муқобили ҳукумати амир маъ-

лум гардид. Бинобар ин ба сабаби ба хоки Бухоро наздик будани Каттакӯрғон соли 1919 дар ин ҷо ҳам шӯъбае кушода, ба кор сар карданд. Бо ҳамин, ҳаракатҳо бар зидди амир дар хоки Бухоро боз ҳам қувват гирифта, зулмдидагон баъзан гурехта, ба ҷавонон ҳамроҳ мешуданд. Ҷабру зулми амир дар дохили Бухоро низ инқилобчиёни нав ба вуҷуд овард. Дар дохили Бухоро ҷамъиятҳои махфӣ ташкил дода, бо ғайрати тамом ба кор даромаданд. Онҳо ба воситаи Қогон бо кумитаи марказӣ алоқа баста, таълимот мегирифтанд.

Соли 1919 алоқаи байни шӯрои Қаркӣ ва ҳукумати Бухоро вайрон шуд. Аскарони сурхе, ки дар Қаркӣ буданд, бек, қозӣ ва дигар ҳукуматдорони Бухороро ба асорат гирифтанд. Табиӣ, шӯъбаи ҷавонон дар Қаркӣ аз ин фурсат истифода бурда, хеле хуб кор кард. Амир барои пас гирифтани Қаркӣ туркманҳоро ҷамъ карда, ба ҷанг хезонда бошад ҳам, коре карда натавонист.

Воқеаи Қаркӣ чунин сар шуда буд: беки Қаркӣ аз номи фармондеҳи англис, ки дар он рӯзҳо ба Чорҷӯй наздик мешуд, ба шӯрои маҳаллӣ ультиматум супорида, таслим кардани шаҳрро талаб намуд. Баъд аз ин кор тафсид. Қаркӣ муддате дар дасти шӯроҳо буда, баъд қисми мусулмоннишини он сулҳан боз ба ҳукумати амир супурда шуд, вале ҷавонон кори худро давом медоданд.

Ҷавонони Бухоро дар охирҳои соли 1919 ва аввалҳои соли 1920 боз ҳам ҷиддитар ба кор даромаданд. Дар Ашқобод курси ҳарбии сиёсӣ кушода, дар он ҷо таълим гирифтанд. Онҳо тавъам бо тайёрии худ ба инқилоби Бухоро дар корҳои инқилобӣ дар Туркистон низ иштирок доштанд. Дар фронтҳои Ҳафтрӯд, Ашқобод ва Фарғона дар сафи аскари сурх хизмат мекарданд. Дар инқилоби Хева низ иштирок карданд.

## Сиёсати хориҷӣ ва дохилии ҳукумати Бухоро

Ҳукумати Бухоро дар даври ҳукумати мустабиддаи Русия бо ҳеҷ як давлати хориҷӣ ҳаққи робита надошт. Дар корҳои дохилӣ низ, аз рӯи аҳднома ва расмият мустақил бошад ҳам, дар амал маҷбур буд, ки ҳар кореро мувофиқи майл ва хости ҳукумати императории рус ба ҷо биёрад. Вале дар бобати ҷабру зулм ба фуқаро, дар торикии ҷаҳолат нигоҳ доштани онон, дар муҳофизати «кӯҳнагиҳо» — дар корҳое, ки фақат ба фуқарои Бухоро оид буда ба харобӣ ва ақибмондагии мамлакат сабаб мегардиданд, ба маънои том истиқлол дошт.

Пас аз инқилоби феврал як дараҷа худро мустақил ҳис карда, дар натиҷаи Инқилоби Октябрь дохилан ва хориҷан тамоман мустақил шуд. Локин аз ҳар дуи ин имкониятҳо ҳам дуруст истифода набурд, ҳатто онҳоро суиистеъмол кард.

Нисбат ба ҳукумати советӣ, ки то ҳадде ба озодиаш сабаб шуда буд, ҳамеша сиёсати дурӯёнае бурда, бо бандагони Николай, ки дар Ашқобод сар бардошта буданд ва бо вакилони ҳукумати англис ҳама вақт дӯстона ва самимӣ муносибат кард. Вақте ки аксулинқилобиёни Ашқобод ба Марв ва Учҳоҷӣ омаданд, намояндагони расмии амир ҳама вақт дар байни онҳо буданд ва ба муқобили ҷавонону навфикрони туркман мудом иғвоҳо паҳн мекарданд. Мақсад аз ин сиёсат боз ба асорати пештара гардонидани Туркистон ва хусусан Бухоро буд.

Душмани машҳури англисҳо, намояндаи ҳукумати Туркия — Қозимбек вақти баргаштанаш аз Афғонистон ба Бухоро даромада, бо амир ва аркони давлати вай мулоқот намуда, ба манфиати Шарқ ва олами ислом мухолиф будани сиёсати пешгирифтаашро фаҳмонд ва ӯро ба муносибати дӯстона бо ҳукумати советӣ ва ба ҳаракатҳои ҷиддӣ ба муқобили англисҳо ташвиқ кард. Аммо амир ба суханони Қозимбек гӯш накарда, «ин ҳам ҷадид будааст» гӯён нисбат ба вай ҳаракатҳои номуносиб кард. Қозимбек дар ҳаққи худ суиқасд ҳис карда, зуд аз ин дахмаи ҳашарон баромада, ба Тошканд рафт.

Ҳукумати Бухоро баъд аз воқеаи Колесов, дар замони амир Ҳабибуллохон ба Афғонистон ҳайате фиристода, дӯстӣ изҳор карда буд. Пас аз он ки дар Афғонистон табаддулоти давлатӣ шуда, давлати Афғонистон истиқлоли хориҷии худро эълон намуд, ба Бухоро ва Туркистон ҳайати сафорати фавқулодае фиристод. Ҳукумати Бухоро ба ин сафорат зоҳиран ва расман эҳтиром нишон дода бошад ҳам, муносибати дӯстонаи самимӣ надоштанаш баъдтар маълум шуд. Муносибати давлати Афғонистонро бо ҳукумати советии Русия дида, «афғонҳо ҳам ҷадид будаанд, большевик шудаанд», гӯён овозаҳо паҳн кардан гирифт.

Баъд аз он ки ҳайати сафорати Афғонистон дар Тошканд элчихонаи доимӣ кушода, дар болои бино байрақи давлатии худро барафрошт, дар Бухоро низ ин корро карданӣ шуд. Ҳукумати Бухоро шарм накарда, ба ин кор мухолифат намуд ва норозигии муллоҳоро ба ин мумониат баҳона овард.

Ин ҳаракат ба вайрон шудани муносибати Бухоро бо Афғонистон кифоя буд. Локин тамкин ва виқори сафири Афғонистон ва сиёсати мустаҳками шарқии давлатии он боис шуд,

ки афғонҳо ин рафтори амирро нодида гирифта, ҳазм карданд. Ҳукумати Афғонистон худро ба нодонӣ зада, ба ҳукумати Бухоро муносибати самимӣ ва дӯстона нишон дода, ба ҷалби ҳусни таваҷҷӯҳи он мекӯшид, вале дӯстии ҳукумати амир бо давлати Афғонистон ҳаргиз самимӣ набуд. Агар дӯстии самимӣ медошт, робитаи худро бо англисҳо, ки дар ҳолати ҷанг бо Афғонистон буданд, тамоман қатъ карданаш лозим меомад. Вале ҳатто пас аз он ҳам, ки англисҳо аз фронти Ашқобод гурехтанд, дар Машҳад бо вакили Англия муносибати сиёсӣ мекард ва бо раёсати Мирзо Сафарқул ба Машҳад ҳайати фавқуллодае фиристод, ки ин корҳо бо мактубҳои ба даст афтода ба субут расиданд.

Ҷиҳатҳои дигари сиёсати хориҷии ҳукумати Бухоро иборат буд аз робитаи дӯстона бо вакили англисҳо хон Ҷунайд, алоқа бо босмачиёни Фарғона ва адоват нисбат ба ҷумҳурияти шӯроии Хева.

Ҳукумати Бухоро дар корҳои дохилии худ низ сиёсати хеле баде пеш гирифта буд. Ҳокимони ҷоҳил, сипоҳиёни ғаддор, қозиҳои нодон ва ришвахӯр, муллоҳои шариатфурӯшро ба тамоми молу ҷони халқ ҳокими мутлақ гардонида буд. Бечорагони аз зулму ситам норозӣ, мазлумонеро, ки аз фасод ва беахлоқиҳо ба дод омада буданд, «ҷадид ва большевик» номида, ҳабс мекард, мезад ва мекушт. Барои хотирҷамъона рондани кайфу сафои худ халқро ба номи ҷадиду қадим ба ду гурӯҳ ҷудо карда, касонеро, ки андак бар хилофи кайфаш рафтор мекарданд, ҷадид номида ба анвои ҷазоҳои тоқатнопазир гирифтор мекард. Муллоҳои мансабталаб ва ононе, ки аз дари ҳукумат нон мехӯрданд, ҳама гӯё ки посбонони «қадимият» буданд. Дар сӯҳбат ва мухобираҳои байни худ ҳатман масъалаи ҷадиду қадим ба миён оварда мешуд. Қабл аз навиштани ин сатрҳо чандин мактуби расмӣ ва хусусиро аз назар гузаронидем ва дар ҳамаи онҳо ба ин масъала вохӯрдем. Ҳар касе, ки ба яке аз аҳли дарбор хате менавишт, ҳатман як-ду нафарро «ҷадиди муфсид» номида, худро одами мӯътамад ба қалам медод.

Маъмурони худи ҳукумат ва воқеанависҳо аз ин сиёсати тафриқаҷӯёна истифода намуда, моли зиёде ҷамъ карда, ришваҳо мегирифтанд. Касонеро, ки ришва намедоданд ва ё дар ягон маврид муносибате ёфта ҳадья пешкаш намекарданд, «ҷадид» номида, ба сараш чӣ балоҳое намеоварданд. Тибиӣ, ягона ҷораи дастраси халқи авоми мазлум ришва буд. Ба ҳамин тариқ роҳ ба ришваи умумӣ кушода шуда, ҳар як фарди

мардуми Бухоро ришвадеҳ ё ришвагир ва дар мавриди муносиб ҳам ин ва ҳам он гардида буд.

Соли 1919 маъмурони махфии ҳукумати Бухоро як рӯйхати ҷадидҳоро тартиб дода, бисьёр касони ба назар намоёнро ба он дохил карда буданд. Баъд ин рӯйхатро, ки натиҷааш ба ағлаби эҳтимол ҳукми эъдом буд, пинҳонӣ ба касоне, ки номашон дар он зикр шудааст, нишон дода, чӣ қадар ки метавонистанд, ришват мегирифтанд ва онҳоро ба Имомқул, Қаршибек ва Мирзо Усмон барин ришвахӯрони калонтар муроҷиат кунонида, барои онҳо ҳам як манбаи даромад кушода буданд. Дар натиҷа аз ҷумлаи касоне, ки ришва надода ё дода натавониста буданд, ё бо он маъмуроти баландпоя хусумате доштанд, 22 нафарро ба ҳабс гирифта, баъзеро ба Нурато, баъзеро ба Қаршӣ ва ду-се нафари дигарро ба ҷойҳои боз ҳам дуртар бадарға карда буданд. Ин аҳвол боиси шӯриши халқ гардида, гурӯҳе «ё тамоми маҳбусонро озод кунед ё ҳамаи моро ба ҳабс гирифта ё аз зодгоҳамон биронед», гӯён ба ҳукумат муроҷиат карданд. Бо таъсири ин ғавғо дар рӯйхат будагони дигар ҳабс нашуданд ва аксари касоне ҳам, ки бадарға шуда буданд, фавран озод шуданд. Хулоса, аҳвол дар се соли охири даврони ҳукумати амир Олим ба ҳамин минвол буд.

**Сиёсати аскарӣ.** Ҳукумати Бухоро дар солҳои охир ба ҷамъоварии аскар иқдом намуда, шумораи сарбоз ва элнӯкарҳоро афзуд. Элнӯкарҳо аз ашхоси талабгор иборат, тӯдае савора ва ғайримунтазам буданд. Сарбозҳо бошад бо усули тақсим ва қуръа ҷамъоварӣ нашуда, балки ба гузар, кент ва деҳаҳо ҳар сари чанд вақт «фалон миқдор аскар ҷамъ карда диҳед», гӯён фармон фиристода, бо ин роҳ ҷамъ оварда мешуд. Аксари ба мавҷиби ин фармон ҷамъшавандаро мардуми маҳалҳо харида медоданд. Масалан, агар як нафар бо музди даҳ ҳазор[1] сӯм ба рафтан ба аскарӣ розӣ бошад, арбоб ва маъмурони миёнарав аз халқ маблағи сад ҳазор сӯм ҷамъ мекарданд. Ба ҳамин тариқ аз кисаи мардум маблағи зиёде баромада, ба сафи аскарӣ як гурӯҳ кӯр, кар, ланг, дузд пирамардони аз кор афтода ва бачагони ҳанӯз ба болоғат норасида мерафтанд.

Ҳамин гуна сафарбарӣ дар ду соли охир панҷ маротиба такрор шуда бошад ҳам, ҳукумат аз аскар таъмин нашуд ва халқ ҳам ҷулу ҷиҳозашро ба ҷамъоварии аскар дода, лекин аз он нафъе надид.

---

[1] Маблағи зикршуда ба ҳисоби қиматии пули солҳои бистум мебошад

## Ҳаракатҳои охирини ҷавонон, 1920

**Сиёсати андоз ва молиёт.** Сиёсати андоз ва молиётгирии ҳукумати Бухоро аслан ба қонуни муайяне устувор набуда, балки ба инсофи (?) амлокдор ва қозиҳо вогузор шуда буд.

Азбаски шикоят кардан аз зулми ҳукумат «ҷадидӣ» ҳисоб меёфт, қозиёни золим, амлокдорони ғаддор, ҳокимони беинсоф он чи метавонистанд, дар ҳаққи мардум зулму ҷафо мекарданд.

Ришва ва ҳадья ситонидани беҳадду беандозаи аҳли дарбор, зиёд шудани масорифи аскарӣ ва хароҷоти фавқулодаи дигар ва ба воситаи қозӣ ва ҳокимҳо ҷамъ оварда шудани ин маблағҳо аз аҳолӣ барои ҳоким ва қозиёни ҳадду ҳисобношинос роҳҳои васеи даромад кушода буд. Инҳо он чиро, ки бояд ба ҳукумат ва ба аҳли дарбор бидиҳанд, як бар даҳ аз мардум меситонданд.

Ба он чи ки гуфтем, агар бадахлоқӣ ва ба фаҳшиёт дода шудани арбоби ҳукуматро зам намоем, вазъияти сиёсати дохилӣ худ аз худ маълум мешавад. Маълум аст, ки хоҳишҳои шаҳватпарастонаи арбоби ҳукумати Бухоро, чунонки дар Аврупо маълум аст, ба воситаи умумхонаҳо ба ҷо оварда нашуда, балки ба исмати духтару писарони маъсуми халқи бечора бор мешуд. Инак ин кор аз қабеҳ ва мурдортарин ҷиҳатҳои сиёсати дохилии ҳукумати Бухоро буд.

Он чи дар боло гуфтем, ҳама ба нафъи пешрафти кори ҷавонон буда, ба инқилоби Бухоро роҳи васеъ мекушод.

Сиёсати хориҷӣ ва дохилии ҳукумати Бухоро ҳар қадар зиёдтар ба кӯчаҳои сарбаста дарояд, ҳаракатҳои инқилобкоронаи ҷавонон ба ҳамон андоза ҷиддитар мегардид. Ҷавонон аз аввали соли 1920 бо ҷиддият ба кор даромаданд ва роҳҳои истифода аз сиёсати хориҷӣ ва дохилии ҳукумати Бухороро дарёфтанд. Чун сиёсати хориҷии ҷавонон бар зидди тамоми ҷаҳонгирони олам буд, аз мазлумони тамоми олам ҳимоя ва муовинат медиданд. Меҳнаткашони Бухоро, ки аз асорати императории рус ба таври тасодуфӣ озод шуда буданд, ба таҳти ҳимоя ва ғуломии императории дигаре даромаданро ҳаргиз намехостанд.

Сиёсати Шарқ ва ё олами ислом низ ҳаминро талаб мекард. Бинобар ин сиёсати хориҷии ҷавононро фуқарои Бухоро низ хуш қабул менамуданд. Дар сиёсати дохилӣ роҳи пешгирифтаи ҷавонон барқарории адолат ва мусовот, риояти манфиат ва хайрияти мардумони мамлакат — фақирон буд, ки

тамоми халқи мазлум ва фақири мамлакат инро толиб ва хоҳон буд.

Масъала фақат дар сари бо кадом роҳҳо ба халқи Бухоро расонидан ва фаҳмондани ин мақсадҳо буд. Ҷавонон аз ибтидои соли 1920 ба кори таблиғот ва ташвиқот даромаданд. Маълум аст, ки ҳукумати Бухоро коммунист ва большевикро чун деве ба қалам дода, боиси нафрати мардум аз .ҷавонон шудан мехост. Комитети марказии ҷавонбухориён дар Тошканд то он рӯзҳо ба унвони «коммунистони Бухоро» фаъолият дошт. Бинобар ин гурӯҳи бетарафи ҷавонон фирқае ба номи «Инқилобчиёни Бухоро» ташкил дода, дар навбати худ ташвиқот ва тарғибот сар карданд. Мақсад аз ин пеш бурдани сиёсати мувофиқ ба аҳволи рӯҳияи халқ буд. Мазлумони Бухоро ва сарбозон гурӯҳ-гурӯҳ аз Бухоро гурехта, ҳар як ба майли худ ба ин ду ташкилот мепайвастанд.

**Нашриёти ҷавонон**. То ин дам ҷавонон гоҳ-гоҳ баённомаҳое нашр мекарданд. Соли 1920 ҳар ду комитет баённома ва хитобномаҳое нашр ва дар хоки Бухоро паҳн мекардагӣ шуданд. Фирқаи коммунистӣ ба номи «Тонг» ба нашри журнале иқдом карда бошад ҳам, бинобар ба талаботи рӯз кам ҷавоб доданаш нашри онро мавқуф намуда, ба нашри газетаи ба номи «Қутулуш» сар карданд. Комитети «Инқилобчиёни Бухоро» пеш аз ин газетае ба номи «Учқун» нашр мекард. Ин ду газета ва хитобномаҳои нашршавандаро дар хоки Бухоро паҳн карда боиси бедории фақирон гардида, дар айни замон афкори умумии Туркистонро ҳам ба ҷавонони Бухоро моил менамуд. Хусусан «Қутулуш» ба нашри ашъор ба забони форсӣ ба Бухоро оташпораҳое мепароканд. «Учқун» («Шарора») низ дар навбати худ оташҳое меафрӯхт.

**Намоянда ва ҷамъитҳои махфӣ.** Ҷавонон дар Самарқанд, Каттақӯрғон, Когон, Каркӣ, Чорҷӯй ва Марв барин шаҳрҳо шӯъбаи ҳар ду комитетро ташкил намуда, дар дохили Бухоро низ ҷамъиятҳои махфиро афзуданд. Дар охирҳои моҳи апрели соли 1920 раиси яке аз ҷамъиятҳои махфӣ — Абдуллохоҷа бо шубҳае ба дасти ҳукумати Бухоро афтода, бо азобу уқубатҳои зиёд кушта шуд. Муовини раис ҳам ба даст афтода буд, вале ба гурехта ҷон ба саломат бурдан муваффақ гардид. Бо вуҷуди таъқибот ҷамъиятҳои махфӣ нағз кор мекарданд ва одамони андак боиси шубҳа гардидаи ҷамъият гурехта халос мешуданд..

Соли 1920 ин намояндагон ҳамаи гӯшаҳои мамлакатро фаро гирифтанд, то Тирмиз, Шеробод ва Саройкамар рафта, ба халқ

фикрҳои нав талқин менамуданд. Дар Шаҳрисабз ва Ҳатирчӣ барин маҳалҳои наздик ба сарҳад ин намояндагони махфӣ газета ва хитобномаҳо паҳн карда, баъд бесаранҷом шуда, ба он сӯву ин сӯ давидани ҳукуматро тамошо мекарданд.

Дар Чорҷӯй намояндагони махфӣ чандин бор бо одамони ҳукумат даст ба гиребон шуда, пас аз ба дӯзах фиристодани душмани худ гурехта халос шуданд.

Инак, ин аҳвол то охирҳои моҳи августи 1920 давом намуда 29 август инқилоби Бухоро шурӯъ ёфт. Дар аввали сентябрь ҳукмронии тақрибан 170-солаи зӯроваронаи амирони Манғит ва салтанати (ба ҳисоби қамарӣ) нӯҳ солу ёздаҳ рӯзу яксоатаи хунрезонаи амир Олим ба итмоъ расида, ба саҳифаи хунини таърихи фоҷиаҳо сабт гардид.[1]

## Назаре ба ҷавонбухороиён аз ҷиҳати синфият ва миллият

Вақте ки дар мамлакате инқилобе рӯй медиҳад, донистани ин, ки ба он инқилоб киҳо раҳбарӣ кардаанд, онҳо аҳли кадом синф ва мардуми кадом миллат буданд, аз ҷиҳатҳои муҳим мебошад. Бинобар ин аз мансубияти синфӣ ва миллии ҷавонбухориёне, ки ба инқилоби Бухоро роҳбарӣ карда буданд, андаке маълумот дода гузаштанро лозим мешуморем.

Ҷавонбухориён ба эътибори аксарият мансуб ба синфи камбағал, соҳибони касбу корҳои гуногун буданд. Дар байни онҳо чанд нафар дар хонаводаи савдогарон ба воя расида бошанд ҳам, онҳо касоне буданд, ки аз ҷавонӣ роҳату осудагии худро партофта, фидокорона ва қаҳрамонона дар роҳи инқилоб хизмат карда, мавриди эътимоди инқилобчиён гардида буданд.

Аз ҷиҳати миллият бошад, намояндагони тамоми миллатҳои сокини Бухоро—ӯзбекҳо, тоҷикҳо, туркман, араб ва эрониҳо, хоҷагон ва яҳудиёнро дар байни ҷавонон мебинем. Тоторони ҳам, ки дар Бухоро зиста, бо халқи маҳаллӣ омехта буданд, дар роҳи инқилоб баробар хизмат кардаанд.

---

[1] *Амир Олим* соли 1329 ҳиҷрӣ, 7 моҳи муҳаррам соати 2 ба арки Бухоро даромада буд. Ба ҳисоби кӯҳнаи мелодӣ соли 1910, 24 декабрь, соли 1338, 18 моҳи зилҳиҷҷа, рӯзи чоршанбе, дар соати се тоҷу тахташро партофта аз Бухоро гурехт. (Ба ҳисоби нав соли 1920; аввали сентябрь). *(Шарҳи муаллиф.)*

Дар байни ҷавонбухориён боз як ҷиҳати ҷолиби диққат дида мешавад, ки дар Туркистон шабеҳи он мушоҳида нашудааст.

Маълум аст, ки ҷавонбухориён дар навбати аввал ба муқобили ҳукумат ва уламо баромаданд. Ҳатто таърихи баромад ва муқобилати онҳо бар зидди уламо аз ҳукумат хело пештар будааст. Вале бо вуҷуди ин дар байни ҷавонони Бухоро мулло ва муллозодагон шумораи муҳиммеро ташкил медоданд. Масалан, дар ҷамъияти махфие, ки дар борааш дар қисми дуввум сухан рафт, аз 28 аъзо 14 нафарашон мулло ва муллозодаҳо, аз ҷумла се нафар мударрис буданд.

Баъд аз воқеаи Колесов дар байни ононе, ки ба Туркистон ҳиҷрат карданд, 12 нафар мулло ва муллозода буданд, ки аз инҳо ҳам се нафарашон мударрис буд. Вафоткардагон дар ғурбат даҳ нафар ва панҷ нафарашон мулло буданд.

Дар байни ононе, ки соли 1918 аз тарафи амир кушта шуданд, ҳафт нафар мулло ва муллозода, ду нафари онон қозӣ, ду нафар мударрис ва як раиси маъзул буд. Домулло Икром барин як олими номдор, қозӣ Шарифҷон барин шахсе, ки дар Бухоро қозикалон шуда буд, дар ҳабсхона мехобиданд.

Боз як лаҳзаи дигар. Як қисми ҷавонбухориён бо зан, духтар ва хоҳарони худ ба Туркистон ҳиҷрат карданд ва ғурбату фалокатҳои сесоларо дар як ҷо ба сар бурда, пас аз инқилоб ҳамчун зану духтарони ба тамоми маъно инқилобчӣ ба Бухоро баргаштанд. Модар, зан, духтар ва хоҳарони ҷавонбухориёне, ки ба дасти амир кушта шуданд, се соли тамом хок лесида, дар интизори рӯзҳои интиқом умр ба сар бурданд ва ҳамин ки инқилоб фаро расид, ба майдони кору мубориза баромаданд. Бинобар ин қисми муҳимми ҳозиронро дар митинг ва маҷлисҳое, ки пас аз инқилоб дар Бухоро барпо мегардид, занҳо ва духтарон ташкил медоданд. Мисли ин ҳолат ҳам дар Туркистон дида нашуда буд.

Аз тамоми он чи ки гуфтем, натиҷае мебарорем: инқилоби Бухоро як инқилоби илмӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва умумие буд, ки бо иштироки тамоми миллатҳои сокини Бухоро, бо иштироки зан ва духтарони онҳо ба вуҷуд омад. Пойдории бомуваффақияти чунин инқилобе маъмул ва ҳатмист.

Навиштани таърихи инқилоби Бухоро ба ман вогузор шуда буд. Харчанд иҷрои ин вазифа аз иқтидорам хориҷ буд, ба қадри тавоноиям меҳнат карда онро ба анҷом расонидам.

## Хотима

Он чи дар кисми аввали ин китоб навишта шудааст, аз китобе ё манбае гирифта нашуда (зеро дар ин бора китоби муайянеро то имрӯз надидаам), балки хулосаи мутолеот ва ҷустуҷӯҳои гуногуни худам мебошанд. Аммо аксари маълумоте, ки дар қисмҳои дуюм ва сеюм дода шудаанд, иборатанд аз баёни воқеаҳое, ки худам шахсан дар онҳо мубошарат дошта, бо чашми худ дида, ё яқин медонистам.

Қисми чаҳорум бошад, чунончи дар муқаддимаи он қисм гуфта шудааст, маълумоте мебошанд, ки аз касони мавриди эътимод шунида, бо иловаи муҳокимаи худ нигоштаам. Аммо аз аҳволоте, ки дар рӯзҳои билфеъл ба амал пайвастани инқилоби Бухоро рӯй додаанд, ман ҳанӯз бехабарам ва барои нигоштани онҳо фурсате лозим аст, ки онҳо ба қатори ҳодисаҳои таърихӣ гузаранд. Зотан ҳар воқеае барои гузаштан ба саҳифаҳои таърих фурсати зиёдеро металабад. Бо вуҷуди ин барои он ки тамоман аз хотирҳо маҳв нагарданд, онҳоро дар маҷмӯае ҷамъ овардам. Агар соҳибқаламон ва муаррихони оянда аз ин саҳифаҳо ҷузъӣ ҳам бошад, истифода намоянд, худро хушбахт мешуморам.

Инро ҳам бояд ёдовар карда гузарам, ки яке аз шартҳои муҳими таърихнависӣ муҳокимаронии бетарафона аст. Дар воқеъ ман бетараф набошам ҳам, вақти навиштани ин саҳифаҳо ба қадри иқтидорам (агар бо шиддати таъсири фоҷиаҳо аъсобам вайрон шуда, аз назоҳати қаламӣ берун баромада, баъзе суханони пуршиддат нагуфта бошам) дониставу фаҳмида, қасдан чизи дурӯғе нанавишта, бар хилофи виҷдон муҳокимае нарондаам. Инро даъво карда метавонам ва ҳусни заннам бар ин аст, ки бародаронам, ки маро нағз мешиносанд, инро тасдиқ хоҳанд намуд. Аммо дигарон ҳаргиз маро бетараф ҳисоб нахоҳанд кард. Бинобар ин аз хонандагоне, ки дар баъзе мавридҳо шакку шубҳае вориди хотирашон мешавад, хоҳишмандам дар масъалаҳои мавриди шубҳа ба гумони худ ҳукм наронда, ба манбаъҳои дастрас муроҷиат намоянд.

*С. Айнӣ*

*Самарқанд.*
*1921 милодӣ, 23 март.*

## Аз мутарҷим

Яке аз асарҳои хеле муҳими таърихӣ, ба тамоми маъно ҳуҷҷатии устод Айнӣ «Бухоро инқилоби таърихӣ» ном дорад, ки дар арафаи инқилоби Бухоро ба забони ӯзбекӣ навишта шудааст.

Дар ин асар дар бораи муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва пеш аз ҳама илмии[1] Бухоро дар арафаи инқилоб, тайёрӣ ба инқилоби иҷтимоӣ ва илмӣ, аҳволи умумии мамлакат ва мардуми он, кӣ будани арбоби давлатии Бухоро, аҳволи уламои Бухоро сухан меравад. Муҳаққиқи хурдабин — устод Айнӣ дар бораи вазъияти таҳсил дар мактаб ва мадрасаҳои сершумори ин маркази илмии онвақтаи Осиёи Миёна, ки аз тамоми шаҳру деҳоти аморати Бухоро, Туркистони собиқ, ҳатто аз Қазоқистон низ толибилмон барои хондан ба он ҷо рӯй меоварданд ва шумораи онҳо дар ин шаҳр то ҳазорҳо мерасид, маълумоти мӯътабаре медиҳад. Сохти давлатии аморати Бухоро, заминаи бедории фикрӣ, пайдо шудани майл ба касби донишҳои замонӣ, кӯшиш ва ҷадал барои расидан ба қофилаи маданияти нав, масъалаи ислоҳи усули таълим дар мактаб ва мадрасаҳо аз масъалаҳое мебошанд, ки дар ин асар мадди назари муаллиф истодаанд.

Ин асари устод Айнӣ дар асоси мушоҳидаҳои бисьёр дақиқ ва фикрронихои иқноъбахши вай тартиб ёфта, дар он ба бисьёр шахсони мӯътабар ва соҳибнуфузи давр ба таври мунсифона баҳо дода шудааст.

Муаллиф дар қисми аввали ин асари худ сабабҳои ақибмондагии мамлакат ва мардуми онро аз қофилаи маданияти замонӣ баён ва таҳлил карда, бо нуктасанҷии ба худ хосе ин сабабҳои накбатборро мекушояд ва ба пайдоиши ҳаракате, ки аввал гӯё аз як масъалаи ҷузъӣ — таъсиси мактаби усули нав ва ислоҳи усули таълими мадрасаҳо иборат будааст, муфассалан истода, ба шарофати ҳаракатҳои инқилобие, ки дар Россияи подшоҳӣ сар шуда буд, бо таъсири инқилобҳои соли 1905, Февраль ва баъд Октябри соли 1917 ба як ҷунбиши барқосо мубаддал гардидани онро нишон медиҳад.

Пайдо шудани аввалин мактаби усули нав, ки саводомӯзиро осон ва сареътар мекард, ба муқобилати девонавори мул-

---

[1] Аз «масъалаҳои илмӣ» мақсади муаллиф масъалаҳои нашри маорифи замонӣ, ислоҳи усули таълим дар мактаб ва мадрасаҳо ва танвири афкори умумии халқ мебошад.

лоёни мутаассиб ва манфиатпараст ва як қисми авоми ба иғвои онҳо фирефташуда дучор мегардид. Ин муллоҳо дар ҷорӣ шудани усули осони таълим ва бедории фикрии як гурӯҳи ҳанӯз камшумори аҳолӣ поймол шудани обрӯю иззат ва аз даст рафтани манфиатҳои моддии худро медиданд ва бо ҳар роҳ ба муқобили ҳар як навигарӣ мубориза мебурданд.

Айнӣ ва рафиқони ҳамфикри вай Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷони Ҳамдӣ ва Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ соли 1908 дар Бухоро аввалин мактаби усули навро ташкил доданд. Дар ин мактаб бачаҳо дар муддати ду-се моҳ савод бароварда, хатхон ва хатнавис мешуданд. Ва ҳол он ки дар мактабҳои усули кӯҳна бача солҳо хонда бошад ҳам, фақат тӯтивор баъзе чизҳо ва сураҳои Қуръонро ёд мегирифт ва омӯхтани саводи пурра ва хат на ба ҳар як мактабхон ба осонӣ насиб мегардид.

Дар сари ин масъалаи ислоҳи таълим дар мактаб ва мадрасаҳо низоъи ҷадид ва қадим пайдо шуд ва ду гурӯҳи ба якдигар мухолиф ва душман — ҷадид ва қадим ба майдон баромаданд.

Чунонки медонем, низоъи ҷадид ва қадим фақат ба Бухоро хос набуда, дар тамоми халқҳои мусулмони Россияи онвақта ва ҳатто дар Эрону Туркия низ будааст, ки Айнӣ инро махсусан қайд карда мегузарад. Айнӣ душвории кори нав, яъне кушодани мактаби усули нав ва аз бониёни худ чи қадар фидокорӣ ва устуворӣ талаб кардани онро баён намуда, менависад: «Мо, ташаббускорони ин навоварӣ дар умре, ки дар ғафлат гузаронида будем, худро маъзур медониста бошем ҳам, модом, ки як дараҷа бедор шудаем, «ба ман чӣ?» гуфта хобиданро виҷдонамон қабул намекард».

Айнӣ таъсири воқеаҳои соли 1905-и Русияро баён карда, зиёд шудани хонандагони газета ва журналҳои Россия ва Эрону Ҳиндустонро ва пайдо шудани як гурӯҳ одамонро, ки аз аҳволи замон ва пешрафти халқҳои дигар огоҳ шудан мехостанд ва дар онҳо фикрҳои нав пайдо мегардид, қайд менамояд. Айнӣ ин гурӯҳро, ҷавонон, ҷавонфикрон меномад.

Аҳамияти таърихии бузурги ин асар ҳам маҳз дар ҳамин ҷост. Ин ду қисми асар бо фактҳо, тасвири шахсиятҳо, сӯҳбатҳои нависанда бо сардорони гурӯҳҳои ба ҳам мухолиф маълумоти бисёр муҳимро дарбар мегирад. Муаллиф ба қаҳрамонони мусбат ва манфии ҳодисаҳо характеристика дода, ба кушодани зоҳиру ботини онҳо мекӯшад.

Айнӣ ба вазъияти ҳукуматдорони онрӯзаи Бухоро баҳо дода, мегӯяд: «Уламое, ки аз истибдоди қозӣ Бадриддин (бо

мурдани вай) халос шуда буданд, дар ҳаракатҳои худсаронаи худ озод, қозикалон Бақохоҷа дар хушомад ва мудоҳина ба муллоён саргаранг, Остонақули қушбегӣ дар нигаҳ доштани мансаби худ дар талвоса, Мирзо Насрулло (марди дараҷаи ду ба дарбори амир) дар орзӯи расидан ба мансаби қушбегӣ дар талош, Бурҳониддин машғули барангехтани иғво ва фитнаҳо бар зидди қушбегӣ ва қозикалон; амир Абдулаҳад бошад, мамлакат ва давлатро ба дасти ин ду гурӯҳи ба якдигар мухолиф супорида, дар Русия, дар шаҳри Ялта машғули кайфу сафо буд».

Айнӣ дар ин қисми китоби худ ба вуҷуд омадани аввалин ташкилоти махфии ҷавонфикрони Бухороро баён мекунад. Ин ташкилот, ки аввал масъалаи нашри маориф ва матбуотро дар байни аҳолӣ мақсади худ қарор дода буд, бо вусъат пайдо кардани муборизаи байни қуввахои навҷӯй ва кӯҳнапараст рафта-рафта ба ташкилоти мубориз бар зидди аксулҳаракат мубаддал гардид ва дар дохили он ки аъзоёнаш худро ҷавонбухориён меномиданд, табақабандиҳо пайдо шуд.

Боби сеюм, давраи инқилоби февраль, таъсири он ба Бухоро, талаби ислоҳот аз амир, ислоҳоти муҷмале ваъда дода, эълон карда, баъд бо таъсир ва талаби қуввахои иртиҷой аз ислоҳот пушаймон шудани амир ва бархостани ғавғою балвои бузургеро бар зидди ислоҳот дарбар мегирад. Айнӣ дар ин рӯзҳо фоҷиаи аз сар гузаронидаи худашро: дастгир ва зиндонӣ шудан, ба ҷазои 75 чӯб маҳкум гардидан, бо мудохилаи инқилобчиён ва аскарони сурх аз марги ҳатмӣ раҳой ёфтани худро ба тафсил баён мекунад. Ин қисми асар ҳамчун як ҳикояи саросар пур аз фоҷиа хонда мешавад, ки Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ ҳанӯз ба тасвири ин давра нарасида буд.

Боби чорум воқеаҳои арафаи инқилоби Бухоро, талвосаи ҷонкании амир ва ваҳшату бесариштагиҳои охирин рӯзҳои вайро, муборизаи халқи ба қиём тайёршудаи Бухороро барои наҷот ёфтан аз ин истибдоди асримиёнагӣ дарбар мегирад. Метавон гуфт, ки мақсади асосии Айнӣ аз таълифи ин асар нишон додани иштироки фаъолонаи халқҳои муқими Бухоро — тоҷикону туркманҳо, ӯзбекҳо ва дигарон дар инқилоби соли 1920 дар Бухоро мебошад. Муаррих тамоми навиштаҳои худро ҷамъбаст карда мегӯяд: «Инқилоби Бухоро чунин инқилоби илмӣ, иҷтимоӣ, сиёсию иқтисодии умумӣ мебошад, ки бо иштироки тамоми миллатҳои муқим дар Бухоро, ки ба ин занон ва духтарон низ дохиланд, ба вуҷуд омадааст. Чунин инқилобе бо муваффақияти тамом пойдор ва барқарор хоҳад буд».

Қобили қайд аст, ки устод Айнӣ иштироки фаъолонаи мазлумтарин қисми аҳолӣ — занону духтаронро хуб нишон медиҳад. Аз ин рӯ ин асар барои омӯзиши таърихи ҷунбишҳои озодихоҳӣ дар байни занон низ манбаи хубест. Айнӣ менависад: «Модарон, духтарон, ҳамшираҳо ва занони инқилобчиёне, ки аз тарафи амир кушта шуда буданд ва дар дохили Бухоро монда, се сол хок лесида, дар интизори фаро расидани рӯзи интиқом буданд, ҳамин ки дар Бухоро инқилоб шуд, ба майдон баромаданд. Дар митингҳое, ки баъд аз инқилоб дар Бухоро барпо мешуданд, қисми муҳимми ҳозиронро занон ва духтарон ташкил медоданд».

Асари устод Айнӣ барои омӯзиши афкори иҷтимоию сиёсии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ду даҳсолаи аввали асри XX аҳамияти ҷиддӣ дорад. Пеш аз ҳама дар ин асар процесси мураккаби ташаккул ва инкишофи ҷунбиши озодихоҳии мардуми мазлуми аморати Бухоро ба хубӣ акс ёфтааст. «Таърихи инқилоби Бухоро» барои дарку омӯзиши ҷаҳонбинии муаллифи он дар он давра низ муҳим аст.

Дар муқаддимаи китоб устод Айнӣ менависад: «Сабаб чист, ки аз гӯшаву канори тиравү торики Бухоро як гурӯҳ қаҳрамонҳо баромада, аз дору манор, обхонаву зиндони амир натарсида, такфир таҳқир, фатвои қатлу эъдоми уламоро ба назар нагирифта, ба майдон даромаданд, бо деви таассуб ва ҷаҳл панҷа бар панҷа заданд ва оқибат ғолиб баромада ба муддаои худ расиданд?».

Бояд гуфт, ки устод Айнӣ ба ин савол дар асар ҷавоби пурра ва саҳеҳ медиҳад. Ин ҷавоб аз ду ҷиҳат аҳамияти махсус дорад. Аввал, Айнӣ ҳаракати инқилоби фикрӣ ва сиёсиро дар Бухоро нишон дода, бо далелҳои раднопазир исбот менамояд, ки ин инқилоб чизи аз хориҷ овардашудае набуда, балки дар қалби мардум ҷӯшидаву расида, дар тӯли солҳо оҳиста-оҳиста даргирифта, якбора шӯълавар гардидааст. Ӯ аз бисьёр фидоиёни ин мубориза ва ҷонбозии онон сухан меронад, ки ҳоло ному ёди қисме аз онҳо ба фаромӯшӣ супурда шудааст.

Дар ҳама мавридҳо назари дақиқ, иқноъбахши нависанда диққати хонандаро ҷалб мекунад.

Барқарор гардидани ҳокимияти советӣ дар вилоятҳои гуногуни Туркистони онрӯза, аз ҷабру ситами давлатмандон, заминдорони маҳаллӣ ва аз ҳукмфармоии арбоби ҳукумати «қавишавкати» подшоҳии Россия халос шуда, ҳокимиятро ба даст гирифтани коргару деҳқонон ва дар муддати кӯтоҳе ба

вуҷуд омадани дигаргуниҳои куллӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ба халқи ҷафокаши аморати Бухоро омӯзгоре гардид ва ба ҷунбиши озодихоҳонаи мардум қуввати нав бахшид.

Дуввум, далелҳои амиқи устод Айнӣ бофтаҳои назариётчиёну «советшиносони» буржуазиро дар боби инқилоби халқии соли 1920 дар Бухоро ифшо месозад. Ба хонандаи имрӯза маълум аст, ки «советшиносҳо» аз оғози Инқилоби Октябри аъзам то кунун исбот карданӣ мешаванд, ки шароит барои ғалабаи инқилоб дар аморати Бухоро ва Туркистон пухта нарасида буд ва пойдор шудани Ҳокимияти Советӣ дар Осиёи Миёна замина надошт.

Яке аз мунаққидони ғоявии мо олимтароши ёвагӯй Тереза Раковска-Ҳармстоун менависад: Олимон «дар ин фикранд, ки дар даҳаи дуввуми асри XX Туркистони русӣ ва давлатҳои хонияи ҳамсояи он ба инқилоб тайёр набуданд».[1] Ба ақидаи ин «советшинос» гӯё «ҳукумати советӣ дар Тоҷикистон ба воситаи амалиёти ҳарбии русҳо, бештар бар хилофи хости халқи маҳаллӣ барқарор гаридааст»[2].

Далелу ҳуҷҷатҳои раднопазири асари устод Айнӣ лофи маҳз будани ҳукмҳои ҳавоии «советшиносҳои» кӯрдили ғаразпешаро нишон медиҳанд. Мавриди қайд аст, ки яке аз сарчашмаҳои социологу муаррихони буржуазӣ навиштаҳои пантуркистҳо ва дигарон аст, ки ҳаммаслаконашон дар Бухоро низ буданд ва дар асари Айнӣ фош ва маҳкум карда шудаанд.

Ин асари устод Айнӣ дар нахустин рӯзҳои Инқилоби Бухоро навишта шудааст. Устод ҳамон вакт нишон дода буд, ки маорифпарварони фидокору қаҳрамон чашми мардуми ғафлатзадаро кушода, онҳоро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ҷалб карда, ба талаб кардани ҳуқуқи ҳаққаашон, ба мубориза дар роҳи озодӣ рӯҳбаланд менамуданд ва, ба таври худ, аз тариқи маорифпарварӣ барои инқилоби иҷтимоӣ замина фароҳам меовარданд. Устод бо нақли воқеаҳое, ки худ дар онҳо иштирок доштааст, бо далелу бурҳонҳои раднашудании таърихӣ ба исбот расонида аст, ки халқи ҷафокаш дигар ба ҷабру зулми ваҳшиёнаи феодалӣ тобу тоқат надошт ва аз ҳамин сабаб фаъолияти маорифпарварон пурнатиҷа омада, тухми маърифату огоҳӣ мекошт, ҷамъиятро ба зиндагии нав раҳнамоӣ ва омода мекард.

---

[1] T. Rakowska-Harmstone: Russi Sc Nationalism in Central Asia. The Case of Tadjikistan. Baltimore Sc J. 1970, p. 18.

[2] Ibid., p. 32.

Чунон ки дар боло гуфта шуд, ин асари Айнӣ барои омӯзиши таърихи инқилоби Бухоро ва умуман падидаҳои гуногуни афкори иҷтимоии он давра бе чуну чаро аҳамияти бузурги ҳуҷҷатӣ дорад.

Бо вуҷуди ин ба хонандаи имрӯза ба назар гирифтани як ҷиҳати ин асар лозим аст. «Таърихи инқилоби Бухоро» (соли 1920 навишта шудааст. Ин даврае буд, ки инқилоби зидди усули ҳокимияти асримиёнагӣ дар Бухоро акнун ғалаба карда буд. Чунон ки устод дар асарҳои баъдинааш борҳо таъкид кардааст, дар ин давра ҷаҳонбинии нави вай дар процесси ташаккул буд. Фикрҳое, ки дар ин асар баён ёфтаанд, ба қалами муаллифе тааллуқ доранд, ки ба воқиаҳо аз нуқтаи назари маорифпарвар, инқилобчии демократ менигарад. Бино бар ин фаъолияти Партияи коммунистии Бухоро, ки дар инқилоби социалистӣ роли асосиро бозид, дар ин китоб ҳанӯз равшан нишон дода нашудааст. Дар солҳои баъд дар натиҷаи аз худ кардани фаҳмиши материалистии таърих назари устод ба воқиаҳо амиқтар гардида, дар асарҳои илмӣ ва бадеиаш ба кушода нишон додани моҳияти онҳо кӯшида ва муваффақ шудааст.

Варианти мухтасари ин асари муҳим соли 1926 дар Москва аз тарафи Нашриёти марказии халқҳои СССР, бо муқаддимаи Назир Тӯрақулов бо номи «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» нашр шуда буд. Устод ба сабаби ихтисорот ва баъзе тасҳеҳи нобаҷо аз ин нашр розӣ набуд. Нашрҳои баъдинаи ӯзбекии ин асар бо ихтисорҳои бештаре аз рӯи ҳамин нашр ба амал оварда шудааст.

Хеле ҷои таассуф буд, ки чунин як асари муҳим, ки дар асоси таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва сӯҳбатҳои ҳамчун Айнӣ як муаррих ва адиби ҳақиқатнигору муҳаққиқи мавриди эътимод таълиф ёфтааст, то ҳол дастраси хонандаи тоҷик нагардидааст. Бо савобдид ва тавсияи президенти А. Ф. Тоҷикистон мӯҳтарам М. Осимӣ ба тарҷума ва нашри ин асар иқдом шуд.

Дар арафаи тайёрӣ ба ҷашни садсолагии устод дар ман фикри ба тоҷикӣ гардониданн ин асари муҳим пайдо шуд ва дар натиҷаи ҷустуҷӯ маълум гардид, ки як нусхаи дастнависи он дар китобхонаи марказии Тошканд мавҷуд аст. Ба воситаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба гирифтани нусхаи фотографии он иқдом шуд ва вақте ки сурати асар омад, маълум шуд, ки ҳамон нусхаи китобаткардаи мо мебошад ва ин пешоянд боиси беандоза хурсандии ман гардид. Ин тарҷума аз рӯи ҳамин дастнавис ба ҷо оварда шудааст.

*Раҳим Ҳошим*